ISSN 2413-516X

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2022. №9

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2022. №9

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2022. No.9

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2022

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

***САРМУҲАРРИР:***

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР***:

**Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:***

**Исмонов Карорматулло** — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ***

**Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Юсуфзода Носирҷон Салимӣ** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

**Раҳматуллозода Сахидод** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

**Назарзода Сайфиддин** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

**Гулназарова Ҷило** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

**Абдуллозода Масрур Аҳмад** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

**Сироҷиддини Эмомалӣ** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Кучарзода Аламхон** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

**Саидов Ҳалимҷон Азизович** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Мамадназаров Абдусалом** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Муродов Мурод** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна** — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Хоҷаев Давлатбек** — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума** — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои филологӣ**
**– 2022. – №9. ISSN 2413-516X**
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2022

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК**
**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА***:

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

***РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:***

| | |
|---|---|
| **Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали** | *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета* |
| **Юсуфзода Носирджон Салими** | *Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ* |
| **Рахматуллозода Сахидод** | *Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ* |
| **Назарзода Сайфиддин** | *Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ* |
| **Гулназарова Джило** | *Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде* |
| **Абдуллозода Масрур Ахмад** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета* |
| **Сироджиддини Эмомали** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета* |
| **Кучарзода Аламхон** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ* |
| **Саидов Халимджон Азизович** | *Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета* |
| **Мамадназаров Абдусалом** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета* |
| **Муродов Мурод** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета* |
| **Нагзибекова Мехринисso Бозоровна** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета* |
| **Ходжаев Давлатбек** | *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета* |
| **Дустзода Хамрохон Джума** | *Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета* |

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия филологичесих наук.**
**– 2022. – №9. ISSN 2413-516X**
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©
ТНУ, 2022

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**SERIES OF PHILOLOGY**
**Founder of journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht** | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

EDITORIAL BOARD:

| | |
|---|---|
| **Imomzoda Muhammadusuf Saidali** | *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Yusufzoda Nosirjon Salimi** | *Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST* |
| **Khorkashev Sakhidod** | *Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nazarzoda Saifiddin** | *Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST* |
| **Gulnazarova Jilo** | *Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda* |
| **Abdullozoda Masrur Akhmad** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University* |
| **Sirojiddini Imomali** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University* |
| **Kucharzoda Alamkhon** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST* |
| **Saidov Khalimdzhon Azizovich** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University* |
| **Mamadnazarov Abdusalom** | *Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University* |
| **Murodov Murod** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University* |
| **Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University* |
| **Khodzhaev Davlatbek** | *Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University* |
| **Dustzoda Khamrokhon Dzhuma** | *Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University* |

**Bulletin of the Tajik National University. Series of philology**
**– 2022. – №9. ISSN 2413-516X**
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2022

# ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

**УДК: 491.550 (03)**

## ЛУҒАТНИГОРИИ ТОҶИК: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

***Сатториён М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳарчанд рушди бемайлони илми забоншиносии тоҷикро ба даврони Шуравӣ ва замони Истиқлоли давлатӣ нисбат медиҳанд, вале набояд нодида гирифт, ки заминаҳои рушди дилхоҳ шохаи он ҳанӯз аз қаъри таърих сарчашма мегирад. Маҳз дар давраҳои гуногуни таърихи беш аз ҳазорсолаи халқи тоҷик зиёиёни миллат тавонистанд бо зеҳну тафаккури баланди илмии худ дар ин ё он ришта таълифоте рӯйи кор оваранд, ки қиммати онҳо то ҳанӯз побарҷост ва имрӯзҳо низ ҳамчун омили асосии рушди минбаъдаи соҳаҳои мухталиф хизмат мекунанд. Ба андешаи инҷониб, танҳо дар заминаи чунин ҳамбастагии дирӯзу имрӯз мо метавонем ҳолати диахронӣ ва синхронии инкишофи илми алоҳидаро ба таври воқеӣ таҳлилу баҳогузорӣ намоем. Аз ин рӯ, муайян намудани мушкилоти мавҷуда дар низоми луғатнигории тоҷик ва нишон додани дурнамои минбаъда ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта аз аҳаммият орӣ нахоҳад буд. Барои ин зарур аст, ки анъанаи луғатнигории тоҷик аз давраҳои қадим то ба имрӯз таҳлилу баррасӣ гардад ва хулосаҳои даркорӣ бароварда шаванд.

Мусаллам аст, ки илми забоншиносии тоҷик ба шохаҳои гуногун дастабандӣ мешавад ва миёни онҳо лексикография ё луғатнигорӣ мавқеи хос дорад. Луғатнигорӣ илмест дар хусуси луғату фарҳангномаҳо, анвоъ ва сохтори онҳо. «Луғатнигорӣ ё лексикография (юн. lexikos – калима+graphō –менависам) аз илмҳои муҳиму қадимаи филологӣ ба шумор меравад. Ба вазифаҳои аввалини луғатҳо ҳанӯз аз даврони пешин ҳалли масъалаҳои а) ташкили ҷараёни таълим, б) ба низом даровардани анбӯҳи калимаҳои забон, в) ташкили усули одитарини маълумотдиҳӣ дохил мешуданд. Имрӯз ба ин се вазифаи тафсири лингвистии калима боз вазифаи чорумро, яъне истеъмоли дурусту меъёрии калимаро низ зам кардан лозим меояд» [3, с.140]. Аз ин ҷиҳат, зери мафҳуми луғатнигорӣ, пеш аз ҳама, навъҳои луғат ва фарҳангҳои алоҳида фаҳмида мешавад, ки онҳоро ба луғатҳои тафсирӣ, тарҷумавӣ, шевагӣ, соҳавӣ, энсиклопедӣ ва ғайра ҷудо кардаанд.

Луғатнигорӣ низ ба монанди дигар шохаҳои илми забоншиносии тоҷик таърихи ташаккули худро дорад. Аввалин луғатҳоро ҳанӯз ба давраҳои пеш аз зуҳури дини мубини ислом нисбат медиҳанд, ки дар онҳо то қадри имкон ва интихобан захираи луғавии забон шарҳу тафсир дода шудааст. Хушбахтона, анъанаи луғатнигории мо дар ҳеҷ давру замон қатъ нашуда, баръакс аз ҷониби луғатнигорон то ба имрӯз анвои мухталифи луғатҳо ба фарогирии шумораи бештари унсурҳои луғавии забон таълиф шуда истодаанд. Ин ҷо ба таври иҷмолӣ мехоҳем чанде аз фарҳангҳои даврони гузаштаро зикр намоем, ки ғолибан маҳз онҳо дар рушди минбаъдаи илми луғатнигории тоҷик саҳми муносибе гузоштаанд. Ин луғатҳо тавонистанд дар давраҳои ҳассоси таърихӣ таркиби луғавию фразеологии забонамонро ба қадри имкон инъикос намоянд ва беҳтарин ифодаву маъноҳои забониро ба истеъмоли минбаъдаи адибону шоирон дар хизмат гузоранд. Ба таври дигар, дар онҳо тафаккури милати мо сабт шудаву бо риояи беҳтарин арзишҳо миллӣ баҳри ояндагон ба мерос гузошта шудаанд. Ҳамин аст, ки дар ҳар яке аз онҳо мо порае аз урфу одат, фарҳангу маданият ва иҷтимоиёту таърихи халқамонро дарёфт карда метавонем. Ба ин ҷумла метавон «Рисола»-и Абӯҳафси Суғдӣ (асри X), «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ (асри XI), «Фарҳанги Фахри Қаввос» (охирҳои асри XIII), «Сиҳоҳ-ул-фурс»-и Муҳаммад Ҳиндушоҳ (соли 1327), «Меъёри Ҷамолӣ»-и Шамси Фахрӣ (соли 1344), «Фарҳанги зуфонгӯё ва ҷаҳонпӯё»-и Бадриддин (байни солҳои 1301–1433), «Адот-ул-фузало»-и Қозихони Бадр Муҳаммад (соли 1419), «Шарафномаи Аҳмади Мунярӣ»-и Иброҳими Форуқӣ (соли 1473), «Маҷмаъ-ул-аҷам» (ё ки «Фарҳанги Осимӣ»)-и Осим Шуайби Абдусӣ (соли 1449), «Муайид-ул-фузало»-и Ибни Лод (соли 1519), «Кашф-ул-луғот ва-л истилоҳот»-и Аҳмади Сури Биҳор (нимаи 2-юми асри XVI), «Мадорулафозил»-и Файз ибни Асадулуламои Сарҳиндӣ (соли 1593), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (соли 1608), «Бурҳони қотеъ»-и

Бурҳониддин Муҳаммад Ҳусайни Табризӣ (соли 1652), «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдурашиди Татавӣ (соли 1654), «Баҳори Аҷам»-и Тик Чанди Баҳор (соли1739), «Сироҷ-ул-луғот» ва «Чароғи ҳидоят»-и Сироҷиддин Алихони Орзу (миёнаҳои асри XVIII), «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Ҳайдар (соли 1815), «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин (соли 1827) ва ғайраро ворид намуд, ки дар асрҳои гуногун таълиф шуда, имрӯз ба сифати ганҷинаҳои бебаҳои илми луғатнигории тоҷик муаррифӣ мегарданд. Аксарияти онҳо ҳамчун луғатҳои тафсирӣ тавонистаанд миқдори муайяни калимаҳои забонро дар худ ба таври интихобӣ ғунҷонда, онҳоро бо беҳтарин шарҳу тавзеҳоти маъноӣ пешниҳод соҳибони забон гардонанд. Фарҳангҳои фавкро метавон ҳамчун омили асосии нигоҳдорандаи қудрати луғавии забони тоҷикӣ дар ин ё он замон ба қалам дод. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таълифи фарҳангҳои зикршуда луғатнигорон бештар ба миқдори моддаҳои луғавӣ ва маънидоди умумии онҳо таваҷҷуҳ намуда, аз риояи баъзе нуктаҳои заруриву ҷузъӣ ҳангоми шарҳу тавзеҳи сарвожаҳо дур мондаанд. Масалан, танзими системаи маъноии калимаҳои сермаъно, нишон додани мавқеи ҳар як маъно дар низоми мазкур, муқаррар намудани маъноҳои маҷозӣ ва фразеологӣ, фарқияти миёни онҳо ва дар ниҳоят нишон додани шаклҳои дастурии сарвожаҳо, ки дар забон истифода фаъол доранд, аз ҷумлаи он нуқсонҳоеанд, ки фарҳангнигорон ҳангоми таълифу такмили луғатҳо аз мадди назар дур гузоштаанд. Аз ин ҷост, ки ҳангоми муроҷиат ба ин луғатномаҳо дар мавриди ошкор намудани маънидоди ин ё он калима мушкилоте пеш меояд, ки аксаран ба ҷанбаи маъноии вожаҳо иртибот доранд. Истифодабарандаи луғати тафсирӣ бояд донад, ки ҷобаҷогузорӣ ва тафсири маъноҳои асосӣ, асосии нисбӣ, маҷозӣ, фразеологӣ, эҳсосотӣ ва ғайра дар мундариҷаи маъноии калима чӣ гуна сурат мегирад ва тобиши маъноии заруриро дар ин занҷири мураккаби маъноӣ бояд чӣ тавр дарёфт. Мутаассифона, таҳлили маъноии қисмати аъзами моддаҳои луғавии фарҳангномаҳои болозикр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин амал аксаран ба таври умумӣ ва ноогоҳона аз меъёрҳои маъношиносии вожаҳои забон сурат гирифтааст.

Хушбахтона, баъд аз сари қудрат омадани ҳокимияти шуравӣ раванди таълифи луғатҳо, хосатан луғатҳои тафсирӣ дар заминаи пешрафти илми забоншиносӣ ба як меъёри муайян даромада, дар ин асос сифат ва мазмуну моҳияти онҳо низ ба ҳадде боло рафт. Дар ин замон метавон аз «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Айнӣ С. (соли 1976) ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (соли 1969) ёдовар гардид, ки ба сифати луғатҳои тафсирӣ то имрӯз манзалати илмии хешро нигоҳ доштаанд. Махсусан, «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки яке аз луғатҳои тафсирии беҳтарин дар даҳсолаҳои охир буда, дар он ҳама анъанаҳои фарҳангнигорӣ риоя гардидаанд. Ҳамин аст, ки имрӯз низ таълифи луғатҳои тафсирӣ аксаран дар пояи ҳамин фарҳанг сурат гирифта, он ҳамчун манбаи муътамад барои соҳибони забон хизмат карда истодааст. Дар он наздики 45 ҳазор вожаву ибораҳои озоду рехтаи осори классикони адабиёти асрҳои X то ибтидои асри XX-и тоҷик хеле нуктасанҷона маънидод шудаанд [9]. Мутаассифона, бо вуҷуди чунин афзалиятҳо онро ҳамчун луғати тафсирии забони адабии муосири тоҷикӣ ҳисобидан дуруст нест. Зеро маълум аст, ки дар он як ҳиссаи бузурги системаи маъноии забони адабии муосири тоҷик инъикос наёфтааст. Ба таври дигар, дар он шарҳу маънидоди калимаҳо интихобӣ сурат гирифта, бо ин сабаб бештари вожаҳои забон аз доираи тафсири фарҳанги зикршуда берун мондаанд.

Дар ин замон, ки сиёсати давр, асосан, ба умумӣ гардонидани забону хат ва фарҳангу маданияти халқиятҳои гуногун равона шуда буд, таълифи луғатҳои дузабона, махсусан луғатҳои дузабонаи русӣ-тоҷикӣ ва соҳавӣ аз вазифаҳои муҳимму аввалиндараҷаи луғатнигорон ба шумор мерафт. Ҳамин буд, ки дар як муддати кӯтоҳ ҳайати фарҳангнигорон зери роҳбарии бевоситаи устод С. Айнӣ солҳои 1933-1934 «*Луғати русӣ-тоҷикӣ*»-и дуҷилдаро таълиф намуданд. Ин луғатро метавон дар ҳамон давр ба ҳайси фарҳанги нисбатан комили дузабона номид, ки қисмати бештари вожаҳои фаъоли забонро ба риштаи тарҷума кашида буд. Баъдан соли 1949 «*Луғати русӣ-тоҷикӣ*» зери таҳрири донишмандони тоҷик ва рус А. Деҳотӣ ва Н. Ершов бо фарогирии 45 ҳазор калима дастраси омма гардид. Соли 1954 бошад, «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (зери таҳрири М. Раҳимӣ ва Л. В. Успенская бо 40 ҳазор калима аз чоп баромад. Бартарияти луғатҳои мазкур ин буд, ки дар онҳо ба таври интихобӣ афзалият ба системаи маъноии забони русӣ дода шуда, муодилҳои онҳо дар забони тоҷикӣ баъзан

нодуруст ва бемаврид муайян шуда буданд. Вале бо вуҷуди ин, нашри фарҳангҳои мазкур барои рушди минбаъдаи луғатҳои тарҷумавӣ заминаи устувор гузошт ва ин анъана ҳоло ҳам идома дорад.

Солҳои 60-90-уми асри гузаштаро дар самти таълифи луғатҳои истилоҳиву соҳавӣ метавон давраи боландагӣ номид, зеро дар ин солҳо як зумра фарҳангҳои соҳавие рӯйи кор омаданд, ки тавонистанд меъёрҳои истифодаи истилоҳоти соҳаҳои мухталифро муқаррар намояд, ки ин ҳолат барои таҳияи луғатиҳои истилоҳии имрӯза шароити хубе фароҳам овард. Танҳо зикри чанде аз онҳо, ба мисли «*Фарҳанги ибораҳои рехта*»-и М. Фозилов (солҳои 1963-1964), «*Фарҳанги забони тоҷикӣ*» (соли 1969, зери таҳрири М. Шукуров, В. А. Капранов, Р. М. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ) «Фарҳанги тиббӣ» (солҳои 1973-1988), «*Луғати мухтасари эзоҳӣ доир ба географияи Тоҷикистон*» (соли 1962), «Луғати мухтасари тоҷикӣ-англисӣ (соли 1968), «*Таджикская грамматическая терминология» (соли* 1972), «*Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ*» (солҳои1975-1977), «*Луғати нимтафсилии тоҷикӣ*» (соли 1976), *«Русско-таджикский словарь по астрономии*» (соли 1977), *«Русско-таджикской терминологический словарь по строительству*» (соли 1982), *«Русско-таджикский словарь спортивных терминов*» (соли 1985), *«Фарҳанги ибораҳои халқӣ» (соли* 1988), «*Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро»* (соли 1989), *«Луғати англисӣ-тоҷикӣ-форсӣ» (соли* 1989), *«Феҳристи баъзе калимаву ибораҳо ва истилоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, илмию техникӣ» (соли* 1989) кифоя мебошад, ки мо дар хусуси ин давраи хеле мусоид барои таълифи луғатҳои соҳавию истилоҳӣ хулосаи дақиқ барорем. Таҳияи онҳо нишон дод, ки системаи маъноии забони тоҷикӣ метавонад низоми семантикии вожаҳои забонҳои дигарро ба худ тарҷумаву мутобиқ намуда, беҳтарин тобишҳои маъноии калимаҳоро дар истифодаи соҳибони забон гузорад.

Даврони Истиқлолро дар рушди илми луғатнигории тоҷик метавон марҳилаи нав номид. Ин давра аз давраҳои дигари ташаккули шохаи мазкур бо он фарқ мекунад, ки маҳз дар ин замон таваҷҷуҳи лозимӣ ба навъҳои луғат бештар гардид ва дар ин замина таълифи луғатҳои тафсирӣ, тарҷумавӣ, энсиклопедӣ, соҳавӣ ва ғайра самаранок ба роҳ монда шуданд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар ин замони кӯтоҳи таърихӣ он қадар луғату фарҳангҳо таълиф гардиданд, ки назирашро ҳеҷ замоне ёд надорад. Инро мо, пеш аз ҳама, аз самараи Истиқлоли давлатӣ, суботи сиёсӣ ва шароити мусоид ҷиҳати рушди илми тоҷик мебинем ва итминон дорем, ки дар солҳои минбаъда низ чунин ҷараён идома хоҳад ёфт. Бо зикри чанде аз луғатҳои дар ин давра ба табъ расида, аз қабили «*Луғати имло» (соли* 1991), *«Луғати мухтасари алоқа»* (соли 1992), «*Луғати русӣ-тоҷикии мафҳумҳои технологияи металҳо ва металшиносӣ» (соли* 1993), *«Луғати тафсирии истилоҳоти бозаргонӣ»* (соли 1993), *«Фарҳанги истилоҳоти масолеҳи иншооти обёрии русӣ-тоҷикӣ»* (соли 1994), *«Луғати русӣ-тоҷикии техникӣ»* (соли 1995), *«Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқшиносӣ» (соли* 1996), «*Луғати мухтасари русӣ ба тоҷикии истилоҳоти коргузории иттиҳодияи «Борҷома»* (соли 1997), «*Луғати русӣ-тоҷикии истилоҳ ва ибораҳои истеҳсоли алюминий» (соли* 1997), «*Луғати мухтасари англисӣ-русӣ-тоҷикӣ» (соли* 1998), «*Луғати мунтахаби русӣ-тоҷикӣ вожаҳои роиҷ» (соли* 1999), «*Фарҳанги номҳои тоҷикӣ»* (соли 2000), «*Луғати тибби виқоӣ» (соли* 2000), «*Луғати мухтасари сезабонаи истилоҳоти илмҳои табиатшиносӣ»* (соли 2001), «*Луғати мухтасари мавзуии таълими тоҷикӣ» (соли* 2002), «Фарҳанги молиёт» (соли 2003), «*Луғати мухтасари русӣ-тоҷикии соҳаи барқ» (соли* 2003), «*Луғати истилоҳоти соҳаи энергетика» (соли* 2004), «*Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ» (соли* 2004), «*Луғати мухтасари тоҷикӣ-ӯзбекӣ» (соли* 2005), *«Фарҳанги мухтасари истилоҳоти коргузорӣ» (англисӣ-русӣ-тоҷикӣ-форсӣ) (соли* 2005), «*Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ бо роҳнамои вожагони омиёна»* (соли 2005), «*Луғати мухтасари таълимии тоҷикӣ-русӣ»* (соли 2006), *«Луғати тафсири оид ба фанҳои ҳуҷайрашиносӣ, ҷаниншиносӣ ва бофташиносӣ»* (соли 2006), *«Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ» (соли* 2006), *«Луғати фразеологии мактабӣ» (соли* 2007), *«Фарҳанги тафсирии русӣ ба тоҷикии обшиносӣ» (соли* 2007), *«Луғати русӣ-тоҷикии тафсирии мухтасар аз меъморию бинокорӣ» (соли* 2007), «Фарҳанги нави тоҷикӣ-русӣ» (соли 2008), «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (соли 2008), «*Луғати истилоҳоти ҷарроҳӣ» (соли* 2008), *«Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик»* (соли 2008), «Фарҳанги мухтасари русӣ ба тоҷикии истилоҳоти коршиносии судӣ ва криминалистӣ» (соли 2009), *«Луғати истилоҳоти*

*акушерӣ ва гинекологӣ русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ» (соли* 2009), *«Луғати тоҷикӣ-англисӣ ва русии истилоҳоти кишоварзӣ» (соли* 2010), *«Луғати тафсирии русӣ ба тоҷикии истилоҳоти геологӣ» (соли* 2010), *«Луғати русӣ-тоҷикӣ-арабӣ. Истилоҳоти ҳарбию техникӣ, вожаҳои ВАО ва иқтисод»* (соли 2010), *«Фарҳанги истилоҳоти осорхонашиносӣ» (соли* 2010), *«Фарҳанги тафсирии истилоҳоти биёбоншавии русӣ-тоҷикӣ-англисӣ»* (соли 2011), *«Луғати тафсирии истилоҳоти соҳаи чорводорӣ: русӣ-тоҷикӣ»* (соли 2011), *«Фарҳанги истилоҳоти техникаи кишоварзӣ ва технологияи филизот бо забони русӣ-тоҷикӣ» (соли* 2011), *«Фарҳанги истилоҳоти иқтисодии фаронсавӣ-русӣ-тоҷикӣ»* (соли 2012), *«Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалӣ» (соли* 2012), *«Луғати руси тоҷикии китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ» (соли* 2012), *«Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд»* (соли 2013), *«Луғати мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ ба русии кори иҷтимоӣ» (соли* 2013), «*Фарҳанги истилоҳоти иқтисод, молия ва буҷет дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли* 2013), «*Фарҳанги мухтасари вожаҳои истилоҳӣ ва истилоҳбоби тоҷикӣ дар забони илмии техникии тоҷикӣ»* (соли 2014), «*Фарҳанги мухтасари русӣ-тоҷикии фарматсефтӣ ва тиббӣ*» (соли 2014), «*Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти рӯзноманигорӣ» (соли* 2015), *«Фарҳанги молия ва бонкдорӣ» (соли* 2015), *«Фарҳанги зарбулмасалу мақолҳои чинӣ-русӣ-тоҷикӣ»* (соли 2016), *«Луғати лотинӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти тиббӣ, клиникӣ, анатомӣ ва фарматсефтӣ» (соли* 2016), «Фарҳанги номҳои миллии тоҷикӣ» (соли 2017), *«Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» (соли* 2017), *«Лексикаи лаҳҷаи води Рашт» (соли* 2018) ва даҳҳои дигар метавон дар атрофи назария ва амалияи луғатнигорӣ хулосаи ниҳоӣ баровард, мушкилоти онро ошкор намуд ва баҳри рушди он тавсияҳои ҷолиб пешниҳод намуд.

Ба назари мо, мушкилоти асосии жанрҳои луғатнигорӣ дар ҳама давру замонҳо новобаста аз навъ ва фарогирии захираи луғавии забон, пеш аз ҳама, дар интихоби вожаҳои он мебошад. Маълум аст, ки ҳеҷ фарҳанге наметавонад ба таври комил ҳама таркиби луғавии забонро фаро гирад. Аз ин рӯ, зарурати интихоби калимаҳо пеш меояд ва ин амал бояд вобаста ба ҳамон калимаҳое анҷом дода шавад, ки ба ҷумлаи вожаҳои фаъоли забон дохиланд ва ҳамарӯза эҳтиёҷоти мардум ба онҳо бештар аст. Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳама луғатнигорон дар ин самт муваффақанд ва бештар ҳамон калимаҳоеро тафсир додаанд, ки дархури соҳибони забон нестанд. Хуб мебуд, агар сараввал миқдори чунин калимаҳои забон муайян карда шуда, баъдан дар заминаи онҳо луғат тартиб дода шавад.

Нуқсони дигар, тавре зикр намудем, дар риояи танзиму тафсири маъноии моддаи луғавӣ мебошад. Дар ин нисбат маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва ғайра бояд ҷудо карда шуда, бо шоҳидҳои муътамад исбот карда шаванд. Дар аксари фарҳангҳои тафсирии то ба замони мо расида ва бештари луғатҳои замони муосир ҳамин ҷиҳат ба эътибор гирифта нашуда, ҳангоми шарҳи мундариҷаи маъноии сарвожаҳо дарҳам барҳамӣ дида мешавад. Аз ин рӯ, тафсири зинавии маъноҳои луғавӣ, аслӣ, мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ, ифоданок, маҷозӣ, фразеологӣ, ба андешаи мо, метавонад сари ҳалли ин масъала нуктаи ниҳоӣ гузорад.

Камбудии дигаре, ки бештар дар луғатҳои истилоҳӣ ба назар мерасад, интихоби дурусти истилоҳи соҳавӣ мебошад. Мушоҳида мешавад, ки солҳои охир таваҷҷуҳ ба ин навъи луғат хеле зиёд гардида, мутахассисони соҳа ва илмҳои алоҳида кӯшиш менамоянд дар доираи ҳаҷму миқдори муайяни истилоҳот луғате тартиб диҳанд. Чунин иқдом, албатта, қобили дастгирист, вале набояд фаромӯш сохт, ки истилоҳ нишонаҳои хоси худро дорад ва риояи онҳо ҳангоми фарҳангсозӣ амри зарурӣ дониста мешавад. Бо ин сабаб аст, ки дар аксари луғатҳои истилоҳии соҳавӣ калимаҳое шарҳ дода мешаванд, ки на истилоҳи ҳамон соҳа, балки соҳаҳои дигар низ мебошанд. Мутахассиси луғатнигорро лозим аст, ки сараввал ҳадду ҳудуди истилоҳи соҳавиро муқаррар намояд ва баъдан то қадри имкон танҳо дар доираи истилоҳоти соҳаи худ луғат тартиб диҳад. Ё ҳадди ақал дар мавриди истилоҳи дигар соҳа будани калимаи соҳавӣ бо ишорае ин нишонаи онро таъкид намояд. Барои он ки чунин камбудӣ дар луғатҳои соҳавии истилоҳӣ барҳам дода шавад, зарур аст, ки истилоҳоти соҳавӣ аввалан бояд ҷамъоварӣ шуда, баъдан ба меъёри ягона дароварда шаванд. Ҳамгунсозии истилоҳоти соҳавӣ қадами навбатӣ дар роҳи танзими луғатҳои истилоҳотӣ мебошад. Ба таври дигар, дар ин сатҳ ба масъалаи хоси як соҳа будани истилоҳ ва сарфи назар намудани ҳодисаи синонимияи онҳо бояд эътибори ҷиддӣ дод. Пеш аз ҳама,

бояд падидаи синонимияи истилоҳот ба назар гирифта шавад, зеро чунин ҳолат боз ҳам аз номураттабии вазъи истилоҳгузинӣ дар ин бахш дарак дода, боиси ҳарчу марҷ дар бозори истилоҳгузинӣ мегардад.

Стандарткунӣ ё ба як стандарти муайян даровардани истилоҳоти соҳавӣ зинаи охирини танзими онҳо мебошад. Ба қавли профессор С. Назарзода: “Стандарт кардан – фаъолияти мебошад, ки ба хотири батанзимдарорӣ ва истифодаи қоидаву меъёрҳои амалӣ гузаронида шуда, ҳадафи он танзими фаъолияти илмивум амалӣ дар як соҳаи муайян ба ҷалби тамоми тарафҳои манфиатдор аст. Яъне агар стандартсозиро дар низоми истилоҳии забон татбиқ намоем, ҳадафи он ба як меъёри муайяни илмӣ ва техникӣ даровардани истилоҳоти соҳаҳои мухталиф мебошад” [4, с.113]. Танҳо дар ҳоли риояи меъёрҳои зикршуда метавон ҳадду ҳудуди истилоҳоти соҳавиро муқаррар намуд ва баъдан дар асоси чунин чаҳорчуба ба таҳияи луғати истилоҳӣ пардохт.

Зарур аст, ки луғатҳои соҳавӣ аз ҷониби комиссияи босалоҳияте, ки таъсисаш дар назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳукрии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони соҳаҳои гуногун амри саривақтӣ мебошад, ҷиддӣ назорат шуда, танҳо дар асоси хулосаи он баъдан ба чопи ниҳоӣ иҷозат дода шаванд. Имрӯзҳо чунин ба назар мерасад, ки ин ё он мутахассиси соҳа бе огоҳии комил аз қонуниятҳои фарҳангнигорӣ ба таълифи луғати соҳавии хеш даст мезанад, ки дар ниҳоят сифати он ба таври чашмрас коставу нуқсондор аст.

Ба ин тариқ, луғатнигории тоҷик ба ҳайси як шохаи инкишофёфтаи илми забоншиносии тоҷик имрӯз ҷараёни муназзами рушдро соҳиб аст, ки решаҳои он ба даврахои моқабли таърих рафта мерасанд. Бо вуҷуди он ки дар се марҳилаи зикршудаи рушди илми луғатнигорӣ фарҳангҳои зиёди гуногун таҳия гардидаанд, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баъзе аз навъҳои онҳо то ҳанӯз нуқсонҳои анъанавии луғатсозӣ ҷой доранд. Чунин камбудиҳо бештар дар луғатҳои тафсирӣ ва соҳавӣ мушоҳида мешаванд, ки ин ҳолат аз баъзе омилҳои ҷойдошта вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, бартараф намудани камбудиҳои фавқ аз ҷониби дастандаркорони соҳа амри зарурӣ ва саривақтӣ буда, танҳо дар ҳоли ислоҳи онҳо баъдан мо метавонем луғатҳои комилан ба талаботи илмӣ ҷавобгӯро пешкаши соҳибони забон гардонем.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Вожаномаи тиббӣ /Мураттибон У. Қурбон, А. Рачабзод. – Душанбе, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. – Ҷ.1. – 808 с. – Ҷ. 2. – 816 с.
2. Луғати русӣ-тоҷикӣ /Мураттибон С. Ҷ. Арзуманов, Ҳ . А. Аҳрорӣ, Н. Беҳбудӣ, Н.Н. Ерщов, Ш. Собир ва дигарон. – М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 254 с.
4. Назарзода С. Забон ва истилоҳот //Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот. – Душанбе, 2003. – 147 с.
5. Орзу Сироҷиддини Алихон. Чароғи ҳидоят. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
6. Отахонова А. «Фарҳангнома»-и Ҳусайн Вафоӣ. – Душанбе: Дониш, 1986. – 124 с.
7. Расулов М. Фарҳанги тиббӣ (русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ). – Иборат аз чор ҷилд. – Душанбе, 1973.- Ҷ.1. – 479 с.; 1982. – Ҷ.2. – 463 с.; 1986. - Ҷ.4.- 488 с.
8. Рауфов Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографии тоҷику форс.– Душанбе: Дониш, 1972. – 190 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. /Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. – Иборат аз 2 ҷилд.– М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951с; Ҷ. 2. – 948с.
10. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». /Мураттиб И.Ализода. Таҷдиди Ҳ.Рауфов, З.Аҳрорӣ.– Душанбе: Адиб, 1992.– 496 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
12. Ҳошимов С. Луғатнигорӣ.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004. – 79 с.


**ЛУҒАТНИГОРИИ ТОҶИК: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО**


Дар мақолаи мазкур сайри таърихии илми луғатнигории тоҷик дар се марҳила: аз ибтидо то замони Шуравӣ, давраи Шуравӣ ва замони Истиқлол таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо зикри чанде аз луғату фарҳангномаҳои гуногуни тафсириву тарҷумавӣ, соҳавию истилоҳӣ ва ғайра муқаррар менамояд, ки то ҳол дар таълифи гурӯҳе аз луғатҳо нуқсонҳои ҷиддӣ мушоҳида мешаванд, ки бештар ба тафсири маъноии калима ва истилоҳоти соҳавӣ иртибот доранд. Ҳамчунин таъсиси комиссияи босалоҳияте аз ҳисоби мутахассисони шохаҳои гуногун дар назди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки баҳри рафъи нуқсонҳои ҷойдошта пайваста фаъолият намояд. Ба сифати омили асосии раҳоӣ ёфтан аз камбудиҳо дар луғатҳои соҳавӣ ҷамъоварӣ, ба меъёр даровардан ва стандартикунонии истилоҳот пешниҳод карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** илми луғатнигории тоҷик, луғату фарҳангномаҳои гуногун, рафъи нуқсонҳои ҷойдошта, ба меъёр даровардан ва стандартикунонии истилоҳот.

## ТАДЖИКСКАЯ ЛЕКСИКОГРАФИЯ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В данной статье анализируется исторический путь таджикской лексикографии по трем этапам: от истоков до советского времени, советский период и период независимости. Автор, упоминая несколько различных толковых и переводных словарей, отраслевых и терминологических словарей, также устанавливает наличие серьезных недостатков в составлении группы словарей, которые в большей степени связаны с семантическим толкованием слов и отраслевых терминов. Также рекомендуется создать компетентную комиссию в составе специалистов различных отраслей при Комитете по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан, которая будет вести постоянную работу по устранению имеющихся недостатков. В качестве основного фактора избавления от недостатков в отраслевых словарях предлагается собирать, разработать и стандартизировать терминологию.

**Ключевые слова:** исторический путь таджикской лексикографии, различные толковые и переводные словари,устранение имеющихся недостатков, разработка и стандартизация терминологии.

## TAJIK LEXICOGRAPHY: PROBLEMS AND PROSPECTS

This article analyzes the historical path of Tajik lexicography in three stages: from the origins to the Soviet times, the Soviet period and the time of Independence. The author mentions several different explanatory and translation dictionaries and lexicons, terminology and sectorial, etc., and also establishes the presence of other serious shortcomings in compiling a group of dictionaries, which are more related to the semantic interpretation of words and industry terms. It is also recommended to set up a competent commission of specialists from various industries under the Committee on Language and Terminology under the Government of the Republic of Tajikistan, which will constantly work to eliminate existing shortcomings. As a main factor in getting rid of shortcomings in field dictionaries, it is proposed to collect and standardize terms.

**Key words**: historical path of Tajik lexicography, various explanatory and translation dictionaries, elimination of existing shortcomings, development and standardization of terminology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сатториён Матлубахон Амонзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17

**Сведения об авторе:** ***Сатториён Матлубахон Амонзода*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17

**Information about the author:** ***Sattoriyan Matlubakhon Amonzoda*** - National University of Tajikistan, candidate of philological sciences, associate professor of the department of modern Tajik literary language. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 400.15

# КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ НАБОТОТ

*Раҳматуллозода С.Р., Юсупова С.А.*
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Шевашиносии тоҷик таърихи беш аз саду панҷоҳсола дорад. Дар ин муддат ба масъалаҳои гуногуни савтиёт, луғатшиносӣ, масоили сарфу нахв ва лексикографии лаҳҷаҳо тадқиқоти зиёде анҷом гирифтааст. Бо вуҷуди ин, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба шевашиносӣ идома дорад ва масъалаҳои матраҳшаванда ҳамоно боқӣ мемонанд. Яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ муайян кардани қабатҳои луғавии соҳавии таркиби луғавии лаҳҷаҳо ва муайян сохтани қолибҳои калимасозии калимасҳои мураккаби истилоҳоти соҳаи наботот ба шумор меравад. Дарахту гулу буттаҳо дар ҳаёти мардум аҳамияти муҳим доранд. Онҳоро ҳамчун растаниҳои мевадиҳандаю сояафкан ва ё бемева мешиносанд ва дар ҳаёти мардум барои ҳалли мушкилоти ҳаёт истифода меранд. Аз ин ҷиҳат, ба номгузории онҳо мардум таваҷҷуҳи махсус доранд ва бо калимаҳои гуногун баён мешаванд. Калимаҳои ин соҳа дар шаклҳои морфологии содаю сохта ва мураккабу ибораҳо ба назар мерасанд. Дар байни ин ин гурӯҳҳо калимаҳои мураккаб яке аз қабатҳои муҳим ба шумор мераванд ва ин рӯ, дар асоси маводи шеваи ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ дар ин мақола қолибҳои калимасозии онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Мутобиқи баррасии маводи шеваҳои мазкур дар ин шаваҳо қолибҳои зерин мавҷуданд:

**Қолиби сифат + исм.** Дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба наботот қолиби сифат + исм яке аз қолибҳои сермаҳсул ва фаъол ба шумор меравад. Бо таваҷҷуҳ ба хусусияти азалии сифатҳо калимаҳои мураккаби ин гурӯҳ номи растаниҳоро вобаста ба ранг, ҳаҷм, мазза ва ҳолатҳои гуногуни растаниҳоро ифода мекунанд. Зимни сохтани калимаҳои марбут ба асомии наботот калимаҳои ифодакунандаи рангҳо аз қабили **сийа//сийаҳ, сърх, съфед, зар // зард, савз, кабут, хин //хинг** истифода шудаанд, ки дар байни онҳо вожаҳои **сийа//сийаҳ, сърх, съфед, зар // зард** серистеъмолтаранд. Калимаҳои мураккаби ин қолиб ифодакунандаи номи меваҳо (гелос, зардолу, себ, ангур, мурӯд, шафтолу, олуболу, тут ва ғ.), дарахтони бемева (бедҳо, сафедор, сада ва ғ.), номи анвои гуногуни растаниҳою буттаҳо ва полезиҳо (гандум, пиёз, замбурӯғ, қаламфур, гул, алафҳо, коҳ, ғеша, юнучқа, хор, ҷорӯб ва ғ.) мебошанд. Овардани калимаҳои мураккаби ин гурӯҳро аз рӯйи истифодаи калимаҳои сифатӣ салоҳ донистем:

- Бо калимаи сифати **ранг ва исмҳои гуногуни** ифодакунандаи номи наботот бо қолиби сифат+исм калимаҳои зерин сохта шудаанд, ки дар онҳо вожаҳои исмӣ асосӣ буда, дар мавқеи пас аз сифатҳо ҷойгиранд. Дар қолиби вожаи сийаҳ+калимаҳои гуногуни исмӣ 10 вожа сохта шудааст: **сийагълос // сийаҳгълос** (Р., Ванҷ, Вқ.) гелоси сиёҳтоб; **сийамъруд// сийаҳмуруд** (Вқ., Ғк., Шк.) мурӯди сиёҳчатоб; **сийангур// сийаҳангур** (Вқ., Шк.) ангури сиёҳ; **сийабед** (Лахш) // **сийаҳбед** (Сх., Хов.) сиёҳбед, беди сиёҳ; **сийадърах// сийаҳдърах** (Вқ., Қ., Шк.,Ҷк.) як навъи дарахти сиёҳпӯст; **сийака//сийаҳка** (Вқ., Қ., Шк., Ҷк.) як навъи растанӣ; **сийалаф** (Саф., Дарв., Вқ., Қ., Шк., Ҷк.) сиёҳалаф; **сийагуш// сийагуш** (Вқ., Қ., Кҳ., Шк.) сиёҳгӯш, навъи гули баҳорӣ; сояпухт.

Дар шеваи ҷанубӣ бо истифода аз вожаи сифатии туркии **қара** калимаҳои ифодакунандаи наботот дида мешавад, ки аз муносибатҳои неки ҳамҷоворӣ дарак медиҳад: **қарағоч//қариғоч** (Кҳ., Ғк., Шк.) қайраҒоч, сада, гучум, норвон (дарахти чубсахти бемева); **қарачека** (Пд., Лахш) Як навъи буттаи кӯҳӣ, ки мевааш сурхчатоб буда, ба олуболу монанд аст.

- Дар қолиби сифат+исм вожаи сифатии **съфед** ва **калимаҳои гуногуни исмии** ифодагари номи наботот анвои гуногуни меваҷот, аз қабили навъҳои шафтолу, ангур, амрӯт, тут ва растаниҳои бемеваи навъи сафедор, ҷорӯб ва гул ба вуҷуд омадаанд, ки маҷмӯан 9 адад мебошанд: **съфедшафтолу** (Сх., Хов., Ҳак., Ҳд.) як навъи шафтолуи сафеди пешпазак; **съфедангър** (Ҳак., Ҳд.) як навъи ангури сафедчатоб; **съфедмъруд // съфедмърут** (В., Қ.) як навъи амрӯди сафедчатоб; **съфедтут** (Ҳол., Ял.) тути сафед; **съфедсев** (Ҳак., Ҳд.) як навъи себи сафед; **съфедҷоруб** як навъи растанӣ, ки аз он ҷорӯб месозанд; **сафедгул** (Кҳ.) бобуна; **съфедор** (Б., Лахш, Хов., Қӯш.) сафедор; **съфедтерак** (Лахш, Кев., Дарв.) як навъи сафедор, ки пӯстлоқаш сафед бошад.

- Дар қолиби сифат+исм вожаи **зар//зард** ва **калимаҳои гуногуни исмии** баёнгари номи наботот 9 вожа ба вуҷуд омадааст: **зардакгъл** (Кҳ.) навъи гули зарди саҳроӣ (кӯҳӣ); **зардакмърут**

(Ним.) як навъ мурӯди зардчатоб; **зардгълос** (Ҳал.) гелоси зард; **зарпечак** (Пд., Сх., Хов.) // **зарпечък** (Дҷ.) зарпечак; **заранг// зъранг** (Дҷ., Мӯм.) дарахти кӯҳии бесамар, ки чуби сахт ва пусти сурх дорад; **зармънҷ** (Сх., Хов.) як навъи мунҷ, ки гулаш зард аст; **зарбед** (Кҳ.) дарахтест аз ҷинси бед, пусти он зарчатоб аст; **зардакмърут** (Ним.) як навъ муруди зардчатоб; **зарқорҷ** (Кҳ.) як навъ замбурӯғи заргун.

• Бо вожаи **сърх** ва **калимаҳои гуногуни исмии** ифодакунандаи номи наботот дар қолиби сифат+исм 7 вожа ба вуҷуд омадааст: **сърхбед** (Кҳ.) як навъи бед, ки пӯстлохаш сурхчатоб бошад; **сърхгъл** (Ҳич., Яр., Ч.Ванҷ) як навъи буттаи кӯҳӣ, ки гулаш арғувонист; **сърхпийоз** (Ст., Тқ.) сурхпиёз, пиёзи сурх; **сърхтут** (Св., Хов.) тути сурх; шоҳтут; **сърхҷурбӯ** (Дҷ.) сурхҷорӯб, як навъи растанӣ, ки аз он ҷорӯб тайёр мекунанд: сърхҷурбӯ-йам алаф ҳисов мехъра; **сърхлавлавун** (Ст., Тқ.) лаблабуи сурх. Бо истифода аз вожаҳои туркии қъзил (сурх) низ як калимаи нав сохта шудааст: **къзилқийоғ** (Шк.) як навъи ғеша, ки баргаш сурхчатоб аст.

• Ҳамчунин, бо калимаҳои сифатии ифодакунандаи рангҳои **савз, кабуд, хин** ва исмҳои ифодакунандаи номи растаниҳо калимаҳои зерин сохта шудааст: **савзакгъл** (Шв., Шм.) як навъи растанӣ, ки гули сабз дорад; **савзинаъгъл** (Ҳак.) навъи ангури пӯстнафиси ниҳоят ширин; **кабутсев** (Пв., Хм., Шм.) як навъ себи кабудчатоби туршомез; **хинбед** (Қ.) навъи бед аст, ки пӯсташ хокистарӣ бошад.

• Мутобиқи хусусияти **ҳаҷму андозаи** растаниҳо низ калимаҳои исмии мураккабе дар қолиби сифат+исм дида мешаванд, ки дар онҳо вожаҳои исмӣ асосӣ ва сифатҳои марбут ба ҳаҷм вожаҳои тобеъ ба шумор мераванд. Маҷмӯан 5 вожа во хӯрд: **қопагъл** (Сх., Хов.) навъи гули зарди калон-калон, ки аввали баҳор мерӯяд; **лапакаду** (Қ.) кадуи калони гирдшакл: лапакаду гърд-гърди ката-ката мешава (Дх.); **паламбарг** (Хов.) навъи растании паҳнбарг; **пухка** (Вд., Кав., Нд., Нз.) резаи коҳ, коҳмайда; **шойисев // шоҳисев** (Ғк., Қ., Шк.) навъи себи сурхи калон.

• Аз рӯйи аломати **маза ва макон** номи анвои растаниҳои зерин ба назар мерасад: **талхаксев** (Хов.) як навъи себи ёбоии талхмаза; **ширинка** (Б., Тех.Ванҷ) як навъ растанӣ, ки шираи гулу бехмевааш ширин бошад; **хъшзандолу** (Шм., Хм.) зардолузор, ҷое, ки зардолуи болаззат ва ширин дошта бошад: Ромитан ҷойи хъшзандолу бъдаст (Шм.); **хъшхор** 1.(Лахш, Дм., Лш.) хорзор, хористон, ҷое, ки хори бисёр дорад; 2. (Лахш, Шм.) як навъи дарахти хордор.

Бо васли калимаҳои сифатии ифодакунандаи аломатҳои тарию намӣ, гармӣ, каҷию карахтӣ ва номи анвои растаниҳою вожаҳои мансуб ба онҳо дар қолиби сифат+исм калимаҳои ифодакунандани номи наботот низ дида мешавад: **тарбеда** (Вқ., Қ.) тарбеда, коҳбеда, юнучқа ва ҳар навъ алафи силос кардашуда; **нармакаҳ** (Ҳич., Яр.) як навъ растанӣ; **качгъл** (Сх., Хов.) як навъи гул; **гаркунда** (Шк., Қ.) қаламфури кӯҳӣ, ки ба дарди миён даво аст; **калбед** (Сх., Хов.) як навъ беди садамонанд; **чушқанок** (Дах., Зир., Лаг.) як навъи растании кӯҳӣ **кърахка** (Тех., Ванҷ.) як навъи растании кӯҳӣ ва ғайра.

**Қолиби шумора + исм.** Бо ин қолиб 4 вожа сохта шудааст, ки номи навъи алаф, номи буттаи кӯҳӣ ва номи растаниҳои гуногунро ифода мекунанд: **чилбъғум** (Б.) чилбуғум, як навъи алафи буғумдор; **дъбълға** (Хов.) як навъ буттаи кӯҳӣ, ки ба бодом монандӣ дошта, пусташ сурхчатоб аст; **ҳазориспан // ҳазориспанд** (Вқ., Қ., Б.Ванҷ, Кев., Дарв.) ҳазориспанд, испанд: ҳазориспан ҳазор дарда даво-ай (Шм.); **седона** (Ог.) сиёҳдона, навъи растании тухмаш (ғурааш) хушбӯй.

Вожаи туркии **минбош** (Б., Кан., Хов.) // **мингбош** (Ҷк.) низ бо қолиби мазкур сохта шудааст ва дар шева ҷанубии забони тоҷикӣ истифода мешавад. Калимаи мазкур аз рӯйи маънои "як навъи растании буттагӣ, ки дар ҷойи камоб мерӯяд ва онро дар кирмакпарварӣ истифода мебаранд" истифода мешавад.

Ҳамин тавр, дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба наботот калимаҳои мураккаби тобеъ мақоми хос доранд. Онҳо ифодакунандаи анвои гуногуни растаниҳо ва номи аломату хусусияёти онҳоро фаро мегиранд ва дар қолибҳои гуногуни морфологӣ зуҳур кардаанд. Дар мақола доир ба қолиҳои исм+исм, исм + феъл, сифат + исм ва шумора + исм таҳқиқи илмӣ сурат гирифтааст. Муайян мегардад, ки дар байни онҳо қолиби исм+исм ва сифат + исм нисбатан сермаҳсул мебошанд. Дар маҷмуъ бо қолибҳои мазкур 162 калимаи мураккаби тппи детерминативӣ сохта шудааст.

**А Д А Б И Ё Т**

1. Камолиддинов Б. Чанд вазифаи пасванди -ак дар шеваи Понғоз / Б.Камолиддинов //Тез. докл. апрельской науч. теорет. конф. профессорско-преподава-тельского состава.–Душанбе: Изд-во ТГУ, 1993. – 197 с.

2. Касимов О. Суффиксальное словообразование имен существительных в «Шахмане» А. Фирдавси /О.Касимов //Дис. канд. филол. наук. –Душанбе, 1988. – 188 с.
3. Кубрякова К.С. Что такое словообразование /К.С.Кубрякова. –М.: Наука, 1965. – 80 с.
4. Қодиров Д. Хусусияти сохторӣ-грамматикии фразеологии шевагӣ (дар заминаи лаҳҷаи Дарвози забони тоҷикӣ) /Д.Қодиров //Дисс. номзади илми филол. –Хоруг. 2007.-151 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои ІҶ-Ҷ) /М.Н. Қосимова Қисми 1. –Душанбе, 2003. – 490 с.
6. Низомова С.Ф. Словообразование в художественной и публицистической прозе Садриддина Айни. Авт. докторской диссертации по специальности 10.02.19. Теории языка. –Душанбе, 2021. – 56 с.
7. Левковская К.А. Словообразование /К.А.Левковская. – М., 1954. – 35 с.
8. Раҳматуллозода С. Исм. -Душанбе, 2019. – 233 с.
9. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1979. – 252 с.
10. Чхеидзе Т.Д. Именное словообразование в персидском языке. –Тбилиси, 1969. – 141 с.
11.

## КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ ТАШАККУЛДИҲАНДАИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ НАБОТОТ

Дар ҳайати калимаю истилоҳоти марбут ба наботот на танҳо калимаҳои хоси шева, балки вожаҳои умумихалқӣ низ мавҷуд буда, дар қолибҳои гуногуни калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳоро дар шакли содаю сохта ва мураккабу ибора-истилоҳот дидан мумкин аст. Ин ҳолат ба он меорад, ки тавассути онҳо калимаю истилоҳоти нави соҳаи наботот ба таври фаровон сохта шаванд. Зимни баррасии калимаю истилоҳоти марбут ба наботот аз рӯйи сохтори морфологӣ қолибҳои исм+исм, исм+феъл, сифат+исм ва шумора+исм мавриди баррасии илмӣ қарор гирифта, муродифоти калимаҳои мураккаби сохташуда нишон дода шудаанд.

**Калидвожаҳо**: қолиб, исм, сифат, навъи растаниҳо, мева, дарахт, воҳидҳои луғавӣ, вожа, калимаҳои мураккаб, фаъол, сермаҳсул.

## ДЕТЕРМИНАТИВНЫЕ СЛОВА, ОБРАЗУЮЩИЕ ТЕРМИНОЛОГИЮ ФЛОРЫ

В составе слов и терминов, относящихся к растениям, есть не только слова, характерные для говоров, но и общеупотребительные слова, которые образовались в разных моделях словообразования. Их можно увидеть в виде простых, производных, сложных и термин-словосочетания. Эта ситуация приводит к созданию новых слов и терминов ботаники. При изучении слов и терминов, относящихся к растениям по морфологической структуре, были подвергнуты научному анализу модели существительное + существительное, существительное + глагол, прилагательное + существительное и числительное + существительное, а также показаны синонимы сложных слов.

**Ключевые слова:** модель, существительное, прилагательное, вид растения, плод, дерево, лексика, слово, сложное слово, лексема, сложные слова, активное, продуктивное.

## SUBORDINATE COMPOUND WORDS CREATOR OF BOTANICAL TERMS

In the composition of words and terms related to plants, there are not only words characteristic of dialects, but also commonly used words that were formed in different models of word formation. They can be seen in the form of simple, derivative, complex and term-phrases. This situation leads to the creation of new words and terms in the field of botany. When studying words and terms related to plants by morphological structure, the models noun + noun, noun + verb, adjective + noun and numeral + noun were subjected to scientific analysis, and synonyms of compound words were also shown.

**Key words:** model, noun, adjective, plant species, fruit, tree, vocabulary, word, compound word, lexeme, compound words, active, productive.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло*** **-** д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ. **Суроғa:** 734013, ш. Душанбе, к. Беҳзод, 25. E-mail: **info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.** Тел.: **(+992 37) 227-59-38; 919-00-21-78**
***Юсупова Сурайё Абдумаҷидовна*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, н.и.ф., муаллими калони кафедраи методикаи таълими синфҳои ибтидоии факултети педагогика. **Суроғa:** 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 121. E-mail: **yusupova-suruy@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-90-40-06**

**Сведения об авторах:** ***Рахматуллозода Сахидод Рахматулло*** - д.ф.н., профессор, Комитет по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан, член корр. НАНТ. **Адрес:** 734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бехзод 25. E-mail: **info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.** Тел.: **(+992 37) 227-59-38; 919-00-21-78**
***Юсупова Сурайё Абдумаджидовна*** - Таджикский государственный педагогический университет им.С.Айни, к.ф.н., старщий преподаватель кафедры методики обучения начальных классов факультета педагогики. **Адрес:** 734021, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: **yusupova-suruy@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-90-40-06**

**Information about the authors:** ***Rahmatullozoda Sahidod Rahmatullo*** - Doctor of Philological Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Vice chairman of the Committee on Language and Terminology under the Government of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bekhzod Str., 25. E-mail: **info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.** Phone.: **(+992 37) 227-59-38; 919-00-21-78**
***Yusupova Surayyo Abdumajidovna*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, senior lecturer of the teaching methodic department of elementary grades, Faculty of Pedagogy. **Address:** 734021, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 121. E-mail: **yusupova-suruy@mail.ru.** Phone: **(+992) 985-90-40-06**

УДК: 491.550-41 (03)

# МУҲТАВОИ “ДЕБОЧА”-И “ФАРҲАНГИ НИЗОМ” ВА АРЗИШИ ЛЕКСИКОГРАФИИ ОН

***Сатториён М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фарҳангнигорӣ ё лексикография, ки як бахши муҳим ва зарурии забоншиносии муосир маҳсуб ёфта, дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик низ миёни илмҳои роиҷи замон мақоми хосаро касб намуда буд.

Омӯзишу муқоисаи фарҳангҳои форсии тоҷикии пешин, таҳқиқу баррасии муҳтаво, усулҳои ташреҳи вожагон, баррасии таркиби ин махзани илмиву адабӣ яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии тоҷик мебошад.

Чунонки аз сарчашмаҳои илмию адабӣ бармеояд, вуруди забони форсӣ ба сарзамини Ҳиндустон, ба асри XI рост меояд, ки ба лашкаркашии Маҳмуди Ғазнавӣ (980-1030) ба қисмати шимолии Ҳиндустон марбут аст. Дар натиҷаи ҳабдаҳ маротиба лашкаркашӣ қисмати зиёди Ҳиндустон ба ҳайати давлати Ғазнавиён дароварда шуд. Пас аз он ҷорӣ намудани дини ислом дар байни аҳолии ин сарзамин, омезиши фарҳангии тоҷикон, афғонҳо ва туркҳо бо мардуми сарзамини Ҳинд оғоз гардид.

Аз ҷониби Маҳмуди Ғазнавӣ тасарруф гардидани Ҳиндустон ба тақдири минбаъдаи аҳолии ин сарзамин таъсири бузург расонидаст. Забони форсӣ, ки забони давлатии салтанати Ғазнавиён буд, рушди чандасраи худро дар ин кишвар оғоз бахшидааст.

Аҳволи воқеии он замони Ҳиндустон дар ашъори шоирони доираи адабии дарбори Ғазнавиён Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва дигар адибон, ки дар лашкаркашиҳои Маҳмуди Ғазнавӣ ширкат намудаанд, инъикос ёфтааст. Баъдтар, пас аз он ки пойтахти давлати Ғазнавиён ба Лоҳур кӯчонида мешавад, инкишофи бемайлони забони форсӣ оғоз меёбад.

Аз асри XVI оғоз карда, дар натиҷаи лашкаркашии Бобур мавқеи забони форсии тоҷикӣ тақвият меёбад. Зимни ҳукмронии набераи Бобур – Акбар забон ва адабиёти форсӣ дар қаламрави Ҳиндустон паҳн гардидан гирифт. Дар ин кор саҳми Муғулҳои бузург, ки барои донишмандону адибон шароитҳои хуб фароҳам оварда, имтиёзҳо ҷорӣ намуда буданд, назаррас аст. Баъд аз ин сароғоз аз асри XVI фирори олимону шоирон аз Мовароуннаҳру Хуросон ба Ҳиндустон қувват гирифт.

Таъсири мутақобилаи чандасраи фарҳанги исломӣ ва ҳиндӣ, ки махсусан дар замони ҳукмронии Муғулҳои бузург тақвият ёфт, боиси ба ҳам наздик ва омезиш ёфтани ин ду фарҳанг гардид. Пайдоиши забони урду – ҳамчун шакли ташаккулёфтаи забони ҳиндӣ ҳолати забонҳоро дар Ҳиндустон боз ҳам мураккабтар намуда буд.

Ба таркиби луғавии забони ҳиндӣ ворид шудани калимаҳои забони форсии тоҷикӣ чанд сабаб дошт. Сабаби аввал – омӯзиши забон ҳамчун забони сулолаи ҳоким; сабаби дувум – омили мазҳабӣ; сабаби сеюм – густариши васеи забон ҳамчун забони адабию илмӣ; сабаби чорум – таъсири тарҷумаҳо.

Муҳоҷирати дигарбораи мардуми форсизабон, махсусан, шоирон, забондонон, адабиётшиносон ба сарзамини Ҳиндустон, ки аз асри XVI оғоз гардида буд, ба доираи адабии форсии Ҳиндустон таъсири амиқ гузошт. Баъд аз он ки ин муҳоҷирон ба Ҳиндустон омада дарк карданд, ки забони форсии дар ин ҷо буда аз форсии Мовароуннаҳру Хуросон камобеш тафовут дорад, миёнашон баҳсу мунозира ба вуқӯъ пайваст ва зарурате ба миён омад, ки чанде аз шоирон ва луғатнигорон ба навиштани асарҳои лексикографӣ оғоз намуданд, то барои дарки калимоту ибороти номафҳуми бавуҷудомада кӯмаке намоянд.

Таъсири забони форсӣ дар асри XVI ва, махсусан, асри XVII бештар муассир гардид, зеро шоирони машҳури он замон, ба мисли Урфии Шерозӣ (асри XVI), Абӯтолиби Калим (асри XVII), Мирзомуҳаммадалии Соиб (асри XVII), Шайх Алии Ҳазин (асри XVIII) ва дигарон дар Ҳиндустон барои фаъолияти эҷодии хеш шароити хубе пайдо намуданд. Ҳамчунин, дар асрҳои XVI-XVII ва асрҳои баъдӣ садҳо шоирон аз Мовароуннаҳру Хуросон ба Ҳинд омаданд, ки ин бечунучаро ба рушду нумӯи фарҳангу забони форсии тоҷикӣ дар ин сарзамини паҳновар сабаб гардид. Далели ин адабиёти асри XVII мебошад. Дар асри XVIII бошад, ки онро метавон асри нумӯи фарҳангнависии форсии тоҷикӣ дар Ҳиндустон номид, дар асарҳои луғатнигорон маълумотҳои бештари бозгӯйкунандаи вазъи забони

форсии тоҷикиро дида метавонем. Бахусус ин маълумот дар асарҳои ду фарҳангнигори асри XVIII Тек Чанди Биҳор ва Сироҷиддин Алихони Орзу хуб ба мушоҳида мерасад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки сабаби дар асрҳои XVI-XIX бештар дар Ҳиндустон мураттаб шудани луғатҳои тафсирии форсии тоҷикӣ – ин рушду нумӯъ намудани забони нави форсии тоҷикии Ҳинд мебошад. Зеро аз таърихи фарҳангнигорӣ маълум аст, ки танҳо баъди ташаккулу такомули ҳар кадом забон барои он фарҳанги тафсирӣ мураттаб карда мешавад.

Тавре аз пажуҳишҳои алоҳидаи муҳаққиқон бармеояд, дар асри XV ва махсусан дар асри XVI баъд аз барқарорории давлати темуриёни Ҳинд паҳшавии забони тоҷикӣ-форсӣ дар ин сарзамин маркази илми фарҳангнигории тоҷику форс низ ба ин кишвар интиқол ёфт. Маҳз дар асрҳои XV-XVII дар Ҳиндустон фарҳангҳои машҳуре мисли «Шарафномаи Мунярӣ»-и Иброҳим Қавоми Форуқӣ (асри XV), «Туҳфат-ус-саодат»-и Зиёуддини Муҳаммад (асри XVI), «Муаййид-ул-фузало»-и Муҳаммад ибни Лоди Деҳлавӣ (1519), «Мадор-ул афозил»-и Файзии Сарҳиндӣ (1593), «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (1608), «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ (1652), «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдуррашиди Таттавӣ (1654) ва дигарон таълиф ёфтаанд, ки то имрӯз барои мардуми форсизабони олам ҳамчун манбаъҳои муътамади хидмат мекунанд.

Дар садаҳои XVIII-XIX дар минтақаҳои форсизабон фарҳангу луғатномаҳои зиёде таҳия шудаанд, ки намоёнтарину муҳимтарини онҳо «Баҳори Аҷам»-и Рой Текчанди Баҳор (1739), «Сироҷ-ул- луғот» ва «Чароғи ҳидоят»-и Сирочиддин Алихони Орзу (миёнаҳои асри XVIII), «Ҳафт қулзум»-и Ғозиуддин Ҳайдар (1818), «Ғиёс-уллуғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин (1827), «Фарҳанги Онандроҷ»-и Муҳаммади Подшоҳ (1888) мебошанд.

Дар асрҳои XVI-XIX луғатнависии форсӣ-тоҷикӣ нисбат ба асрҳои пешина ба зинаи баланди рушди худ мерасад ва давраи сермаҳсултарин ба шумор меравад. Дар ин давр луғатҳои калонҳаҷми аз ҷиҳати принтсипҳои лексикографӣ пухта ва қабатҳои лексикаи забонро нисбатан пурра дарбаргиранда ба майдон меоянд. Дар давраи ҳукмронии Темуриёни Ҳинд, ки солҳои 1526-1857 дар Ҳиндустон салтанат доштанд, илму маданият ба забони тоҷикӣ-форсӣ ба дараҷае пеш меравад, ки имрӯз ифтихори Ҳиндустон ва тамоми форсизабонон гардидааст. Омӯхтани забони тоҷикӣ-форсӣ дар ин давра ҳукми заруратро гирифта буд, чунки ҳамаи корҳои давлатӣ, идоравӣ ва умуман навиштаҷот асосан ба ин забон анҷом дода мешуданд. «Сабаби дар асрҳои XV-XVII ва баъдина, -менависад Капранов В.А., дар Ҳиндустон ин гуна инкишофи бузург ёфтани луғатнависӣ дар он сарзамин дар ин давра хеле зиёд инкишоф ёфтани назму насри забони «форсӣ» мебошад.

Ба ин муносибат масъалаи омӯхтани забони форсӣ, луғатҳои қадими тоҷик ва ҳамчунин шарҳ ва тафсири калимаҳое, ки муаллифони тоҷикзабони ҳиндӣ кор мефармуданд, ҳукми заруратро гирифта буд».

Мо дар ин мақола луғатномаҳоро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додем, ки бидуни онҳо ташаккулу такомули лексикографияи тоҷик-форсро тасаввур кардан мушкил аст ва онҳо дар таърихи луғатнависии тоҷику форс асарҳои барҷастатарин маҳсуб ёфта ҳамзамон чун сарчашма барои таълифи “Фарҳанги Низом”-и Саид Муҳаммад Алӣ Доии Ислом истифода шудаанд.

Тавре аз зиндагиномаи Саид Муҳаммад Алӣ Доии Ислом бармеояд ӯ соли 1354 шамсӣ (1838-и мелодӣ) дар рустои Ниёки Лориҷон ба дунё омадааст ва соли 1942-и мелодӣ дар Ҳайдаробод Дакан аз дунё гузаштааст. Аз Саид Муҳаммад Алӣ Доии Ислом асарҳои зиёде ба ёдгор мондааст, ки ин ҷо номи чанде аз онҳоро зикр мекунем: “Иқбол ва шеъри форсӣ” (Ҳайдаробод, соли 1897милодӣ.), “Хати лотин барои забони форсӣ” ( Ҳайдаробод, соли 1899) “Се мусаммат” (Теҳрон, соли 1904 м), “Шеър ва шоирони урфӣ” (Ҳайдаробод, соли 1897), “Шеър ва шоирони асри ҷадиди Эрон” (Ҳайдаробод, соли 1888 м.) “Фарҳанги Низом ба номи Низоми Дакан дар панҷ ҷилд (Ҳайдаробод, 1887м.) ва ғайра.

Дар “Дебоча, ки дар ҷилди панҷуми “Фарҳанги Низом оварда шудааст, маълумот ва таҳлили муфассале дар хусуси фарҳангҳои форсӣ ҷой дорад. Мураттиби луғат менависад “Ҳолати ҳар фарҳангро бо муаллифи бо дурмони он бинависем, то донишманд ин ки заҳмат бар забони карданд боқӣ монад дар чӣ заҳмати ҳар як ҳам ташхис дода шавад” [Фарҳанги Низом, ҷилди панҷум, дебоча саҳ.2.].

Мураттиби фарҳанг баъдан чунин сарлавҳа меорад: “Ибтидои фарҳанг, шеърнависии форсӣ” ва зикр мекунад: Забони форсии исломӣ, ки паҳлавии омехта бо арабӣ аст, дар қарни аввали ислом пайдошуд ва дар қарни дувум шоирӣ он ба такмил расидва дар қарни

савум аҳли Тӯрон ҳоҷат ба як алфози махсусаи шеърро хос карданд ва Абуҳафси Суғдӣ он фарҳангро навишт агарчӣ шеъри омӣ ӯ рамал баёрӣ аз худи Тӯрон буданд, аммо бисёре аз Хуросон ҳам буданд алфози махсусаи онҳо барои Тӯрониён мафҳум набуд ва аҳли Тӯрон дузабонӣ буданд ва туркӣ ҳам ҳарф мезаданд барои тамизи алфози туркӣ дар форсӣ ҳам фарҳанги форсӣ лозим буд [13, с.2.]

Дар " Дебоча" баъдан дар мавзуи "Луғати фурс"-и Асадии Тӯсӣ сухан меравад: "Севуми фарҳанги шеъри форсӣ Луғати фурс аз Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад Ал Асадии Тӯсӣ аст, ки ба ҳиммати Пол Борон шарқшиносӣ олмонӣ дар соли ҳазору ҳашт саду наваду ҳафти милодӣ дар Урупо чоп шуд ва назди ман як нусхае аз он мавҷуд аст ". Аз ин навишта бар меояд, ки мураттиби "Фарҳанги Низом" зимни тавини китобаш аз он истифода кардааст.

"Сиҳоҳ-ул фурс" фарҳанги панҷум" ном дорад сарлавҳаи дигари "Дебоча"-и Фарҳанги Низом. Дар ин бахшоид ба аҳаммият ва ҷойгоҳи "Сиҳоҳ-ул-фурс" сухан меравад: "Баъд аз Асадӣ то як муддат касе ба фикри навиштани фарҳанги ҷадиде наёмад ба ҷиҳати ин ки забони хуросонӣ аҳ ҷиҳати вусъати саотанати Салҷуқӣ дартӯ тамоми Эрон паҳн шуд ва форсии адабӣ сар то сари мулк гардид ҳама алфози хуросонро медонистанд ва барои ононе ки кам медонистанд Луғати фурси Асадии Тусӣ кофӣ буд. Дар ибтидои қарни ҳафтум ҷумлаи туркон чингизӣ Эронро аз илму адаб холӣ карданд ва як қарн тул кашид, то Эрон лангари иҷтиҳодот адабӣ афтид. Дар ибтидои қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ Муҳаммад Ҳиндушоҳ, ки муншӣ ё надими Ғиёсиддин бинни Рашидиддини Фазли Асад, муаллифи "Ҷомеъ-ул таворих" буда "Сиҳоҳ-ул-фурс"-ро навишт. Ва дар он аглаби алфози "Луғати фурс"-и Асадиро гирифта ва алфози дигар ҳам аз шуарои баъд аз Асадӣ изофа кард. Бисёре аз шавоҳиди "Луғати фурс"-ро ҳам нақл кард ва шавоҳиди дигар ҳам аз шуарои баъд аз Асадӣ, мисли Ҳоқонӣ ва ҷуз онҳо мазид намуд.Мисли Асадӣ тартиби алфозро бар ҳарфи охар ниҳод, аммо бар хилофи Асадӣ мурооти ҳарфи аввалро ҳам кард. Мулоҳизаи тартиби ҳуруфи миёнро накарда. Лафзи аввал боб аллофи ироа аст дар лафзи малиро аз фарҳанги Абӯҳафзи Суғдӣ хабар надошта. Дар муқаддимаи китоб баъд аз таърифи зиёде аз ҳар бахш Ғиёсиддин гӯяд" [13, с.4].

Бахши дигар "Меъёри Ҷамолӣ фарҳанги шашум" номгузорӣ шуда, дар он омаддаст: "Фарҳанги шашуми шеърӣ рубъи чаҳорум "Меъёри Ҷамолӣ", таълифи Шамсиддин Муҳаммад Фахри Исфаҳонӣ аст... [13, с.4].

Бахши дигари "Дебоча" Мунтақил шудани фарҳангнависии форсӣ аз Эрон ба Ҳинд" ном дорад. Муаллифи "Фарҳанги Низом" менависад: " Дар қарни ҳаштум фарҳанги шеърнависии форсӣ аз Эрон ба ҳинд мунтақил ва дар қарни нӯҳуму даҳуму ёздаҳум ба такмил расид ва охирин фарҳанги мукаммали шеърӣ Ҷаҳонгирӣ аст, ки хатми таълифаш дар соли ҳазору ҳафтдаҳи ҳиҷрӣ воқеъ шуд ва баъд аз ӯ ҳар чӣ дар Ҳинд навишта шуд ҳама тақлид ё тахрибкори ӯ буда ба ҷуз Шайдӣ ки айни китоби ӯро нақл карду ҷо ба ҷо интиқоди фаслона намуд ва ба ҷуз "Сироҷ-ул-луғот", ки тамоми фарҳангнависон интиқоди фосилона намуд ва фалоти барбонро ҳам нишон дод. Фарҳангнависии форсӣ то кунун дар Ҳинд ҷорӣ аст ва дар Эрон ба "Маҷмаъ-ул- фурс"-и Сурурӣ хотима ёфт. дар сари Қочор се фарҳанги шеърӣ навишта шуд, яъне "Бурҳони қотеъ" ва "Анҷуманорои Носирӣ" ва "Фарҳанги Навбаҳор" [13, с.9.].

Бахши дигари "Дебоча" марбут ба "Баҳр-ул афозил фӣ манофеъ ал фозил, фарҳанги аввали форсӣ дар Ҳинд" аст. Мураттиби "Фарҳанги Низом" дар ин бора менависад: " Аввал фарҳанги форсии шеърӣ, ки дар Ҳинд баъд аз "Фарҳанги Қаввос" навишта шуд ва фарҳанги ҳафтуми шеъри форсӣ аст, "Баҳр-ул афозил фӣ манофеъ ал фозил" аст, таълифи Муҳаммад бинни Қивом бинни Рустам бинни Маҳмуд аст [13, с.9].

Дар бахшҳои дигар "Дебоча"-и "Фарҳанги Низом" луғатҳои муътабари форсии дар Ҳинду Эрон таълифшуда" аз "Адот-ул фузало", "Шарафнома", "Мифтоҳ-ул-фузало", , Муайид-ул-фузало", "Фарҳанги сайри хонӣ", "Кашф-ул-луғот", Фарҳанги Вафоӣ", Фарҳанги Мирзо Иброҳим", "Фатҳ-ул-китоб", "Мадор-ул-афозил", "Маҷмаъ-ул-фурс"-и Сурурӣ", "Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ", "Фарҳанги чаҳор унсури дониш", "Латоиф-ул-луғот", "Бурҳони қотеъ", "Баҳр-уд-луғот","Ганҷнома", Луғоти олами гиря","Ашҳар-ал-луғот" то Сироҷ-ул-луғот" ва "Чароғи ҳидоят" зикр шуд адар хусуси ҳар кадом луғат ва муаллифи

онҳо маълумот оварда шудааст, ки хеле ҷолибу фарогири маводи муфид оид ба таърихи ташаккулу такомули фарҳангнигории форсии тоҷикӣ мебошанд.

Аз таҳлил ва баррасии муҳтавои “Дебоча”-и фарҳанги Низом метавон чунин хулоса намуд, ки фарҳангнависии форсу тоҷик таърихи ғанӣ дошта таҳлилу тадқиқи ҷанбаҳои мухталифи ҳар асари лексикографӣ вазифаи муҳими илми луғатнигорӣ мебошад. Ҳатто тадқиқи як мақолаи луғавӣ дар доираи фарҳангҳои гуногун ва ба таври муқоисавӣ омӯхтани ои барои таърихи забони тоҷикӣ, инчунин лексикология маводи пурқимат дода метавонад. Ин вазифаро баъзе соҳибфарҳангон, масалан, муаллифи «Фарҳанги Низом»-и Саид Муҳаммад Алӣ Доии Ислом иҷро намудааст.

Дар фарҳангҳо миқдори мақолаҳои луғавӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, чунки ҳар як соҳибфарҳанг кӯшиш намудааст, ки фарҳанги вай нусхаи фарҳангҳои пешина набошад. Ба ғайр аз ин ҳар як муаллиф дар назди худ вазифаеро гузошта, онро мувофиқи дониш ва салоҳдидаш ҳал кардааст ва бо ҳамин дар инкишофи луғатсозӣ саҳми муносиб гузоштааст.

Як ҷанбаи ба худ хоси луғатҳои дар Ҳиндустон таълифёфта аз он иборат аст, ки дар онҳо ба ғайр аз калима ва ибораҳои умумиистеъмолии забони тоҷикӣ воҳидҳои луғавие ҷамъ карда шудаанд, ки онҳо махсуси форсизабонони Ҳиндустон мебошанд.Ҳамчунин фарҳангҳои пешина аз ҷиҳати усул ва сохти ҷойгирсозии моддаҳои луғавии шарҳшаванда як хел ва як сон нестанд. Луғатҳое, ки калимаҳо дар онҳо аз рӯйи тартиби ҳарфи аввалу охир ва тартиби дохилии ҳуруфи арабӣ-тоҷикӣ (мисли сохти луғатҳои имрӯза) чида шудаанд, дар таърихи луғатнависӣ ба шакли як навъ анъана даромадаанд.

Фарҳангҳои машҳури тафсирие, ки то имрӯз омада расидаанд, асосан ба гурӯҳи луғатҳои филологӣ (фарҳангҳои истилоҳотӣ дар назар дошта намешавад) дохил мешаванд.

Фарҳангҳои дар сарзамини Ҳиндустон таълифшудаи форсии тоҷикӣ, аз ҷумла “Фарҳанги Низом” сарвати маънавии халқи мо ба шумор рафта, омӯхтан ва ба нашри интиқод кардани онҳо вазифаи меросбарони илму фарҳанги форсии тоҷикӣ мебошад. Дастраси хонандагони васеъ қарор додони он ҳам аҳамияти илмӣ ва ҳам амалӣ дорад, ки мо инро дар мисоли “Фарҳанги Низом” баръало мушоҳида мекунем.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 12; ба чоп тайёркунандагон К.Айнӣ ва Ҳ. Рауфов. Душанбе, 1976.
2. Баевский С.И. “Ранняя персидская лексикография XI- XV” в в. Москва, 1987, 164 стр.
3. Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. Самарқанд, 2006.
4. Воҳидов А., “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсиддин ва мавқеи он дар фарҳангнигории тоҷикӣ-форсӣ.- Самарқанд: нашри ДДС, 2012. 139 саҳ.
5. Ғаффоров А. Назми порсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX, -Душанбе, 1977.
6. Воҳидов А. Фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои X-XIX. Монография. –Самарқанд: СамДУ нашри, 2018. -144 с.
7. Капранов В.А. Дар бораи баъзе хусусиятҳои луғатҳои қадимаи тоҷикӣ (форсӣ), журн. Шарқи сурх, 1957, №7, саҳ. 87-96
8. Капранов В.А. Таджикско-персидская лексикография в Индии XVI-XIX вв, -Душанбе: “Дониш”, 1987. 221 стр.
9. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.I, Луғатшиносӣ. –Душанбе, 2007.
10. Саид Нафисӣ. Фарҳангномаи форсӣ. Ҷилди I, Теҳрон, 1319.
11. Сиҳоҳ-ул-фурс- таълифи Муҳаммад бинни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, ба эҳтимоми доктор Абдуалӣ Тоатӣ, Теҳрон, 1962.
12. Саидумрон Саидов. “Сиҳоҳ -ул-фурс” ва интиқоди матн. Хуҷанд – 1996, саҳ. 7.
13. “Фарҳанги Низом”.форсӣ ба форсӣ, бо решашиносӣ ва талаффузи вожаҳо ба хати авистоӣ.Ҷилди 5.- Теҳрон,1342.-618 с.
14. Шаҳриёри Нақавӣ. Фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинду Покистон. –Теҳрон, 1341.
15. Энсиклопедияи советии тоҷик, Душанбе, 1987. Ҷ. 7.


**МУҲТАВОИ “ДЕБОЧА”-И “ФАРҲАНГИ НИЗОМ” ВА АРЗИШИ ЛЕКСИКОГРАФИИ ОН**


Мақолаи ба таҳқиқу баррасии яке аз фарҳангҳои муҳтабари тафсирии форсии тоҷикии дар сарзамини Ҳиндустон таълифшуда бо номи «Фарҳанги Низом» бахшида шудааст. То ба имрӯз доир ба луғати мазкур дар фарҳангнигории тоҷик мақолаҳои пароканда навишта шудаанд, аммо ин пажӯҳишҳо номукаммал буда, ҷанбаҳои мухталифи лексикографии фарҳанги мазкурро ба таври мушаххас баррасӣ накардаанд. Муаллиф кӯшидааст то ҷое “Дебоча”-и «Фарҳанги Низом» -ро аз лиҳози муҳтаво ва масъалаҳои дар қайдшуда таҳқиқу баррасӣ намояд.



**Калидвожаҳо**: фарҳанг, луғат, мундариҷа, Ҳиндустон, шарҳ, «Фарҳанги Низом», калима, муҳтаво.

## СОДЕРЖАНИЕ «ПРЕДИСЛОВИЯ» «ФАРХАНГИ НИЗОМ» И ЕГО ЛЕКСИКОГРАФИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ

Статья посвящена исследованию и обзору одного из известных таджикско-персидских словарей, написанного на земле Индии под названием «Фарханги Низом». До сих пор об этом словаре в таджикской лексикографии написаны разрозненные статьи, но эти исследования неполны и специально не рассматривали различные лексикографические аспекты данного словаря. Автор попытался рассмотреть и обсудить «Предисловие» «Фарханги Низом», с точки зрения содержания и затронутых вопросов.

**Ключевые слова**: культура, лексика, содержание, Индия, объяснение, «Фаханги Низом», слово, содержание.

## CONTENT OF THE "FOREWORD" "FARKHANGI NIZOM" AND ITS LEXICOGRAPHICAL SIGNIFICANCE

The article is devoted to the study and review of one of the famous explanatory dictionaries of the Tajik-Persian culture, written on the land of India under the name "Farhangi Nizom". Until now, scattered articles have been written about this dictionary in Tajik cultural studies, but these studies are incomplete and did not specifically consider various lexicographic aspects of this culture. The author tried to review and discuss the "Foreword" of "Farkhangi Nizam" in terms of content and issues raised.

**Key words:** culture, vocabulary, content, India, explanation, Nizam's Culture, word, content.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сатториён Матлубахон Амонзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17

**Сведения об авторе:** ***Сатториён Матлубахон Амонзода*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17

**Information about the author:** ***Sattoriyan Matlubakhon Amonzoda*** - National University of Tajikistan, candidate of philological sciences, associate professor of the department of modern Tajik literary language. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 400.15:16

# УСУЛҲОИ АМАЛИИ ТАҲЛИЛ ВА ТАҲРИРИ МАТН

*Ҷӯраева М.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳрири адабӣ аз рӯйи хусусият ва мақсад фанни амалӣ ва аз ҷиҳати сохтор фанни мураккаб буда, дар қатори самтҳои филологии амалӣ яке аз "ҷавонтарин"-ҳо маҳсуб меёбад. Ташаккули он ба таври анъанавӣ – аз усулҳои ҷузъии кор бо матн, ки ба вазъияти мушаххас ва ҳалли масъалаҳои амалӣ марбутанд, сар карда, то ба вуҷуд овардани методҳо дар асоси ба низом даровардани ин усулҳо ва дарки илмии онҳо сурат гирифтааст.

Бори аввал матни лексияҳо оид ба таҳрири адабӣ дар факултети журналистикаи Университети давлатии Москва аз ҷониби профессор К.И. Былинский дар соли 1952 пешниҳод гардидааст. Дар онҳо консепсияи умумии курс тартиб дода шуда, мавзуи фан тарҳрезӣ гардида, маҷмӯи мафҳумҳои асосӣ нишон дода шуда, фаслҳои асосии барнома муайян карда шудаанд. Баъдтар тартиб додани барномаҳои таълими амалӣ ба роҳ монда шуда, аввалин дастурҳои методӣ нашр карда шуданд [8, с.11]. Аз ҷумлаи аввалин дастурҳои методӣ оид ба таҳрири адабии матн маҷмуи машғулиятҳои амалии А.В. Абрамович ва Е. Лазаревич [1] мебошад, ки баъдан се маротиба нашр гардид.

Қобили зикр аст, ки ҳанӯз дар лексияҳои К. Былинский таҳрири адабӣ ҳамчун раванди ягона маънидод карда шуда, таҳлили асари муаллифро ҳам аз ҷиҳати мазмун, ҳам аз ҷиҳати дурустӣ ва саҳеҳии воқеӣ, ҳам аз ҷиҳати адабӣ ва таҳрири минбаъдаи он дар бар мегирад. Муаллиф талаботро доир ба таҳрири адабӣ хеле равшан баён намудааст: «Забони матнро дар алоҳидагӣ аз мазмуни он омӯхтан мумкин нест... Ҳар як тағйири тобиши фикр бо тағйири сохти ҷумла алоқаманд аст. Иваз кардани як калима ба калимаи дигар, як сохти дигар бо тағйири тобиши фикр ё обуранги услубии матн алоқаманд аст» [4, с.35]. Ин нуктаҳо дар аввалин китоби дарсии барои донишгоҳ навиштаи К.И. Былинский ва Д.Э. Розенталь, ки ду маротиба нашр шудааст [4], ҳамчунин дар китобҳои Н. Сикорский [10], А.Е. Милчин [7], М.П. Сенкевич [9] ва дигар муаллифон тавзеҳи бештар ёфтаанд.

Таҳрири адабии матн, сарфи назар аз он ки ба кадом услуб ва жанр тааллуқ дорад, пеш аз ҳама, як намуди фаъолияти амалист. Дар назди муҳаррир вазифа гузошта мешавад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва нуқсонҳои матни пешниҳодшударо арзёбӣ кунад ва ба он ислоҳи зарурӣ ворид намояд. Барои ин корманди адабӣ бояд дорои малака ва тачрибаи зарурӣ бошад. Аммо маҳорат ва малака дар ҷойи холӣ ҳосил намегардад. Барои арзёбии сифати матн ва барои такмил додани он донишҳои муайяни назариявӣ ва методологӣ лозим аст, ки ба қоидаҳои умумии забон, меъёрҳои услубӣ, қонунҳои мантиқ, тавсияҳо оид ба устухонбандии матн ва баъзе қоидаю қонуниятҳои дигар иртибот доранд.

Истилоҳи «таҳрир» калимаи арабӣ буда [11, с.356], (дар лотинӣ – redactus, русӣ – редактирование – ба тартиб даровардан) дар забони муосири тоҷикӣ дорои чунин маъноҳои асосӣ аст: тафтиш ва ислоҳи ҳама гуна матн, коркарди ниҳоии он (таҳрири матн); масъули нашри чизе (таҳрир ва нашри рӯзнома); ифодаи дақиқи шифоҳӣ, таҳияи ҳама гуна андеша, консепсия (таҳрири лоиҳаи қарор). Таҳрири адабӣ ҷараёни коркарди дастхат буда, дар се марҳила сурат мегирад: таҳлили интиқодии матн; баҳогузорӣ ба матн; ислоҳи дастнавис.

Муҳаррири адабӣ қабл аз ҳама ҷиҳатҳоеро, ки қобили таҳлил ва арзёбии дастнависанд, ба назар гирад. Таҳлил ва арзёбии матн чӣ маъно дорад? Кадом ҷанбаҳои дастнавис аз ҳама муҳиманд ва бояд баҳогузорӣ шаванд? Ҳангоми баҳогузории умумӣ ҷиҳатҳои зерини дастнавис бояд ба назар гирифта шаванд: мавзӯъ, таҳияи мавзӯъ, таҳияи адабӣ (услубӣ)-и дастнавис. Муҳаррир интихоби мавзӯи дастнависро аз ҷониби муаллиф таҳлил мекунад: Оё дар айни ҳол он муҳим аст, барои хонанда ҷолиб аст ё не? Аммо танҳо интихоби мавзӯи мувофиқ кифоя нест. Муқаррар кардан лозим аст, ки оё мавзӯъ дуруст таҳия шудааст, ба ибораи дигар, то кадом андоза мақсади гузоштаи муаллиф дуруст аст, то кадом андоза мавзӯъ амиқ баррасӣ гардидааст. Оё далелҳои дар дастнавис овардашуда боэътимоданд, оё далелҳо боварибахшанд? Ҳолатҳое ҳастанд, ки мавзӯи ҷолиби актуалӣ беэътиноёна, сатҳӣ таҳия карда мешавад, маълумот ва усулҳои кӯҳна истифода мешаванд, тафсилоти нолозим дода мешавад ва ғайра. Пас аз ба итмом расонидани таҳлил ва арзёбии мундариҷаи асар, муҳаррир муайян мекунад, ки дастнавис аз нигоҳи забон ва услуб то чӣ

андоза барои чоп омода шудааст. Ба ибораи дигар, муқаррар мекунад, ки оё муаллиф аз меъёрҳои забон сарфи назар кардааст ва ё дар матн ғалатҳои услубӣ ҷой доранд. Баъзан чунин ҳам мешавад, ки мавзуи мувофиқ ва хуб таҳиягардида аз нигоҳи забон ва услуб нуқсон дорад. Дар ин сурат ба кӯмаки муаллиф муҳаррири адабӣ меояд.

Меъёрҳои арзёбии матн кадомҳоянд? Он бояд аз кадом нуқтаи назар таҳлил карда шавад? Таҳлил, арзёбӣ ва сипас ислоҳи дастнавис бо назардошти якчанд ҷанба – ғоявӣ, илмӣ (воқеӣ, мантиқӣ, маъноӣ), ахлоқӣ ва адабӣ-забонӣ (услубӣ) сурат мегирад. Арзёбии ***ҷанбаи ғоявӣ ё идеологии*** дастнавис баҳогузорӣ аз нигоҳи вазифаҳое мебошад, ки дар марҳилаи кунунии рушд дар назди ҷомеа гузошта шудааст. Арзёбии ***ҷанбаи илмии*** дастнавис арзёбӣ аз нуқтаи назари эътимоднокии мавод, табиати илмии муносибати муаллиф ба тафсири он мебошад. Арзёбии ***ҷанбаи этикии*** дастнавис арзёбӣ аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии дар ҷомеа пазируфташуда мебошад. Арзёбии ***ҷанбаи адабӣ ва забонии*** дастнавис баҳогузорӣ аз нуқтаи назари шакли баёни мундарича, аз нуқтаи назари риояи меъёрҳои забони адабӣ ва услубӣ мебошад. Дар айни замон муҳаррир бояд ба он эътибор диҳад, ки фикр ба хонандагон дар шакли таҳрифнашуда рафта расад, ба қадри кофӣ дуруст ифода ёбад, то ки матни интишоргардида ба ҳадди имкон ба хонандагон таъсир расонад ва ба ҳадафи гузошташуда бирасад. Дар амал ин ҷанбаҳои кор бо дастнавис бо ҳам зич алоқаманданд. Маъмулан, ин корро як корманди адабӣ ичро менамояд. Таҳрир аз ягонагии шакл ва мундаричаи ягон асар ба даст меояд. Таҳрири адабӣ раванди ягонаест, ки тамоми ҷанбаҳои корро бо матн, аз баҳогузории мавзӯъ сар карда, то таҳия ва ороиши он фаро мегирад) ва ҷанбаҳои ғоявӣ, илмӣ, ахлоқӣ, адабӣ ва забониро дар бар мегирад.

Таҳрири матн на танҳо дониши хуби забони адабӣ, балки малакаҳои муайяни амалиро талаб мекунад, ки дар асоси методикаи кор бо дастнавис роҳандозӣ мегардад. Омӯзиши ин методика мавзӯи асосии курси "Таҳрири адабӣ"-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, вазифаи курси мазкур аз он иборат аст, ки дар журналистони оянда қобилияти ба даст овардани мувофиқати бештари байни мундарича ва шакл, такмил додани сохтори композитсионӣ, возеҳии мантиқӣ ва таҳрири дақиқи услубии асар ташаккул дода шавад.

Дар таҳрири адабӣ се намуди хониши матн аз ҷониби муҳаррир мавҷуд аст: хониши сатҳӣ ё сабук , хониши амиқ, хониши санҷишӣ. Дар мавриди ***хониши сатҳӣ ё сабук*** муҳаррир бояд ба мавзӯъ, ғоя, мундаричаи асар ва шакли пешниҳоди он диққат диҳад. Дар ин маврид муҳаррир матнро дар маҷмӯъ баҳо медиҳад. Ин марҳила дар муддати кӯтоҳ анҷом меёбад. ***Хониши амиқи матн*** марҳилаи асосӣ дар таҳлилу таҳрири матн мебошад. Дар ин марҳила диққати муҳаррир ба дарки ҳар як калима, ҳар як аломати матн равона карда мешавад. Дар ин марҳила ягон ҷузъиёт набояд аз мадди назари редаксия берун монад. Дар раванди хониши амиқ, муҳаррир ба матн баҳои амиқ ва ҳамаҷониба медиҳад, шарҳҳоро таҳия мекунад. Ва танҳо пас аз он ба таҳрири дастнавис оғоз мекунад. Кори муҳаррир дар бобати хониши матн бо ***хониши санҷишӣ ё такрорӣ*** ба анҷом мерасад. Ин навъи хониш азназаргузаронии такрории тамоми матн мебошад. Ё ин хониш интихобӣ аст: муҳаррир ба ин ё он паҳлуи муайяни дастнавис таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, масалан, далелҳо (муҳаррир бори дигар маълумоти рақамӣ, имлои насаб ва ғ.)-ро месанҷад.

Дар ҷараёни таҳрири матн масъалаи дахолати муҳаррир ба матни муаллиф хеле муҳим аст. Дастнависи муаллифро то кадом андоза ислоҳ кардан, тағйир додан мумкин аст? Ҳангоми омодагӣ ба чопи маводи мухталиф, аз ҷумла маводи на чандон дуруст навишташуда, лозим аст, ки равиши андешаи муаллиф, руҳия, услуб ва асолати матлабҳо бетағйир боқӣ монад, то ки фардияти худро нигоҳ доранд. Қоидаи асосии барои муҳаррир бояд муносибати эҳтиёткорона ба дастнависи муаллиф бошад. Ин то андозае ҳудуди дахолатро ба мундаричаи асар муайян мекунад. Ҳангоми таҳрири матн танҳо бо ихтисор ва тағйиру иловаҳои ногузир маҳдуд шудан лозим аст. Таҳрир бояд дақиқ ва беосеб бошад. Аммо инҳо танҳо тавсияҳои умумӣ мебошанд. Ҳудуди дахолати бевоситаи муҳаррир ба дастнавис ва шаклҳои худи таҳрир хеле гуногунанд. Аксар вақт доираи дахолати муҳаррир ба шароити мушаххас, алалхусус, ба навъи адабиёт, жанри асар ва сифати матн вобаста аст. Муносибати инфиродӣ ба дастнависи муаллиф яке аз муҳимтарин принсипҳои муҳаррири адабӣ мебошад.

Вобаста ба андозаи дахолати муҳаррир ба матн ва андозаи тағйироти ба матн воридкардашуда чор намуди таҳрир фарқ карда мешавад: таҳрир бо ислоҳи матн; таҳрир

бо ихтисори матн; таҳрир бо ислоҳи ҳамаҷонибаи матн; таҳрир ва ба куллӣ тағйир додани матн аз лиҳози устухонбандӣ.

***Таҳрир бо ислоҳи матн*** ду навъ мешавад: яке ислоҳи матн аз ҷониби мусаҳҳеҳ, ки бевосита пеш аз ба чоп супоридани матн анҷом дода мешавад ва дигар, ислоҳи матн ҳамчун навъи мустақили кори муҳаррир. Мақсадҳои ислоҳи мусаҳҳеҳ ва ислоҳи муҳаррир низ гуногун мебошанд. Мусаҳҳеҳ матнро бо нусхаи аслӣ муқоиса карда, ислоҳи заруриро ворид менамояд, ки матн ба манбаи мӯътамадтарин комилан мувофиқат кунад. Мусаҳҳеҳ ғалатҳои роҳёфтаро ислоҳ мекунад, нишонаҳо ва ихтисорҳоро ба ҳам меорад. Ҳадафи ислоҳи муҳаррир дигар аст: Муҳаррир матнро пурра хонда, бояд ғалатҳои ислоҳнашудаи семантикӣ, устухонбандӣ, гуфторӣ, услубиро муайян кунад; ба имлои номҳои ҷуғрофӣ ва дигар номҳои хос, дурустии рақамҳо, санаҳо, иқтибосҳо, воҳидҳои ченак эътибор диҳад; мутобиқати сарлавҳаро бо матн, мувофиқати тасвирҳо ва навиштаҷоти онҳоро санҷад.

Дар ***таҳрир бо ихтисори матн*** вазифаи асосии муҳаррир бидуни зарар ба мундарича кӯтоҳ кардани матн аст, ки бо сабабҳои зерин ба вуҷуд омада метавонад: зарурати нигоҳ доштани ҳаҷми додашуда – миқдори муайяни сатрҳо, ҳаҷми саҳифаҳои чопӣ. Таҳрир бо ихтисори матн, махсусан, ҳангоми нашри луғатҳо васеъ истифода мешавад. Дар ин ҳолат истинодҳои мухталиф, ихтисораҳои номҳо, истилоҳҳо ва калимаҳои гуногуни тафсирӣ истифода мешаванд. Ин навъи таҳрир ҳангоми нашри асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, илмӣ-оммавӣ дар робита бо дархостҳои гурӯҳи муайяни хонандагон (масалан, дар нашрияҳо барои кӯдакон, барои донишҷӯёни ғоибхон ва ғ.) истифода мешавад. Зарур аст, ки ин асар барои ин ё он категорияи хонандагон фаҳмо бошад. Таҳрир бо ихтисори матн ҳангоми нашри маҷмӯаҳо ва хрестоматияҳо низ татбиқ карда мешавад, зеро дар онҳо на тамоми асар, балки танҳо қисмҳои он (бобҳо, фаслҳо)-е ҷой дода мешаванд, ки аз нигоҳи мураттибон барои хонанда нисбатан муҳим, зарурӣ ё ҷолиб мебошанд. Дар ин навъи таҳрир камбудиҳои матн ба мисли дарозӣ, такрор, пургӯйӣ бо ҷузъиёти нолозим ва мисолҳои якхела бартараф карда мешавад. Дар ин ҳолат ихтисор шарти зарурии баланд бардоштани сифати асар аст: муҳаррир, дарозиҳоро аз байн бурда, устухонбандии асарро ҷиддитар ва возеҳтар менамояд, ки барои ифшои беҳтари мавзуъ мусоидат мекунад.

***Таҳрир бо ихтисори матн*** дар муқоиса бо таҳрир бо ислоҳи матн, дахолати бевоситаи муҳаррир ба матн аст. Аз ин рӯ, муҳаррир бояд хусусиятҳои сохтори маъноӣ ва синтаксисии онро ба назар гирад. Намудҳои гуногуни таҳрир бо ихтисори матн мавҷуданд: ҳазф (ихтисори қисматҳои матн) ва коҳиш (ихтисороти дохилиматнӣ). Ҳангоми ҳазфи матн муҳаррир дастнависро кӯтоҳ мекунад, то тамоми пораҳои матнро, ки пайвандҳои муайяни маъноиро ифода мекунанд, хориҷ кунад. Одатан, намунаҳои якхела, далелҳои ҳамон як силсилаи маъноӣ, тафсилоти нолозим ҳазф карда мешаванд. Дар ин намуди таҳрир, муҳаррир бояд "пайвандиҳо" -и байни қисмҳои боқимондаи матнро санҷад: онҳо барои ноил шудан ба ҳамбастагии матн заруранд. Ғайр аз ин, ба назар гирифтан лозим аст, ки лаҳзаҳо ва далелҳои ҳангоми таҳрир ҳазфшуда дар қисматҳои минбаъда дар ягон ҷо зикр нашаванд. Агар дар байни бандҳои маъноии матн робитаи зич вуҷуд дошта бошад, ихтисори қисматҳо (бо ҳазфи оддӣ) ғайриимкон аст. Дар ин ҳолат ба таҳрири дохилиматнӣ рӯ оварда мешавад (бо роҳи коҳиши матн, ивази конструксияҳои нисбатан тӯлонии синтаксисиро бо конструксияҳои нисбатан мухтасар). Ин навъи ихтисор дар асл ислоҳи ҳамаҷонибаи матн аст.

***Таҳрир бо ислоҳи ҳамаҷонибаи матн*** навъи маъмултарини таҳрир аст. Корманди адабӣ калимаву ибораҳои номувофиқро иваз карда, дақиқии тарҳи ифодаҳо ва сохтори мантиқии асарро таъмин менамояд, ҳама чизеро, ки номуайяниро ба вуҷуд меорад ва ба таъсири комили асар ба хонанда халал мерасонад, аз байн мебарад. Аммо муҳаррир бояд вижагиҳои услуб ва услуби муаллифронигоҳ дорад. Ҳама ислоҳоте, ки муҳаррир ба матн ворид кардааст, бояд мантиқан ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад. Вазифаи таҳрир бо ислоҳи ҳамаҷонибаи матн омодагӣ ба чопи нусхаи ниҳоии матн мебошад, ки натиҷаи таҳлили муаллифро ба назар мегирад.

***Таҳрир ва ба куллӣ тағйир додани матн аз лиҳози устухонбандӣ*** дар ҳолатҳое истифода бурда мешавад, ки муҳаррир дар болои дастнависи муаллифоне кор мекунад, ки забони адабиро хуб намедонанд. Ҳадафи ин навъи таҳрир эҷоди варианти нави матн дар асоси маводи пешниҳодкардаи муаллиф мебошад. Дар асоси далелҳои пешниҳодшуда муҳаррир андешаи муаллифро ба шакли адабӣ медарорад. Одатан, ин намуди таҳрир ҳангоми нашри

адабиёти ёддоштӣ, инчунин мақолаҳои мутахассисони ин ё он соҳаи технология ва истеҳсолот истифода мешавад.

Чунин навъи таҳрири куллӣ низ вуҷуд дорад, ки корманди адабӣ аслан танҳо ҳикояти муаллифро навишта мегирад. Дар ин ҳолат, муҳаррир ҳаммуаллиф мешавад, маводро дарк карда, дар баъзе мавридҳо онро бо мушоҳидаҳо ва таҳқиқоти бойгонии худ пурра мекунад. Аммо дар ин ҳолат ҳам махсусияти услуб ва фардияти нотакрори муаллифро ошкор кардан ва нигоҳ доштан лозим аст. Бояд қайд кард, ки аслан ҷудо кардани намудҳои таҳрир шартӣ аст. Муҳаррир бояд намудҳо ва усулҳои гуногуни таҳрирро моҳирона омезиш дода тавонад.

Матни барои ВАО пешбинишуда бояд аз ҷониби адресат (хонанда, шунаванда, бинанда) бидуни тафсир дарк карда шавад. Муаллиф бояд кӯшиш кунад, ки дар дастнавис таҳрифи маъно набошад, яъне ягон ғалати маъноӣ вуҷуд надошта бошад.

***Ғалатҳои семантикӣ*** аксар вақт бо ғалатҳои мантиқӣ як чиз дониста мешаванд, ки комилан нодуруст аст. Ғалатҳои мантиқӣ боиси вайрон шудани маъно гашта, баъзан ҳатто аз ҳадди эътидол мегузаранд. Ғалатҳои мантиқӣ ва ғалатҳои маъноӣ, бешубҳа, ба ҳам алоқаманданд. Аммо ғалатҳои маъноӣ на ҳамеша бо ғалатҳои мантиқӣ мутаносибанд. Ғалатҳои маъноӣ ё семантикӣ як силсилаи калонро ташкил медиҳанд, ки на танҳо аз ғалатҳои мантиқӣ, балки аз навъҳои дигари ғалатҳо, аз ҷумла ғалатҳои луғавӣ, фразеологӣ, морфологӣ, калимасозӣ, синтаксисӣ низ ба вуҷуд омада метавонанд. Ғалатҳои маъноӣ ё семантикӣ дар муқоиса бо намудҳои дигари ғалатҳо дар сатҳи дигар қарор доранд. Ба ибораи дигар, ғалатҳои маъноӣ ғалатҳои дутарафа ё духӯра мебошанд. Ғалатҳои маъноӣ ҳамеша натиҷаи ғалатҳои дигар мебошанд. Сабабҳои асосии ғалатҳои маъноӣ инҳоянд:

***Ғалатҳои мантиқӣ*** – вайрон кардани мантиқи баён, дар шарҳу эзоҳ фурӯгузор кардани ягон пайванди он: *Вай бо чашмони пур аз ашки шодӣ ба ӯ гуфт, ки модараш дар рӯзҳои аввали ҷанг ҳалок шудааст ва ҳарду гӯшҳои бародараш кар шудааст* (дар ифодаи мазкур пайвандҳои зарурии иттилоот партофта шудаанд): *Вақте ки онҳо вохӯрданд, аз хурсандӣ дар чашмони вай ашк ҳалқа зад … Сипас, ҳангоми сӯҳбати онҳо, вай ба ӯ хабари гамангезро дар бораи наздиконаш гуфт, ки модараш дар худи рӯзҳои аввали ҷанг ҳалок шудааст ва ҳарду гӯшҳои бародараш кар шудааст*).

**Ғалатҳои луғавӣ.** Моддаҳои Қонуни асосӣ дахлнопазирии шахс, манзил, *маҳрамияти мукотибот,* ва гуфтугӯҳои телефониро замонат дода, *сензура ва таъқиб барои танқидро* манъ мекунад ва ҳуқуқи муттаҳид шудан ва *мушорикат* дар сиёсат ва ҳуқуқи бисёри дигарро таъмин менамо*яд*.

Моддаҳои Қонуни асосӣ дахлнопазирии шахс, манзил, *махфияти* мукотибот ва гуфтугӯҳои телефониро замонат дода, *сензура ва таъқибро барои танқид* манъ мекунад ва ҳуқуқи муттаҳид шудан, шарикии сиёсӣ бисёр ҳуқуқҳои дигарро таъмин менамо*янд.*

**Ғалатҳои луғавӣ-фразеологӣ.** Сабабҳои истеъмоли ғалати фразеологизмҳо:

а) дар воҳидҳои фразеологӣ мафҳумҳои ҷудогона на ба воситаи як калима, балки ба воситаи ибора, ҳатто бо ёрии ҷумла ифода меёбад. Ибора ва ҷумла аз якчанд калимаҳои алоқаманд сохта мешаванд, яъне воҳидҳои фразеологӣ таркиб ва сохти мураккаб доранд, бинобар ин нисбат ба калимаи ҷудогона яклухт дар хотир нигоҳ доштани ибора ва ҷумлаҳои рехта мушкилтар аст.

б) дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ калимаҳо қимати семантикиашонро ба тамом ё қисман аз даст додаанд ва мафҳуми воҳиди фразеологӣ аз маҷмӯи ибора ё ҷумла бармеояд. Азбаски воҳидҳои фразеологӣ дар гузашта ба вуҷуд омада, баъзе унсурҳои луғавии кӯҳнашударо дар бар мегиранд, ки маънои онҳо ба намояндагони забони тоҷикӣ маълум нест, дар хотир нигоҳ доштани чунин калимаҳо ҳам мушкил мегардад.

Масалан, дар ифодаи маънои кӯҳнагӣ воҳиди фразеологии *Аз Дақюнус монда* кор фармуда мешавад ё *ситораи касе гарм, ё ситораи касе хунук, ё ситораи касе ба касе рост наомадан* аз тасаввуроти олимони нуҷумшинос ба миён омадаанд.

в) ба ҳам омезиш додани ибораҳою ҷумлаҳои рехтаи ба ҳамдигар наздик**.**

Ин ҳодисаро дар забоншиносӣ *контаминатция* меноманд.

Ғалат: *Мушт ба гиребон шудан. Дасту хекиртак шудан.*

Маҳз дар натиҷаи омезиш ёфтани ҷузъҳои фразеологизимҳо ба вуҷуд омадаанд.

г) бемавқеъ кор фармудани ВФ**: –** Ба ин андеша чӣ хел *даст заданатон*ро ёд доред?

***Ғалатҳои морфологӣ***

а) истифодаи нодурусти ҷонишинҳо:

Санъаткорон дар назди коргарони завод ҳунарнамоӣ карданд. *Онҳо аз вохӯрӣ қаноатманд буданд* (онҳо *санъаткорон* ҳастанд ё *коргарон*?);

б) Нуқсони пасоянди -ро

Тоҷикистон ҷабру зулм *ба занро* ҷиноят эълон мекунад.

Тоҷикистон *ҷабру зулмро дар муносибат ба зан* ҷиноят эълон мекунад.

Путин *иваз шудани қудрат ба Афгонистонро* мусбат номид (17.09.21).

Путин *иваз шудани қудратро барои Афгонистон* мусбат номид.

Ҷабҳаи муқовимат аз Душанбе хост, *вохӯрии онҳо бо Толибонро* тезонад (6.10.21 Тоҷ-хабар).

Ҷабҳаи муқовимат аз Душанбе хост, *вохӯрии онҳоро бо Толибон* тезонад.

*Қарори ҳукумат дар ин бора зери имзои Эмомалӣ Раҳмонро* дафтари матбуоти раисҷумҳури Тоҷикистон нашр кардааст.

*Қарори ҳукуматро дар ин бора зери имзои Эмомалӣ Раҳмон* дафтари матбуоти раисҷумҳури Тоҷикистон нашр кардааст.

Ҳамкорам Мирзонабии Холиқзод *фоҷеаи табиӣ дар ин кишвари воқеъ дар Осиёи Ҷанубиро* хулоса мекунад.

Ҳамкорам Мирзонабии Холиқзод *фоҷеаи табииро дар ин кишвари воқеъ дар Осиёи Ҷанубӣ* хулоса мекунад.

Русия *фиристодани силоҳ ба Ҷабҳаи муқовимат зери раҳбарии Аҳмади Масъудро* рад кард (Азия плюс)

Русия *фиристодани силоҳро ба Ҷабҳаи муқовимат зери раҳбарии Аҳмади Масъуд* рад кард.

в) Ғалати таркиббандии феъл: Мегуфт, ки биноиаш тадриҷан *дорад заиф мешавад* ва айнак ҳам дигар мушкилкушо нест. Дасташро гирифтаму баланд шуд ва мо бо шодии тавъам ва бо шигифти ба гоми устод нигоҳ мекардем, ки бидуни асо *дошт роҳ мерафт* (“Миллат”, 29.03.2007);

Ҳар куҷо ба ягон байт ё шеъри беҳтарин вохӯрам, онро *навишта мекунам* (“Тоҷикистон”, 14.09.2016);

Бишкек онро иншооти стратегии худ медонад, вале Душанбе ҳақ доштани худро ба он *таъкид меварзад*. *Тарзи дуруст:* Бишкек онро иншооти стратегии худ медонад, вале Душанбе ҳақ доштани худро ба он *таъкид мекунад*.

Ҳелловин аслан иди англисҳост, ки аз асри 9 то инҷониб таҷлил мешавад, ҳарчанд дар тӯли асрҳо расму анъанаҳои ин ид такмил ёфта, *тағйир хӯрдаанд.* Ҳелловин аслан иди англисҳост, ки аз асри 9 то инҷониб таҷлил мешавад, ҳарчанд дар тӯли асрҳо расму анъанаҳои ин ид такмил ёфта, *тағйир ёфтаанд.*

Дар Непал дар натиҷаи обхезиву кӯчиши хок дастикам 101 нафар кушта ва даҳҳо нафар бенишон шудаанд. Дар Непал дар натиҷаи обхезиву кӯчиши хок тақрибан 101 нафар *ҳалок гардида,* даҳҳо нафар бенишон шудаанд.

Моҳи гузашта тумани ғафс як муддат ба қабулу гусели ҳавопаймоҳо дар майдони ҳавоии Душанбе низ халал эҷод кард.

***Ғалатҳои синтаксисӣ***

а) як навъи ғалати ҷумлаи мураккаби тобеъ:

...бештарини мардоне, ки ба тиҷорат машғуланд ва ё дар ҷое кор мекунанд, кӯдаконашон дар боғча тарбият мегиранд // ...кӯдакони бештарини мардоне, ки...;

б) сохти нодурусти ҷумла бо истифодаи сифати феълӣ

*Аз мактаб омада, сагчаам маро хушҳолона пешвоз мегирад* (кӣ аз мактаб меояд - ман ё сагчаам? Дар ин ҷо қоидаи субъект вайрон карда мешавад, ки мувофиқи он амале, ки бо феъли предикат ифода ёфтааст, амали сифати феълӣ бояд танҳо ба як субъект ишора кунад. Дар ин ҷо бошад, ду субъекти гуногун ду амали гуногунро иҷро мекунанд, бинобар ин сифати феълиро истифода бурдан мумкин нест). Лозим аст: *Вақте ки ман аз мактаб бармегардам, сагчаам маро хурсандона пешвоз мегирад*;

в) сохти нодурусти ҷумлаҳои чидааъзо:

*Сокинон бартарафсозии камбудиҳо ва таъмирро талаб карданд (*дар ин ҷумла калимаи тобеъкунандаро ба ҳама аъзои чида баробар равона кардан мумкин аст: бартарафсозии камбудӣ ва бартарафсозии таъмир. Дар ин ҷумла тартиби калимаҳоро тағйир додан лозим аст: *Сокинон таъмир ва бартараф кардани мушкилотро талаб карданд*;

г) сохти нодурусти ҷумлаҳо бо пешвандҳои *ба гайр аз, гайр аз*:

*Ба гайр аз хӯроки нисфирӯзӣ ва шом ба мусофирони ҳавопаймо филмҳои бадеӣ низ намоиш дода мешаванд* (бояд дар хотир дошт, ки чунин ҷумлаҳо бо ҷумлаҳои чидааъзо низ муродифанд. Дар сурати бо муродиф иваз кардани ин гуна ифодаҳо ғалатро ба осонӣ ошкор кардан мумкин аст: *Ба мусофирони ҳавопаймо хӯроки нисфирӯзӣ, хӯроки шом ва филмҳои бадеӣ намоиш дода мешаванд.* Дар ин маврид ба ҷойи феъли *«намоиш додан»* феъли дигареро истифода бурдан лозим аст, ки ҳамаи аъзоҳои чидаи ҷумла ба он мувофиқат кунанд, масалан: *Ба мусофирони ҳавопаймо хӯроки нисфирӯзӣ, хӯроки шом ва филмҳои бадеӣ пешниҳод карда мешаванд.*

д) ҷумлабандӣ дар қолаби русӣ: Аз ҳар ниҳод *метавонад* ин гуна одамон бордошт шаванд; Ҳамон вақт мешавад аз тағйирот ҳарф зад, ки чанд вазир бо ҷонишинонаш бордошт шаванд; Ҳатто бордошти як вазир ҳам *наметавонад* сенсатсия бошад, чун дар кишварҳои фасодзада ин кор метавонад фармоишӣ бошад.

Дар ҷараёни таҳрири матн устухонбандӣ ё композитсияи дастнавис аҳамияти хос дорад. ***Композитсия*** *(аз composition-и лотинӣ - тартиб додан, пайвастан, таҳия кардан, танзим намудан)* сохтори асари адабӣ, тартиби қисматҳо ва алоқамандии онҳо мебошад, ки бо матлабу мақсади муаллиф, ҳадаф ва мундариҷаи асар, ҳаҷм ва навъи матн муайян карда мешавад. Композитсия бунёди асар мебошад. Таҳрири композитсия унсури зарурии таҳрири дастнависҳост. Тавре ки муҳаррирони ботаҷриба тасдиқ менамоянд, ин «марҳилаи аввал ва марҳилаи хеле муҳим дар нашри дастнавис аст. Аввал бояд боварӣ ҳосил кард, ки чиз сохта шудааст, бино устувор аст ва дар пояи мустаҳкам истодааст ва танҳо баъд ба ҷузъиёти алоҳида, ба суфтакунӣ ва такмили забону услуб гузаштан лозим аст" (9: 27).

Усули собитшудаи арзёбии композитсияи матни журналистӣ аз ҷониби муҳаррир таҳлили нақшаи он мебошад. Кори муҳаррир бо композиция, бо нақшаи дастнавис ду марҳаларо дар бар мегирад:

1. таҳияи нақшаи дастнависи пешниҳодшуда;
2. тартиб додани нақша бо назардошти тағйироти композитсионии аз ҷониби муҳаррир пешниҳодшуда.

Муҳаррир ҳангоми тартиб додани варианти якуми нақша гӯё аз пайи муаллиф ҳаракат карда, ҷараёни фикри муаллифро пайгирӣ мекунад. Аммо, сарфи назар аз он ки дастнавис тибқи нақша ё бе нақша навишта шудааст, муҳаррир бояд нақшаи дастнависи ба ӯ пешниҳодшударо тартиб диҳад, то дар бораи он ки матн чӣ гуна сохта шудааст ва ба кадом тағйироти композитсионӣ зарурат дорад, тасаввурот пайдо намояд.

**Ғалатҳои маъмулӣ дар сохтори асар**

**1. Номутаносибии қисмҳои матн.** Ба масъалаи мутаносиб будани қисмҳои алоҳидаи асар танҳо аз нуқтаи назари меъёри миқдорӣ баҳо додан лозим нест. Мутаносибии қисмҳо ба ҳеҷ ваҷҳ баробар кардани ҳаҷми бобҳо ва параграфҳо нест. Ҳаҷми қисмҳои алоҳида аз рӯйи мундариҷа муайян карда мешавад. Бо тафсилоти номатлуб, сюжетҳои дуюмдараҷа, эпизодҳо, такрорҳои беасос вазнин кардани бори матн. Дар натиҷа муаллиф аз идеяи асосӣ дур мешавад. Ҳар як қисми минбаъдаи композиция бояд дар инкишофи сюжет инкишофи фикр мусоидат карда, хонандаро ба хулоса наздик намояд. Тафсилоти аз ҳад зиёд суръати нақли сюжетро суст намуда, диққатро парешон мекунад. Фурӯгузор шудани ягон қисми матн, ки сабаби ба пуррагӣ ошкор нашудани мавзӯъ мегардад.

**Вайрон кардани пайдарҳамии пешниҳоди маълумот.** Набудани гузариши мантиқӣ аз як қисми матн ба қисми дигар, аз як мавзӯъ ба мавзӯи дигар. Таваҷҷӯҳи махсуси муҳаррирро пайвандҳои байни қисмҳои алоҳидаи матн талаб мекунанд. Пайвандҳои шаклӣ, аз қабили «дар натиҷа», «ба андешаи мо», «назар ба маълумоти…» барои матнҳои публитсистӣ, адабиёти илмӣ ва илмӣ-оммавӣ табииянд. Норавшании чаҳорчӯбаи композитсия (сарлавҳаи номувофиқ, ибтидо, анҷом).

**Рубрикатсия ва ҷудо кардани абзатс дар матн.** Ҳангоми кори муҳаррири адабӣ бо композитсия диққати махсусро рубрикатсия ва ҷудо кардани абзатсҳо талаб мекунад. Рубрикатсия тақсимоти матн ба қисмҳои таркибӣ, ҷудокунии графикии як қисм аз қисми дигар, инчунин истифодаи зерсарлавҳаҳо, рақамгузорӣ, параграфҳо ва ғайра мебошад. Рубрикатсияро ҳамчун як намуди амалиёти фикрӣ баррасӣ кардан мумкин аст, ки тақсимоти мантиқӣ номида мешавад. Мантиқ қоидаҳоеро муқаррар мекунад, ки тақсимот ва таснифоти мафҳумҳо бояд ба онҳо мувофиқат кунад. Дар тамоми раванди тақсимот як

асос бояд ба таври қатъӣ риоя карда шавад. Тақсимоти мантиқӣ бояд мутаносиб бошад, яъне ҷамъи ҳаҷми қисми тақсимшуда бояд бо ҳаҷми мафҳуми тақсимшаванда мувофиқат кунад.

**Ҳадафи маводи воқеӣ дар матн.** Шарти муҳими коркарди амиқи мавзӯъ интихоби мулоҳизакорона ва истифодаи маводи воқеии муаллиф мебошад, ки ба ҳадафи дастнавис мувофиқат мекунад.

**Вазифаи муҳаррир ҳангоми тафтиши маводи воқеӣ аз инҳо иборат аст:** сифати маводи воқеиро муайян кардан, яъне муайян кардан лозим аст, ки оё фактҳои пешниҳодшуда дурустанд; оё онҳо барои ин падида хосанд; асосӣ ва ё дуюмдараҷаанд; оё муаллиф дар асоси мисолҳои тасодуфӣ хулоса бароварда, чизи асосиро аз даст намедиҳад; дурустии фактҳои нишон додашударо муқаррар кардан.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Абрамович А.В., Практикум по литературному редактированию / А.В. Абрамович, Э.А. Лазаревич. - М., 1974. – 432 с.
2. Базанова, А.Е. Литературное редактирование. Часть 1 / А.Е. Базанова. – М.: Издательство Российского Университета дружбы народов, 2017. – 108 с.
3. Бельчиков, И.Ф. Основы технического редактирования советской книги / И.Ф. Бельчиков. – М.: Искусство; Издание 2-е, испр. и перераб., 2016. – 239 с.
4. Былинский, К.И. Литературное редактирование / К.И. Былинский, Д.Э.Розенталь. - М.: Искусство, 2014. – 340 с.
5. Голуб, И.Б. Литературное редактирование / И.Б. Голуб. – М.: Логос, 2017. – 434 с.
6. Курдюкова, Л.А. Литературное редактирование для PR-специалистов / Л.А. Курдюкова. - М.: Де-По, 2014. - 216 с.
7. Мильчин А.Э. Методика редактирования текста / А.Э. Мильчин. - М., 1980. – 320 с.
8. Накорякова К.М. Литературное редактирование / К.М. Накорякова. – М.: Издательство ИКАР, 2004. – 432 с.
9. Рождественская К. За круглым столом. Записки редактора / К.Рождественская. – М., 1962. – 240 с.
10. Сенкевич М.П. Практическая стилистика русского языка и литературное редактирование. Сборник упражнений. – 2-е изд. испр. и доп. / М.П. Сенкевич. – М., 1980.
11. Сикорский Н.М. Теория и практика редактирования / Н.М. Сикорский. - М., 1980. – 328 с.
12. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ. II. – 949 с.


## УСУЛҲОИ АМАЛИИ ТАҲЛИЛ ВА ТАҲРИРИ МАТН


Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои асосии таҳрири адабӣ ҳамчун фанни амалӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф доир ба таҳрири адабӣ ҳамчун раванди ягона муҳокимаронӣ намуда, таъкид мекунад, ки таҳрири адабии матн, сарфи назар аз он ки ба кадом услуб ва жанр тааллуқ дорад, пеш аз ҳама, як намуди фаъолияти амалист. Дар назди муҳаррир вазифа гузошта мешавад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва нуқсонҳои матни пешниҳодшударо арзёбӣ кунад ва ба он ислоҳи зарурӣ ворид намояд. Барои ин корманди адабӣ бояд дорои малака ва таҷрибаи зарурӣ бошад. Аммо маҳорат ва малака дар ҷойи холӣ ҳосил намегардад. Барои арзёбии сифати матн ва барои такмил додани он донишҳои муайяни назариявӣ ва методологӣ лозим аст, ки ба қоидаҳои умумии забон, меъёрҳои услубӣ, қонунҳои мантиқ, тавсияҳо оид ба устухонбандии матн ва баъзе қоидаю қонуниятҳои дигар иртибот доранд. Муаллиф бо мисолҳои мушаххас ғалатҳои маъноию мантиқиеро, ки дар матн дучор шуда метавонанд, ҳамчунин роҳу усулҳои бартараф намудани онҳоро баррасӣ мекунад. Дар айни замон ӯ таъкид менамояд, ки муҳаррир бояд ба он эътибор диҳад, ки фикр ба хонандагон дар шакли таҳрифнашуда рафта расад, ба қадри кофӣ дуруст ифода ёбад, то ки матни интишоргардида ба ҳадди имкон ба хонандагон таъсир расонад ва ба ҳадафи гузошташуда бирасад.



**Калидвожаҳо:** таҳрир, муҳаррир, матн, дастнавис, мантиқ, услуб, композитсия, рубрикатсия.


## ПРАКТИЧЕСКОЕ МЕТОДЫ АНАЛИЗА И РЕДАКТИРОВАНИЯ ТЕСКТА


В данной статье анализируются основные аспекты литературного редактирования, как практическоой дисциплины. Автор рассматривает литературное редактирование, как единый процесс и подчеркивает, что литературное редактирование текста, независимо от того, к какому стилю и жанру он принадлежит, является прежде всего, видом практической деятельности. Задача редактора оценить положительные и отрицательные стороны предложенного текста и внести в него необходимые исправления. Для этого литературный работник должен иметь необходимые навыки и опыт. Однако, навыки и способности не создаются на пустом месте. Для оценки качества текста и его улучшения необходимы определенные теоретические и методические знания, которые связаны с общими правилами языка, стилистическими нормами, законами логики, рекомендациями по окостенению текста и некоторыми другимиправилами и законами. На конкретных примерах автор рассматривает смысловые и логические ошибки, которые могут встречаться в тексте, а также пути и методы их устранения. При этом он подчеркивает, что редактор должен обращать внимание на то, чтобы мысль доходила до читателей в неискаженном виде, была выражена достаточно правильно, чтобы публикуемый текст максимально воздействовал на читателей и достигал поставленной цели.



**Ключевые слова:** редактирование, редактор, текст, рукопись, логика, стиль, композиция, рубрикация.

**PRACTICAL METHODS FOR TEXT ANALYSIS AND EDITING**

This article analyzes the main aspects of literary editing as a practical discipline. The author considers literary editing as a single process and emphasizes that literary editing of a text, regardless of what style and genre it belongs to, is primarily a type of practical activity. The task of the editor is to evaluate the positive and negative aspects of the proposed text and make the necessary corrections to it. To do this, a literary worker must have the necessary skills and experience. However, skills and abilities are not created in a vacuum. To assess the quality of the text and improve it, certain theoretical and methodological knowledge is required, which is associated with the general rules of the language, stylistic norms, laws of logic, recommendations for ossification of the text, and some other rules and laws. Using specific examples, the author considers the semantic and logical errors that may occur in the text, as well as ways and methods to eliminate them. At the same time, he emphasizes that the editor should pay attention to ensure that the thought reaches the readers in an undistorted form, is expressed correctly enough so that the published text has the maximum impact on readers and achieves its goal.

**Key words:** editing, editor, text, manuscript, logic, style, composition, heading.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-80-93-01**

**Сведения об авторе:** ***Джураева Мушаррафа Рустамовна*** - Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-80-93-01**

**Information about the author:** ***Juraeva Musharrafa Rustamovna*** - Tajik National University, Doctor of Philological Sciences, Professor, Head of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-80-93-01**

УДК: 491.550

# РАВИШИ НИЗОММАНД ДАР БАРРАСИИ ТАРҶУМА

***Сафаров У.Р., Исмонов К.Б., Алҷуҳани Султон***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тарҷума ҳамчун мавзуи таҳқиқу пажуҳиш мавриди таваҷҷуҳи намояндагони риштаҳои мухталифи илм будааст. Омилҳои пуршумори забонӣ ва ғайризабонӣ раванди тарҷума ва ҷанбаҳои гуногуни онро ба мушкилоти пуршуморе рӯбарӯ месозанд. Бо назардошти ин, ба тарҷума метавон аз зовияҳо ва диди илмҳои мухталиф бархӯрд намуд. Соҳаҳое мисли забошиносӣ, маъношиносӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, назарияи иттилоот намунаи риштаҳое аз улуманд, ки метавон зимни таҳқиқи тарҷума аз онҳо истифода намуд. Беҳуда нест, ки бо назардошти чунин вазъияте бархе аз донишмандон бар ин назаранд, ки тарҷумаро наметавон ҳамчун илми мустақил ба шумор овард. Зимни тарҷума метавон аз имконоту зарфиятҳои риштаҳои дигари илм истифода намуд, аммо баид аст, ки тарҷума илми мустақил бошад, зеро шумораи зиёди намудҳо ва анвои тарҷума ба ин имкон намедиҳад.

Аз ҷониби дигар, нақшу мақоми муҳимми иҷтимоии фаъолияти тарҷумонӣ, мубрамияти тарҷума ҳамчун яке аз намудҳои иртиботи каломӣ, ё дақиқтараш иртиботи байнизабонӣ, иртиботу ҳамкориҳои рӯзафзуни байни миллатҳоро, ки шомили забонҳои мухталифанд, гузашта аз ин, дидгоҳҳо ва ақидаҳои назарипардозони амри тарҷума собит месозад, ки тарҷума имкон дорад ба ҳайси илми мустақилу алоҳида шинохта шавад. Ба дигар сухан, омӯзишу баррасии шеваҳои бархӯрд ба мавзӯи тарҷума, заминаҳои пуршумори фаъолияти тарҷумонӣ, ки ба илмҳои гуногун пайванд мехӯрад, моро ба чунин натиҷаи матлуб мерасонад.

Миёни бархӯрдҳо ва шеваҳое, ки ҳангоми омӯзиши тарҷума корбурд доранд, шеваи забоншиносона мавқеи марказиро ишғол мекунад.

Тарҷумашиносӣ дар нимаи аввали қарни бистум ва ҳатто то ибтидои солҳои ҳафтодуми он ба таври комил зери таъсиру нуфузи назариёте буд, ки дар ҳавзаи забоншиносӣ дар перомуни забон ва пажӯҳишҳои забонӣ матраҳ шудаанд.

Ҳарчанд муҳаққиқону назарияпардозони риштаи забоншиносӣ ба таври мустақилона дар атрофи назарияи тарҷума ва масоили пурпечи он мушаххасан ибрози назар нанамудаанд, вале мавзӯъ ва тарҳҳои назарии онҳо баъдҳо сабабгору нуқтаи оғозин дар тағйиру таҳаввули бузурги соҳаи тарҷумашиносӣ гаштааст. Нуфузу таъсири забоншиносиро ба тарҷумашиносӣ метавон аз ду зовия баррасӣ намуд. Аввал ин ки мабоҳиси назарии тарҷума таъсирпазир аз дидгоҳҳо ва назариёте аст, ки аз ҳавзаи назарии забон ё дақиқтараш забоншиносӣ бархостааст. Аз сӯйи дигар ин мабоҳиси назарӣ таҳти нуфузи назарияҳое қарор доранд, ки дар ҳавзаи забошиносии корбурдӣ матраҳ шудаанд. Ногуфта намонад, ки забоншиносии назарӣ дорои шохаҳои зиёде мисли наҳв, маъношиносӣ, нишонашиносӣ, корбурдшиносӣ ва ғайра мебошад. Ҳамаи ин шохаҳо дар бахшҳои назарии тарҷума таъсири амиқе гузоштаанд. Аз ҷониби дигар, як нигоҳи гузаро ба ҳавзаи забоншиносии корбурдӣ нишон медиҳад, ки бахшҳои назарияи тарҷума беҳтарин таъсироти густурдаву ҳамаҷонибаро аз забоншиносии роёнаӣ, забоншиносии матн, равоншиносии матн, равоншиносии забон, касб намудаст.

Дар робита ба мавзӯи мавриди назар набояд аз забоншиносии татбиқӣ сарфи назар намуд, зеро он ба унвони яке дигар аз заминаҳои пажӯҳишии марбут ба забон назариёти чашмрасеро дар атрофи тарҷума ва масоили он фарогир аст. Набояд фаромӯш намуд, ки тарҳу равиши забоншиносона дар баррасиву арзёбии масоили тарҷума вазифаи мустақими забоншиносӣ маҳсуб мешавад. Дар имтидоди замон илмҳои марбут ба таҳқиқи забон марзу қаламрави хешро густаришу басти қобили мулоҳизае дода, ҳамзамон бо таҳқиқи сохтори бисёрсатҳи низоми забонӣ, ба бахшҳои корбурди он, махсусан ба нутқи инсонӣ шароити зуҳуру пазириши он, таваҷҷуҳи махсус мабзул дошта. Танҳо ҷойи таъкид аст, ки ин таҳқиқ танҳо дар бунёдҳои забонӣ анҷом нашудааст, балки дар тарҳу баррасии он аз бахшҳои мухталифи илм кор гирифта шудааст. Ин инкишофу густариш сабабгори он шуда, ки дар

забошиносӣ шохаҳои дигаре, ки зикрашон дар боло рафт ба зуҳур бирасанд. Ба ин тариқ, баррасии забон дар пайванд бо авомилу масоили фарозабоншиносӣ талабу иқтизои тарҷума ҳамчун раванди гуногуни интиқоли маънои матнҳои мабдаъ ба маънои муодили он ба матни мақсад мебошад.

Ба ақидаи донишманди рус Л.С. Бархударов назарияи тарҷума мутааллиқ ба микролингвистика мебошад. Мавсуф чунин шарҳ медиҳад: «Мо бунёди назарияи тарҷумаро бар мабнои забоншиносӣ, бидуни назардошти омилҳои фарозабоншиносӣ, яъне падидаҳое, ки дар сохтори забон мавҷуд нестанд, вале ба таври мустақим ба онҳо муртабитанд, имконпазир намедонем» [1, с.30-31].

Мутарҷим на ба низомҳои забонӣ, балки бо осори каломӣ (матнҳо) сарукор дорад. Аз дидгоҳи Л. С. Бархударов «Ҳар як осори каломӣ вуҷуди маворидиро зеринро ҳамчун шарти ногузири мавҷудияти худ иқтизо дорад: Масъалаи «мавзӯъ» ё хабар. Ба ин маънӣ, ки дар матни мазкур аз чӣ мавзӯе сухан дар миён аст. Дуюм вазъияти муошират, яъне иртиботи забонӣ дар чи фазову маконе амалӣ мегардад. Сеюм ширкаткунандагони фаъолияти каломӣ, ба дигар сухан «фиристанда» (гӯянда ё нависанда) ва «гиранда» (шунаванда ё хонандаи матни мавриди таҳқиқ), ки ҳар яке дорои таҷрубаи муайяни ғайри забоншиносӣ (донишу иттилоот дар бораи воқеияти он аст) ва забоншиносӣ (донистани забон) мебошанд.

Бо назардошти он ки тарҷума дар чаҳорчӯби ду забон сурат мегирад лозим медонем, ки чанд андешаеро дар атрофи мафҳумҳои мабдаъ ва мақсад дар тарҷума баён дорем. Дар сарчашмаҳои марбут ба тарҷума ва тарҷумашиносӣ ба моҳияту аҳамияти байнисоҳавии он диққати зиёде дода мешавад.

Азбаски тарҷумашиносӣ ба вожаҳои илмии мухталифе алоқаманд аст, бинобар ин тарҷума низ чи ба сифати маҳсул ва чи ба унвони фароянд аз ҷиҳатҳои гуногун мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор мегирад. Маҳзи хотири ин, бахши тарҷумашиносӣ шоҳиди шаклгирии назариёти мухталифе аст, ки ҳар яке аз дидгоҳи хосси худ ба шарҳу баёни қисматҳои тарҷума мепардозад. Дар чунин вазъияте аст, ки ҳар яке аз назарияҳои маълуму матраҳшуда наметавонад дар ин ҳавза ба сифати як назарияи тому ҷаҳоншумул шинохта шавад. Ба ақидаи муҳаққиқ Ҷон Делил, «назар ба ин ки ҳеҷ кадом аз рӯйкардҳои нишонашинохтӣ, забоншинохтӣ, ҷомеашинохтии забон муваффақ ба ироаи тавзеҳи ҷомеъе дар фароянди тарҷума нашудаанд, равшан аст, ки назарияи ҳамагонии тарҷума вуҷуд надорад» [1, с.41].

Аз ҷумлаи назарияҳои пешниҳодшуда, ки қобили мулоҳиза аст назарияи ҳадаф мебошад. Ин назария охири асри ХХ вориди фазои корбурдии илм шуд ва бо сабаби бархӯрдорӣ аз истилоҳоти тахассусӣ пояи назарӣ ва формулаи худро ба сифати як назарияи илмӣ дар ҳавзаи тарҷумашиносӣ матраҳ намуд. Тибқи талабу иқтизои ин назарияитарҷума фаъолияти ҳадафманд талаққӣ мешавад, зеро аз як сӯ ба бозофаринии матн барои хонандаи ҷомеаи забонии мақсад меанҷомад ва сабабгори барқарории иртиботу таомул миёни ҷомеаи забони мухталиф мегардад ва аз сӯи дигар дастёбӣ ба мақсуд ҳадафи муайянро, ки дар асл сабабу ангезаи ин фаъолият маҳсуб мешавад, дар пай дорад. Бар мабнои ин назария ҳадаф аз тарҷума асоси як назарияро ташкил медиҳад. Манзур аз ҳадаф тасмими мутарҷим барои ичро намудани амалу фаъолиятест, ки дар қолаби тарҷума намуд меёбад. Ин амал ё мақсади пешниҳоди маълумот дар хусуси мавзӯи хос ва ё ба умеди таъсиргузорӣ бар хонанда дар қолаби барангехтани эҳсосот ва ё аксуламали рафторӣ дар вай анҷом мегирад. Тарҷума ба сифати фаъолият ва амали дорои ҳадафи вижа, замоне амалӣ мегардад, ки бо аксуламали манфии мухотабони худ рӯ ба рӯ нашавад. Маҳзи хотири ин, тарҷума бояд дар мутобиқат ба вижагиҳои забонӣ ва фарҳангии мухотабони худ қарор гирад, зеро дар акси ҳол аз таъсирпазирии лозим дар натиҷаи дастрасӣ ба ҳадаф бархӯрдор нахоҳад буд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҳадафи тарҷума худ ба омилҳои мухталифе, аз ҷумла замону макони мухталиф вобаста аст, дар натиҷа як матн бар асоси мавқеиятҳо мухталиф аз тарҷумаҳои гуногун бархӯрдор хоҳад буд.

Бояд арз дошт, ки аксари мабоҳиси назарӣ, ки дар ҳавзаи тарҷумашиносӣ матраҳ шудаанд, дар воқеъ бардоштҳо ва дидгоҳҳои куллие ҳастанд, ки ба таври умум аз таҷрибаи шахсии мутарҷимон ва мутахассисони тарҷума баромадаанд. Дар ин замина мутарҷимону

мутахассисон бо такя ба андӯхтаҳои худ ва коргирӣ аз додаҳое, ки аз тарҷумаи матнҳои мухталиф ва ё аз тариқи баррасии матнҳои тарҷумашуда касб кардаанд, ба тавсиф ва пешниҳоди таъриф дар хусуси тарҷума, марҳилаҳои мухталифи тарҷума ва низ омилҳои забониву фарозабонии муяссар дар тарҷума, аз ҷумла маворидиматрах дар назарияҳои тарҷумашиносӣ ба шумор мераванд.

Назарҳои тарҷума низ ҳаммонанди назариёти тарҷума аксар такявар бар назариёте ҳастанд, ки дар дигар ҳавзаҳои илмии алоқаманд ба забону тарҷума аз ҷумла забоншиносӣ, адабиёт, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва фалсафа мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон ба ин бояд аз мафҳуми «равиши тарҷума» зикри ном кард. «Равиши тарҷума» аз истилоҳоти тахассусӣ аст, ки дар мабоҳиси назарияи алоқаманд бо тарҷумашиносӣ мавриди баҳсу арзёбии муҳаққиқон қарор гирифтааст. Ҳадафи аслӣ аз равиш ҳамоно шеваи анҷоми кор ё чигунагии иҷрои фаъолияте аст, ки сабабгори натиҷаи амал шудааст.

Ба дигар сухан, равиши тарҷума шеваи умумие ба шумор меравад, ки мутарҷим дар тӯли тарҷумаи як матн ба кор мегирад. Равиши тарҷума гоҳ бо роҳкорҳо ва дастурамалҳое, ки аз сӯйи мутарҷимон барои тарҷумаи як матн тавсия мешаванд, ба як маъно талаққӣ мегарданд, дар ҳоле ки роҳкорҳо ва дастурамалҳои тарҷума бештар ба пешниҳоди мавриди роҳи ҳал дар хусуси мушкилоти марбут ба тарҷума мепардозад, аммо шеваи куллии тарҷумаи матнро таъйин намекунад.

Ба сифати мисол тарҷумаи таҳтуллафзӣ, аз зумраи роҳкорҳое ба шумор меравад, ки дар сурати вуҷуди ҳамсонии сохторӣ байни ҷумлаҳои матни мабдаъ бо ҷумалоти матни мақсад аз сӯи мутарҷимон тавсия мешавад ва мутарҷим ин роҳкорҳоро барои тарҷумаи ҷумалоте аз матни мабдаъ таъмим диҳад, ки фоқиди муодили сохторӣ дар матни мақсад мебошад, анҷоми тарҷума ба мушкилот рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Бештари назарҳо ва назариёти пешниҳодӣ дар бахши тарҷумашиносӣ мабоҳиси зеҳнӣ ҳастанд, аз ин рӯ дарку фаҳми онҳо аз ҷониби мухотабон мушкил аст. Ҳамзамон бо ин бархе аз муҳаққиқон дар таълифоти худ аз шаклҳое таҳти унвони «моделҳои тарҷума» баҳра гирифтаанд. Ҳар яке аз ин моделҳо аз зовияҳои диди худ ба ташреҳу тавсифи тарҷума мепардозанд ва ба-дин тариқ ба дарки беҳтари мабоҳиси назарӣ кумак мекунад. Аз ин рӯ, истилоҳи модели тарҷума ба маънои пешниҳоди модели омму ҷаҳоншумул барои тарҷума намебошад ва дар воқеъ, ҳамон гуна ки дар тарҷумашиносӣ таориф, назарҳо ва назариёти мухталифе дар хусуси тарҷума вуҷуд дорад, барои тавсифи тарҷума низ моделҳои мухталифе мавриди истифода қарор мегирад» [5, с.50].

Бо як калом модели тарҷума шакл ё нақшаи ҳаракат барои анҷоми тарҷума аст. Тарҳи як модел бар асоси ҳарфҳои мухталиф сурату шакл мегирад. Аз ҷумла тавсифи шеваи иртиботи мутарҷим бо тарафайн ва барқарорсозии иртибот, айнӣ сохтани фарояндҳои зеҳнӣ ва асабӣ ба ҳангоми тарҷума, тавсифи марҳилаҳои мухталифи равиши тарҷума.

Баъзе аз моделҳои пешниҳодшуда аз ҷониби муҳаққиқони тарҷума ба унвони омили барқарории иртибот байни гӯяндаву шунаванда таъриф шудааст. Дар чунин ҳолате мутарҷим ҳамчун омили инсонӣ ва ё дастгоҳ воситаи барқарории иртибот байни тарафҳо мегардад. Ин мавзуъ таҳозо мекунад, ки нигоҳе комилтар ба мафҳуми тарҷума андозем.

Ҳамон гуна ки равшан аст, тарҷума фаъолияте аст, ки аз тариқи он як матн аз як забони мабдаъ ба дигар забони мақсад мунтақил мешавад ва дар натиҷаи ин фаъолият имкони дастёбӣ ба муҳтавои як матн, ки дар забон ва фарҳанги дигар нигошта шудааст фароҳам мегардад. Дар ҳоле ки тарҷума ба маънои воқеии худ мафҳуми густуртар ва фаротар аз марзҳои забонӣ дорад.

Бояд гуфт, ки тарҷумашиносӣ дар тӯли таърихи худ таҳти таъсири ҳавзаҳову риштаҳои мухталиф мисли фалсафаву забоншиносӣ, адабиёту фарҳанг қарор гирифтааст. Ин сабаб шуда, ки вобаста ба нигаришу дидгоҳи ҳар риштае нисбат ба тарҷума таърифҳои гуногун дода шудааст.

Аз дидгоҳи бархе аз муҳаққиқони умури тарҷума бознависии мутуни куҳан ба забони соддатару қобили дарк як навъи тарҷума ҳисоб мешавад. Агар мақсад аз тарҷумаро ба таври куллӣ интиқоли афкору андеша ва матлабҳои мавриди назар бидонем, дар ин сурат метавон гуфт, ки офариниши осори ҳунарӣ аз қабили мусиқиву нақшиву муҷассамасозӣ ва ба гунаи умум тамоми фаъолиятҳои инсонӣ, ки сабабгори пайдоиши падидаи нав мегардад, аз ҳайси моҳияти як навъ тарҷума ба ҳисоб меояд. Ба ақидаи Нодир Ҳаққонӣ

«Осори ҳунарӣ тарҷумае аз авотиф эҳсосот ва афкору ба таъбири беҳтар воситае байни замири дарунии ҳунарманд ва мухотабони вай дар муҳити берун ҳастанд. Табъан бидуни ҳалқи осори ҳунарӣ афкор ва тахайюлоти ҳунарманд барои соири афрод малмус ва қобили дарк нестанд» [5, с.54].

Қобили таъкид аст, ки тарҷума сирфан ба фароянде, ки ба мавриду халқи мақулоти малмусу маҳсуси забонӣ анҷом мешавад, итихоз намешавад. Ҳатто дарку фаҳми як чиз ва ба таври куллӣ идрокоту тасаввуроти инсонӣ низ ҳосили фароянди тарҷума аст. «Дар ин росто хондан, навиштан, дидан ва шунидан низ дар зумраи фарояндҳое қарор мегиранд, ки дар хилоли онҳо ба тартиби мактуботи забонӣ, калом, ашё, алойим ва нишонаҳову асвоти мавҷуд дар муҳити хориҷ аз инсон, дар зеҳни инсон тарҷума ва Ба ин тартиб қобили фаҳм мешаванд. Ба ин тартиб, тарҷума фароянди дусӯя байни олами зеҳн ва олами айн аст. Илова бар ин ҳатто дар олами айн низ интиқоли мавзӯъ ва муҳтаво аз як мақула ба мақулаи дигар, ба унвони мисол табдили як асари достонӣ ба филм ё мусиқӣ худ навъе тарҷума ба ҳисоб меояд» [5, с.55].

Агар баҳсу фарзияҳои фалсафӣ ва равоншинохтиро нодида бигирем, дар мабоҳиси забоншиносӣ ҳам тарҷума аз таърифи собиту инсиҷомёфтае барҳӯрдор нест. Далели ин амрро метавон дар заминаҳои гуногун ҷустуҷӯ намуд. Яке сабабҳои гуногун будани таърифҳоро дар тарҷумашиносӣ метавон ба таҳаввулоте нисбат дод, ки нимаи аввали қарни ХХ дар ҳавзаи забоншиносӣ ба вуқӯъ пайваст. Аз ҷониби дигар, набояд фаромуш кард, ки бар асари барқарории иртибот байни тарҷумашиносӣ ва улуме мисли ҷомеашиносӣ, қавмшиносӣ, равонши- носӣ, фалсафа нигаришҳо дучори тағйир шуданд.

Тарҷума ба сифати тафсире аст, ки дар вожагони як матн сурат мегирад. Дар тарҷума ду имкони зерин: имкони тарҷумаи дарзабонӣ ва тарҷумаи байнзабонӣ мавҷуд аст. Тарҷумаи дарзабонӣ шарҳу баёни нишонаҳои забонӣ бо ёрии нишонаҳои ҳамон забон аст. Бар ин асос таърифи мафҳумҳо ва пешниҳоди маънии вожагону истилоҳоти мавҷуд дар як забон аз тариқи вожаҳои ҳамон забон дар зумраи тарҷумаи дарзабонӣ қарор мегирад. Метавон фарҳангҳои луғат ва вожагони як забони намунаи тарҷумаи дерзамонӣ (диахронӣ) маҳсуб намуд.

Дидгоҳи дигаре ҳам мавҷуд аст, ки тарҷумаро фароянди забонӣ мешуморад, зеро тарҷума бар хилофи ҷавҳари фарозабонии худ ба буъди иртиботии он бармегардад ва сабабгори тавлиди матни дигаре дар забони мақсад шавад.

Назарияи тарҷума фарогири ҷанбаҳои гуногун аст, ки яке аз онҳо ҷанбаи тавсифии он аст. Ҳадафи ин ҷанба ошкорсозии қонунмандиҳои муҳимму умумии раванди тарҷума ва баёну тавсифи раванди мавриди назар ба истилоҳоти забоншиносӣ мебошад. Ин ҷанба бо назардошти ду иллат бисёр арзишманд ба назар мерасад.

Нахуст ин ки ҳар риштае аз ин моделҳо назарияи мавзӯи таҳқиқро тақозо мекунад, моделҳое, ки тарафҳои муҳимми онро инъикос менамоянд.

Дувум ин, ки ин ҷанба дар соҳаи тарҷумашиносӣ асоси назарӣ барои барқарории дастурҳои амалӣ, шеваҳо ва қоидаҳои ҷузъиёти тарҷума беҳтарин сифати тарҷума зарур аст. Зеро ба мутарҷим дар ҳаллу фасли вазифаҳои мушкил, баргардони низомӣ андешаҳо дар забони мақсад ва муодили онҳо дар низоми афкору андешаҳои забони мабдаъ кумак менамояд. Матни мазкур фаъолияти эҷодии мутарҷимро махдуд намесозад. Бояд изҳор дошт, ки ҳарчанд ба тарҷумаи байнизабонӣ диққату таваҷҷуҳи зиёд шуд, вале аз вуҷуди дигар анвои тарҷума мисли тарҷумаи дарунзабонӣ ва байнимаъноӣ набояд фаромӯш намуд. Намуди аввал ба зернавъҳои зерин ҷудо мешавад: тарҷумаи диахронӣ, ки ба хотири тарҷумаи матнҳои таърихӣ ба забони имрӯз истифода мешавад.

Намуди дигари тарҷума ҷойгузинсозии матни як намуд ба матни намуди дигар аст. Манзур аз ин намуд тарҷума аз забони табиӣ ба забони сунъӣ мебошад, ки шоҳидаш барномарезиҳои компютерӣ мебошад. Дар тарҷумаи байни маъноӣ низ чунин ҳолат ба мушоҳида мерасад, яъне тарҷума аз як забони сунъӣ ба забони сунъии дигар. Ин намуди тарҷума бештар ба низомҳои компютерӣ хос аст. Тарҷумаи байнимаъноӣ ба баёни дигар иборат аст аз баргардони усулҳои маъноие, ки миёни муодилаҳои гуногуни як низоми маъноӣ сурат мепазиранд.

Чунин фазое собит месозад, ки дар тарҷума мақулаҳои маъношиносӣ ба чашм мерасад, дақиқтараш мақулаҳои забоншиносиву маъношиносӣ, ки ҳар яке ба сифати мавзӯъ дорои низоми забонӣ, забоне, ки таъинкунадаи низоми нишонаӣ мебошад ва бо истилоҳоти маъношиносӣ қобили тавсиф аст. Бояд изҳор дошт, ки дидгоҳҳои муҳаққиқон перомуни табиати маъношиносонаи тарҷума ва масоили он пуршумор аст. Ба ақидаи олими рус В. И. Комиссаров, «вазъи забоншиносии имрӯз дар атрофи табиати маъношиносонаи забон ва истифодаи нишонаҳои забонӣ ва сохторҳои забонӣ дар раванди иртиботи каломӣ заминаи лозимро барои омӯзиши фаъолияти тарҷумонӣ ва нақши иртиботии тарҷума муҳайё месозад» [2, с.53].

Ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон мисли Комисаров В.И. [2], Маҳмуд Ҳадодӣ [4], Лутфалипӯр Соидӣ [3] тарҷума раванди рамзиву нишонаӣ мебошад, ки зимни иҷрои он амалҳои мухталиф анҷом мепазирад ва шаклҳои гуногун ба як шакли ягона, яъне нишонаи забонӣ табдил мегардад. Аз ҷониби дигар тарҷума аз нигоҳи маъношиносӣ дар вазъияте қарор мегирад, ки онро метавон гузориш ё табдили як шакли низоми маъношиносона ба шакли дигари низоми маъношиносона таъбир кард. Дар ин ҷо он чи ки муҳим ба назар мерасад, ҳифзи муҳтаво ва аносири аҳамиятноки маъно аст. Дар атрофи мафҳуми маъно ва шинохти он зимни тарҷума андешаву шарҳу тафсирҳои зиёде иброз шудааст. Масалан, ба андешаи олими рус Бархударов Л. С. «Ба хотири фаҳму дарки маъно қабл аз ҳама зарур аст, табиату сиришти нишонаҳо шинохта шавад. Ҳар нишонае ба он сабаб нишона ба шумор меравад, ки ифодагари матлаб аст, ба дигар сухан, мутааллиқ ба чизест, ки берун аз муҳити нишона қарор дорад. Маҳз дар ҳамин нукта табиати нишона ҳувайдо мешавад, берун аз ин муҳит ва ин пайванд нишона моҳияту рисолати худро гум мекунад. Зеро ҳар нишонае аломати шайъе мебошад, яъне, нишони ашёи моддӣ аст. (Масалан ҷараёни нур, сурате, ки дар коғаз нақкошӣ шуда, ё садои нутқ). Замоне вазифаи нишонаро доро мешавад, ки ба маънии хорич аз муҳити нишонаи мавриди назар ишорат дошта бошад. Маҳз ҳамин таносуб, ба ҷанбаҳое, ки берун аз он нуҳуфтаанд, маънии нишонаро ташкил медиҳанд» [1, с.60].

Шарҳу тафсири пуршумори нишона вобаста ба он аст, ки аз чӣ дидгоҳе ба он бархӯрд мешавад. Масалан, аз нигоҳи мантиқӣ-фалсафӣ манзур аз нишона интиқолдиҳандаи модда мебошад, ки аз дигар мавҷуд, яъне иттилоот намояндагӣ мекунад. Аз нигоҳи забоншиносӣ бошад, нишона падидаи дуҷониба шинохта шудааст. Ҷониби аввали он маъникунанда ва ҷониби дигараш маънишаванда маҳсуб мешавад.

Бояд қайд намуд, ки таҳаввулоту дигаргунии бузург дар арсаи забоншиносӣ ба даҳаи дувум и асри ХХ-ум рост меояд. Соли 1316 забоншиноси маъруф Фердинанд де Соссюр китоберо бо номи «Дарсҳои забоншиносии ҳамагонӣ» ба нашр расонид, ки фарогири дидгоҳҳо ва назарёти ӯ перомуни мафҳумҳое мисли низоми забон, нишона, дилхоҳиву қарордодӣ будани забон ва шеваи ҷадиди вай ба нишонашиносӣ буд. Ин гоме, ки мавсуф бардошта буд баъдҳо бунёди забоншиносии навинро дар асри ХХ-ум ибтидо гузошт.

Тибқи таълимоти ӯ мақсади аслӣ ва ягонаи забоншиносӣ иборат аз омӯзишу мутолиаи маҳз забон буд ва мавзуъҳое мисли фарҳанг, иҷтимоъ ва ҷуғрофиё бояд аз мутолиоти забонӣ канор гузорида мешуд. Олими мазкур бар ин назар буд, ки забон як низоми кулли шаклгирифта аз унсурҳои мухталиф аст, ки ҳар кадом дар даруни ин низоми кул мақому нақши барҷастае доранд.

Бо дигар маъно, забон маҷмӯае аз нишонаҳо ва қоидаҳои дастурӣ аст, ки аз тариқи ин қоидаҳо иртибот байни нишонаҳо ва қоидаҳои забон барқарор мегардад. Бо назардошти ақидаву афкори зеҳнгароёнаву дарунгароёнаи ин забоншиноси маъруф ва бо таваҷҷуҳ ба таърифи вай аз забон ҳамчун низоми муташаккил аз нишонаҳо ва қоидаҳои дастурӣ ва бовару эътиқоди вай ба донишҳои забонии зотӣ ва зистӣ дар миёни соҳибони забонҳо, забон ҷанбаи фарофардӣ гирифт ва ба сифати воқеияти иҷтимоӣ миёни инсонҳо шинохта шуд.

Ба қавли Фердинанд де Соссюр нишона мафҳуми интизоиест, ки дар зеҳну хотираи инсон захира мешавад. Нишонаҳо аслан хоссияти дугона доранд. Яъне ҳар нишона аз «долу мадлул» ё сабабу натиҷа иборат аст.

Дол тасвире аз шакли овозии тавлидоти забонӣ ва мадлул тасвире аз падидаҳои фарозабонӣ, яъне ашё ва таҷрибаҳои хорич аз муҳити забон аст. Набояд фаромӯш намуд,

ки мақсади донишманди мазкур аз тасвир мундарича ва мафҳуми тасвиргуна аст, ки дар мағзи инсон анбошта шудааст. Набудани маълумоти мадлул ба тасвири падидаҳои фарозабонӣ дар мавриди мафҳумҳои зеҳнӣ чун Худованд ва ё зиндагӣ ба хубӣ намоён аст. Ба таври хулоса метавон гуфт, ки дол ҷанбаи овозӣ ва мадлул ҷанбаи маъноии як нишонаро ташкил медиҳад.

Пайванд миёни долу мадлул бисёр зичу мустаҳкам аст, ба андозае, ки агар халале дар ин пайванд рух диҳад, нишонаро аз байн мебарад.

Ба дигар маънӣ дол бе мадлул ва мадлул бе ҳузури дол дар ҳофизаи инсон вуҷуд надоранд. Бо назардошти иртиботу пайванди танготанги миёни долу мадлул метавон гуфт, ки ҳар нишонае воситае байни забону муҳити хорич аз забон аст. Дар пажӯҳишҳои Фердинанд де Соссюр масъалае, ки муҳим ба назар мерасад, фарқ гузоштан миёни се мафҳум «забон», «гуфтор» ва «қувваи нутқ» дар шинохти забон аст. Ба ақидаи номбурда «Забон моҳиятан падидаи зеҳнӣ ва равоншинохтӣ аст, ки ба ҳангоми истифода аз сӯйи гӯяндагоне, ки билқувва дорои дониши забонӣ ва зистӣ аз назари биологӣ, дорои тавоноии суҳбат кардан ҳастанд, ба сурати гуфтор, ки падидаи равонҷисмӣ аст, намуд меёбад» [5, с.88].

Ба назардошти чунин ибнише аст, ки Фердинанд де Соссюрро забоншиноси зеҳнгарро ва дарунгаро шинохтаанд. Дидгоҳҳои мазкур дар атрофи се мафҳуми созандаи забон, ки дар боло ном бурдем, қобили аҳамиятанд. Ба қавли ӯ гуфтор маҷмӯаи ошуфта аз аносири мухталиф аст, ки бидуни назму тартиби хоссе дар канори якдигар қарор гирифтаанд.

Нишонаҳо нақши муҳиммеро дар барқарор сохтани пайванду алоқа миёни тарафҳои гуфтугӯ мебозанд. Ин иртибот дар асл бо иваз шудани доимиву дугонаи мадлул ба дол ва дол ба мадлул ва нишона ба гуфтор тавассути ҳар як тарафҳои гуфтугӯ барқарор мешавад. Барқарории иртиботи гуфторӣ ба анҷоми фароянди зеҳнӣ дар мағзи яке аз тарафҳо оғоз мешавад, ба тавре ки дар ибтидо ҷанбаи маъноии як нишона мадлул, ки дар иртибот бо падидаҳои фарозабонӣ қарор дорад, тасвири овозии нишона(дол)-ро дар зеҳнӣ гӯянда таҳрик месозад ва Ба ин тартиб ҳадду ҷанба аз нишона, яъне, долу мадлул дар зеҳни вай шакл мегирад.

Қобили зикр аст, ки бо барангехта шудани аъсоб, масалан гӯёйи нишона дар қолаби занҷираи овоии гуфтор ва ба таъбири дақиқтар, амвоҷи савти айният меёбанд. Мавҷҳои савтӣ пас аз барангехта шудани аъсоби шунавоии мухотаб сабаби шаклгирии тасвири овозӣ (дол) дар мағзи вай мешавад, ки худ ташкили ҷанбаи маъноӣ (мадлул) ва дар охир ташкили нишонаро дар зеҳни шунаванда ба дунбол дорад. Дар ин ҳолат бо таваҷҷуҳ ба пайванду алоқае, ки байни мадлул бо падидаҳои фарозабонӣ барқарор аст, мухотаб маъноии гуфторро дармеёбад.

Ба ин тариқ, ҷараёни барқарории иртибот дорои ду бахш, тавлиду дарёфт аст. Дар бахши тавлид нишонаҳо ба занҷираи овоӣ табдил мешаванд ва дар бахши дарёфт, акси амали болоӣ, яъне табдили овоз ба нишона сурат мегирад. Бо назардошти ин, ки иртибот раванди дусӯя ба шумор меравад, ҳар яке аз тарафҳои гуфтугӯ нақши шунавандаву гӯяндаро иҷро менамоянд. Бо ин тағйир, нақши он бахшҳои тавлиду дарёфт низ дучори дигаргунӣ мешаванд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Бархударов Л. С. Язык и перевод /Л.С. Бархударов. М., 2007. – 240 с.
2. Комиссаров В. И. Современное переводоведение. / В. И. Комиссаров. М.: Р. Валент, 2011. -408 с.
3. لطف علی پور ساعدی. درآمدی به اصول و روش ترجمه. - تهران: "سمت". 1385 ه.ش. ص. 186
4. محمود حدادی. مبانی ترجمه. تهران: "جمال الحق". 1372 ه.ش. ص168.
5. نادر حقانی. کتاب نظرها نظریه‌های ترجمه. تهران: "امیر کبیر" 1386. ص.211
6. نایدا یوجین. "نحو علم الترجمة"، ترجمة ماجدالنجار. العراق: 1976 م. ص. 507
7. هولب روبرت سي. نظرية الاستقبال، ترجمة: رعد عبدالجليل جواد. الطبعة الأولى، سورية: 1992 م. ص196.
8. وفای عباسعلی. دستور زبان فارسی، تهران: "سمت" 1391. ه.ش. ص126.
9. يعقوب إميل بديع. موسوعه علوم اللغه العربيه. الجزء السابع. – بيروت: دار الكتب العلميه، 2006. ص. 640.
10. محمد فهمي هويدي. مشكلات ترجمة التعبيرات والاصطلاحات: التعبيرات التركية ومسألة ترجمتها إلى العربية، القاهرة: المؤتمر الدولي: الترجمة ودورها في تفاعل الحضارات. 1989 م. ص1181.
11. مددی غلامحسین. سیر متمم در زبان فارسی، اصفهان: رشد آموزش زبان فارسی، شماره‌ی چهار. 1389 ه.ش. ص41-45.
12. مسعود ماري. "المترجم وإسهامه في التنمية الثقافية، القاهرة: المجلس الأعلى للثقافة، الهيئة المصرية العامة للكتاب، 1992 م. ص. 28
13. مشکوة الدینی مهدی. دستور زبان فارسی، مشهد: انتشارات دانشگاه مشهد. 1366ه.ش. ص. 24.
14. مقدم سید بهنام علوی. انواع جمله از نظر اجزا، رشد آموزش زبان وادب فارسی، تهران: شماره 2. 1386 ه.ش. ص. 41-

## РАВИШИ НИЗОММАНД ДАР БАРРАСИИ ТАРҶУМА

Мақолаи мазкур ба таҳлилу баррасии масъалаҳои тарҷума бахшида шудааст. Маъмулан кори тарҷума аз тарҷумон бархӯрди касбиро тақозо дорад. Маълум аст, ки бисёре аз риштаҳои илм, мисли забошиносӣ, маъношиносӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, назарияи иттилоот бо тарҷума пайванди танготанг доранд. Вале дар миёни онҳо шеваи забоншиносона мавқеи марказиро ишғол мекунад. Ҳарчанд муҳаққиқону назарияпардозони риштаи забоншиносӣ ба таври мустақилона дар атрофи назарияи тарҷума ва масоили пурпечи он мушаххасан ибрози назар нанамудаанд, вале мавзуъ ва тарҳҳои назарии онҳо баъдҳо сабабгору нуқтаи оғозин дар тағйиру таҳаввули бузурги соҳаи тарҷумашиносӣ гаштааст. Нуфузу таъсири забоншиносиро ба тарҷумашиносӣ метавон аз ду зовия баррасӣ намуд. Аввал ин ки мабоҳиси назарии тарҷума таъсирпазир аз дидгоҳҳо ва назариёте аст, ки аз ҳавзаи назарии забон ё дақиқтараш забоншиносӣ бархостааст. Аз сӯйи дигар ин мабоҳиси назарӣ таҳти нуфузи назарияҳое қарор доранд, ки дар ҳавзаи забошиносии корбурдӣ матраҳ шудаанд. Дар мақола маънои мафҳуми «равиши тарҷума» шарҳ дода шудааст. «Равиши тарҷума» аз истилоҳоти тахассусӣ аст, ки дар мабоҳиси назарӣ бештар корбурд дорад. Ба дигар сухан равиши тарҷума шеваи умумие ба шумор меравад, ки мутарҷим дар тӯли тарҷумаи як матн ба кор мегирад.

**Калидвожаҳо**: забон, истилоҳ, забошиносӣ, тарҷума, бархӯрд, матн, қоида.

## СИСТЕМАТИЧНЫЙ ПОДХОД К ПЕРЕВОДУ

Данная статья посвящена проблемами перевода. Обычно переводческое дело требует от переводчика професионального подхода. Известно, что многие науки, такие как лингвистика, социология, культурология и прагматика, тесно связаны с переводом, но центральное место в исследовании переводоведения, все же занимает лингвистический аспект. Хотя исследователи и лингвисты - теоретики не выразили свою конкретную точку зрения на теорию перевода и трудности, связанные с ним, но данная тема и ее теоретические стороны в дальнейшем стали базой для многих изменений в области перевода. Влияние лингвистики на перевод можно рассматривать в двух аспектах: первый - влияние теорий с лингвистической точки зрения; второй - в этих теоретических дискуссиях доминируют теории в области прикладной лингвистики. В свою очередь, теория перевода свои сильные стороны взяла у лингвистики, лингвистики текста, психологии текста, психологии языка. В статье дано определение термину «переводческий подход» - одному из профессиональных терминов, который часто обсуждается исследователями-переводоведами. Под переводческим подходом понимаются поведенческие характеристики переводчика, тактика перевода и конкретные переводческие операции, применяемые для достижения адекватности перевода.

**Ключевые слова:** язык, термин, лингвистика, перевод, подход, текст, определение.

## SYSTEMATIC TRANSLATION APPROACH

This article deals with translation problems. Usually, translation work from an interpreter requires a professional approach. It is known that many spheres of science as linguistics, sociology, cultural studies and pragmatics are closely related to translation, but the linguistic aspect is still central to the study of translation science. Although researchers and linguists - theorists did not express their specific point of view on the theory of translation and the difficulties associated with it, this topic and its theoretical aspects later became the basis for many changes in the field of translation. The influence of linguistics on translation can be considered in two aspects: the first is the influence of theories from a linguistic point of view; second, these theoretical discussions are dominated by theories discussed in the field of applied linguistics. In turn, the theory of translation received its best sides from linguistics, text linguistics, text psychology, language psychology. The article defines the term "translation approach" - one of the professional terms that is often discussed by translation researchers. The translation approach refers to the behavioral characteristics of the translator, translation tactics and specific translation operations used to achieve the adequacy of the translation.

**Key words:** language, term, linguistics, translation, approach, text, definition.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафаров Умархоҷа Раҳимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи филологияи Эрон. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**
***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроғa**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**
***Алҷуҳанӣ Султон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи филологияи Эрон. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторах:** ***Сафаров Умарходжа Рахимович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**
***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**
***Алджуани Султон*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры филологии Ирана. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

**Information about the authors:** ***Safarov Umarkhoja Rakhimovich*** **-** Tajik National University, doctor of philological Sciences, professor, Head of department of Iranian Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Phone: **(+992) 98-578-67-11**
***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **usmon1982.82@mail.ru**. Phone: **(+992) 917-44-40-40**
***Aljuani Sulton*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Philology of Iran. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 491.550

# БАРРАСИИ СИФАТҲОИ МУРАККАБ ДАР ОСОРИ РӮДАКӢ

*Ҷӯрабекзода Ф.*
**Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Маълум аст, ки сифатҳои мураккаб мисли исмҳои мураккаб аз рӯйи муносибати ҷузъҳо ба сифатҳои мураккаби пайваст ва сифатҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд, ки маводи мавҷудаи забони адабии тоҷикӣ далели ҳамин гурӯҳбандӣ аст. Барои он пайваст номида шудаанд, ки дар онҳо ҷузъҳо баробарҳуқуқ мустақиланд, аммо сифатҳои мураккаби тобеъ бошад, ҷузъҳо баробарҳуқуқ нестанд, яке ба дигаре тобеъ буда, онро аз ҷиҳате шарҳу эзоҳ дода, такмил медиҳад. Қолибҳои калимасозии сифатҳои мураккаби пайваст каммаҳсул ва мураккаби тобеъ сермаҳсул қаламдод мешавад.

Мутобиқи параграфи §306 Грамматикаи мазкур сифатҳои мураккаби пайваст аз такрори исм [мӯйи **тор-тор,** матои **рах-рах,** фурӯши **дона-дона,** дуди **ҳалқа-ҳалқа,** тики **рах-рах];** такрори калимаҳое, ки ҷузъи дуюмашон маънои алоҳида надораду тақлидан ба ҷузъи аввал, дар вазни он талаффуз шуда, якҷоя бо он маънои муайянро ифода менамояд: корҳои **майда-чуйда,** кафи **даґар-буґур,** роҳи **кач-килеб,** суханҳои **алмоӣ-алҷоӣ;** аз ду сифати нисбии бо пасванди -ӣ сохташуда: назарияи **марксистӣ-ленинӣ,** адабиёти **идеявӣ-назариявӣ,** луґати **тоҷикӣ-русӣ; т**акрори калимаҳое, ки дар байн инфиксҳои -о-, -ма- доранд: гулҳои **рангоранг,** гиряи **пайопай,** модари **ҷоноҷон,** гулҳои **хелмахел** [1, с.122].

Аммо дар осори устод А.Рӯдакӣ қолибҳои мазкур ба назар намерасанд, ки ин ҳолатро натиҷаи тараққиёти минбаъдаи забони адабии тоҷикӣ донистан мумкин аст.

**Сифатҳои мураккаби тобеъ.** Дар забони адабии тоҷикӣ сифатҳои мураккаби тобеъ хеле серистеъмоланд ва дар асоси қолибҳои гуногуни морфологӣ сохта мешаванд, ки ин ҳолат аз забони шоири шоирон утод А.Рӯдакӣ маншаъ мегирад. Дар параграфи §307-и “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” [1985] гуфта мешавад, ки “аз рӯйи хусусияти алоқаи ҷузъҳо сифатҳои мураккаби тобеъ ду хел мешаванд: а] ҷузъи аввали калима ба ҷузъи дуюм тобеъ аст: **бадкор**, **некбахт**; б] ҷузъи дуюм ба якум тобеъ аст: **парипайкар, оташзабон.** Ин гуна сифатҳо бо роҳи бевосита ҳамроҳ шудани калимаҳои гуногун сохта мешаванд”, аммо зимни баррасии воҳидҳои луґавӣ ин меъёри пешниҳодшуда риоя нашуда, қолибҳои онҳо махлут шудаанд.

Дар таркиби луґавии ашъори устод Рӯдакӣ мисли забони адабии тоҷикии имрӯз сифатҳои мураккаби типпи тобеъ яке аз қабатҳои муҳим ба шумор мераванд. Таркиби морфологии онҳо водор месозад, ки онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим намоем.

1.Дар ин гурӯҳ аз рӯйи муносибати ҷуъзҳо калимаи асосӣ дар мавқеаи аввал меистад ва ин калимаҳо бо роҳи **факки изофат** (афтидани изофат) ба вуҷуд омадааанд. Аз ҷумла, аз ибораҳои *пури ханда, пури нола, пури ганҷ, пури хун, пури оташ, пури ҳунар, қатраи борон, камари баста, хонаи хароб, рӯйи зард* калимаҳои мураккаби **пурханда, пурнола, пурганҷ, пурхун, пуроташ, пурҳунар, қатраборон, камарбаста, хонахароб** ва **рӯйзард** сохта шудааст, ки дар забонамон роҳи маъмули калимасозӣ шудааст. Дар шеъри устод Рӯдакӣ қолибҳои зерин доранд:

Қолиби **исм + исм:**

Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду **қатраборон** буд [6, с.11].

Қолиби **исм + сифат**:

Суде надиҳад насиҳатат, эй воиз,
Ин **хонахароб** турфа якпаҳлӯест [6, с.88].

Зуфт шавад родмарду суст диловар,
Гар бичашад з-ӯю **рӯйзард** гулистон [6, с.15].

Қолиби **исм + сифатифеълӣ**:

Эй турки **камарбаста**, чунонам зи фироқат,
Гӯянд, қабои ту маро пираҳан ояд [6, с.35].

Қолиби **сифат + исм:**

Замоне барқ **пурханда**, замоне раъд **пурнола**,
Чунон чун модар аз сӯги арӯси сездаҳсола [6, с.64].

Дилам хизонаи **пурганҷ** буду ганҷ сухан,
Нишони номаи мо муҳру шеър унвон буд [6, с.12].

Яке аз кайд шуд **пурхун**, дувум шуд чок аз туҳмат,
Севум Яъқубро аз бӯ-ш равшан гашт чашми тар [6, с.61].

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем
В-аз об ду чашм дил **пуроташ** моем [6, с.76].

Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони **пурҳунар**! [6, с.116].

Тавре ки аён аст, дар маҷмуъ дар осори устод даҳ калима бо факки изофат дида шуд, ки дар қолибҳои гуногун сохта шуда, дар байни онҳо қолиби сифату исм бо шаш вожа сермаҳсултар аст.

2.Дар гурӯҳи дуюми калимаҳои типпи мураккаби тобеъ вожаи асосӣ дар мавқеи дуюм ҷой мегирад ва лексемаи аввалро ба худ тобеъ мекунад. Мутобиқи таҳқиқоти Д. Саймиддинов ин роҳи сохтани калимаҳо аз замони бостон сарчашма мегирад. Ӯ менависад, ки «ин усул дар сохташавии вожаҳои мураккаб дар забонҳои эронии бостон мисли ҳиндии бостон аз равишҳои маъмул маҳсуб мегардад. Равиши мазкур бар пояи қолабҳои бунёдии эронии бостон дар забони форсии миёна идома ва густариши бештар пайдо кардааст» [7, с.146].

Ин гурӯҳи калимаҳои мураккаби сифатӣ дар шеъри устод Рӯдакӣ қолибҳои исм + исм, исм + феъл, сифат + исм ва шумора + исм дорад, ки онҳоро ба таври зер овардан мумкин аст:

Қолиби **исм + исм**. Бо ин қолиб калимаҳои мураккаби сифатии ашёи гуногун сохта шудааст: **симрада, норпистон, хобкирдор, гулгун, монавитабъ, лоларух, мушкбӯй, мулукфиреб, гулранг, мохрӯй**. Дар шеъри устод Рӯдакӣ:

Ҳамехариду ҳамесахт бешумор дирам,
Ба шаҳри ҳар кӣ яке турки **норпистон** буд [6, с.11].

Акнун зи баҳори **монавитабъ**,
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст [6, с.62].

Май ҳасту дирам ҳасту бути **лоларухон** ҳаст,
Ғам нест в-агар ҳаст, насиби дили аъдост [6, с.66].

**Гулранг** шавад, чу рӯй шӯйӣ, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ! [6, с.79].

Ҳаме чӣ донӣ, эй **мохрӯйи** мушкинмӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд? [6, с.11].

Қолиби **исм + феъл**. Ин қолиб дар забони осори устод Рӯдакӣ яке аз қолибҳои маъмули калимасозӣ буда, то имрӯз равнақу ривоҷ ёфтааст. Дар маводи шеъри шоир дар сифатсозӣ бо исм ба ҳам омадани асоси замони ҳозираи феъл дар 11 вожа ба мушоҳида расид: **гирдгардон, сухандон, таблзан, забоновар, чангнавоз, бадомӯз, ситамкаш, ҷаҳонсӯз, оламафрӯз, бадомӯз, тавбашикан ва ғайра.** Ба чандомади калимаҳои мазкур назар афканем, мушоҳида мекунем, ки вожаҳои **сухандон** ва **чангнавоз** ҳар кадом ду бор ва дигар лексемаҳо якборӣ истифода шудаанд.

Калимаҳои сифатӣ дар забони осори шоир дар ҳайати ибораҳо хубтар намоён мешаванд: чу ман бадомӯз, оини гирдгардон, мардуми сухандон, мири сухандон, тундари таблзан, шахси забоновар, дасти чангнавоз, шахси ситамкаш, хуршеди ҷаҳонсӯз, чароғи оламафрӯз, мани бадомӯз, навбаҳори тавбашикан ва ғайра. Мисолҳо:

Бо васли ту кас чу ман **бадомӯз** мабод,
Рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод! [6, с.89].

Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми **сухандон** буд [6, с.12].

Наффот - барқи равшану тундар-ш **таблзан**,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин маҳиб [6, с.20].

Бо васли ту кас чу ман **бадомӯз** мабод,
Рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод! [6, с.89].

Омад ин навбаҳори **тавбашикан**,
Парниён гашт боғу барзану кӯй [6, с.110].

**Қолиби сифат + исм.** Ин қолиб ҳам яке роҳҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ ба шумор меравад ва дар осори шоир калимаҳои **латифдаст, зишткирдор, навзин, навгувора, навбаҳор, тезгом, сиёҳчашм, хушбӯй, чавонмард** дида мешаванд, ки чандомади онҳо якмаротибагист:

Агарчи чангнавозон **латифдаст** буванд,
Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз! [6, с.70].

Дониши ӯ на хубу чеҳраш хуб,
**Зишткирдору** хубдидор аст [6, с.30].

Хӯр ба шодӣ рӯзгори **навбаҳор**,
Май гусор андар такуки шоҳвор! [6, с.111].

З-он майи **хушбӯй** соғаре биситонад,
Ёд кунад рӯйи шаҳрёри Сиҷистон [6, с.15].

Чу гулшакар диҳиям, дарди дил шавад таскин,
Чу **туршрӯй** шавӣ, вораҳонӣ аз сафро [6, с.28].

Қолиби **шумора + исм**. Бо ин қолиб калимаҳои **яксон** ва **якпаҳлу** дида шуда, ҳар кадом як маротиба ба кор рафтаанд:

Ин ҳама рӯзи марг яксонанд,
Нашиносӣ зи якдигаршон боз [6, с.57].

Суде надиҳад насиҳатат, эй воиз,
Ин хонахароб турфа якпаҳлуест [6, с.88].

**Калимаҳои мураккаби омехтаи сифатӣ.** Дар таркиби луғавии осори устод Рӯдакӣ сифатҳои мураакбе и мешаванд, ки тарзи сохташавиашон аз қоибҳои дар боло матраҳшуда фарқ мекунанд. Онҳо дар натиҷаи дар вақт ба ҳам омадани калимаҳои мустақилмаъно ва пасвандҳои калимасоз ба вуҷуд меоянд. Ин гуна калимасозиро дар забоншиносӣ тарзиомехта меноманд. Ин гуна калимаҳо дар осори Рӯдакӣ бо асосҳои гуногун ва пасванди –а сохта мешаванд: **сездаҳсола, бунсола, шакарханда, хунгашта, даҳсола, якшаба, солхӯрда**. Дар шеъри шоир ҳар кадом як маротиба истифода шудааст:

Замоне барқ пурханда, замоне раъд пурнола,
Чунон чун модар аз сӯги аруси **сездаҳсола** [6, с.64].

Ва гашта з-ин паранди сабз шохи беди **бунсола**
Чунон чун ашки маҳҷурон нишаста жола бар лола [6, с.64].

Ба ғунчаи ту **шакарханда** нашъаи бода,
Ба сунбули ту дури гӯш муҳраи афъо [6, с.28].

Дил хаставу бастаи мусалсалмӯест,
**Хунгаштаву** куштаи бути ҳиндуест [6, с.88].

Дар ашъори шоир калимаҳое мавҷуданд, ки ду зинаи калимасозиро гузаштаанд. Масалан, **бузургмардӣ**, **мушкинмӯй** ва **шикастабиёбон**, ки дар ин калимаҳо дар зинаи аввал вожаи **бузургмард** [исм+исм], **мушкин** [исм+пасванди -ин] ва **шикаста** [исм+пасванди -а] сохта шуда, дар зинаи дуюм бо ҳамроҳ гардидани пасванди –ӣ калимаи **бузургмардӣ**, бо иҳоқ шудани вожаи **мӯй** калимаи **мушкинмӯй** ва бо ҳамроҳ шудани лексемаи **биёбон** воҳиди луғавии **шикастабиёбон** сохта шуда, ҳар кадом як бор истифода шудаанд:

Андар балои сахт падид оранд
Фазлу **бузургмардию** солорӣ! [6, с.37].

Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯйи **мушкинмӯй**,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд? [6, с.11].

Басо **шикастабиёбон**, ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд [6, с.11].

**Сифатҳои умумиҷузъ.** Дар баробари сифатҳои мазкур дар забони тоҷикӣ сифатҳои таркибие ба мушоҳида мерасанд, ки тавре дар § 311-и "Грамматикаи забони адабии ҳолираи тоҷик" нигошта мешавад, онҳо "ду калимаи синонимӣ ё мазмунан наздик иборат буда, яке аз онҳо морфемаи сифатсозеро қабул менамояд. Мавсуфи чунин сифатҳо ба ҳар ду ҷузъ баробар тааллуқ дошта, дар натиҷа таркибӣ сифати ҳамҷузъ ташкил мешавад. Вазифаи муттаҳидкуниро дар ин қабил сифатҳо префикс, суффикс ва ё морфемаҳои мустақилмаъно адо мекунанд" [1, с.128]. Дар таркибҳои **пуркинаву ҷанг** ва **пурнақшу нигор**, ки дар шеъри шоир як бор ба мушоҳида мерасанд, калимаи муттаҳидкунанда вожаи пур мебошад, зеро ба ҷуъҳои баъди баробар хизмат менамояд:

Дар ҷустани он нигори **пуркинаву ҷанг**
Гаштем саропойи ҷаҳон бо дили танг [6, с.93].

Акнун зи баҳори монавитабъ,
**Пурнақшу нигор** ҳамчу Жанг аст [6, с.62].

Бо ҳамин, метавон чунин хулоса кард, ки калимаҳои мураккаби марбут ба сифат мақоми махсус доранд. Дар шеъри шоир сифатҳои мураккаби тарзи пайваст, ки дар забони имрӯзаи тоҷикӣ маъмуланд, ба назар нарасид. Дар ташаккули сифатҳои мураккаби тарзи тобеъ ду гурӯҳи калимаҳо дида шуд, ки дар гурӯҳи аввал калимаҳои мураккабе сохта шудаанд, ки дар онҳо ҷуъзи аввал асосӣ аст, ки бо роҳи факки изофат дар қолибҳои исм + исм, исм + сифат, исм + сифатифеълӣ ва сифат + исм ба вуҷуд омадаанд. Дар гурӯҳи дуюм бошад, ҷузъи дуюм асосӣ буда, бо қолибҳои исм + исм, исм + феъл, сифат + исм ва шумора + исм сохта шудаанд.

**Мӯқарриз:** ***Раҳматуллозода С.*** – доктори илмҳои филология,
узви вобастаи АМИТ

**А Д А Б И Ё Т**

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1985. – 122 с.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 243 с.
3. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
4. Низомова С.Ф. Словообразование в художественной и публицистической прозе Садриддина Айни: авт. докторской диссертации по специальности 10.02.19. Теории языка / С.Ф. Низомова. – Душанбе, 2021. – 56 с.
5. Раҳматуллозода С. Исм / С.Раҳматуллозода. - Душанбе, 2019. – 233 с.
6. Рӯдакӣ, Абӯабдуллоҳ. Девон / Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. – Душанбе, 2018. - 484 с.
7. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д.Саймиддинов. - Душанбе, 2001. - 310 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва: Советская энсиклопедия. - 1969. - Ҷ.1. – 951 с.; - Ҷ.2. 1969. – 947 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1-2. - Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. - Ҷ.1. – 950 с.; - Ҷ.2. - 2008. -945 с.
10. Чхеидзе Т.Д. Именное словообразование в персидском языке / Т.Д. Чхеидзе. – Тбилиси, 1969. – 141 с.

## БАРРАСИИ СИФАТҲОИ МУРАККАБ ДАР ОСОРИ РӮДАКӢ

Таҳқиқи хусусиятҳои морфологии ашъори устод А.Рӯдакӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илмиест, ки то имрӯз ба таври пурра омӯхта нашудааст. Дар байни ин масоил баррасии роҳҳои калимасозии сифатҳои мураккаб муҳим мебошанд. Сифатҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ аз рӯйи муносибати ҷузъҳо ба сифатҳои мураккаби пайваст ва сифатҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд, аммо дар шеъри шоир сифатҳои мураккаби типпи пайваст дар назар нарасид. Қолибҳои калимасозии сифатҳои мураакби тобеъ тибқи маводи осори шоир ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дар гурӯҳи якум калимаҳое шомил шуданд, ки ҷузъи аввалашон асосӣ аст ва дар гурӯҳи дуюм бошад, ҷузъи асосӣ дар мавқеи баъдӣ қарор гирифтааст. Дар мақола қолибҳои ин гурӯҳҳо матраҳ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** грамматика, морфология, калимасозӣ, сифат, сафати мураккаб, забони тоҷикӣ

## АНАЛИЗ СЛОЖНЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ПОЭЗИИ А.РУДАКИ

Изучение морфологические особенности стихотворений А.Рудаки является одной из важнейших научных проблем, которая до сих пор всесторонне не изучена. Среди подобных проблем важно рассмотреть способы словообразования сложных прилагательных. Сложные прилагательные в таджикском языке по отношению с компонентами делятся на копулятивные и детерминативные прилагательные, однако в поэзии А.Рудаки копулятивные прилагательные не встречаются. Словообразовательные моделы детерминативного типа по материалам произведений поэта делятся на две группы. В первую группу входят слова, у которых первый компонент является главным, а во второй группе главный компонент находится на второй позиции. В статье анализируются данные модели.

**Ключевые слова:** грамматика, морфология, словообразование, прилагательное, сложное прилагательное, таджикский язык.

## ANALYSIS OF COMPOUND ADJECTIVES IN THE POETRY OF A. RUDAKI

The study of the morphological features of A. Rudaki's poems is one of the most important scientific problems, which has not yet been comprehensively studied. Among these problems, it is important to consider the ways of word formation of complex adjectives. Compound adjectives in the Tajik language in relation to the components are divided into copulative and determinative adjectives, however, copulative adjectives do not occur in the poetry of A. Rudaki. Derivative models of the determinative type based on the materials of the poet's works are divided into two groups. The first group includes words in which the first component is the main one, and in the second group the main component is in the second position. The article analyzes these models.

**Key words:** grammar, morphology, word formation, adjective, more complex adjective, Tajik language.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷурабекзода Фотима*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй. **Суроғ**а: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 33.
Тел.: **(+992) 938-18-72-43**

**Сведения об авторе:** ***Джурабекзода Фатима*** - Институт языка и литературы имени А. Рудаки НАНТ, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Тел.: **(+992) 938-18-72-43**

**Information about the author:** ***Jurabekzoda Fatima*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudakiy NAST, Applicant. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **(+992) 938-18-72-43**

УДК: 491.550 (09)

# ТАЪРИХИ ОМӮЗИШ ВА МАВҚЕИ ҶОНИШИН ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ВАТАНӢ ВА БУРУНМАРЗӢ

*Умедов Ш.Х.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Солҳои охир таваҷҷуҳи олимони забоншинос нисбат ба таҳлилҳои типологӣ - муқоисавии ҷузъҳои забон торафт меафзояд. Ҷонишинҳо низ дар ин радиф чун дигар ҷузъҳои нутқ мавриди таҳлилу муҳокима қарор гирифтаанд. Ҳамин тариқ, мушоҳида мешавад, ки ҷонишинҳо ҳам дар навбати худ мисли дигар ҳиссаҳои нутқ аз ҷумла исму сифат, шумораю феълҳо ҳамчун воситаи муҳимми муқарраркунандаи муносибати одамон ба ҳақиқати объективӣ ба шумор мераванд. Фарқи асосии ҷонишинҳо аз исмҳою феълҳо дар он аст, ки на танҳо маънои иловагии онҳо, балки бар замми ин маънои аслиашон ҳам абстракт мебошад [7, с.27].

Чунонки маълум аст, дар таркиби забон тақсим кардани ҳиссаҳои нутқ яке аз проблемаҳои асосии илми забоншиносӣ ба шумор меравад, бинобар ин, дар асарҳои дорои характери умумии забоншиносӣ ҳамзамон дар асарҳои германистҳо, ки ба забони олмонӣ бахшида шудаанд, ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешавад. Таърихи масъаларо муфассал наоварда, қайд мекунем, ки умуман масъалаи ҳиссаҳои нутқ, гарчанде ки дар забоншиносии муосир яке аз масъалаҳои инкишофёфта ба шумор меравад, ҳанӯз ҳам актуалӣ ба шумор меравад. Сарфи назар аз таърихи чандинасра, дар мавриди як қатор масъалаҳо ҳанӯз паҳлуҳои норавшан ва баҳснок вуҷуд доранд. Хусусан, аломатҳои номинативии онҳо ба кадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Ҷонишин ҳамчун як гурӯҳи алоҳидаи калимаҳо дар лингвистика аз ҷониби забоншиносон ба таври норавшан шарҳ дода мешавад. Махсусан, мавқеи ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, дурусттараш масъалаи ҷудо шудани ҷонишинҳо ҳамчун чузъи алоҳидаи нутқ то ҳол баҳсталаб ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки ҳиссаҳои нутқ аз рӯйи анъана ба мустақилмаъно ва ёридиҳанда ҷудо мешаванд. Ҳиссаҳои ёрирасони нутқ ҳамчун дорои вазифаҳои грамматикӣ, бо набудани таносуби бевоситаи субъектӣ, аз ҷиҳати фонетикӣ «заиф» ва аз ҷониби баъзе забоншиносон аз ҷиҳати семантикӣ муайян карда мешаванд. Олимон ба ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ исм, сифат, феъл, зарфро нисбат медиҳанд. Дар аксари таснифоти ҳиссаҳои нутқе, ки ба мо дар забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ маълум аст, ҷонишинҳо ба таври анъанавӣ ҳамчун як ҷузъи алоҳидаи нутқ аксар аз калимаҳои мустақилмаъно фарқ мекунанд, аммо ягонагии ин намуди калимаҳо аксар вақт зери шубҳа ва баҳс қарор мегирад. Мушкилии масъалаи ҷудо кардани ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқро В.В. Виноградов хеле дақиқ нишон дода буд, ки ақидаи ӯ дар бораи ҷонишинҳо ба забони русӣ, тоҷикӣ ва олмонӣ низ комилан дахл дорад: «Муттаҳидшавии ҳамаи ҷонишинҳо бутунии системаи ҳиссаҳои нутқро дахлдор мекунад, зеро гурӯҳи ҷонишинҳо дорои калимаҳои характери грамматикии дигар мебошанд; дар баробари ин, ба категорияҳои дигар тақсим кардани онҳо танҳо ба он оварда мерасонад, ки онҳо ҳанӯз ҳам дар байни сифатҳо ва исмҳо дар категорияҳои махсус ҷудо карда шаванд» [2, с.258].

Дар охири асри XX ва аввали асри XXI як қатор асарҳое ба майдон омаданд, ки дар омӯзиши гурӯҳи ҷонишинҳо бо муносибати аслии худ фарқ карда, инчунин илми забоншиносии муосирро ба таври назаррас ғанӣ гардонидаанд. Масъалаи асосии ин асарҳо ҳамеша масъалаи мавқеи ҷонишинҳо дар системаи забон ба ҳисоб мерафт. Ин мавзуъ имрӯз низ баҳсангез боқӣ мемонад, аммо мубоҳисаҳои тезу тунд доир ба ин масъала дар охири асри XX ва аввали асри XXI дар доираи ҳал намудани проблемаҳои умумӣ ҷиҳати ҷӯстуҷӯ ва муайян кардани меъёрҳои ҷудо намудани ҳиссаҳои нутқ баргузор мегардид (О. Лешка, О.Г. и И.И. Ревзины, А.Е. Супрун, Й. Вукович, А.Т. Кривоносов, Е.С. Кубрякова, И.М. Советов, В.М. Жирмунский ва диг.). Мақсади ин мубоҳисаҳо ҷавоб додан ба саволи оё ҷонишин ҳиссаи мустақили нутқ аст ё на ба ҳисоб мерафт. Доир ба ин масъала ақидаи олимон мухталиф ба назар мерасад: як қатор олимон бар он ақидаанд, ки ҷонишинҳоро бояд дар таснифоти анъанавӣ ҷой дод, дигарҳо исрор менамоянд, ки муътақидан муносибати нав барои ба низом даровардани онҳо зарур аст.

Дар адабиёти забоншиносӣ як қатор таҳқиқот ба ҷонишинҳо бахшида шудаанд, ки дар байни онҳо бахусус тадқиқоти Агапова С.А. [Агапова, 1999], Айзенберг П. [Eisenberg, 2006],

Алференко Н.А. [Алференко, 1980], Богатырева Н.А. (Богатырева, 1982), Валгина Н.С. [Валгина, 2003], Гранева И.Ю. [Гранева, 2008], Евтюхин В.Б. [Евтюхин, 2001], Майтинская К.Е. [Майтинская, 2009], Марфинская М.И. [Марфинская, 2001], НехорошеваяТ.П. [Нехорошева, 2001], Попова О.П. [Попова, 2007], Сайфуллаев Х.Г. [Сайфуллаев, 1981], Сиёев Б. [Сиёев 1972], Наҳангова М. [Наҳангова, 1971], Мулкиджанян Н.Г. [Мулкиджанян, 1987], Селиванова Е.А. [Селиванова, 2002], Скобликова Е.С. [Скобликова, 2002], Суник О.П. [Суник, 2010], Устин А.К. [Устин, 1985], Федоренко М.Т. [Федоренко, 1977], Федорченко Е.А. [Федорченко, 1995], Хованская Л.В. [Хованская, 1977], Эромс Г. [Eroms, 2000] ва дигарон дорои қимати баланд мебошанд. Ҷонишинҳои ишоратӣ ба ҳар ҳол тамоми системаи забонро фаро гирифта, пайваста шавқу ҳаваси олимонро вобаста ба проблемаҳое, ки дар забоншиносӣ ба миён меоянд, бедор мекунанд. Аз он сабаб, ки объекти таҳқиқоти мо муқоисаи ҷонишинҳои ишоратӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аст, минбаъд суханронӣ ва ибрози ақида дар бораи ҳамин гурӯҳи ҷонишинҳо меравад.

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар асари К. Бругман тафсили умумии назариявӣ гирифтаанд, ки дар он муаллиф дар асоси маводи таърихи ҷонишинҳо дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ назарияи навъҳои ишорарo ё худ хусусиятҳои семантикии ҷонишинҳои ишоратии ҳиндуаврупоиро асоснок нишон додааст. Андешаҳои ӯро К. Бюлер боз мукаммалтар гардондааст [9, с37]. Аз нуқтаи назари тасвирӣ ё таърихӣ системаи ҷонишинҳои забони муайян пурра ё ягон гурӯҳи алоҳидаи ҷонишинҳо таҳқиқ карда мешавад. Мо дар таҳқиқоти худ мавҷудияти ҷонишинҳои ишоратиро дар сатҳи лексикӣ, морфологӣ, синтаксисии забон дида мебароем. Сатҳи фонетикии ҷонишинҳои ишоратӣ аз таҳқиқи мо берун аст.

Вусъат ёфтани аҳамият ва корбурди ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ то замони муосир дар германистика соҳаи камтаҳқиқшуда ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти махсусе, ки маҳз ба ҳамин самт бахшида шуда бошанд ҳам, дар забоншиносии ватанӣ ва ҳам дар забоншиносии бурунмарзӣ тақрибан вуҷуд надорад. Ҳарчанд ки роҷеъ ба маъно ва истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ бештари олимони соҳаи германистика дар рисолаҳои худ ба таври умумӣ қайд карда гузашта бошанд ҳам, мавзуи зикршуда ҳалли пурраи худро то ҳол пайдо накардааст. Дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масоили гуногуни ҷонишинҳои ишоратӣ бахшида шудаанд, маҷмуи пурраи семаҳое, ки ҷонишинҳои ишоратӣ шомили онҳо ҳастанд, фаро гирифта нашудааст.

Дар ин монографияҳои хусусияти умумидошта, ки ба таврӣ диахронӣ омода шудаанд, тавзеҳ додани тамоми рангорангӣ ва тобишҳои маъноии ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ имконнопазир аст, зеро дар ин ҷо аз рӯйи қоида танҳо мушоҳидаҳои ғайримунтазам роҷеъ ба истифодаи ҷонишинҳои ишоратӣ дода мешаванд, чунки доираи таҳқиқоти онҳо дигар масъалаҳои грамматикиро дар бар мегирад.

Ғайр аз корҳои зикршуда, масъалаи маъноии ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ инчунин дар дигар маводҳои умумие, ки ба давраҳои алоҳидаи таърихи забони олмонӣ бахшида шудаанд, дида мешавад, аммо боз ҳам ғайримунтазам; чунин масъалаи ҷузъӣ монанди корбурд ва тағйирёбии маъноии ҷонишинҳои ишоратӣ ҷариб ки ҳодисаи таҳқиқотшавандаи грамматикии аз назар дурмонда боқӣ мемонад.

Аммо як қатор масъалаҳо ҳанӯз ҳалли пурра ва дурусти худро наёфтаанд. Масалан, муқаррар намудани мақоми ҷонишинҳои ишоратӣ, муайян кардани қо-нунҳои умумии таркибӣ ва морфологии инкишофи онҳо муайян кардани вазифаҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Зимнан, зарурати чунин пажуҳишҳо дар адабиёти забоншиносӣ борҳо таъкид шудааст. Ин ҳолатро метавон дар забоншиносии тоҷик низ мушоҳида намуд. Яъне, ба истиснои китобҳои мактабию донишгоҳии забони тоҷикӣ ва асарҳои лаҳҷашиносон, ки дар бораи хусусиятҳои грамматикии ҷонишинҳои ишоратӣ дар давраҳои миёна ва нави забони тоҷикӣ гуфта шудаанд, масъалаҳои зиёд доир ба ҷонишинҳои ишоратии забони тоҷикӣ, ки бо таърихи инкишоф ва хусусиятҳои функсионалии ин гурӯҳи ҷонишинҳо алоқаманданд, то ҳол таҳқиқ нашуда боқӣ мемонад [6, с165]. Дар омӯзиши корбурди ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ ҳамон тамоюлҳое инъикос меёбанд, ки дар ин ё он давра дар забоншиносӣ бартарӣ доштанд.

Вусъатёбии методи конструктивӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ дар забоншиносии асри XIX доир ба омӯзиши ҳодисаҳои ҷузъии грамматикӣ ба назар мерасад. Ҷонишинҳои ишоратӣ низ аз ин доираи таҳқиқ берун нестанд. Дар омӯзиши онҳо низ методи конструктивӣ ва методи муқоисавӣ-

таърихӣ ба таври васеъ истифода гардидааст (Я. Гримм, К. Бругман ва кулли мактаби ҷавонграмматистон).

Тобишҳои маъноии ҷонишинҳои ишоратӣ, чун қоида, омӯхта нашудаанд. Агар маънои ҷонишинҳои ишоратӣ ба назар гирифта шуда бошад, пас нақши матн ба назар гирифта нашудааст, яъне, маънои ҷонишинҳои ишоратиро берун аз матн таҳқиқ намудаанд. Дар он вақт зарурати омӯзиши тамоми ҳодисаҳои грамматикии системаи забон ҳанӯз ба қадри кофӣ эътироф карда намешуд.

Ҳангоми омӯзиши истифода ва тағйири маънои ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони олмонӣ, махсусан муҳим аст, ки онҳо дар заминаи матн баррасӣ шаванд ва танҳо дар он сурат аҳамияти онҳоро каму беш эътимоднок муқаррар кардан имконпазир аст. Нақши матн, махсусан ҳангоми таъсиси маъноҳои чунин ҷонишинҳои ишоратии полисемантикӣ ба мисли «der, die, das» бузург аст. Ба кадри кофӣ ба назар нагирифтани нақши матн дар омӯзиши маънои ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ қариб ба ҳамаи асарҳои оид ба германистикаи асри XIX ва ибтидои асри XX хос аст.

Мушоҳидаҳои зиёди арзишманд оид ба маънии баъзе ҷонишинҳои ишоратӣ дар давраҳои муайяни инкишофи забон дар таҳқиқоти вижае, ки ба таҳияи артикл ва ҷонишини нисбӣ дар забони олмонӣ бахшида шудаанд, мавҷуданд, зеро яке аз ҷонишинҳои ишоратии «der, die, das» ҳамчун нуктаи ибтидоии инкишофи категорияи калимаҳои номбаршуда хизмат кардааст. Аммо, таваҷҷуҳи забоншиносон ба омӯзиши чунин проблемаҳои бечунучарои муҳим, монанди проблемаи ташаккули артикл кашида шуда, омӯзиши худи ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ ва сарнавишти онҳо аз мадди назар дур мондаанд. Монографияҳое, ки ба омӯзиши артикл ва ҷонишини нисбӣ бахшида шудаанд, бо вуҷуди ин таҳқиқ, ҷойи таҳқиқоти махсусро гирифта наметавонанд, ки мақсад аз онҳо таҳқиқи муфассали ҷонишинҳои ишоратӣ бошанд.

Аммо бояд гуфт, ки муҳаққиқон аз як тараф, дар байни артикл ва ҷонишинҳои ишоратӣ фарқ намегузоранд. Ҷонишинҳои ишоратиро чунин муҳаққиқон аксар вақт ба артиклҳо нисбат медиҳанд. Масалан, Пол Ҷейгер дар китоби худ артиклҳоро чунин тасниф менамояд: 1) артикл бо қувваи деиктикии (ишора) пурзӯр; 2) артикл бо якчанд қувваи заифи дейктикӣ (mit schwacherer Deixis); 3) артикл бе қувваи дейктикӣ. Дар ин се навъи артиклҳои тақсимбандикардашудаи муаллиф тақрибан ҳамаи ҷонишинҳои ишоратии забони олмонии қадим (theser, ther se1bo, ener ва ғайра) кушода мешаванд.

Чунин ақидаи артикли даврони куҳани забони олмониро таҳқиқотчии муоссир Вернер Годлер низ тарафдор мебошад. Ӯ низ артиклҳоро чунин фарқ мегузорад: 1) артикли дейктикӣ; 2) артикли анафорӣ (ҳусни такрор); 3) артикли тобеъкунандаи ҷумла; 4) артикли амалкунанда; 5) артикли детерминӣ.

Ин гуна омехтакунии артикл бо ҷонишинҳои ишоратӣ таҳқиқи ҳам артикл ва ҳам ҷонишини ишоратиро мушкил менамояд. Мо ба ақидаи он муҳаққиқон ҳамроҳ мешавем, ки бар ин боваранд, ки байни артикл ва ҷонишинҳои ишоратӣ фарқияти функционалӣ мавҷуд аст, гарчанде артикл аз ҷиҳати генетикӣ бо муҳити ҷонишинҳои ишоратӣ алоқаманд аст. Параллелизм дар байни забонҳои германии қадим он қадар бузург аст, ки дар баъзе мавридҳо муайян кардан душвор аст, ки мо бо артикл ё ҷонишини анафорӣ сару кор дорем. Аммо артикли забонҳои қадими германӣ аз он ва дигар ҷонишинҳо бо хусусияти калимаи функционалии грамматикӣ фарқ мекунад.

Бо дарназардошти ин, мо чунин мешуморем, ки артикл дорои қувваи пурқуввати дейктикӣ ва артикл дорои қувваи дейктикӣ то андозае суст шуда (аз рӯйи истилоҳоти Пол Ягер), инчунин артикли дейктикӣ, артикли анафорӣ ва артикли пайвандкунандаи ҷумла (В.Годлер) ҷуз ҷонишинҳои ишоратии дейктикӣ ва анафорӣ дигар чизе нестанд.

Дар забоншиносии тоҷик ҷонишинҳо дар умум таҳқиқ шудаанд, аммо ягон рисолае, ки маҳз ба ҷонишинҳои ишоратии забони тоҷикӣ бахшида шуда бошад, то ҳол вуҷуд надорад. Дар ин самт таҳқиқи назаррасеро дар бораи корбурд ва маънои ҷонишинҳои ишоратии забони тоҷикӣ аз нуқтаи назари таърихӣ Б. Сиёев гузаронидааст. Тавре ки Б. Сиёев қайд менамояд: «Ҷонишинҳои ишоратӣ дар матн вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Онҳо, аз як тараф, бо калимаҳои дигар омада барои шакл гирифтани таркибҳои атрибутивӣ хизмат кунанд, аз тарафи дигар, ҳамчун аломатҳои морфологӣ, яъне чун артикл зоҳир мешаванд» [6, с.165]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони тоҷикӣ низ бо артикл алоқамандӣ доранд. Муаллиф вазифаҳои ҷонишинҳои ишоратиро дар давраи миёнаи забони тоҷикӣ шарҳ дода, ки ба ақидаи ӯ вазифаи

аввалини ҷонишинҳои ишоратӣ ин предметро бо роҳи нишондиҳӣ ифода кардан, ки ин вазифаи асосии ишоратҷонишинҳои забони ин давра ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи ӯ, яке аз вазифаҳои ҷонишинҳои ишоратии ин давра вазифаи артикли муайяниро иҷро кардан ба шумор меравад. Дар ин маврид ишоратҷонишинҳо, одатан, дар ҳолати дубора истеъмол шудани исм, бо исми баъдӣ меоянд. Исми аввала бошад, ҳамчун қоида, бо артикли муайянӣ сурат меёбад [6, с.166].

Ҳангоми омӯзиши ҷонишинҳои ишоратӣ дар давраҳои аввали забони олмонӣ, инчунин бо душвориҳои фарқ кардани ҷонишинҳои нисбӣ ва ишоратӣ низ рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Дар ин масъала аксари муҳаққиқон чунин андеша доранд: ҳамчун хусусияти фарққунандаи байни ин ҷонишинҳо шакли таркибӣ ва грамматикии ҷумлаи тобеъ ё асосиро номбар мекунанд. Ҷонишини нисбӣ, ба ақидаи онҳо, ҷузъи таркибии ҷумлаи тобеъ буда, бо як қатор хусусиятҳои шаклӣ (тартиби калима, тасриф ва ғайра) аз ҷумлаи асосӣ фарқ мекунад. О.И. Москалская қайд менамояд: «Ҷонишини нисбӣ ба сифати яке аз аъзои он ба таркиби хос дохил шуда, бо дигар аъзояш ба муносибати синтаксисӣ ворид мешавад. Аз ин рӯ, аз исми муайяншуда ҷудо шуда, ба муносибатҳои дар ҷумлаи тобеъ омада итоат мекунад» [4, с.45].

Ин гуна ақидаро Иогансен низ чунин баён менамояд: «Пас, таркиби ду ҷумлаи асосӣ ... хусусияти ҷумлаи тобеъ дорад ва ҳамин тавр аст. Комилан зарур аст, ки яке аз ҷумлаҳои асосӣ ба навъе ишора шуда, аз навъи маъмулии ҷумлаҳои асосӣ бо ягон аломати берунӣ ё дохилӣ фарқ карда шавад... Аломати зикршуда аксаран зарфе хоҳад буд, ки ба пайвандак мубаддал мешавад ё бо тартиби махсуси калима ё дар речаи махсус интиқол дода мешавад» [11, с.17].

Дар мавриди тафовути ҷонишинҳои нисбӣ ва ишоратӣ чунин андешаро баъзе муҳаққиқони дигар низ баён кардаанд. Корбурди ҷонишинҳои ишоратӣ ва нисбиро дар давраҳои аввали забони олмонӣ (махсусан давраи куҳан ва миёна) омӯхта, бисёр муҳаққиқон ба ибораи *ἀπὸ xolvoū* забони олмонӣ диққат медиҳанд.

Дар баҳс дар бораи маъно ва нақши ин ибора дар ташаккули ҷонишинҳои нисбӣ ақидаҳои муҳаққиқони гуногун мухталифанд. Баъзе бар он ақидаанд, ки ҷонишини ишоратии *ἀπὸ xolvoū* дар ҷойи пайвасти сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ҷонишини ишоратӣ-нисбӣ мебошад. Дигарҳо бошанд бар он ақидаанд, ки ҷумлаҳои дорои ҷонишини ишоратӣ *ἀπὸ xolvoū* буда, ки дар байни ду ҷумла меистанд, наметавонанд ҳамчун тимсоли ҷумлаи тобеи мураккаб бо маънои муайянкунанда баҳо дода шаванд [11, с.36].

Барои муҳаққиқи ҷонишинҳои ишоратӣ дар давраҳои аввали инкишофи забони олмонӣ бо ин масъала сару кор гирифтан маънои аз мавзуи таҳқиқи худ дур шуданро дошт. Муҳимтарин муқаррароти пажуҳишгар дар мавриди корбурди ҷонишинҳои ишоратии олмонӣ дар давраи куҳан ва миёна ин аст, ки ҷонишини ишоратии *ἀπὸ xolvoū* дар пайванди ду ҷумла на танҳо тобеъ, балки маънои ишоратӣ низ дорад. Муқоисаи матнҳои параллелии давраи куҳан ва давраи миёнаи забони олмонӣ нишон медиҳад, ки ҷонишини ишоратӣ-нисбӣ ба ду ҷонишини мустақил ҷудо мешавад: нисбӣ ва ишоратӣ.

Ҳамин тариқ, бомуваффақият омӯхтани ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ дар тартиби диахронӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки байни артикл, ҷонишинҳои ишоратӣ ва нисбӣ тафовут гузошта шавад. Ба ин маъно, муваффақияти омӯзиши ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони олмонӣ дар давраҳои аввали рушд бевосита ба муваффақияти таҳқиқот дар соҳаи артикл ва ҷонишини нисбӣ вобаста аст.

Дар асрҳои XIX-XX ҷонишинҳои забони олмонӣ ба таври муназзам не, балки дар асоси мавридҳо омӯхта мешуданд. Таҳқиқот одатан дар шакли мақолаҳои кӯтоҳ ё қайдҳо дар маҷаллаҳо дида мешавад. Таҳқиқоти монографӣ, ба истиснои ҳолатҳои камшумул, вуҷуд надоранд. Барои он ки дар бораи самтҳо ва усулҳои омӯзиши ҷонишинҳои ишоратӣ дар он замон тасаввурот дошта бошем, бояд ба чанд мақолае, ки ба ҷонишинҳои алоҳидаи ишоратӣ дар забони олмонӣ бахшида шудаанд, таваққуф намоем.

Дар мақолаи Е. Гофман-Крейер бо номи "Gotisches «jains», ahd. "jener, ēnēr", mhd [10, с.134] асосан ба масъалаҳои этимологӣ диққат дода мешавад. Муаллиф кӯшиш менамояд, ки бо истифода аз муқоисаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ масъалаи пайдоиши ҷонишини ишоратии «jener»-ро ҳал намояд. Дар бораи маънои ҷонишини «jener» кам гуфта мешавад. Махсусан, ҳангоми муайян намудани «ein» давраи миёнаи забони олмонӣ ва «jains» забони готӣ.

Мо чунин мешуморем, ки камбудии асосӣ дар мақолаи мазкур истифода ва маънои ҷонишини ишоратии «jener» баррасӣ намудани корбурди он дар алоҳидагӣ аз дигар ҷонишинҳои

ишоратӣ мебошад. Албатта, мақола наметавонад хонандаро бо корбурд ва маънои ҷонишини ишоратии «jener» дар давраҳои мухталифи забон ба таври комил ошно созад.

Мақолаи дигаре, ки роҷеъ ба ҷонишинҳои ишоратӣ бахшида шудааст, ин мақолаи В фон Гелтен бо унвони «Zum westgermanischen hic-Pronomen» [14, с.65] мебошад, ки дар он пайдоиши шаклҳои муайяни ҷонишинҳои ишоратӣ таҳлил карда мешавад. Шаклҳои ҷонишинҳои ишоратии забонҳои алоҳидаи ҳиндуаврупоӣ муқоиса карда шуда, ба ҳодисаҳои фонетикӣ диққати махсус дода мешавад. Корбурд ва маънои ин ҷонишинҳо умуман фаро гирифта нашудааст.

Ҷонишинҳои ишоратӣ дар мақолаҳои дигар низ дар ҳамин шакл омӯхта шудаанд.

Аввалин таҳқиқоти васеъ оид ба омӯзиши ҷонишинҳои ишоратии забонҳои ҳиндуаврупоӣ омӯзиши К. Бругман буд. Ҳарчанд дар омӯзиши ӯ унсурҳои зиёде мавҷуд буданд, ки аз идомаи аз ҷониби Бругман истифода шудани анъанаҳои забоншиносии қадима дида мешуд (зуд-зуд муроҷиат кардан ба шаклҳои таҷдидшуда), вале ин омӯзиш барои ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ аҳамияти калон дорад. Муваффақияти ӯ дар он аст, ки масъалаи ҷонишинҳои ишоратӣ дар маркази таҳқиқоти Бругман қарор дорад ва ба ҳеҷ ваҷҳ ин тасодуфӣ ва дуюмдараҷа аз мавзуи асосӣ нест, чунонки дар монографияҳое, ки пайдоиши артикл ё ҷонишини нисбиро меомӯзанд, дида мешавад [10, с.102].

Вай бори аввал кӯшиш кардааст, ки доираи корбарии ин ё он ҷонишинҳои ишоратиро мувофиқи маънои он, бо вазифаи иҷрокардааш муайян намояд.

Дар асари Бругман ҷонишинҳои ишоратии ҳамаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ таҳқиқ карда мешавад, чунонки худи унвони асар нишон медиҳад; аз ин рӯ, маъноҳои ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ ба таври муфассал омӯхта нашудааст. Ва чунин ҳолат ба ҷонишинҳои ишоратии забони тоҷикӣ низ дахл дорад.

Худи Бругман инро иқрор шуда, ӯ вазъияти хеле ғайриқаноатбахши омӯзиши ҷонишинҳои ишоратиро дар забонҳои алоҳида ба назар гирифта, диққати забоншиносонро ба ин далел ҷалб намуда, онҳоро даъват менамояд, ки ба омӯзиши муфассали маънии ҷонишинҳои ишоратӣ дар забонҳои алоҳида машғул шаванд.

Аён аст, ки дар ибтидои асри XX дар посух ба ин даъват чанд асари ба ҷонишинҳои ишоратӣ бахшидашуда пайдо шуданд. Аммо ҳатто ин чанд асар аз нигоҳи самти куҳна дар забоншиносӣ (муқоисавӣ-таърихии забонҳои германӣ ё ҳиндуаврупоӣ) навишта шудаанд [13, с.87]. Дар он ҷо ба ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ диққати даркорӣ дода нашудааст.

Баъзе истисноҳо асарҳое мебошанд, ки ба тавсифи маънoҳои ҷонишинҳои ишоратӣ дар баъзе забонҳо ё лаҳҷаҳо бахшида шудаанд [14, с.76]. Аммо дар солҳои минбаъда шавқу ҳаваси забоншиносон ба омӯхтани маъноҳои ҷонишинҳои ишоратии олмонӣ боз ҳам коҳиш меёбад. Масалан, дар солҳои 1936-1945 дар корҳои илмӣ доир ба германистика дар хусуси ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ ба ҷуз аз якчанд қайдҳои матбуоти даврӣ, ки ба ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ бахшида шудаанд, умуман ягон асари назаррасе нест.

Таҳқиқоти алоҳидае, ки ба навъҳои гуногуни ҷонишинҳо, ки баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ пайдо шудаанд, махсусан бо ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ алоқаманд нестанд. Баъзеи онҳо ба мактаби диалектографии Т.Фрингс тааллуқ доранд. Дар ин мактабҳо одатан шаклҳои гуногуни лаҳҷавии ҷонишинҳо (аз ҷумла ҷонишинҳои ишоратӣ) таҳқиқ карда мешаванд. Мақсади асосии ин гуна таҳқиқот муқаррар намудани сарҳадҳои лаҳҷавии гуногун мебошад [12, с.114]. Дигар асарҳо дар бораи истифодаи баъзе ҷонишинҳои ишоратӣ дар забони олмонӣ бидуни ба назар гирифтани давраи ташаккули онҳо (аз нуқтаи назари синхронӣ) ба назар мерасад [5, с.69]. Ниҳоят, асарҳое ҳастанд, ки ба корбурди ҷонишинҳои алоҳидаи ишоратӣ дар забони олмонӣ бахшида шуда, маҷмуаи одии методӣ мебошанд, ки бо мақсади таълими хонандагон пешниҳод шудаанд [3, с.96].

Дар асарҳои охирини В. Г. Адмони, ки ба синтаксиси таърихи забони олмонӣ бахшида шудааст, масъалаи истифода ва дигаргунии маънои ҷонишинҳои ишоратии забони олмонӣ дар нақшаи диахронӣ низ дида намешавад [1, с.103].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ҷонишинҳо дар охири асри XX – ибтидои асри XXI яке аз масоили проблемавии тадқиқоти илмӣ дар забоншиносӣ мебошанд. Дар ҳоле ки қисмҳои дигари нутқ танҳо мавриди таҳлили муфассал қарор доранд, барои синфи прономиналӣ таснифоти нав таҳия карда мешаванд. Равишҳое, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, дар забоншиносии муосири рус пешсаф буда, ба андешаи мо, онҳо на танҳо аз ҷиҳати консептуалӣ

ба ҳамдигар мухолиф нестанд, балки ҳамдигарро пурра мекунанд, зеро ҳар кадоме аз онҳо объектро дар як ҷанбаи махсус баррасӣ мекунанд. Хусусияти синфи исмӣ, ки дар забоншиносӣ инкишоф ёфтааст, ҳарчанд гуногунҷанба аст, аммо бо набудани ягонагӣ ва якпорчагӣ, ки барои тафсири муносиби объекти тавсифи илмӣ зарур аст, фарқ мекунад.

**Муқарриз:** ***Сайфуллоев Х.Т.*** – д.и.п., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ

**А Д А Б И Ё Т**


1. Адмони В.Г. Исторический синтаксис немецкого языка / В.Г. Адмони. - Москва, 1963.
2. Виноградов В.В. Русский язык: Грамматическое учение о слове. М.-Л.: Высшая школа, 1972.
3. Данильянц Т.М. Указательное местоимение как замена имен существительных, Методический сборник кафедры иностранных языков московского высшего технического училища / Т.М. Данильянц. Вып. 2. - Москва, 1959.
4. Москальская О.И. Развитие артикля в древних германских языках: автореферат диссертации / О.И. Москальская. - М., 1953. - С.45-46.
5. Николаева И.А. Об употреблениииуказательных и личных местоименнй немецкой устно-разговорной речи / И.А. Николаева // Труды Ленинградского библиотечного инстнтута. – 1963. - Том X.
6. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони точикӣ / Б. Сиёев. – Душанбе: Дониш, 1972. – 235 с.
7. Сиёев Б.С. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ / Б.С. Сиёев. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 494 с.
8. Урунова Р.Д. Основные проблемы и направления в изучении местоимений на рубеже XX - XXI вв / Р.Д. Урунова // Вестник Утмурдского университета. Серия «История и филология». - 2020. - №5. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osnovnye-problemy-i-napravleniya-v-izuchenii-mestoimeniy-na-rubezhe-xx-xxi-vv (дата обращения: 25.01.2023).
9. Bühler K. Sprachtheorie: Die Darstellungsfunktion der Sprache / K.Bühler. - Jena, 1934. - 508 s.
10. Brugmann K. Die Demonstrativpronomina der idg. Sprachen (Eine bedeutungsgeschichtliche Untersuchung) / K. Brugmann. - Leipzig, 1904.
11. Holger Johansen. Zur Entwicklungsgeschichte der altgermanischen Relativsatzkonstruktionen / Johansen Holger. - Kopenhagen, 1935. - S.17-19.
12. Parmann H.S. Die Pronomina in der mhd. Urkundensprache / H.S. Parmann // Beiträge zur Geschichte der deutschen Sprache und Literatur. - Bd. 83, 1961.
13. Prokosch E. Beieräge zur Lehre von Demonstrativpronomen in den allgermanischen Dialeklen. – Disserlalio / E.Prokosch. - Leipzig, 1906.
14. Schwyzer E. Die Demonstralivpronomina des Schweizerdeutschen, lndogermanische Forschungen, XXVl Bd./ E.Schwyzer. -, 1910.
15. “Zeilschrift für vergleichende Sprachforschung auf dem Gebiete der indogermanischen Sprachen". - Bd. XXXIV. - 1897.


## ТАЪРИХИ ОМӮЗИШ ВА МАВҚЕИ ҶОНИШИН ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ВАТАНӢ ВА БУРУНМАРЗӢ


Дар мақолаи мазкур таҳлили асарҳои забоншиносӣ, ки ба омӯзиши ҷонишинҳо ҳамчун як гурӯҳи грамматикии калимаҳо дар забонҳои точикӣ ва олмонӣ бахшида шудаанд, баррасӣ мегардад. Мақсади мақола аз таҳқиқ намудани мавқеи ҷонишин ва махсусан омӯзиш ва корбурди ҷонишинҳои ишоратӣ дар забонҳои точикӣ ва олмонӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчун заминаи асосии мавзуи таҳқиқот асарҳое истифода бурда мешаванд, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ба табъ расидаанд. Дар натиҷаи таҳлил масъалаҳо ва самтҳои асосии таҳқиқи гурӯҳи ҷонишинҳо дар забоншиносии муосири точик ва олмон муайян карда шуданд. Муайян карда шуд, ки ҷонишинхо таҳқиқи махсусро талаб мекунанд, зеро дар сатҳи категория онҳо аз ҷихати хусусиятҳояшон аз ҳамаи калимаҳои дигар фарқ мекунанд. Самараноктарин равиши таҳқиқи онҳо усули функсионалӣ мебошад, ки ин имкон медиҳад, то ҷонишинҳо бо назардошти хусусияти корбурди онҳо дар матн ва муошираті шифоҳӣ таҳқиқ карда шаванд. Дар мақола инчунин асарҳои муаллифоне, ки доир ба корбурди ҷонишинҳои ишоратӣ дар забонҳои точикӣ ва олмонӣ таҳқиқотҳо гузаронидаанд, сухан рафта, муайян карда шуд, ки ҷонишинҳои ишоратӣ дар алоҳидагӣ то ҳол таҳқиқ нашудаанд.



**Калидвожаҳо:** ҷонишин, ҳиссаҳои нутқ, таърихи ҷонишин, ҷонишинҳои ишоратӣ, равиши функсионалӣ, семиотика, усули функсионалӣ.


## ИСТОРИЯ ИЗУЧЕНИЯ СТАТУСА МЕСТОИМЕНИЙ В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ И ЗАРУБЕЖНОЙ ЛИНГВИСТИКЕ


В данной статье рассматривается анализ лингвистических работ, посвященных изучению местоимений как грамматической группы слов в таджикском и немецком языказнании. Целью статьи является исследование статуса местоимения и особенностей изучения и употребления указательных местоимений в таджикском и немецком языках. Предметом исследования являются произведения, опубликованные в конце XX - начале XXI века. В результате анализа были определены основные проблемы и направления исследования группы местоимений в современном таджикском и немецком языкознании. Определено, что местоимения требуют особого подхода к исследованию, так как на уровне категории они отличаются от всех других слов по своим характеристикам. Наиболее эффективным подходом к их исследованию является функциональный метод, позволяющий исследовать местоимения с учетом характера их употребления в текстовом и устном общении. В статье также рассматриваются работы авторов, проводивших исследования употребления указательных местоимений в таджикском и немецком

языках, и было установлено, что до сих пор указательные местоимения специально и в отдельном порядке не исследовались.

**Ключевые слова:** местоимение, части речи, история местоимений, указательные местоимения, функциональный подход, семиотика, функциональный метод.

**HISTORY OF STUDY AND THE POSITION OF PRONOUNS IN NATIVE AND FOREIGN LINGUISTICS**

This article discusses the analysis of linguistic works devoted to the study of pronouns as a grammatical group of words in Tajik and German language studies. The purpose of the article is to study the status of the pronoun and the features of the study and use of demonstrative pronouns in the Tajik and German languages. The subject of the research is the works published at the end of the 20th and beginning of the 21st century. As a result of the analysis, the main problems and directions for the study of the group of pronouns in modern Tajik and German linguistics were identified. It is determined that pronouns require a special research approach, since at the category level they differ from all other words in their characteristics. The most effective approach to their study is the functional method, which allows to study pronouns taking into account the nature of their use in textual and oral communication. The article also researches the works of authors who conducted research on the use of demonstrative pronouns in the Tajik and German languages, and it was found that so far demonstrative pronouns have not been specially and separately studied.

**Key words:** pronoun, parts of speech, history of pronouns, demonstrative pronouns, functional approach, semiotics, functional method.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умедов Шарифҷон Ҳайдаралиевич*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, унвонҷӯйи кафедраи забони олмонӣ. **Суроғa:** 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 121. E-mail: **umedov1991@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-944-40-27**

**Сведения об авторе:** ***Умедов Шарифджон Хайдаралиевич*** - Таджикский государственный педагогический университета им. С.Айни, соискатель кафедры немецкого языка. **Адрес:** 734021, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121. E-mail: **umedov1991@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-944-40-27**

**Information about the author:** ***Umedov Sharifjon Heydaralievich*** - applicant for the german language department of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. **Address:** 734021, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 121. E-mail: **umedov1991@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-944-40-27**

УДК: 491.550 (03)

# МАЪНОҲОИ ЛУҒАВИИ ЭҲСОСОТИВУ МОДАЛИИ МУСБАТ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

***Ҳайдаров М.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷараёни рушди босуръати илму техника ва падидаи ҷаҳонишавӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии адибону қаламкашон ва тағйири ҳолати руҳии онҳо метавонад мусоидат намояд. Табиист, ки ин падида ба рушди таркиби луғавии забони тоҷикӣ низ бетаъсир буда наметавонад. Аз ин сабаб, тадқиқи масъалаҳои мухталифи таркиби луғавии забонамон рӯз аз рӯз меафзояд. Яке аз мавзуъҳои муҳимме, ки диққати олимону донишмандони соҳаро ба худ ҷалб кардааст, масъалаи маъно ва маъношиносӣ мебошад. Ба табъ расидани асарҳои ба ин мавзуъ бахшидашудаи И.В. Арнолд [2], В.Н. Телия [13], Н.Ф. Алиференко [1], Куруши Сафавӣ [12], М.Саломов [11], Ж.Гулназарова [3], Ш. Сафаров [13] ва дигарон тасдиқи гуфтаҳои боло буда метавонад. Дар нигоштаҳои онҳо паҳлуҳои мухталифи маъно мавриди тадқиқ қарор дода шудаанд. Чунончи, забоншиноси варзида М. Саломов яке аз фаслҳои асари илмиашро «Мафҳуми маъно ва назарияи лингвистии маъношиносӣ» номгузорӣ намуда, қайд мекунад, ки «Мавқеи маъно дар доираи улуми лингвистӣ мавқеи муҳим дошта, тамоми воҳидҳои дигари забон дар низоми муайян барои ифодаи он равона шудаанд. Яъне, ҳадафи ниҳоии тамоми воҳидҳои забонӣ дар робитаю умумият ифодаи маъно аст, ки онро яке аз илмҳои лингвистӣ – семантика, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор медиҳад» [11, с.88]. Истилоҳи семантика аз калимаи юнонии semantikos – «ифодакунанда, нишондиҳандаи маъно» гирифта шудааст ва аввалин маротиба соли 1883 аз ҷониби Мишел Бреал ном олим истифода гардидааст [13, с.14]. Дар ибтидо олимони соҳа дар такя ба ақидаҳои Мишел Бреал семантикаро ҳамчун илм дар бораи маъноҳои калимаву ибора ва таърихи пайдоиши онҳо медонистанд. Аммо имрӯз чи дар адабиёти забоншиносии хорӣҷӣ ва чи дар адабиёти илмии забоншиносии тоҷик ҳамчун маънои луғавии калима истифода мегардад. Маълум аст, ки яке аз нишонаҳои асосии калима дорои маъно будани он аст. Зеро ки «калимаҳо бо қиёфаи овозии доимиву устувори худ ба системаи маъноҳои гуногун далолат мекунанд» [8, с.24]. Дар забоншиносии тоҷик, махсусан, дар китобҳои дарсӣ ва материалҳои ба соҳаи луғатшиносӣ бахшидашуда доир ба маънои луғавӣ ва хелҳои он ҷо-ҷо маълумотҳо ба назар мерасанд [ниг. ба 6; 7; 10; 15]. Масалан, дар яке аз китоби дарсии луғатшиносӣ, ки соли 1981 ба табъ расидааст, се навъи маънои луғавии калима: 1) маънои асосӣ; 2) маънои марбути фразеологӣ; 3) маънои вобастаи синтаксисӣ оварда шуда, бо мисолҳо маънидод карда шудаанд [7, с.11]. Аммо солҳои охир таҳқиқи масъалаи маъно рӯ ба инкишоф овардааст. Чунончи, муҳаққиқи ҷавон Ҳ. Дӯстзода роҷеъ ба маънои забонӣ ва навъҳои он қайдҳои аҷиберо пешниҳод кардааст. Вай менависад: «Маъноҳои забонӣ, дар маҷмуъ, системаи маъноҳои воҳидҳои забонро ташкил медиҳанд, ки миёни ҳам робитаҳои ногусастанӣ доранд. Муайян намудани алоқа ва муносибатҳои миёни маъноҳо яке аз масъалаҳои марказии маъношиносӣ мебошад. Дар ин замина маъноҳои забонӣ яке аз дигаре сар зада, дар мавридҳои алоҳида бе ҳамдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Масалан, таҳлили маъноҳои луғавию грамматикӣ, эҳсосотию баҳодиҳӣ ва модалию ишоратӣ дар ҳудуди калима исбот месозад, ки ин навъи маъноҳои забонӣ дар калима паҳлуҳои мухталифи мундариҷаи маъноии онро инъикос намуда, яке ба мавҷудияти дигаре боис мегардад» [5, с.33]. Забоншинос Ж. Гулназарова дар яке аз нигоштаҳояш доир ба маънои луғавӣ ибрози андеша намуда, менависад, ки «Ҷиҳати мундариҷавӣ симои ҷаҳонро нишон диҳад, ҷиҳати сохторӣ-функсионалӣ ахбори системавии дохили маъно мебошад. Пас калима дар забон дар чаҳор таносуб: 1) муносибат ба шайъ ва падидаи олами воқеӣ; 2) муносибат ба мафҳум; 3) муносибат ба хоҳишу эҳсоси инсон; 4) муносибат бо дигар калимаҳо қарор дорад. Дар ин замина дар системаи маънои луғавӣ навъҳои он ба вуҷуд меоянд» [4, с.8]. Профессор Ҳ. Маҷидов маънои луғавии калимаро таъриф дода онро ба ду навъ – маънои озоди луғавӣ ва маънои вобастаи фразеологӣ ва ё маънои устувори калима ҷудо намудааст. Вай маънои озоди луғавиро дар навбати худ боз ба гурӯҳҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратӣ

таҳсим намудааст, ки мо дар нигоштаи худ бештар ба ҳамин гуфтаҳо такя хоҳем кард [8, с.26].

Дар байни маъноҳои луғавии озод маънои луғавии мафҳумӣ мақоми махсус дорад, чунки он метавонад барои ба вуҷуд овардани баъзе аз маъноҳои модалӣ, эҳсосотӣ ва ишоратӣ мусоидат намояд. Яъне, дар шакли дигар бо он се маъно дар алоҳидагӣ олоиш ёбад. Ин нукта дар нигоштаҳои профессор Ҳ. Маҷидов низ ишора гардидааст. Вай қайд мекунад, ки «…маъноҳои мафҳумии калимаҳо на ҳама вақт дар шакли холис зоҳир мешаванд. Бисёр вақт онҳо ба унсурҳои мухталифи эҳсосотӣ, обуранги субъективӣ ва тобишҳои услубӣ олудаанд. Ба хусус, паҳлуҳои гуногуни олами ботинии инсон – эҳсосоти гуногун, майлҳои иродавӣ, тавсифу баҳодиҳиҳои ҳодисаҳои воқеӣ бисёр вақт дар шакли тобишҳои мухталифи маъноҳои мафҳумӣ зоҳир мегарданд» [8, с.26]. Ин ҳодиса дар илми забоншиносӣ бо номи коннотатсия низ (аз забони лотинии con- ҳамроҳ ва notatito-ифода) маънидод мешавад. Муҳаққиқи соҳаи маъношиносӣ Ж. Гулназарова дар яке аз нигоштаҳояш бевосита назари олимони варзидаи соҳаи забоншиносиро роҷеъ ба коннотатсия баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки «коннотатсия дар забоншиносӣ падидаи хоссе буда, бо вижагии худ дар системаи маъношиносӣ мавқеи муайян дорад» [3, с.28]. Ҳамчунин вай қайд мекунад, ки «калимаҳо дорои маъноҳои мухталиф мебошанд ва ҳар яке аз онҳо вобаста ба мавриди истеъмол ва қобилияти ифода кардани ин ё он маъно истифода мешаванд. Ба ғайр аз ин, қисми зиёди ин маъноҳо муносибат ва баҳодиҳии мушаххас (хуб ё бад)-ро ба объекти номбаршуда ифода мекунанд…» [3, с.25].

Забоншиноси маъруфи рус Н.Ф. Алиференко низ доир ба ин масъала ибрози андеша намуда, менависад, ки «коннотатсия ин ҷанбаи семантикии воҳидҳои номинативӣ мебошад, ки дар худ моҳияти маънои ҳиссӣ-муассирӣ ва услубиро таҷассум кардааст, ки он аломату хусусиятҳои объекти ифодашаванда нест, балки он муносибати гӯянда нисбат ба шароит ва вазъияти нутқ аст» [1, с.169]. Ба ин нисбат хулоса кардан мумкин аст, ки олоиши маъноҳои мафҳумию эҳсосотию модалиро бештар дар матн мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, калимаи **паст**, ки аслан маънои «зер, поён, таҳ, муқобили боло»-ро дорад, дар матни зерин бо маънои эҳсосотӣ олоиш ёфта, маънои ифодакунандаи оҳанги манфии «нокас, ноодам, разил, сифла, фурӯмоя»-ро ифода кардааст:

– Ҳой, зоташ **паст!** Маро дидӣ, шинохтӣ? [24, с.142]. – Худатро **паст** назан дар назди он шаҳол! [24, с.202]. – Ба ҳар ҳол маҳзи ҳикояти раҳматӣ падари банда ин аст, ки маккорӣ, бухлу ҳасад, ҳаромхӯрӣ, хиёнат, найранг ва ғайра хислатҳои **пасти** инсонӣ ҳеҷ гоҳ суд надоранд [24, с.530].

Ё ин ки калимаи **«хокӣ»,** ки маънои *«мансуб ба хок, заминӣ, дар хок зиндагикунанда»*- ро дорад, ба маънои эҳсосотӣ олоиш ёфта, оҳанги фурӯтаниро ифода кардааст. Муродифи ин калима «хоксор» аст. Аммо нависанда бо мақсади ҳар чӣ бештар ифода намудани оҳанги фурӯтанӣ маҳз ҳамин калимаро мавриди истифода қарор додааст:

Лек Дилёб як инсони одӣ, **хокӣ** ва ба сари худ озод аст [20, с.20].

Баръакси калимаҳои дорои маънои мафҳумии бо маъноҳои эҳсосотиву олоишёфтаи мусбат калимаҳои дорои маънои мафҳумии бо маъноҳои эҳсосотӣ олоишёфтаи манфӣ зиёдтар ба назар мерасанд, ки баррасии он мавзуи баҳси навиштаҳои дигари мо хоҳад буд.

Маънои луғавии модалӣ низ миёни маъноҳои луғавии озод мақоми махсусро соҳиб аст. Он маъноест, ки муносибати гӯяндаро нисбати фикри ифодашуда муайян мекунад. «Баръакси маъноҳои луғавии мафҳумӣ, ки ифодагари шакли умумиятдодашудаи шайъҳо ва ҳодисаҳои мухталифи онҳо дар шуури мо мебошанд, маъноҳои холиси эҳсосотӣ ва модалӣ таассуроти ҳаминлаҳзавии соҳиби забонро ифода мекунанд. Бо вуҷуди он, бояд ба инобат гирифт, ки чунин ифодаи маъноҳои эҳсосотӣ ва модалӣ изҳори таассуроти субъективонаи гӯянда набуда, он аз унсурҳои ҳатмии системаи семантикии забон ба шумор меравад» [8, с.27]. Дар забоншиносии муосири тоҷик мавзуи маъноҳои модалӣ дар сатҳи грамматика хеле зиёд омӯхта шудааст. Барои тасдиқи фикр кифоя аст, ки номи забоншиносон Халилов А. [17], Ҳалимов С. [18], Мирзоев А. [9] ва дигаронро қайд намоем. Дар сатҳи калимаҳо маънои модалиро ҳамчун тобишҳои иродавии маънои мафҳумии луғавӣ тафсир додан мумкин аст, ки дар онҳо раъю хоҳиш ва майлу рағбати соҳибзабонон ифода шудааст. Ин қабил маъноҳоро дар шакли зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

I. Калимаҳои ифодагари маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат.

II. Калимаҳои ифодагари тобишҳои сирф модалии мусбат.

Калимаҳои ифодагари маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат маъноҳое мебошанд, ки дар онҳо маънои эҳсосотии мусбат бо маънои модалии мусбат олоиш ёфтааст. Ин гурӯҳи калимаҳоро аз рӯйи маъно боз ба зергурӯҳҳои дигар ҷудо кардан мумкин аст:

а) ифодаи тааҷҷуб: **наход, аҷабо, воаҷабо, аҷиб, булаҷаб, ҳайҳот, тавба, бахайр, астағфируллоҳ:**

Мо аз он сабаб дар ҳайрат будем, ки агар ӯ чандрӯза аз шаҳр баромада мерафт, албатта, ба мо хабар медод, дар даруни шаҳр дар хонаи ошноёнаш, албатта, ин қадар дер намемонд, зотан ӯ дар шаҳр аз мо наздиктар ошно ҳам надошт. «**Воаҷабо**! Ба ӯ чӣ шуда бошад?» – гӯён мо дар ташвиш будем [21, с.446]. **Тавба**, нисфи мардуми ваҳшатзада бо оҳу воҳ ҷонталвоса лаб-лаби дарё дар ҷустуҷӯйи падару модар овора [20, с.26].

Баъзан ин қабил калимаҳо маъноҳои зиёди эҳсосотиву модалиро дар худ таҷассум кардаанд, ки он дар матн зоҳир мегардад. Масалан, калимаи **наход** баробари пурсишро ифода кардан, дар баъзе мавридҳо дар матн маънои тааҷҷубро низ ифода кардааст:

Як рӯзи дароз аз шибари Чорчашма бандина даравида овардаму зери офтоби сӯзон, – оҳо аз ташнагӣ забонат дар комат мечаспад, коҳҳоша дарза баста мурда-мурда кашонда тал чиндем…

– **Наход?**

– Ба Худо, ки… [20, с.23].

б) ифодаи дарду таассуф: **дареғо, дардо, дардо ки, воҳасрато, вовайло, ҳайфо, афсӯс, мутаассиф:**

Аммо баъд аз вафоти Ҳайрат **вовайлое** дар байни шоирони ҷавон, адабиётшиносон ва ҳавасгорони шеъру адабиёт бархоста, дар шаҳр ғулғула андохт [21, с.630]. Лекин **афсӯс,** ки бисёр содааанд ва ҳанӯз одамонро, хусусан қозикалон ва муфтиёнро тамом шинохта нагирифтаанд [21, с.525].

Калимаи **бадбахт**, ки маънои сирф эҳсосотиро ифода мекунад, дар мисоли зерин дар он маънои эҳсосотии ба маънои модалӣ олоишёфтаи ифодакунандаи таассуф ифода шудааст:

– Э **бадбахте**, худаша ба ғазаби Худо гирифтор кардааст, бигӯ… [20, с.68].

в) ифодаи видоъ: **хайр, алвидоъ, падруд, то қиёмат, то боздид:**

Инак, дӯстам, суҳбат боқӣ. Моро ба тайёра даъват мекунанд**. Хайр, то боздид.** Аз номи ман аз янга узр пурс [22, с.188]. Худи зиндагӣ муаммост, дӯстам…Хайр, то боздид. Шитоб мекунам [22, с.188].

г) ифодаи сипос: **муборак, табрик, шукр, қуллуқ:**

– А? Наход? Наход ки чашми келинам равшан шуда бошад?

– Худи худаш, таго, ёфтед. Набера **муборак**!

– **Қуллуқ**, писарам! Илоҳи хонаатон хамеша серупур бошад, ҳузуру ҳаловататро падару модарат бинад. Исто, Алиҷон, Мансуракот ягон чиз таъин накард? [22, с.187].

САБРИНИСО. Аҳволи худат чӣ тавр?

ЗЕБОГУЛ. **Шукр, шукр** [22, с.152].

ғ) ифодаи таҳсин: **офарин, аҳсан, аҳсанта, боракалло:**

**Офарин**, Дилёб! Ин хел ҳунарманд бошӣ, худам тӯй карда, духтарама медиҳамат – луқма мепартоят Заъфарон [20, с.104]. «О **бале**, метавонистаӣ-ку, ҷони бобо. Ана ҳамин хел… Ин гапи дигар…» [20, с.68]. Агар бурро ва бе ғалат хонам «**боракалло**, дарсҳоятро ҳамеша ана ҳамин тарз аз ёд кун!», мегуфт [21, с.69].

**Калимаҳои ифодагари тобишҳои сирф модалии мусбат.** Дар ин гурӯҳи калимаҳо маъноҳои модалӣ бе олоиши маънои эҳсосотӣ сурат гирифтаанд. Аммо гуфтан мумкин аст, ки аксари ин қабил калимаҳо бо маънои мафҳумӣ олоиш ёфтаанд. Масалан, калимаи **рост**, ки маъноҳои «*муқоб*. **чап**; мустақим; бе печу хам; *муқоб*. **каҷ**»-ро ифода мекунад, аммо баъзан дар ифодаи маънои сирф модалии тасдиқ мавриди истифода қарор мегирад. Мисол:

МИРШАБ. Аз барои ҳазли ту як дег нишаллои як мусулмон нобуд шуд, мамлакатро беҳоким, шаҳрро бесоҳиб дидӣ, магар? Ҳозир, бинобар фармони ҷаноби мир, ман туро ба зиндон андохта, ҷазоятро надиҳам, намешавад.

ҚОРИСАЛИМ. **Рост, рост!** Ҷазои ин хел дуздро додан савоби азимест [22, с.136].

Калимаҳои ифодагари тобишҳои сирф модалии мусбатро низ ба монанди калимаҳои ифодагари маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо кардан мумкин аст:

а) ифодаи тасдиқи фикр: **рост, дуруст, хайр, хӯш, майлаш, қабул, хуб**, **ёфтӣ**, **оре, бале, ҳа:**

– О ришу абрӯҳои бадвоҳима дораде…

– Ҳо, як абрӯяш аз риши даҳ кӯса зиёд асту кам не.

– **Ёфтӣ!** [20, с.23].

– **Хайр,** аз омаданаш ба ту чӣ фоида? Савготиат меорад, сару либосата нав мекунад? [20, с.28].

– Мераксӣ?

– **Албатта!** Болои як танга! [20, с.78]. **Оре**, Гадо омад. Бо нигоҳи хашмбор, рафтори пурвиқор… [20, с.39]. – **Бале.** Ҳатто дар оташ партофташ… [20, с.42]. **Дуруст**, аз роҳи димоғ ба косахонаи сараш даромаду мағзаша хӯрд [20, с.42]. – **Мефаҳмам**. Осон нест… – аз пеши пояш чашм наканда пичиррос мезанад Некном [20, с.62].

б) ифодаи савол: **магар, наход, мумкин**;

Худоё, Худовандо, **наход** ки дили поки ман саҳв мекунад ва тирам ба хато меравад? [22, с.142]. – Дуруст мекунед, раис. Охир, роҳатон ба дунё аз ин деҳа сар шудааст. Чӣ хел инро фаромӯш кардан **мумкин**? [22, с.86].

г) ифодаи тартиби фикр: **аввал, сипас, сонӣ, пеш, баъд**, **ниҳоят, билохира, ахиран:**

Вай **аввал** як ба рӯям теғ кашида нигоҳ карду **сипас** гӯё ман аз ӯ қарздор бошам, «Мебахшӣ, братан, нафаҳмидам-ки шумо иқа зудранҷ бден» гуфт [22, с.102]. «Мана, ҳоли ҳозир **аввал** шарфаи пойи босуботи муҳофизон шунида мешавад, **сипас,** ду тан дохил шуда ин сӯ, он сӯро бодиққат аз назар мегузаронанд. Қоида ҳамин аст. Сипас калон бояд ворид шавад...» [22, с.100].

ғ) таъкиди робитаи байни фикрҳо: **масалан, инчунин, ҳамчунин, махсусан, билхоса, алалхусус, амсоли, хоссатан**, **филмасал, филҷумла:**

Ва ба ёд меорад, ки замони шуравӣ барои сохтани як иншооти хурд, **масалан**, пули ларзонак низ аз вазорату ҳукумат то идораҳои дахлдори Маскав бо сад нома, даводаву илтимос иҷозату маблаге ба даст меомад ё мушкилоте даҳсолаҳо ҳал намешуд [19, с.124]. Вай бачаи аноӣ не, мешунид, ки ба газета ҳам менависад, **инчунин** худаш дар назди вай забонкӯтоҳ буд [23, с.346].

д) ифодаи боварӣ: **бешубҳа, бешак, ҳақиқатан**, **дар ҳақиқат, ба ростӣ, дар воқеъ, воқеан:**

…Пас аз сари модар рӯзи Мадина **дар ҳақиқат** сиёҳ шуд [23, с.311]. **Воқеан**, Комилбой кӯҳи нангу номуси ҳамдиёрон бар дӯш, ҳамеша дар ғаму шодии онҳо шарик буд, намехост, ки ба пойи касе хор бихалад ва имкон ҳам намедод, ки фарде кач қадам бигузораду ба ин қаламрав бадномӣ биёрад ё бегонае ба рӯйи онҳо бидавад [20, с.30].

е) ифодаи тахмин: **эҳтимол, мумкин, мабодо, шояд**, **билфарз:**

– **Мумкин, мумкин**. Ман ҳам шумоя бисёр дидагӣ не. Лекин ин хонуматон, э, мебахшед, занатон мана бисёр дидагӣ. Ҳамин тавр не, янга? [22, с.8]. Имрӯз, ки кас сиҳат аст, тавоност, шукр бояд гӯяд, фардо **шояд** рӯзе ояд, ки даст ба домони орзу нарасад [23, с.456].

ё) ифодаи зарурат: **даркор, лозим, зарур, рафту, бояд, албатта, ҳатман**:

– Наберача хоб аст, аз ҷониби дигар, хешу таборҳо ҳама рафтанд. Баъд, гуфтам-ку, падари бача наомад. Саҳар, баъди намози бомдод дасташро ҳалол кунем, мегӯям.

– Не, бародар, рафтанамон **лозим** [23, с.39]. Ӯро ба ақиб роҳ набуд, нобуд шавад, кушандаш ҳам бояд пеш равад, бояд онҳоро ёбад, бояд ба ситод расад [23, с.13].

ж) ифодаи норизоӣ, водоркунӣ ва орзу: **канӣ, кошкӣ, биё, бигзор, ачабо, дод, вой, ором, охир, ҷим:**

– **Кошки** ин разил ҳамдеҳаамон намебуд! – хитоб кард касе [20, с.33]. – Наврӯз **кани** аспатро ҳай кун, – ӯ ба ақиб нигарист [23, с.381]. Сиёсати Калтаи Мансур оҳиста-оҳиста ба дилҳо мегузашт, аз ӯ, ҳатто, кӯдакҳои гаҳвора ҳам меҳаросиданд. Вақти ғаши кӯдакаш модаре «**хап**, дам ист, раис омад!» мегуфт, ӯ аз гиря мемонд... [23, с.216].

Хулоса, таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷикӣ аз калимаҳои мухталифи ифодагари маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат саршор аст. Маънои аксари онҳо дар матн муайян карда мешавад. Ҳатто баъзан як калима метавонад якчанд маънои эҳсосотиву модалии мусбатро ифода кунад. Албатта, ин ба санъати нигорандагии адиб вобаста аст.

**А Д А Б И Ё Т**

(илмӣ)
1. Алиференко, Н.Ф. Спорные проблемы семантики / Н.Ф. Алиференко. – М., 2005. – 328 с.
2. Арнольд, И.В. Семантика. Стилистика / И.В. Арнольд. – М., 2010. – 448 с.
3. Гулназарова, Ж. Коннотатсия / Ж. Гулназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №8. –С.25-29.
4. Гулназарова, Ж. Маънои денотативӣ – сигнификативии феъл дар «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳамони Ҷомӣ / Ж. Гулназарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – №1. - С.8-13.
5. Дӯстов, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он / Ҳ.Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №7. – С.32-39.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик: Лексикология, фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ.1. – 462 с.
7. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. – 102 с.
8. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.І. Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 248 с.
9. Мирзоев, А. Мавқеи нидо дар адабиёти бадеӣ / А.Мирзоев // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе, 1983. – С.102-105.
10. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии тоҷик / М.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 63 с.
11. Саломов, М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (Дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2007. – 266 с.
12. Сафавӣ, Куруш. Даромаде бар маъношиносӣ / Куруши Сафавӣ. – Теҳрон, 1393 ҳ. – 462 с.
13. Сафаров, Ш. Семантика / Ш.Сафаров. – Тошкент, 2013. – 340 с.
14. Телия, В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц / В.Н. Телия. – Москва: Наука, 1986.
15. Тоҳирова, Л. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Л.Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 110 с.
16. Халилов, А. Ифодаи модалият дар забон / А. Халилов // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1977. – С.23-29.
17. Халилов, А. Ҳиссачаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. – Душанбе, 1977. – 117 с.
18. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (аз асрҳои IX-X то ибтидои асри XX) / С. Ҳалимов. – Душанбе, 2022. – 596 с.

(манбаъ)

19. Абдулҳамид Самад. Ёр дар бари ёр (ҳикоя, қисса, эссе) / Самад, Абдулҳамид. - Душанбе: Адиб, 2019. - 192 с.
20. Абдулҳамид Самад. Гардиши девбод / Самад, Абдулҳамид. – Душанбе, 2017. - 536 с.
21. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С.Айнӣ. – Душанбе, 2009. – 680 с.
22. Ато Ҳамдам. Раҳовард (қисса, ҳикоя ва драма) / Ҳамдам, Ато. – Душанбе: Адиб, 2018. – 224 с.
23. Кароматуллоҳи Мирзо. Марги бегуноҳ (қиссаҳо, ёднома ва публисисика) / Мирзо, Кароматуллоҳ. – Душанбе: Адиб, 2012. - 528 с.
24. Саттор Турсун. Мунтахаби осор / Турсун, Саттор. - Душанбе: Адиб, 2013. - 560 с.

## МАЪНОҲОИ ЭҲСОСОТИВУ МОДАЛИИ МУСБАТ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дар мақола гуфта мешавад, ки ҷараёни рушди босуръати илму техника ва падидаи ҷаҳонишавӣ дар инкишофи ҷаҳонбинии адибону қаламкашон ва тағйири ҳолати руҳии онҳо метавонад мусоидат намояд. Табиист, ки ин падида ба рушди таркиби луғавии забони тоҷикӣ низ бетаъсир буда наметавонад. Аз ин сабаб, тадқиқи масъалаҳои мухталифи таркиби луғавии забонамон рӯз аз рӯз меафзояд. Яке аз мавзуъҳои муҳимме, ки диққати олимону донишмандони соҳаро ба худ ҷалб кардааст, масъалаи маъно ва маъношиносӣ мебошад, ки дар ин мақола маҳз яке аз мавзуъҳои ба ҳамин масъала марбут “Маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат дар забони адабии муосири тоҷикӣ” мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ ин масъала дар сатҳи грамматика, аллакай, омӯхта шудааст, аммо аз ҷиҳати луғавӣ танҳо ишораҳо мавҷуд аст. Дар ин мақола калимаҳо ба ду гурӯҳ – калимаҳои ифодагари маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат ва калимаҳои ифодагари тобишҳои сирф модалии мусбат ҷудо карда шуда, бо мисолҳо шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Ин ду гурӯҳи калимаҳои ифодакунандаи маъноҳои эҳсосотиву модалии мусбат боз дар навбати худ ба гурӯҳчаҳои хурд-хурд ҷудо карда шуда, дар асоси мисолҳо аз адабиёти бадеӣ шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** калима, маъно, маънои эмотсионалӣ, маънои модалӣ, коннотатсия, маънои мусбат.

## ПОЛОЖИТЕЛЬНЫЕ ЭМОЦИОНАЛЬНО- МОДАЛЬНЫЕ ЗНАЧЕНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В статье говорится о том, что процесс стремительного развития науки и техники и явления глобализации могут способствовать развитию мировоззрения писателей и литераторов и изменению их психического состояния. Естественно, это явление не может не затронуть развитие лексики таджикского языка. По этой причине исследования различных вопросов лексики нашего языка увеличиваются с каждым днем. Одной из важных тем, которая привлекла внимание ученых и специалистов в данной области, является проблема значения и семантики, и в данной статье автор рассматривает одну из тем, связанных с этой проблемой «Положительные эмоционально-модальные значения в современном таджикском литературном языке ". Автор отмечает, что в современном таджикском литературном языке этот вопрос уже изучен на уровне грамматики, но имеются лишь указания с лексической точки зрения. В данной статье слова разделены на две группы - слова, выражающие положительные эмоционально-модальные значения, и слова, выражающие чисто положительные модальные тона и пояснены

примерами. Эти две группы слов, выражающих положительное эмоционально-модальное значение, далее разбиваются на малые группы и поясняются на основе примеров из художественной литературы.

**Ключевые слова**: слово, значение, эмоциональное значение, модальное значение, коннотация, положительное значение.

**POSITIVE EMOTIONAL-MODAL MEANINGS IN MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE**

The article says that the process of rapid development of science and technology and the phenomena of globalization can contribute to the development of the worldview of writers and writers and change their mental state. Naturally, this phenomenon cannot but affect the development of the vocabulary of the Tajik language. For this reason, research on various issues of the vocabulary of our language is increasing every day. One of the important topics that attracted the attention of scientists and specialists in this field is the problem of meaning and semantics, and in this article the author considers one of the topics related to this problem "Positive emotional-modal meanings in the modern Tajik literary language". The author notes that in the modern Tajik literary language this issue has already been studied at the level of grammar, but there are only indications from a lexical point of view.In this article, the words are divided into two groups - words expressing positive emotional-modal meanings, and words expressing purely positive modal tones and explained by examples.These two groups of words expressing a positive emotional-modal meaning are further divided into small groups and explained on the basis of examples from fiction.

**Key words**: word, meaning, emotional meaning, modal meaning, connotation, positive meaning.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mahmadumarzoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-02-20-06**

**Сведения об авторе:** ***Хайдаров Мухаммадёр Махмадумарович*** - Таджикский национальный университет, к.н.ф., доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Mahmadumarzoda@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-02-20-06**

**Information about the author:** ***Khaydarov Mukhammadyor Mahmadumarovich*** - Tajik National University, Candidate of Sciences, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **Mahmadumarzoda@mail.ru.** Phone: **(+992) 904-02-20-06**

УДК: 491.550:42

# МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ, ИСТИЛОҲШИНОСӢ, ИСТИЛОҲГУЗИНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИЮ АНГЛИСӢ

*Холиқзода А., Шарипова З.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Маҷмуи вожагон ё калимаҳои хосси ягон соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот, касбу ҳунар, ки бо мафҳумҳои мушаххас алоқаманданд, маъмулан истилоҳот ном бурда мешаванд. Ҳар соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот ё касбу ҳунар истилоҳоти хосси худро дорад, ки ин истилоҳот дар ҳампайвандӣ як низоми том ва муназзами истилоҳоти ҳамин соҳаро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқи истилоҳот яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ маҳсуб меёбад. Истилоҳоти ҳар як забон, новобаста аз оне ки кадом забон аст, қисми ағлаби онҳо таърихи пешина доранд ва дар худ мадракҳои зиёди илмиро нигоҳ доштаанд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби бахши луғатшиносӣ, калимабандию калимасозии соҳаи этимология ва амсоли инҳо аҳамияти калони илмӣ ва амалиро соҳиб мебошанд.

Бояд махсус зикр кард, ки таҳқиқи истилоҳот чун як паҳлуи хосси луғатшиносӣ, на танҳо аҳамияти назарӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши истилоҳоти соҳаи забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муҳим ва айни муддао аст. Аз маводи зиёде, ки зимни таҳқиқот ҷамъоварии он ба мо муяссар гардид, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истилоҳоти бахши забоншиносӣ зинаҳои махсуси ташаккулу таҳаввулро аз сар гузаронида, дар тули таърих дар баробари ташаккул ва таҳаввул такмил ёфта ва ба як низоми муайян даромадааст.

Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" бештар аз 1000 истилоҳи марбут ба илми забоншиносӣ тавзеҳ ёфтааст. Ин истилоҳҳо дар ағлаб маврид бо зикри терминҳои муосир ва мисолҳои мушаххас ташреҳ шуда, дар маҷмуъ метавонанд як дастури омӯзиши истилоҳҳои забоншиносиро ташкил намоянд.

Солҳои охир муҳаққиқону забоншиносон ба омӯзиши истилоҳот таваҷҷуҳ бештар намуда, ба андешаи забоншиносон ин соҳаи илми забоншиносӣ монанди дигар масъалаҳои забоншиносӣ, дар марҳалаи рушд ва ташаккули илми забоншиносӣ мусоидат менамояд.

Бо назардошти мулоҳизаҳои зикршуда интихоби мавзуи таҳқиқи забоншиносӣ - хусусият ва вазифаҳои асосии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои муқоисашаванда саривақтӣ ва пурарзиш буда метавонад.

Рӯй овардан ба таҳқиқи истилоҳот, махсусан дар забонҳои муқоисашаванда, аҳамияти калони илмӣ дошта, имкон фароҳам меорад, ки ба як қисми илми забоншиносӣ, ки барои ғанӣ гардонидани бахши лексикология мусоидат менамояд, мусбат арзёбӣ шавад.

Истилоҳнигориву вожасозӣ яке аз воситаҳои асосии ғанӣ гардонидани таркиби луғавии ҳар як забон ба шумор меравад. Роҷеъ ба таснифу гурӯҳбандии усулҳои вожасозиву истилоҳнигорӣ назару андешаҳои забоншиносон гуногун аст.

Истилоҳоти тоҷикӣ воқеан таърихи қадиму ғанӣ дорад ва аз умқи асрҳои пешин ибтидо мегирад. Бузургтарин донишмандони миллии мо - Абурайҳони Берунӣ бо таълифи «Китоб-ут-тафҳим» (соли таълифаш 1029) ва Абуалӣ ибни Сино бо «Донишнома» (таълифаш байни солҳои 1023-1037) бунёдгузори истилоҳоти илмии тоҷикӣ шинохта шудаанд. Ташаккулу такомули минбаъдаи истилоҳоти илмии тоҷикӣ дар асрҳои баъдӣ дар осори Носири Хусрав, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ камобеш идома пайдо кардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқу баррасии истилоҳоти бахши забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мубрам ҳисобида мешавад.

Давраи ташаккули илми истилоҳшиносӣ барои аксари кишварҳои Аврупо дар давраи Эҳёи Аврупой оғоз ёфт. То ин давра, забони илми Аврупо лотинӣ буд ва истилоҳоти соҳаҳои мухталиф ба таври ғайримуташаккил рушд мекарданд.

Баъдан, дар замони муосир, илм ба омӯзиши истилоҳот шуруъ карда, аксари соҳаҳо ба забонҳои миллӣ гузаштанд, ки ин боиси пайдоиши мушкилоти нав дар соҳаи истилоҳшиносӣ гардид. Аввалин кӯшишҳо барои ба эътидол овардани истилоҳшиносӣ низ

пайдо шуданд. Пайдоиши истилоҳоти нав олимони соҳаи грамматика ва мутахассисони касбиро водор сохт, ки луғатҳои махсус таҳия кунанд.

Марҳилаи навбатӣ дар роҳи ташаккули назарияи умумии истилоҳшиносӣ дар асри XIX оғоз ёфт. Ин давра бо эҷоди як қатор забонҳои сунъӣ (эсперанто, идо, волапюк ва ғайра) муайян карда мешавад.

Ҳамзамон, таърихи истилоҳшиносиро ҳамчун як илми комилан мустақил аз корҳои таҳқиқотии Д.С. Лотте (1898 - 1950) оғоз кардан қобили қабул аст. Ин олими барҷаста тамоми корҳои таҳқиқотӣ, мушкилот ва ихтилофҳоро дар асарҳои худ, ки бо он мактаби истилоҳӣ оғоз ёфтааст, иброз дошт. Асарҳои Д.С. Лотте ду равиши фаҳмиши истилоҳшиносиро дар бар мегирифт: тавсиявӣ-меъёрӣ, ки дар он Д.С. Лотте системаҳои мавҷудаи истилоҳшиносиро барои тасодуфӣ, зуҳуроти бисёрмаъноӣ ва омонимият, тавсиф додани якчанд консепсияҳои мушаххас аз ҷониби як истилоҳ ва ғайра зери танқид гирифтааст.

Дувумин, илмӣ-тавсифӣ, ки мавсуф мавридҳои вариантнокӣ ва тағйирёбандагӣ, синонимия, омонимияи истилоҳотро муфассал шарҳ додааст. Инчунин, олими мазкур ба кори илмӣ мафҳуми "унсури истилоҳотӣ"- воҳиди ҳадди ақалли системаи истилоҳотиро ворид карда, принсипҳои асосии корҳои лексикографиро ҳангоми таҳияи луғатҳои истилоҳоти дузабона интихоб намуд [4, с.23].

Навовариҳои забоншиносии ин олимро таҷдиди назар кардан ғайриимкон аст, чунки онҳо дар назарияи истилоҳот нақши муҳим бозидаанд.

Дар даврони мо, истилоҳот воситаи муҳимми ба даст овардани маълумот ва механизми самарабахши пешрафти илмию техникӣ мебошад. Аз ин рӯ, луғати истилоҳот аз замони пайдоиши илм мавзуи таҳқиқот дар илмҳои гуногун ба шумор мерафт. Аммо рушди босуръати илм ва технологияи асри XX, ҷудо кардани таҳқиқоти истилоҳотро ба соҳаи махсуси дониш тақозо мекард.

Имрӯз назарияи умумии истилоҳшиносӣ бо коркарди назарияи раванди ташаккул, фаъолият ва танзими истилоҳшиносӣ ва бо системаи истилоҳшиносӣ сару кор дорад. Ҳалли масъалаҳои забоншиносии истилоҳот, аз кашфи механизмҳои дохилии бунёди воҳидҳои истилоҳотӣ, таҳлил ва тарҷумаи асарҳои илмию техникӣ иборат мебошад. Ин ҷо нақши муҳимми забоншиносӣ, дар тағйир додани симои илмии ҷаҳон дида мешавад.

Истилоҳот дар рушди илму техника нақши махсус доранд: мафҳумро бо калима ифода намуда, онҳоро таҷассум мекунанд ва барои мустаҳкам намудани дониши мо, ҷамъ намудани маълумот оид ба ҷаҳони моро иҳотакарда ва дарки ҳақиқат, ҳамчунин воситаи мубодилаи дониш ва маълумот, хизмат мекунанд [3, с.72].

Самаранокии истилоҳот танҳо дар матни муайян дида мешавад. Дар асл, калима берун аз сухани илмӣ метавонад истилоҳ набошад, ӯ хосияти истилоҳотияшро ҳангоми нутқи мувофиқ, яъне илмӣ ба даст меоварад. Маҳз дар матни илмӣ маънои махсуси истилоҳ кушода мешавад, ки он тавсифро талаб мекунад.

Проблемаҳои актуалӣ дар соҳаи истилоҳшиносӣ, пайдоиш ва рушди ҳам истилоҳоти инфиродӣ ва ҳам системаҳои истилоҳотӣ, таносуби миллӣ ва байналмилалӣ дар истилоҳот, роҳҳои идеализатсияи истилоҳот, мавҷудияти силсилаи синонимҳо, усулҳои ташаккули истилоҳот, хусусиятҳои номгузории истилоҳотӣ, манбаъҳои сермаъноӣ ва омонимия ва ғайраҳо ба шумор мераванд.

Тезиси «истилоҳ-танҳо калима" дар адабиёти истилоҳоти муосир аз ҷониби бисёр олимон рад карда шудааст ва таърифи он чунин қабул карда шудааст: "Истилоҳ- ин калима ва ибора аст". Аз ин таъриф хулоса бароварда мешавад, ки таркиби асосии истилоҳ аз калима ва ибора иборат мебошад [2, с.22].

Тавсифи намудҳои сохтории калимаҳо ва ибораҳои истилоҳоти кӯҳӣ ба хусусиятҳои зерини хосси худ асос ёфтааст: 1) истилоҳ воҳиди забон (калима ва ибора), ки дар соҳаи махсус истифода бурда мешавад; 2) истилоҳ номи ашё ё мафҳуми махсус мебошад; 3) истилоҳ - номест, ки мафҳум ба он мувофиқат мекунад, мазмуни консепсияро дақиқ ва равшан инъикос мекунад, хусусиятҳои фарққунандаи онро нишон медиҳад [1, с.76].

Дар сатҳи назариявӣ, ҳама гуна хусусияти систематинокии фонемаҳо, ки ба онҳо таърифи муайян дода шудааст, метавонанд истилоҳ бошанд. Ба шарте, ки ин пайдарҳамиро

ҳамаи иштирокчиёни робитаи илмӣ қабул кунанд, яъне барои он ки калима ҳамчун истилоҳ қабул карда шавад, онро тамоми ҷомеаи илмӣ бояд қабул намояд.

Аломати байналхалқӣ доштани истилоҳ таърихи ташаккули истилоҳотро дар забонҳои гуногун нишон медиҳад.

Бояд қайд кард, ки дар маънои муосири форсӣ-тоҷикӣ, дар таърифи истилоҳ муносибати якхела риоя карда мешавад ва нисбати онҳо талаботе ҳаст, ки онҳоро аз вожаҳои ғайриистилоҳ фарқ мекунонад. Истилоҳ дорои хусусияти фарққунанда ва маънои мушаххас аст, ҳол он ки калимаҳои умумӣ метавонанд маънои бисёре дошта бошанд; алоқаи мустаҳкам бо мафҳум асоси семантикии мавҷудияти истилоҳ ба шумор меравад, аммо калимаи умумӣ дорои чунин хусусият нест. Истилоҳ дорои функсияи махсус буда, дар мавриди муайян истифода мешавад, алалхусус дар матни илмӣ, агар аз ин доира берун истифода бурда шавад, истилоҳ моҳияти функсионалии худро гум мекунад ва ба калимаи умумӣ табдил меёбад.

Дар истилоҳшиносии классикии тоҷикӣ-форсӣ ва муосири тоҷик олимон ба истилоҳоти арабӣ рӯ меоранд ва ин ба самти асосии ғанисозии истилоҳот дар марҳилаи кунунии рушди он табдил меёбад. Забони арабӣ бо як қатор омилҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва ҷуғрофӣ ба рушди забони тоҷикӣ-форсӣ таъсири сахт расонидааст.

Бояд қайд кард, ки таҳкурсии истилоҳоти муосири тоҷик дар асри XX бо таъсири бевоситаи истилоҳоти русӣ ба вуҷуд омадааст. Тамоюли аврупоӣ дар истилоҳоти муосири тоҷик низ яке аз самтҳои асосӣ дониста мешавад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият, Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатии забони тоҷикиро воқеан тасдиқ кард ва Қонун дар бораи забони давлатиро қабул намуд. Қонуни мазкур истифодаи забони тоҷикиро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар тақозо менамояд. Дар назди олимон ва мутахассисони кишвар соҳаҳои илмҳои дақиқ, табиӣ ва техникӣ вазифаҳои ташаккул додани адабиёти илмию техникии тоҷик ва истилоҳоти он қарор доранд [2, с.24].

Дар забоншиносии тоҷик асосан объекти таҳлил ва таҳқиқот истилоҳоти иҷтимоию сиёсӣ, заминаҳо, омилҳо ва сабабҳои иқтибосшавии истилоҳот аз забонҳои бегона, иқтибосшавии байналмилалӣ ва истифодаи онҳо ба шумор мерафтанд. Хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии адабиёти илмию техникии тоҷик, камбудиҳои забонӣ ва истилоҳоти илмҳои дақиқ, табиӣ ва техникӣ то ҳол дар забони тоҷикӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, гарчанде ки онҳо аломати хешутаборӣ доранд, аммо дар марҳалаи кунунии рушдашон ба чунин ҳолати тараққӣ расидаанд, ки аломатҳои фарққунандаи байни ин забонҳо назар ба хусусиятҳои шабоҳат доштанашон бартарӣ доранд. Таҳқиқоти муқоисавӣ ва типологии ин забонҳо дар марҳилаи кунунии рушд аз нуқтаи назари ошкор кардани қонунҳои системавикунонии зуҳуроти хусусиятҳои забонҳои омӯхташаванда, барои ҳар ду забон ҷолиб хоҳад буд.

Аз ин рӯ, муайян кардани муносибатҳои системавӣ оид ба истилоҳот, муаммои муҳимтарини таҳқиқоти муосири муқоисавӣ ва типологии забонҳои бисёрҷабҳа боқӣ мемонад.

Дар баробари тағйирёбии босуръати таркиби лексикии забонҳо, барқароршавии босуръат вобаста ба омилҳои забонӣ ва экстралингвистӣ, луғати ҳама гуна забон пайдарҳамии муайянро тасдиқ мекунад, ки ин ифодаи худро дар муносибатҳои бешубҳа мураккаб ва гуногуни воҳидҳои лексикии луғавӣ меёбад.

Таҳлил ва тафсири муносибатҳои системавӣ дар луғати ҳар як забон, муайян кардани ташаккулёбии мушаххасоти сохторӣ-семантикӣ ва тағйирот дар системаи ташаккул ва рушди сохтори онҳо, инчунин муносибатҳои функсионалӣ-семантикӣ ва грамматикии онҳоро дар гурӯҳи муайяни семантикӣ дар бар мегирад.

Масъалаҳои муқоисавӣ-актуалӣ дар истилоҳот, аз ҷумла, ташаккулёбӣ, пайдоиш ва рушди ҳам истилоҳоти инфиродӣ ва ҳам системаҳои истилоҳотӣ, таносуби миллӣ ва байналмилалӣ дар системаи истилоҳот, идеологиясозии истилоҳот, мавҷудияти силсилаи синонимии воҳидҳои лексикӣ, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули истилоҳот ба шумор мераванд.

Бо вуҷуди ин, баъзе забоншиносон дар омӯзиши истилоҳот бештари диққаташонро ба он хусусиятҳои истилоҳ равона карда, онро аз воҳидҳои умумии забони адабӣ фарқ мекунонанд. Ҳамин тавр, В.П. Даниленко истилоҳро ҳамчун як объекти мустақил таҳлил мекунад, зеро он «дорои як қатор хусусиятҳои фарққунандаи функсионалӣ, сохторӣ-генетикӣ, лексикӣ-семантикӣ, морфологӣ, калимасозӣ, меъёрӣ-мантиқӣ буда, ҳамчун намудҳои мустақили функсионалии забони умумӣ таҳлил карда мешавад» [9, с.122].

Ҳамин тавр, забон як унсури сохторӣ ва маърифатии донишҳои илмӣ мебошад. Ҳар қадаре ки илм бо истилоҳот ва мафҳумҳои илмӣ мусаллаҳ бошад, ҳамон қадар забон метавонад мафҳумҳои гуногунро ифода кунад. Илм ба забони истилоҳот ворид мегардад ва забон низ дар навбати худ бо истилоҳоти илмияш ба илм ворид мегардад.

Унсурҳои дигари забон бо мафҳумҳои илмӣ ва истилоҳоти илмӣ муқоиса карда намешаванд. Тавре ки А.А. Реформатский қайд карда буд, истилоҳ, аз нуқтаи назари воқеияти иҷтимоӣ муташаккил инъикос ёфтааст, он ҳақиқатро ифода мекунад, бинобар ин истилоҳ характери иҷтимоӣ-ҳатмӣ дорад [2, с.25].

Истилоҳ воситаи ҳам забон ва ҳам илм буда, тавассути он назарияҳои илмӣ, қонунҳо ва принсипҳо ташаккул меёбанд. Қайд кардан муҳим аст, ки истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар маҷмуи истилоҳоти илмӣ як ҷузъи муҳимми илм ва технология мебошанд.

Истилоҳ узви як низоми муайяни истилоҳӣ мебошад, ки ба соҳаи муайяни илм, технология, истеҳсолот марбут аст ва мазмуни консептуалиаш бо мавқеи он дар система муайян карда мешаванд. Ҳар як истилоҳ дорои таърифи худ (таърифи дақиқи илмӣ), дар қатори дигар истилоҳоти соҳа мебошад. Истилоҳ, дар муқоиса бо калимаҳои "рӯзмарра", дар доираи системаи истилоҳотии худ одатан якмаъно мебошад; як калима метавонад дар истилоҳоти соҳаҳои гуногуни дониш истифода бурда шавад, аммо ин сермаъноӣ нест, балки омонимия мебошад.

Дар доираи ин мафҳумҳои додашуда, истилоҳ бояд якмаъно, систематикӣ ва аз нуқтаи назари услубӣ бетараф бошад. Истилоҳ ва ғайри истилоҳ (калимаҳои забони умумимиллӣ) метавонанд ба ҳамдигар гузаранд. Истилоҳ ба қоидаҳои калимасозӣ, грамматикӣ ва фонетикии забони додашуда тобеъ мебошад ва бо роҳи истилоҳшавии калимаҳои забони умумимиллӣ, иқтибосшавӣ ё айнан истифода бурдани забонҳои хориҷӣ сохта мешавад. Дар илми муосир хоҳиши муттаҳидкунии маънии системаҳои истилоҳотии як илм дар забонҳои гуногун (мувофиқати якмаъногӣ дар байни истилоҳоти забонҳои гуногун) ва барои истифодаи интернатсионализм дар истилоҳот мавҷуд аст.

Бояд қайд кард, ки дар ҳар як давраи рушди тафаккур ва донишҳои инсонӣ, миқдори муайяни илмҳои умумӣ ва дар баробари ин, мафҳумҳои умумии техникӣ фарқ мекунанд, ки дар ҳама гуна илм ё дар соҳаи техника истифода мешаванд, ба монанди система, сохтор, усул, қонун дар илм, эътимоднокӣ дар технология. Ба онҳо мафҳумҳои умумии илмҳои методологӣ ба монанди фалсафа, назарияи умумии системаҳо, кибернетика, информатика ва ғайра дохил мешаванд; ҷузъи дигари ҷудогонаи чунин мафҳумҳо, ба монанди мафҳумҳои илмии умумӣ, дар соҳаҳои гуногуни дониш, ба монанди иттилоот ва унсур истифода мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки мафҳумҳои умумитехникӣ ё умумиилмӣ ва байнисоҳавӣ на барои он чунин шакл мегиранд, ки онҳо дар як қатор соҳаҳои илм истифода мешаванд, балки онҳо дорои мундариҷаи умумӣ ва универсалианд. Чунин мундариҷа имкон медиҳад, ки онҳоро дар ҷанбаҳо ва соҳаҳои мухталиф истифода барем ва дар бештари ҳолат хусусиятҳои мушаххаси ин мафҳумҳоро ба мундариҷаи умумӣ илова кунем.

Маълум аст, ки типология таснифоти асосӣ мебошад. Ба ин маъно, типологияи истилоҳоти тавсифшуда – тақсимоти истилоҳот мутобиқи хусусиятҳои муҳимтарини онҳо, дар асл гурӯҳбандии истилоҳотӣ мебошад. Асоси ҳамаи таснифоти минбаъда аломатҳои гуногуни инфиродии истилоҳот мебошанд - пурмазмунӣ, расмӣ, функсионалӣ, дохилӣ ва ғайризабонӣ. Ҳамаи ин таснифотҳо метавонанд бо он илмҳо ва соҳаҳои донише, ки дар онҳо истифода мешаванд, алоқаманд бошанд [2, с.16].

Таснифи аввалини истилоҳот аз рӯйи мундариҷа асосан дар илми фалсафа баррасӣ мешавад ва ин гурӯҳи истилоҳот ба истилоҳоти мушоҳида ва истилоҳоти назариявӣ тақсим мешаванд. Ба истилоҳоти мушоҳида мафҳумҳо ва ашёҳои воқеӣ тааллуқ дошта бошанд, ба

истилоҳоти назариявӣ мафҳумҳои абстрактӣ, ки одатан аз постулат (қоидае, ки ҳамчун ҳақиқат қабул карда шудааст) ё ба консепсияи муайян вобастаанд, нисбат дода мешаванд.

Таснифи дувуми истилоҳот аз рӯйи мундарича ё объекти ном сурат мегирад. Тақсими истилоҳот аз рӯйи соҳаҳои дониш ва фаъолият ё ба ибораи дигар, аз рӯйи соҳаҳои махсус, гузаронида мешавад. Рӯйхати ин соҳаҳоро бо тартиби зерин метавон хулосабарорӣ кард: илм, техника ва истеҳсолот.

Дар асоси ин схемаи сотсиологӣ, мо метавонем рӯйхати сарлавҳаҳоро тартиб диҳем, ки ба таснифи истилоҳот аз рӯйи соҳаҳои дониш дохил карда шаванд.

Дар соҳаи илм як гурӯҳи муайяни истилоҳот муайян шудааст, ки онҳоро истилоҳоти илмӣ номидан мумкин аст. Ин гурӯҳ ба синфҳое тақсим мешавад, ки метавонад дар марҳилаҳои гуногуни пешрафти илмӣ-техникӣ ба соҳаҳои илм алоқаманд бошад. Дар ҳар як гурӯҳи истилоҳоти геологӣ, физикӣ, кимиёвӣ ва ғайра, метавонад шумораи зиёди гурӯҳҳо ё системаҳои истилоҳотӣ, ки бо назарияҳои мухталифи тавсифи зуҳурот ва ашёҳои физикӣ ва дигар объектҳо муайян карда мешавад, фарқ кунад.

Ба гуфти аксари коршиносон, дар мавриди фарқият байни истилоҳоти илмӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, пеш аз ҳама, ҳаминро бояд қайд намуд, ки илмҳои сиёсӣ ба монанди ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ илмҳои иҷтимоӣ буда, ба истилоҳоти иҷтимоӣ дохил мешаванд. Ҳамин тавр, ҳамаи ин истилоҳоте, ки мафҳумҳои илмиро муайян мекунанд, ба ин ё он дараҷа бо он фарқ мекунанд, ки якумин мафҳумҳои илмҳои иҷтимоӣ ва дуюмин мафҳумҳои илмҳои техникӣ ва табииро ифода мекунанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов, З. Мухторов. - Душанбе, 2016. - 428 с.
2. Валиева, М. Таҳлили лексикию сохтории истилоҳоти кӯҳӣ-металлургӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / М. Валиева. - Хуҷанд, 2022. - 174 с.
3. Д.Хоҷаев. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна [Матн] / Хоҷаев Д. – Душанбе, 1998. – 148 с.
4. Исоматов М. Об дар баррасиҳои таърихию этнографӣ / М. Исоматов ва диг. – Душанбе, 2003. - С.135.
5. Каримов, А. Луғати идеограммаҳои забони паҳлавӣ / А. Каримов. – Душанбе, 1983. – 47 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ.1. Китоби дарсӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 240 с.
7. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / Н.Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1959. – 294 с.
8. Маъсумӣ, Н.М. Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X-XIX / Н.М. Маъсумӣ // Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1966. - С.238.
9. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 2014. – 230 с.
10. О.Маҳмадҷонов. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ / Маҳмадҷонов О. – Душанбе, 2004. - С.19.
11. Расторгуева, В.С. Сравнительно - историческая грамматика западноиранских языков. Филология / В.С. Расторгуева. - М.: Наука, 1990. – 253 с.
12. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
13. Саймиддинов, Д. Пажуҳишҳои забоншиносӣ / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. - 207 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1 / М. Шукуров. - М.: СЭ, 1969. - 952 с.
15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2 / М. Шукуров. - М.: СЭ, 1969. - 950 с.


## МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ, ИСТИЛОҲШИНОСӢ ВА ИСТИЛОҲГУЗИНӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКИЮ АНГЛИСӢ


Мақола дарбаргирандаи масоили мафҳуми истилоҳ, истилоҳшиносӣ, истилоҳгузинӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ буда, муаллиф кӯшиш кардааст, то дар асоси манбаъҳои муътамад ва далоилу бурҳон таҳқиқот анҷом бидиҳад. Дар шароити кунунӣ рӯ овардан ба мавзуъҳои дараҷаи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як кори хело муҳим ва айни муддао аст. Инчунин муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то роҳҳову усулҳои замонавии дараҷаи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро муайян созад. Ҳангоми омода намудани мақола аз заминаи тадқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, осори ахлоқӣ, китобҳои педагогӣ, фалсафӣ, психологӣ ва сомонаҳои интернетӣ истифода гардида, мазмун ва моҳияти дараҷаи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ошкор гаштааст. Ба ақидаи муаллиф, дар тадқиқ ва коркарди дараҷаи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нақш ва хидмати олимони маъруфи ватанию хориҷӣ: Д.С. Лотте, В.В. Виноградов, Н.Ф. Яковлев, Г.О. Винокур, Н.П. Кузкин, А.А. Реформатский, забоншиносони тоҷик Д. Саймиддинов, М.Х. Султон, С. Назарзода, Н. Шарипов, Бекмуров М, Мирзоев З.А Юсупов ва дигарон басе арзандааст. Дар забоншиносӣ калима ё ибораҳое мавҷуданд, ки бо муайянсозӣ ва омӯзиши мафҳуми истилоҳ, такмил ва ва рушди он дар забон алоқаманданд ва забоншиносиро низ бо дигар шоҳаҳои илм, таърихи модӣ ва маънавии инсон мепайванданд. Асоси таърифи фалсафии истилоҳ бо ду аломат ошкор карда мешавад. Албатта, муқоисаи дараҷаи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мафҳуми васеъ дорад, бинобар ин, дар он ба ҳолатҳои ҷудогонаи ба сифати ғалатҳои истифодабарии лексикаи муқоисаи дараҷаи омӯзиши истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва корбасти

он ҳамчун воҳиди грамматикӣ равшанӣ андохта мешавад. Воситаҳои грамматикии ҳар як забон вобаста ба имкониятҳои худ маъно ва категорияҳои грамматикии забони дигарро инъикос менамоянд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар қатори категорияҳо ва унсурҳои грамматикии хосси ҳамаи забонҳо воҳидҳои грамматикие мавҷуданд, ки танҳо хосси ин ё он забон мебошанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши махсуси ин ҷанбаи забонҳои мавриди назар аз аҳамияти лингвистӣ холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** мушкилоти грамматикӣ, лексика, услубшиносӣ, раванди тарҷума, морфология, таҳлили забонӣ, таҳқиқу баррасӣ, муқоиса ва ғайра.

## ПОНЯТИЕ ТЕРМИНА И ТЕРМИНОЛОГИИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье проводится сравнение уровня изученности лингвистических терминов таджикского и английского языков, где автор на основе достоверных и обоснованных источников попытался доказать важность и необходимость исследование темы. Автором также выявлены современные способы и методы изучения уровня языковой терминологии в таджикском и английском языках по результатам обширных исследований отечественных и зарубежных ученых в области педагогики, философии, психологии, материалы веб-сайтов, которые содержат указание на значение изучения лингвистических терминов на таджикском и английском языках. По мнению автора, в изучении и развитии уровня изучения лингвистических терминов в таджикском и английском языках велика заслуга известных отечественных и зарубежных ученых Советского Союза Д. С. Лотте, В. В. Виноградова, Н. Ф. Яковлева, Г. О. Винокур, Н. П. Кузкина, А. А. Реформатского, таджикских лингвистов Д. Саймиддинова, М. Х. Султона, С. Н.Назарзода, Шарипова, Бекмурова М., Мирзоева З., Юсупова А. Автор статьи акцентирует внимание на многозначности слов, особенно когда слово имеет одно значение, другие его значения не принимаются во внимание. В лингвистике есть слова или фразы, которые связаны с определением и изучением концепции термина, его усовершенствованием и развитием в языке, и связывают лингвистику с другими отраслями науки, материальной и духовной историей человека. Следует отметить, что сравнение уровня изучения лингвистических терминов в таджикском и английском языках - понятие широкое, поэтому в некоторых случаях сравнивать уровень изученности лингвистических терминов в таджикском и английском языках затруднительно. Среди специфических грамматических категорий и элементов всех языков есть грамматические единицы, уникальные для того или иного языка, поэтому специальное изучение этого аспекта рассматриваемого языка немаловажно для его лингвистического значения.

**Ключевые слова:** грамматические проблемы, лексика, методология, переводческий процесс, морфология, лингвистический анализ, исследование, сравнение и др.

## CONSEPT OF A TERM, TERMINOLOGY AND TERMINOLOGYIN TAJIK AND ENGLISH

The article compares the level of knowledge of the linguistic terms of the Tajik and English languages, where the author, on the basis of reliable and substantiated sources, tried to prove the importance and necessity of researching the topic. The author also identified modern ways and methods of studying the level of linguistic terminology in Tajik and English based on the results of extensive research by domestic and foreign scientists in the field of pedagogy, philosophy, psychology, materials of websites that contain the meaning of studying linguistic terms in Tajik and English. According to the author, in the study and development of the level of study of linguistic terms in the Tajik and English languages, the merit of well-known domestic and foreign scientists Sovetsky D.S. Lotte, V.V. Vinogradov, N.F. Yakovlev, G.O. Vinokur, N. P. Kuzkin, A. A. Reformatsky, Tajik linguists D. Saymiddinov, M. Kh. Sulton, S. N. Nazarzoda, Sharipova, M. Bekmurova, Z. Mirzoeva, A. Yusupova**.** The author of the article focuses on the polysemy of words, especially when a word has one meaning, its other meanings are not taken into account. In linguistics, there are words or phrases that are associated with the definition and study of the concept of a term, its improvement and development in the language, and link linguistics with other branches of science, material and spiritual history of man. It should be noted that comparing the level of study of linguistic terms in Tajik and English is a broad concept, therefore in some cases it is a mistake to compare the level of study of linguistic terms in Tajik and English. Among the specific grammatical categories and elements of all languages, there are grammatical units that are unique for a particular language, therefore, a special study of this aspect of the language in question is not unimportant for its linguistic meaning.

**Key words:** grammatical problems, vocabulary, methodology, translation process, morphology, linguistics is, research, comparison, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Холиқзода Айниддин*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16
***Шарипова Зарина*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроғa:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16. E-mail: **zarra.93.95@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-49-26-67**

**Сведения об авторах:** ***Холикзода Айниддин*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, доцент кафедры методики преподавания иностранных языков. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, ш. Куляб, ул. С. Сафарова 16
***Шарипова Зарина*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, ассистент кафедры англиского языка. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16. E-mail: **zarra.93.95@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-49-26-67**

**Information about the authors:** ***Kholikzoda Ainiddin*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Associate Professor of the Department of Methods of Teaching Foreign Languages. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, sh. Kulyab, S. Safarova, Str., 16
***Sharipova Zarina*** – Kulob State University named after A.Rudaki, assistant of the Enlish language department. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov Str., 16. E-mail: **zarra.93.95@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-49-26-67**

УДК: 491.55

# МАСЪАЛАИ МУТАММИМ ДАР ПАЖУҲИШҲОИ ЗАБОНШИНОСОНИ ЭРОНӢ

***Сафаров У.Р., Исмонов К.Б., Алсенан А.Ф.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои мавриди баҳс дар забоншиносии форсӣ мавзуи мутаммим аст, ки хоссатан ҳангоми тарҷумаи осори адабӣ ба забони арабӣ мушкилоти зиёдеро эҷод мекунад. Ба андешаи мо мавзӯи мазкур ба таври бояду шояд дар забоншиносии форсӣ мавриди омӯзиши густурда қарор нагирифтааст. Аммо дар хилоли замон забоншиносони алоҳидае зимни таълифи дастурҳои форсӣ ба он ишорат варзидаанд, ки дар ин мақола ва бархе аз онҳо ручуъ мешавад. Ба ақидаи мо яке аз китобҳои муътабар дар заминаи дастури забон асари Абдулазим Қариб «Дастури забони форсӣ [панҷ устод]» [1373 (1994)] мебошад, ки дар мабҳаси ҳуруфи изофа дар бораи мутаммим чунин нигоштааст: «Калимоте, ки нисбати миёни ду калимаро баён мекунад ва мобаъди худро мутаммими калимаи дигар қарор медиҳад. Мисол: «Ба ту мегӯям, бо Шумо хоҳам рафт».

Мутаммим ҳамчун калимаи шарҳдиҳандаи андешаи мазкур дар китоби «Дастури забони форсии (панҷ устод)» оварда шудааст, калимоте, ки нисбати миён ду калимаро баён мекунад ва мобаъди худро мутаммими калимаи дигар қарор диҳад. Мисол: «Ба ту мегӯям, бо шумо хоҳам рафт». Дар ин ҷумла мутаммими «ту» баъд аз ҳарфи изофаи иҷбории «ба» қарор гирифтааст, то равшан гардад, ки сухани гӯянда хитоб ба чӣ касе равона шудааст. Сипас мутаммими дувум «шумо» баъд аз ҳарфи изофаи иҷборӣ қарор гирифтааст, то равшан шавад, ки мутакаллим бо чӣ касе ҳаракат хоҳад намуд. Чунончи мулоҳиза мешавад, дар ин дастур, ки бар асоси мабоҳиси суннатӣ бунёд ниҳода шуда, муаллифон тафовуте дар байни анвои мутаммим ниҳодаанд ва феъли ногузар бо мутаммими қайдиро ба сурати гузаро бо мутаммим овардаанд ва баъд аз баёни ин матлаб ба муаррифӣ ва корбурди анвои ҳуруфи изофа пардохтаанд.

Навъи дигар аз мутаммим, ки дар ин дастур баён шудааст, ин аст, ки ҳар гоҳ муснад ё муснадунилайҳ музоф ё мавсуф воқеъ шаванд, музофун илайҳ ё сифат «мутаммим» номида мешаванд, мисли: «марди донишманд» ва «устоди донишгоҳ», ки нақшҳои изофаро дар ҳукми ҳарфи изофа ва мутаммимсоз ба ҳисоб овардаанд. Дар ин ҷо сифати «донишманд» мутаммими маънои мавсуфи «мард» ва исми «донишгоҳ» мутаммими мафҳуми музофи «устод» мебошанд.

Дар робита бо масъалаи мутаммим дар забони форсӣ аз ҳама сухани бештарро Парвиз Нотили Хонларӣ гуфтааст. Бо андешаи ин донишманд, ҳар аъзои комилкунанда дар ҷумла (ғайри мубтадо ва хабар) метавонад ҳамчун мутаммим унвон шавад. Исм дар ҷумлаи форсӣ танҳо ба шакли фоъил ё мафъул ворид намешавад, балки бархе калимоти форсӣ монанди сифат вуҷуд доранд, ки дар пайи исм меояд, то ҳолат ва кайфияти онро равшан намояд. Барои намуна дар ҷумлаи: «Ман бародари худро дӯст дорам» мумкин аст ин бовар ба мухотаб интиқол ёбад, ки гӯянда як ё чандин бародар дорад. Аммо, агар мутакаллим бо корбурди як сифати муайян бигӯяд: «Ман бародари бузурги худро дӯст дорам» дар чунин ҳолат сифати «бузург» ин огоҳиро ба мухотаб интиқол медиҳад, ки гӯянда дорои чандин бародар аст ва ӯ бузургтарини онҳоро дӯст медорад. Ба ин тартиб, сифати «бузург» маънои ҷадиде ба ҷумла меафзояд ва мухотаббе ҳеҷ ғамузӣ ин маъноро ба шакли мустақим дарёфт менамояд.

Дар бахши дигаре аз ин фасл Хонларӣ мегӯяд: «Ҳамчунон ки сифат маънои ҷадиде ба исми фоил медиҳад ва онро мушаххас менамояд ба ҳамин тартиб низ маънои исми фоилро такмил менамояд, монанди: «Рустами <u>паҳлавон</u> Суҳробро аз по даровард» ҳамзамон метавонад мафҳуми феъл ва мафъулро дар дохили сохтори ҷумла такмил намояд, монанди: «Рустами паҳлавон, Суҳроби нерумандро аз по даровард [3, с.65].

Муаллиф ҷиҳати таъини анвои мутаммим бархе ҷумалоти содаро бо бархе тасовир зикр мекунад ва дар идома чунин изҳори назар мекунад, ки қайдҳо маънои феълро дар дохили сохтори ҷумлаи форсӣ такмил менамоянд. Барои намуна, дар ҷумлаи «Фаридун зуд омад» калимаи «зуд» қабл аз феъли содаи «омадан», ки ҷузви афъоли ҳаракати форсӣ ба шумор меравад, ҳолати таҳаққуқи феъли «омадан»-ро баён менамояд. Албатта, дар забони

форсӣ барои баёни ҳолати ин феъл калимоти дигаре низ, монанди шитобон, хандон, сарафканда, навмедона, оҳиста низ вуҷуд дорад [3, с.69].

П.Н. Хонларӣ менависад: «Бархе калимот ё ибороте вуҷуд доранд, ки бо як ҳарфи изофа дар дохили сохтори ҷумла зикр мегарданд, то маънои ҷадиде бар феъли лозим ё мутааддӣ афзудашавад. Барои намуна дар ҷумлаи «Эраҷ аз мадраса омад» муаллиф бар ин бовар аст, ки калимаи «мадраса» ба ҳамроҳи ҳарфи изофаи «аз» мутаммими феъли «омад» мебошад ва маконеро, ки муснадунилайҳи «Эраҷ» аз он омадааст, мушаххас месозад. Ҳамин ҳолат дар иртибот бо феъли мутааддӣ низ содиқ мебошад. Барои намуна дар ҷумлаи: «Эраҷ аз китобхона китоб овард» калимаи «китобхона» мутаммими мафҳуми феъли мутааддии «овард» мебошад, зеро маконеро, ки Эраҷ аз он китобро бо худ овардааст, таъин намудааст. Муаллиф дар поёни ин фасл чунин натиҷагирӣ менамояд, ки мутаммим маънои ҷадиде ба феъли ҷумла медиҳад, ки ин маъно мумкин аст, макони вуқуи феъл ё ғараз аз он ё абзори он ё кайфияти онро таъин намояд [3, с.81].

Музофун илайҳ мутаммими исм, исм ё замирест, ки бо исми дигар иртибот меёбад ва маъно ва мафҳуми онро такмил менамояд. Барои намуна дар таркиби: «бародари Фаридун» калимаи «Фаридун» исми хос ва мустақил мебошад, вале маънои ҷадид ба калимаи аввал «бародар» низ додааст ва «бародар»-ро бо «Фаридун» мушаххас кардааст. Ҳамчунин, дар таркиби «бародари ман» замири муфради «ман» маънои ҷадиде бар калимаи аввал «бародар» афзудааст, ки ин мафҳумро ба зеҳн мутабодир месозад. Фарди мавриди назар бародар шахси гӯяндааст [3, с.86].

-вобастаи аҷзои ҷумла - ҷумлаи форсӣ аз ду рукни асосӣ- муснадунилайҳ ва муснад ташкил мегардад ва дар сурате, ки феъли ҷумла мутааддӣ бошад, дар ин ҳолат ҷумла дорои бархе калимоти дигар низ хоҳад буд, ки мафҳуми феълро ба шарҳи зайл такмил менамоянд:

-мафъули мустақим мутаммими феъл, монанди: «Фаридун китобро овард»;

-сифат мутаммими фоъили ҷумла ва мафъули он, монанди «Фаридуни зирак китоби бузургро овард»;

-музофун илайҳ мутаммими фоъили ҷумла ва мафъули он, монанди «Бародари Фаридун китоби «Гулистон»-ро овард;

-қайд мутаммими феъл, монанди «Бародари Фаридун китобро зуд овард»;

-гурӯҳи исмӣ мутаммими феъл, монанди «Фаридун «Гулистон»-ро аз китобхона овард»;

-мутаммимҳои фоъил, монанди «Бародари бузурги Фаридун китобро овард»;

-мутаммимҳои мафъул, монанди Фаридун китоби зебои «Гулистон»-ро овард [3, с.с.89].

-вобастаи исм: бадал ҳангоме ки шахс ё шайъеро мавриди ишора қарор медиҳем, мумкин аст гумон кунем, ки мухотаб мафҳуми он исмро дарк намояд, аз ин рӯ, ба ночор бояд бархе калимотро дар канори аркони ҷумла қарор диҳем, то амал ё мансаб ё унвон ин шахс ё шайъеро равшан созем. Барои мисол, ҳангоме ки мегӯем: «Аҳмад, бародари Ҳасан, дирӯз ба хонаи мо омад». Дар чунин ҷумла «Аҳмад»-ро аз тариқи иборати бадал «бародари Ҳасан» мушаххас кардаем. Ба ҳамин тартиб ҳангоме ки мегӯем: «Дорюш шоҳи бузург, шоҳаншоҳон, чунин мегӯяд». Дар ин ҷо иборати бадал «шоҳи бузург» ва исми бадал «шоҳаншоҳон» моҳияти «Дорюш»-ро барои мухотаб равшан месозад [3, с.93].

Фасли дувум: мутаммими исм = мутаммими сифат, Хонларӣ мегӯяд: «Мутаммими исм мумкин аст, исми дигар ё замире бошад, ки баъд аз исми аввал ба унвони мутаммими маънои фоъил ё мубтадо, ё мафъули мустақим, ё феъл зикр гардад. Барои намуна дар ҷумлаи: «Хонаи Фаридун дур аст», исми «Фаридун» ба унвони мутаммими маънои исми аввали «хона» вориди ҷумла гардида, онро мушаххас сохтааст. Ё дар ҷумлаи «БоғиФаридунпушти хонаи ман аст» исми «Фаридун» ба унвони мутаммими исми аввали «боғ» зикр шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар ҷумлаи: «Фаридун аз боғи ӯ дидан кард», замири «ӯ» мутаммими исми «боғ» мебошад ва таъин мекунад, ки фоъил «Фаридун» аз чи боғе дидан кардааст ва ба ин тартиб мафҳуми ҷадиде бар ҷумла афзуда шудааст, то мухотаб дарёбад, ки фоил аз боғи шахси муайяне дидор кардааст [4, с.192].

Донишманди дигари эронӣ, ки дар ин аҳд бо Хонларӣ тавофуқи назар дорад, Муҳаммадризо Ботинӣ мебошад. Ӯ дар фасли панҷуми китоб, дар мабҳасе бо унвони тафовутҳои муснадун илайҳ ва мутаммим чунин мегӯяд: «Дар сурати корбурди гурӯҳҳои исмӣ дар мавзуи муснадун илайҳ ё мутаммим дар дохили сохтори ҷумлаи форсӣ монанди:

«Ғарибаҳо ӯро ҷаноби сарвон меномиданд» ибтидо бояд ин нуктаро дар назар бигирем, ки феъл танҳо бо муснадун илайҳ татобуқ меёбад. Аммо дар сурате ки муснадунилайҳ ва мутаммимҳо дар шахсу адад мусовӣ ва аломати мафъули мустақими «-ро» дар ҷумла ғайримавҷуд бошад, монанди «Ронанда автомобиле дошт», ки мусовӣ аст бо ҷумлаи «Автомобил ронандае дошт». Дар ин ҳолат метавон ба тартиб миёни муснадун илайҳ ва мутаммим тафовут қоил гашт, ба ин маъно, ки муснадун илайҳ қабл аз мутаммим дар ҷумла ворид шудааст.

Дар бахши дигаре аз ин фасл Ботинӣ дар унвони фаръии бандҳои дорои мутаммим ва бандҳои бидуни мутаммим, ба баррасии анвои мутаммим мепардозад ва чунин мегӯяд: «Бандҳое, ки дарбардорандаи мутаммим аст, ба ду навъ тақсим мешавад: банди дорои як мутаммим: аз назари Ботинӣ гурӯҳи исмии маърифа дар ҷумла мутаммими феъл маҳсуб мешавад, монанди «Ту ин ҳисобро бояд карда бошӣ». Дар ин ҷумла гурӯҳи исмии маърифа «ин ҳисоб» мутаммими феъли ҷумла мебошад. Ҳамин амр дар бораи гурӯҳи исмии накира «писарбчае» дар ҷумлаи «Ӯ писарбачаеро мезад» низ содиқ аст. Аз дигар сӯ, банде, ки дорои ду мутаммим мебошад, мумкин аст, яке аз он ду бидуни марҷаъ бошад, монанди «Шумо ӯро кутаки муфассале задед» ё он ки ҳар ду дорои як марҷаъ бошанд, монанди «Ӯ хеле хушлибос ҷилвагар шуд». Ҳамон тавр ки дида мешавад, марҷаи мутаммими аввал «хеле хушлибос» ва мутаммими дувум «ҷилвагар» замири ғоиби «ӯ» мебошад. Дар ҳолати дигар, мумкин аст, мутаммими аввалмарҷаи мутаммими дувум қарор гирад, монанди: «Ӯ маро асабонӣ кард». Дар ин ҷумла мутаммими «маро» марҷаи мутаммими дувум «асабонӣ» аст.

Аз дигар ҳолоти мутасаввир он аст, ки марҷаи дувум мутаммими марҷаи аввал бошад, монанди: «Ту харобаш кардӣ» дар ин ҷумла мутаммими «хароб» марҷаи мутаммими аввал (-аш, он) аст. Дар банди дорои се мутаммим низ, аз назари муаллиф яке аз мутаммимҳои сегона заруратан бояд марҷаи ду мутаммими дигар бошад. Ботинӣ ин навъ аз бандҳоро ба ин тартиб радабандӣ кардааст:

-мутаммими аввал марҷаи мутаммими дувум аст, монанди: «Ӯро кушта пайдо карданд» Дар ин ҷо мутаммими аввал «ӯро» марҷаи ду мутаммими дувуму севум «кушта, пайдо» мебошад.

-мутаммими севум марҷаи ду мутаммими аввал ва дувум бошад, монанди: «Зинда дастгираш карданд» дар ин ҷумла мутаммими «дастгир» марҷаи ду мутаммими аввал ва дувум «зинда, - аш» аст.

-мутаммими аввал марҷаи мутаммими дувум бошад, вале мутаммими севум бидуни марҷаъ бошад монанди: «Ӯро ҷаноби раис садо мекарданд» дар ин ҷумла мутаммими «ӯро» марҷаи мутаммими дувум«ҷаноби раис» аст, аммо мутаммими севум«садо» бидуни марҷаъ мебошад [2, с.194].

Бо мутолеоти андешаҳои забоншиносӣ ба ин натиҷа мерасем, ки имрӯз дар муқоиса ба гузашта дар робита ба масъалаи мутаммим андешаҳо густардатар гаштааст. Чунончи донишманди ин сада Табибзода Умед, бандҳои вобастаи исм дар забони форсӣ ва равобити вобастагӣ дар даврони онҳо ишора менамояд, ки забони форсӣ дорои чор навъи бандҳои вобаста мебошад:

Банди вобастаи исм, банди вобастаи сифат, банди вобастаи феъл ва банди вобастаи ҷумла. Табибзода навъи аввалро ду навъ тақсим кардааст: банди вобастаи мавсул, монанди: «Писаре, ки дидӣ бародарам буд». Дар ин ҷумла «писаре» иборати исмӣ аст, ки баёнгари шахсест, ки муснадун илайҳ онро дидааст «ӯ». Банди вобастаи исм, монанди: «Истинботи ӯ, ки намояндагони табонӣ кардаанд», дар ин ҷо иборати «намояндагони табонӣ карданд» вобастаи исм яъне «истинбот» аст ва моҳияти онро равшан месозад [4, с.28].

Табибзода дар идома ба асос ва бунмояи пажуҳишхуд мерасад, ки мавзӯион баёни дувоздаҳ тафовути мавҷуд миёни ибороти исмӣ ва бандҳои вобастаи исмаст, ки бархе аз онҳо бад-ин шарҳ аст:

-ҳаста дар бандҳои афзудаи исмёбандҳои мутаммими исм, [4, с.125] чаро ки наметавон ин ҳастаро дар ҷумла бидуни мутаммим ворид намуд, барои намуна дар ҷумлаи "Китобе, ки харидӣ, бисёр хондӣ буд". Мутаммим, яъне «бисёр хондӣ» яке аз вобастҳои иҷбории ҳаста мебошад, ки мафҳуми исм «китобе»-ро комил мекунад, ки дар ин ҷо нақши мавсулро ифо менамояд [4, с.125].

-табдили бандҳои вобастаи исм ба воситаи дигар бад-ин маъно, ки агар ин вобастҳо ба шакли васф ворид шаванд метавон онро ба вобастаи исме табдил намуд. Аммо бандҳои

вобастаи исмро метавон бо ҳарфи изофа ҷойгузин намуд, барои намуна дар ҷумлаи: «Писаре, ки дидӣ, бародарам буд» феъли «дидӣ» иборати васфӣ - дида шудааст, ки ба ҷойи «дар бораи дидан» ворид шудааст [4, с.127].

-ҳарфи «ки» дар бандҳои вобастаи исм, дар ин бахш пажуҳишгар ба ин нукта ишора мекунад, ки ҳарфи «ки» ҳол дар ҷумла зоида бошад ё он ки аз он ба унвони мутаммим исм баҳра бурда шавад, вале набояд ҳазф шавад ва дар натиҷа ҷузви мутаммимҳои иҷборӣ ба шумор меравад, монанди: «Марде, ки дидӣ, бародарам буд» ва «Теҳрон, ки шаҳри бузургест, бисёр зебост».

Пажуҳишгар ин ду ҷумларо чунин мавриди баррасиву таҳлил қарор додааст: ҳарфи «ки» аз адавоти пайванди форсӣ ба шумор меравад, ки баёнгари рабти ду ҷумлаи силла мебошад: «Марде, ки дидӣ, ин мард бародарам буд». Ҳарфи «ки» дар ҷумлаи дувум низ чунин ҳолате дорад ва ба унвони як адоти зоид ин мафҳумро ба мухотаб мунтақил менамояд, ки Теҳрон аз назари масоҳат шаҳри бисёр бузурге мебошад [4, с.128].

Дар поёни ин пажуҳиш метавон ба бархе натоиҷ даст ёфт, ки боризтарини онҳо иборатанд аз:

-бандҳои вобастаи исм ба ду қисмати аслӣ тақсим мегарданд: бандҳои силла ва бандҳои мутаммими исм;

-метавон мутаммими исмро бо муснад ҷойгузин намуд, аммо дар гурӯҳи исмӣ чунин имконе вуҷуд надорад;

-метавон аз чандин вобастаи силла дар ҳангоми тавсифи як ҳастаи воҳид баҳра гирифт вале ин амр дар иртибот бо бандҳои мутаммими исмӣ имконпазир намебошад.

Ҳамин гуна гуфтаҳои Табибзода Умедро дар китоби ба забоншиносӣ бахшидашудаи Вафоӣ Аббосалӣ дарёфт намудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар фасли севуми китоб гурӯҳи исмӣ ва анвои мухталифи сарфию наҳвӣ ва даллолии исм, пешвандҳову пасвандҳои онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин фасл муаллиф дар талош будааст, то тасвири равшан аз нақши исм дар ҷумлаи форсӣ, хоҳ дар нақши аслии он монанди фоилу мафъул ва мутаммими иҷборӣ, хабар ва мунодо ё хоҳ дар нақши ғайриаслии он монанди қайду бадал ва мутаммими ихтиёрӣ ва музофунилайҳироанамояд. Дар поёни ин фасл муаллиф сифат ва анвои мухталифи сарфии он ва мутаммимҳоиисм ва таркибҳои изофӣ ва нақши сифат дар ҷумлаи форсиро маврид мутолиаи худ қарор додааст. Дар фасли чоруми китоб муаллиф анвои замоири форсӣ ва нақши онҳодар дохили ҷумлаиформсӣ, бахусус замоири мубҳаме, ки ба ифои нақши мутаммим мепардозандро табйин намудааст. Дар фасли панҷуми ин китоб Вафоӣ кӯшидааст, то қайдҳои форсиро ба қайдҳои сарфӣ тақсим намояд. Дар фасли шашум ва поёнии китоб низ муаллиф ба баррасии ҳуруфиформсӣ монанди ҳуруфиизофа, рабт, атф ва шарт дар даруни сохтори ҷумлаиформсӣ пардохтааст.

Метавон гуфт, ки Аббосалӣ Вафоӣ ҷузви он даста аз дастурнависони эронӣ, ки мутаммими форсиро дар зермаҷмуаи унвонии мустақил мавриди баррасӣ қарор додаанд, набудааст, аз ин рӯ, дар зимни як ё ду фасли худ ишороте аз ин даст ба мавзуи мутаммим намудааст. Ҳангоми сухан аз коркардҳои аслии исм дар ҷумлаи форсӣ муаллиф ба ин нукта ишора мекунад, ки дар ҷумлаи форсӣ гурӯҳи исмӣ, дар сурате ки баъд аз ҳуруфи изофа қарор гирад, нақши мутаммимро ифо менамояд ва ин навъи мутаммимро ба ду навъ: мутаммими иҷборӣ ва ихтиёрӣ тақсим менамояд. Аз назари ӯ, мутаммим дар сурате иҷборӣ хоҳад буд, ки бар навъ ё сифат далолат намояд, монанди «Кӯдак аз гурба тарсид», ки дар ин ҷумла мутаммим «аз гурба» муснадун илайҳ «кӯдак»-ро мавриди таъриф қарор додааст, ки маъмулан аз навъи хоссе аз ҳайвонот метарсад. Аммо агар ин мутаммим нақши наҳвӣ ё даллолӣ дар ҷумла ифо намояд, дар ин сурат ихтиёрӣ ба шумор хоҳад рафт, монанди: «Бародарам дар донишгоҳ таҳсил мекунад» Дар ин ҷумла мутаммим «дар донишгоҳ» унсури асосӣ дар маънои феъл «таҳсил мекунад» ба шумор намеравад.

Муаллиф ҳамчунин мавзуи мутаммимҳои исмро таҳти унвони вобастаҳои исм [11, с.75] мавриди баррасӣ қарор дода, мегӯяд: мутаммимҳои исме, ки шомили исм, сифат, иборат, ҳарфи изофа ва ҷумла мегарданд, маъно ва мафҳуми ҷадид бар исм меафзоянд, монанди: «Ин китобро бигир». Дар ин ибора сифати ишора «ин» исми «китоб»-ро мушаххас мекунад ва бар ҳамин асос муаллиф сифатро ҷузви мутаммими исм дастабандӣ менамояд. Адади васфӣ низ чунин ҳолате меёбад ва барои намуна дар ҷумлаи «Севумин китоби устод низ чоп ва мунташир шуд» адади васфии «севумин» мафҳуми исми «китоб»-ро мушаххас ва теъдоди онро таъин мекунад. Дар ҷумлаи «Ҳаракате аз ин навъ камтар дида шудааст» низ гурӯҳи

исмӣ «аз ин навъ» мутаммими исм «ҳаракате» мебошад ва кайфияти онро табйин менамояд [4, с.125].

Мутаммими феъл байни иҷборӣ ва ихтиёрӣ, назари ростарин пажуҳиш дар атрофи мутаммим дар садаи бисту якум ин масъалаи мутаммими феъл байни иҷборӣ ва ихтиёрӣ мебошад. Машҳуртарин осор бо забоншиносӣ бахшидашудаи ин давра ба қалами Ҳасан Анварӣ, Сайид Беҳном, Комёр Ваҳидиён, Ҳасан Гевӣ ва Ғуломризо Аржанг тааллуқ доранд. Аз ҷумла Ҳасан Анварӣ ҳаракат карда ва мутаммимро бо иборати мутаммими феъл муаррифӣ кардаанд, вале нуқсу айби ин таъриф дар он аст, ки ҳар навъ мутаммимеро ба феъл нисбат додааст. Китоби мазкур дорои ду қисмати аслӣ мебошад, ки яке аз онҳо таркиб ва дигаре таҳти унвони таҳлил (таҷзия) ироа шудаанд.

Дар қисмати аввали китоб нависанда ба нақши калима дар сохтори таркиб пардохтааст, вале дар қисмати дувум вижагиҳои калима ва мушаххасоти он дар хорич аз бофти ҷумларо мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст. Дар қисмати авваликитоб муаллиф анвои мутаммимро ба ин тартиб мавриди ишора қарор додааст:

-мутаммими феъл, нақшҳои аслии он аст, муаллиф дар ин ҷо мегӯяд: мутаммим калимае, аст ки бо феъл ё ҷумла ба воситаи ҳарфи изофа иртибот меёбад, то маънои онро комил намояд. Барои намуна дар ҷумлаи: «Алӣ ба хона рафт» исми «хона» ба унвони мутаммими феъли «рафт» вориди ҷумла шудааст. Пеш аз он ҳарфи изофаи «аз» қарор гирифтааст, ки баёнгари нуқтаи оғози ҳаракати фоъил- «Алӣ» мебошад. Анварӣ ин мутаммимотро ба чор навъи аслӣ: мутаммими сифат, мутаммими музофунилайҳ, мутаммими бадал ва мутаммими маътуф тақсим менамояд [1, с.8].

Муқаддам Сайид Беҳноми Алавӣ бошад, таҳқиқи худро ба ду қисмат тақсим кардааст: дар яке аз ин ду қисмат ҷумалоте мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки дорои як феъли дарбардорандаи ду қазия мебошад. Барои намуна фоъили ҷумла баёнгари рӯсохти (surfacestructure) сатҳӣ ва мафъули дарбардорандаи зерсохти амиқи ҷумлааст. Пажуҳиш ба афъоле пардохтааст, ки дорои як ё ду ё се мавзуъ мебошанд ва дар ин бора ба гуфтаҳои П.Н. Хонларӣ истинод намудааст, ки мегӯяд: «Феъли лозим (intransitiveverb) феъле аст, ки ба зоти худ таҳаққуқи маъноӣ дорад, вале феъли мутааддӣ (transitiveverb) феъле мебошад, ки маънои он ба воситаи вожаи дигар таъин мегардад». Дар иртибот бо тақсимбандии ҷумлаи форсӣ низ муаллиф аз ҷумалоте сухан мегӯяд, ки аз се ҷузъи феъл ва муснадун илайҳ ва мутаммим қавом ёфтаанд. Барои намуна дар ҷумлаи: «Ба сипоҳи ислом мегаравиданд» исми «сипоҳ» баъд аз ҳарфи изофаи иҷбории «ба» ба унвони мутаммими феъли «гаравиданд» корбурд ёфта ва мафҳуми онро барои мухотаб равшан месозад [6, с.5].

Пажуҳишгар дар поёни баррасии худ афъоли мухталифро аз назари теъдоди қазия ва гузаро ва ногузаро будан ба ин шакл тақсимбандӣ намудааст: бархе афъол дорои як қазияи воҳид мебошанд, монанди феъли аснодӣ: «Алӣ хуб аст» ва феъли маҷҳул: «Алӣ кушта шуд» ва феъли мураккаб: «Алӣ ғизо хӯрд». Афъоли дигаре низ вуҷуд доранд, ки дорои ду қазия мебошанд, монанди феъли мутааддӣ ба мафъул: «Алӣ ғизоро хӯрд» ва феъли мутааддӣ ба мутаммим: «Алӣ бо падараш менозад». Дар ин миён афъоле низ ҳастанд, ки дорои се қазия мебошанд, монанди феъли мутааддӣ ба мафъул ва мутаммим: «Алӣ китобро ба ман дод» ва феъли мутааддӣ ба мафъул ва муснад: «Мардумро падар мехонанд» ва феъли мутааддӣ ба мутаммим ва муснад: «Алӣ ба падараш паҳлавон гуфт».

Комёр Тақӣ Ваҳидиён мутаммими феъл ва мавзуи мазкурро аз дидгоҳи Ҳасан Аҳмади Гевӣ ва Ғуломризо Аржанг ба таври густардатар мавриди баррасӣ карор гирифтааст. Мутаммими феълро аз мутаммими қайдӣ мутамоиз месозад. Аз назари муаллиф мутаммими феъл ва мутаммими қайдӣ аз назари сохтори сарфӣ бо якдигар муташобеҳ мебошанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. انوری، حسن. احمدی گیوی. حسن دستور زبان فارسیچاپ دهم، تهران: 1373 ش انتشارات فاطمی. 264 ص.
2. باطني محمد رضا توصيف ساختمان دستوري زبان فارسي، تهران:1381 ش. نشر امير كبير193ص.
3. خانلری پرویز ناتل. دستور زبان فارسي تهران: 1386 هـ. ش چاپ 21. 367ص.
4. طبیب زاده امید بندهای وابسته‌ی اسم در زبان فارسی و روابط وابستگی در درون آن‌ها:1394 هـ. ش دانشگاه ابوعلی سینا. 117- 145 ص.
5. ماهوتیان، شهرزاد، ) 1387ه. ش (، دستور زبان فارسی، ترجمه ی سمائی، مهدی، تهران: نشر مرکز، چاپ اول. 366 ص.
6. مقدم سید بهنام علوی. انواع جمله از نظر اجزا. رشد آموزش زبان وادب فارسی. تهران: 1386ه. ش. شماره 2. 41- 45ص.
7. مهنی فاطمه اسفندیار. متمم اجباری و اختیاری در تاریخ بیهقی. پنجمین همایش پژوهشهای ادبی تربیت معلم سبزوار. 1389 هـ. ش. ص. 2035- 2047.
8. نايدا يوجين. نحو علم الترجمة. ترجمة ماجد النجار. العراق: 1976م507ص.
9. هولب روبرت سي. نظرية الاستقبال. ترجمة: رعد عبد الجليل جواد. الطبعة الأولى. سورية: 1992م. 190ص.
10. الوطواط رشيد الدين. حدائق السحر في دقائق الشعر. ترجمة. إبراهيم أمين الشواربي. القاهرة: 2005م المشروع القومي للترجمة. 209ص.
11. وفایی عباسعلی دستور زبان فارسی. تهران:1391هـ. ش. سازمان مطالعه و تدوین کتب علوم انسانی دانشگاه‌ها سمت. 132ص.شمیسا، سیروس. انواع ادبی / سیروس، شمیسا. – تهران: رامین، ۱۳۸۳.

## МАСЪАЛАИ МУТАММИМ ДАР ПАЖУҲИШҲОИ ЗАБОНШИНОСОНИ ЭРОНӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу арзёбии масъалаи тарҷумаи мутаммими форсӣ дар осори пажуҳишиии олимони забоншиноси Эрон бахшида шудааст. Тавре ки маълум аст, масъалаи таъсири забони арабӣ ва сохтори дастурии он ба забони форсӣ ба таври зарурӣ дар заминаи воҳидҳои луғавии арабӣ мавриди омӯзиши назаррас қарор гирифтааст, вале дар забони муосири форсӣ омӯзиши лингвистию ҳамаҷонибаи таъсири дастури забони арабӣ ба дастури забони форсӣ дар мисоли мутаммим ба таври пурра омӯхта нашудааст. То ҳол хусусиятҳои фарқкунандаи таъсири дастури забони арабӣ ба забони форсӣ дар асоси ин воҳиди муҳимми забони форсӣ-мутаммим мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар мақола таҳқиқоти забоншиносони эронӣ, ки ба гунае ба мавзуи таҳқиқ бастагӣ доранд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла асари Муҳаммад Ризо Ботинӣ «Тавсифи сохтмони дастури забони форсӣ», Абдулазим Қариб «Дастури забони форсӣ». Дар миёни асарҳои мунташиршуда дар атрофи сохтори дастурии забони форсӣ, ки ба мавзуи мутаммим иритибот доранд, наздикӣ доранд, ду асар аз Ғуломризо Аржан «Дастури забони форсии имрӯз» ва таҳқиқи Умед Тайибзода «Бандҳои вобастаи исм дар забони форсӣ» қобили мулоҳизаанд.

**Калидвожаҳо:** сарф, унсур, забон, забоншиносӣ, мутаммим, тарҷума, сохтор, ҷумла.

## ПРОБЛЕМЫ ДОПОЛНЕНИЯ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ИРАНСКИХ ЛИНГВИСТОВ

Статья посвящена исследованию проблем перевода персидского дополнения в трудах иранских ученых - языковедов. Как известно, проблема влияния арабского языка и его грамматического строя на персидский язык, хорошо изучена с точки зрения лексических единиц арабского происхождения. Однако в современном персидском языке отсутствует попытка комплексного лингвистического анализа воздействия арабской грамматики на грамматику персидского языка на примере дополнения. С другой стороны, не определены способы влияния арабской грамматики на грамматику персидского языка при помощи этого важного грамматического элемента предложения в персидском языке. Одноко некоторые иранские ученые в своих трудах попытались выявить отличительные черта данного элемента. В статье рассмотрены труды иранских ученых Мухаммад Ризы Батини «Описание грамматической структуры персидского языка», Абдуазима Кариба «Учебник персидского языка». Среди опубликованных работ о структуре грамматики персидского языка две работы близки к теме исследованию. Книга Гулямризы Аржанга «Учебник современного персидского языка» и исследование Умеда Тайибзаде об особенностях дополнения в персидском языке, «Основные элементы, связанные с именем существительным в персидском языке».

**Ключевые слова:** грамматика, элемент, язык, лингвистика, дополнение, перевод, структура, предложение.

## PROBLEMS OF SUPPLEMENTATION IN STUDIES OF IRANIAN LINGUISTS

The article is devoted to the study of the problems of translating the Persian supplement in the works of Iranian scholars - linguists. As the problems of the influence of the Arabic language and its grammatical system on the Persian language are known, it is well studied in terms of lexical units of Arabic origin. However, in modern Persian, there is no attempt to complex linguistic analysis of the effect of Arabic grammar on the grammar of the Persian language using the example of an addition. On the other hand, the methods of influence of Arabic grammar on the grammar of the Persian language using this important grammatical element of the sentence in Persian are not defined. One thing some Iranian scholars in their works tried to identify the distinguishing features of this element. The article examines the works of Iranian scholars Muhammad Riza Batini "Description of the grammatical structure of the Persian language," Abduazim Karib "Textbook of the Persian language." Among published works on the structure of Persian grammar, two works are close to the topic of study. Gulyamriza Arzhang's book "Textbook of the Modern Persian Language" and Umed Tayibzadeh's study on the features of the supplement in Persian, "The main elements associated with the name by the noun in Persian".

**Key words:** grammar, element, language, linguistics, supplement, translation, structure, sentence.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сафаров Умархоҷа Раҳимович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи филологияи Эрон. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**
***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араб. **Суроғa**: 724025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**
***Алсенан Абдулҳаким Фаҳад*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи Эрон. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ 17. E-mail: **hakeem2111@gmail.com.**
Тел.: **(+992) 900-96-12-66**

**Сведения об авторах:** ***Сафаров Умарходжа Рахимович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, зав. кафедрой иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Тел.: **(+992) 98-578-67-11**
***Исмонов Кароматулло Бадридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Тел.: **(+992) 917-44-40-40**
***Алсенан Абдулхаким Фахад*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистана, г. Душанбе, пр.Рудаки 17.
E-mail: **hakeem2111@gmail.com.** Тел.: **(+992) 900-96-12-66**

**Information about the authors:** ***Safarov Umarkhoja Rakhimovich*** - Tajik National University, doctor of philological Sciences, professor, Head of department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **umar_safar@mail.ru.** Phone: **(+992) 98-578-67-11**
***Ismonov Karomatullo Badridinovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology sciences, Associate Professor of Arabic Philology Department. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **usmon1982.82@mail.ru.** Phone: **(+992) 917-44-40-40**
***Alsenan Abdulhakim Fahad*** –Tajik National University, doctoral student Ph.D chair of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **hakeem2111@gmail.com.**
Phone: **(+992) 900-96-12-66**

УДК: 491.550:42

# СОХТИ ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Бобоев А.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Синтаксис дар системаи грамматикии забонҳо мавқеи асосиро ишғол менамояд, чунки вай воҳидҳои забониеро фаро мегирад, ки барои баёни маълумот, таъмини муошиpот ва муносибати одамон хизмат мекунанд. Синтаксис ҳамаи вазифаҳои худро дар алоқамандӣ бо морфология иҷро менамояд. Ҳамин аст, ки морфология ва синтаксис якҷоя грамматикаро ташкил медиҳанд.

Морфология ва синтаксис ҳодисаҳои гуногуни грамматикиро омӯзанд ҳам, ба якдигар алоқаи мустаҳкам доранд. Аз ҳамин сабаб, бисёр ҳодисаҳои грамматикии забонро маҳз дар заминаи алоқамандии морфология ва синтаксис шарҳ додан мумкин аст.

Дар ифодаи аъзоҳои ҷумла муносибати наздики ҳиссаҳои нутқ бо аъзоҳои ҷудогона аён мегардад. Масалан, мубтадо ва пуркунанда дар навбати аввал бо исм, ҷонишин ва масдар, хабар бо феъл ва ҳол бо зарфу исмҳои замону макон ифода мешавад [9, с.76].

Бо вуҷуди ин, дар таснифоти аъзоҳои ҷумла ва муайян кардани хелҳои онҳо танҳо ба ҳиссаҳои нутқ такя кардан дуруст нест. Дар ин маврид муносибати синтаксисии аъзоҳои ҷумла низ ба эътибор гирифта мешавад. Дар сурат гирифтани ҷумла вазифаи сараъзоҳо басо калон аст, вале аъзоҳои пайрав низ дар ин ҷиҳат саҳм доранд. Замон, макон, сабаб, мақсад ва ғайра на танҳо ба яке аз сараъзоҳо, балки ба мундариҷаи тамоми ҷумла алоқаманд шуда метавонанд ва аз ин сабаб як ҳиссаи созмони ҷумла ба шумор мераванд.

Ҷумлаҳои чидааъзо – ин ҳамон аъзоҳои ҷумла мебошанд, ки ба як савол ҷавоб мешаванд ва бо калимаҳои ягона дар ҷумла меоянд.

Ҷумлаҳои чидааъзо – ин ҷумлаҳои як аъзо мебошанд ва якдигарро бо бандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мекунанд.

Аъзоҳои чидаи ҷумла баробарҳуқуқ буда ба як савол ҷавоб мешаванд. Онҳо, асосан, бо як ҳиссаи нутқ ифода меёбанд. Чун муайянкунандаву муайяншаванда аз яке ба дигаре савол дода намешавад.

Гуфтан лозим аст, ки аз ҷумла соқид шудани яке аз аъзоҳои чидаи он умуман ба мазмуни ҷумла нуқсоне ворид намесозад.

Бояд донист, ки аъзоҳои чидаи ҷумла ба ҳам бо роҳҳои гуногун алоқаманд мешаванд. Чунончи:

1. Ҳар аъзои чида ба дигаре ба воситаи пайвандаки пайвасткунанда алоқаманд мегардад [2, с.65].
2. Агар аъзои чидаи ҷумла аз дуто зиёд бошад, он гоҳ пайвандак пеш аз аъзои чидаи охир оварда шуда, аъзоҳои пешина дар навишт аз ҳам бо вергул ҷудо карда мешавад.
3. Баъзан аъзоҳои чидаи ҷумла бо ҳам бештар бо пайвандакҳои пайҳам ҷуфт – ҷуфт алоқаманд мегардад. Дар ин маврид ҷуфти якум аз ҷуфти дигар чунин аъзоҳои чида бо аломати вергул ҷудо карда мешавад.

Мувофиқи ин раванд «Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо» мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Дар ин бобат, барои он ки мафҳуми *калимаҳои хулосакунанда* ва зарурати истифодаи онҳо дар нутқ, мувофиқи гуфтаи проф. В.П. Озерская чунин аст, ки «Интихоби калимаҳои ифодакунандаи номҳои умумии чандин предмет, яъне интихоби калимаи хулосакунанда, барои предметҳои ҷудогона ва баръакс, номбар намудани предметҳои ҷудогонае доир ба ин ё он калима ё ибораи хулосакунанда то андозае мафҳуми *калимаҳои хулосакунандаро омода месозад*». Инак, гуфтан лозим аст, ки он калимаҳоеро (баъзан ибораҳо ҳам), ки дар нутқ (шифоҳӣ ва хаттӣ) номи умумии чандин предметро дар бар мегиранд, дар илми забоншиносӣ *калимаҳои хулосакунанда* меноманд. Калимаҳои хулосакунанда дар ҳамаи ҷумлаҳои чидааъзо истифода карда мешаванд [10, с.110]. Онҳо (калимаҳои хулосакунанда) дар ҷумлаҳо ва ё пеш аз аъзоҳои чида ва ё пас аз аъзоҳои чида омада, барои ба таври умумӣ ҷамъбаст ва ё худ хулоса намудани ҳамин аъзоҳои чида хизмат мекунанд [4, с.156].

Мисол:

1. Агар калимаҳои хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чидаи ҷумла оянд, ҳангоми бо овози баланд қироат намудани ҷумла задаи мантиқӣ ба онҳо меафтад, яъне дар ин навъ ҷумлаҳо калимаҳои хулосакунанда шиддатноктар талаффуз карда мешаванд (Ин лаҳза барои исботи нуқтаи мазкур мувофиқи меъёри талаффуз қироат кардани ду ҷумлаи аввал басанда аст [1, с.54].

Ҷумлаҳои чидааъзо ҷумлаҳое номида мешаванд, ки ба воситаи алоқаи бандакҳои пайвасткунанда дар ҷумла меоянд ва инчунин вазифаи ягонаи синтаксисиро дар ҷумла иҷро мекунанд. Ба дигар маъно, муносибати ягонаро ба ин ё он аъзои ҷумла муттаҳид мекунанд.

Ҷумлаҳои чидааъзои пайвастшаванда метавонанд бо пайвандакҳои пайвасткунанда бо тариқи интонатсия истифода гарданд. Дар набудани бандакҳо ё ин ки ҳангоми такроршавии ҷумлаҳои чидааъзо, дар ин маврид, метавонад дар ҷумла алоқаи таваққуф ояд.

Ҷумлаҳои чидааъзо метавонанд паҳншаванда (spreading) ва инчунин паҳннашаванда (non-spreading) бошанд ва дар худ калимаҳои эзоҳдиҳанда гиранд [10, с.65].

Ҷумлаҳои чидааъзо метавонанд ифодаи ягонаи морфологӣ дошта бошад, лекин боз метавонанд ҳар гуна ҷинсияти морфологиро иҷро кунанд. Пайвандаки пайвасткунандаи «-*ва*» (бо маънои - *ва*) *на…на* ва дигар. Пайвандаки «- *ва*» метавонад ягона ва инчунин такроршаванда бошад. Пайвандаки «- *ва*» шумораи характери тамомшавандаро дорад, мисол: *Аз берун вангос, аккос, ва улос мебаромад. – From street was heard squed, bark and howl* [6, с.76]. Такроршавии пайвандаки «- ва» дар ҷумлаҳои чидааъзо натанҳо нотамомиро нишон медиҳад ва як қатор вазифаҳои интонатсиониро низ нишон медиҳад.

Пайвандаки «- *ва*» метавонад дар таркиби ҷумлаҳои чидааъзо аъзоҳои ҷуфтро алоқаманд кунад, мисол: *шамол ва санг – wind and stone, шеър ва газал – poetry and proses* ва ба ин монанд [8, с.87].

Пайвандаки «- *ва*» хусусияти универсиалӣ дошта, барои алоқаманд шудани ҷумлаҳои сода, ки дар байни онҳо муносибатҳои гуногун мавҷуд аст, истифода бурда мешавад:

1. Муносибатҳои шумора ва номбаркунии ҳодисаҳо, воқеаҳо, ки характери тасвирӣ ва чида доранд, мисол: *Миршаб гоҳо дар айвон ва гоҳо дар даруни он ҳуҷра менишаст ва одамонаш дар ду тарафи кӯча ва айвон андак дуртар монанди сайёдон камин гирифта меистоданд (С.Айнӣ, Ёддоштҳо). Ба рӯйи қолини қизилаёқи серпат аз ду тараф якандозҳо партофта шуда ва дар ҳар ҷо-ҳар ҷо болиштҳо гузошта шуда буданд* [7, с.54]. Пайвандаки «-*ва*» ба монанди ҷумлаҳои чида дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти кушода такрор омада метавонад. Такрори пайвандаки «-*ва*», аз як тараф, хусусияти услубӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, таъсири анъанаи забони адабиёти классикӣ мебошад, мисол: *Шарикон дар он маҷлис маблаги мазкурро сарф намуда, барои худ ва меҳмонони худ зиёфати миёнаҳолонае тартиб доданд ва танбӯрнавози ин шабнишинӣ Раҳим Қанд буд ва вазифа ва газалхонии ин базмро сурудхонони ҳаваскор адо мекарданд* [4, с.8].

Пайвандаки **«- *у (-ю)*»**.

Пайвандаки «- *у (-ю)*» бо пайвандаки «-*ва*» баъзе умумиятҳо дошта бошад ҳам, бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ мекунад.

1. Бо пайвандаки «*у (-ю)*» ҷумлаҳои содае ба ҳам алоқаманд мешаванд, ки муносибатҳои ҳамзамонӣ ва паиҳамзамонӣ доранд, вале тафовути ин гуна ҷумлаҳо дар он аст, ки дар ин ҷо амалу ҳолати қисми дуюми ҷумлаи мураккаб фавран, ҳамоно пас аз қатъ гардидани амали ҷумлаи содаи якум ба вуқуъ меояд. Дар ин гуна ҷумлаҳо хабари ҷумлаи якум, ки бо пайвандаки «-*у (-ю)*» меояд, задаи мантиқӣ гирифта, бошиддат ва баландтар талаффуз меёбад, мисол: *Онҳо нишастанду поезд ба роҳ даромад (Ҷ.Икромӣ, Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро). – Ба палата духтур даромаду Кумачев супориши онро ба хотир овард* [4, с.54].

2. Дар байни қисмҳои ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо пайвандаки «- *у (-ю)*» дар зимни муносибати замонӣ муносибати сабабу натиҷа низ ифода мешавад [12].

3. Пайвандаки «- *у (-ю)*» дар нутқи гуфтугӯӣ бештар кор фармуда мешавад. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки ба воситаи ин пайвандак ташкил меёбанд, дар зарбулмасалу мақол, панду ҳикматҳо низ бисёртар дида мешаванд, мисол: *Дурр шиканаду сухан нашиканад (Зарб.). – Об дар кузаю мо ташналабон мегардем. – Ёр дар хонаю мо гирди ҷаҳон мегардем* [6, с.88].

Пайвандаки такроршавандаи «*на…на*» бо ифодаи ҷумлаҳои инкорӣ дар ҷумла истифода бурда мешавад, мисол: *Дар боришот на баҳрро дида мешуд на осмонро – In the street neither see sea not sky* [3, с.54].

1. Бандаки хилофӣ: *аммо, лекин, балки.* Пайвандаки «- *аммо*» - ба ҷойи як ашё, аломати амал ва бо дигар воситаҳо ифода меёбад, ки як мафҳумаш тасдиқ мешавад дигараш инкор.

Дар ҷумлаҳои чидааъзо як қолаби маъмул аст, ки аъзои чидаи якум одатан дар шакли инкор омада, ногузирии пайвандаки ***балки*** ва дар шакли тасдиқ омадани хабари дуюмро таҳозо мекунад. Дар ин гуна ҷумлаҳо ҳиссачаҳои инкорӣ фақат аз рӯйи тартиби ҷойгирифтаашон тафовут доранд.

Дар ин гуна ҷумлаҳо аз хабарҳои якхела ва ё феълҳои ёридиҳанда гоҳо дуюмӣ ихтисор мешаванд ва ҳиссачаи инкорӣ бо аъзои тобеи он хабар меояд, мисол: *Дар ин ҷо гайр аз чорпанҷ чанори ӯҳансол на хиёбоне диданд ва на ягон майдони ободе (Ф.Ниёзӣ, Ҳар беша гумон мабар, ки холист). - Except four ok five old birches did not see nok avenue not good area. Онҳо на зар доштанд, на зӯр. – They haven't not wealth not power* [3, с.54].

Дар забони англисӣ ҳам ба монанди забони тоҷикӣ пайвандакҳое ҳастанд, ки маънои чидааъзогӣ доранд. Барои дар байни пайваст намудани калимаҳо ва ҳамоҳангии калимаҳо ва ҳамзамон ҳамоҳангии калимаҳоро дар ҷумла дар забони англисӣ ҳам дида мешавад.

Пайвандакҳои пайвасткунанда дар забони англисӣ чунинанд. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар забони англисӣ сохти гурӯҳбандии худро доранд. Лекин пеш аз он ки бобати нақши пайвандакҳо гуфта бароем, каме дар бораи мафҳуми он дар забони англисӣ маълумот медиҳем. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар забони англисӣ барои алоқаманд кардани ҷумлаҳои чидааъзо ё ин ки мустақилона (мустақилона бо ҳамдигар) дар ҷумлаҳои мураккаб истифода бурда мешаванд [11]. Гурӯҳи аввал пайвандакҳои «пайвасткунанда» (copulative conjunctions) мебошанд. Ба ин гурӯҳ пайвандакҳои зерин дохил мешаванд:

• **And** (бо маънои «-*ва*»). *I told her to buy a kilo of potatoes, some milk and two loaves of bread. – Ман ба ӯ гуфтам, ки як килограмм картофел, каме шир ва ду нон харад.*

• **As well as** (бо маънои «- *ва ба монанди*»). *People hear with their skin as well as their ears. – Одамон ба воситаи пӯсташон мешунаванд ва ба монанди гӯшҳояшон.*

• **Both…and** (бо маънои «- *на…балки,* »). *She is both an intelligent boss and a good mother. – Вай на танҳо сардори доно аст, балки модари хуб ҳам ҳаст.*

• **Neither…nok** (бо маънои «на…на»). *We are neither for not against it. – Мо на зид ҳастем ва на бетараф.*

• **Not only…but also** (на танҳо, ва аммо). *Wooden furniture is not only beautiful but also elegant. – Мебел аз чӯб на танҳо зебост ва инчунин бароҳат аст.*

• **Nok** (бо маънои «-*инчунин не, ҳамчунин не*»). *Chris will not accept help, not yet advice. – Крис на ёриро қабул мекуна ва на маслиҳатро.*

Гурӯҳи дуюми пайвандакҳо «*хилофӣ*» (adversative conjunctions) мебошанд:

• **And** (бо маънои «-*аммо, балки, лекин*»). *I shall go, and you stay here and wait for him. – Ман мераваму, аммо шумо дар ин ҷо мемонед ва ӯро мунтазир мешавед.*

• **But** (бо маънои «-*аммо, лекин, балки*»). *He never remembers my birthday but I don't take offence at him. – Вай ҳеҷ гоҳ рӯзи зодрӯзи маро дар хотир намегирад, аммо ман аз ӯ хафа намешавам.*

• **However** (бо маънои «-*аммо, балки, лекин*»). *This dress is very expensive; However, it is wokth it. – Ин курта хело қимат аст, лекин чунин арзиш дорад.*

• **Nevertheless** (бо маънои «-*ба ҳар ҳол, бо вуҷуди ин, бо ин ҳама*»). *Nevertheless what are we doing here anyway? – Ба ҳар ҳол, мо дар ин ҷо чӣ кор мекунем?*

• **While** (бо маънои «-*он даме ки, ҳоло, то кунун*»). *While she was out, I managed to read several chapters of the book. – То он даме ки ӯ набуд, ман якчанд боби онро хонда баромадам.*

• **Still** (бо маънои «-*ҳоло ҳам*»). *She has many drawbacks, still I love her. – Вай бисёр нуқсониҳо дорад, вале ман ҳоло ҳам ӯро дӯст медорам.*

• **Whereas** (бо маънои «-*ҳоло он ки…, баръакс, балки, аммо*). *I often fell sick, whereas my mother is never ill. – Ман тез-тез бемор мешавам, аммо модари ман ҳамеша саломат аст.*

• **Yet** (бо маънои «-*ба ҳар ҳол, бо вуҷуди ин, бо ин ҳама, аммо, балки, лекин). He is good to me, yet I dislike him. — Вай бо ман хуб муносибат мекунад, аммо ман ӯро дӯст намедорам* [6, с.76].

Ва дар охир, гурӯҳи сеюм – ин пайвандакҳои «ҷудокунанда» (disjunctive conjunctions)-анд. Ба ин гурӯҳ танҳо ду пайвандак дохил мешавад:

• **Ok** (бо маънои «-ё ин ки»). *Shall we keep in the fire ok let it out? – Оташро боз дар мегиронем ё ин ки хомӯшаш мекунем?*

• **Either…ok** (ё ин ки, ё). *You may either leave ok stay as you wish. – Шумо метавонед ё ин ки равед ё истед, чӣ хеле ки ба шумо маъқул аст* [1, с.87].

Ҷуфти пайвандакҳои пайвасткунанда дар забони англисӣ, ки мо дар пайвандакҳои пайвасткунанда ва ҷудокунанда дучор шудем, боз пайвандакҳои муносибати ҳам (cokrelative conjunctions) вуҷуд дорад.

Чи хеле ки маълум гашт, пайвандакҳои пайвасткунанда дар забони англисӣ он қадар бисёр нестанд, аз ин лиҳоз, дар хотир доштани онҳо мушкилиеро намеорад ва таснифоти пайвандакҳои тобеъкунанда метавонад каме мушкилтар шавад ва инчунин гурӯҳбандии онҳо метавонад хело гуногуншакл бошад.

**Муқарриз:** ***Саидзода М.*** – н.и.ф., ДДК ба номи А.Рӯдакӣ

**А Д А Б И Ё Т**


1. Саидризо Ализода. Сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Ализода, Саидризо. - Самарқанд – Душанбе, 1926. - 220 с.
2. Мирзоев, А.Ш. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / А.Ш. Мирзоев ва диг. - Душанбе, 1986. – 266 с.
3. Хоҷаев, Д. Синтаксис ва пунктуатсия / Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров. - Душанбе, 1991. - 30 с.
4. Н. Маъсумӣ. Нишондодҳои методӣ ва супоришҳо аз забони модарӣ / Маъсумӣ, Н. - Душанбе, 1949. – 300 с.
5. Раҳматова, С. Ҷумлаҳои чидааъзо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / С. Раҳматова. - Душанбе, 1991. – 254 с.
6. Муллоаҳмадов, М. Қобуснома / М.Муллоаҳмадов. - Душанбе, 2007. - 240 с.
7. Эшонҷонов, А. Ҷумлаҳои чидааъзо ва баъзе хусусиятҳои грамматикии он / А.Эшонҷонов. – Душанбе, 1967. - 142 с.
8. Ниёзмуҳаммадов, Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов. - Душанбе, 1973. - 254 с.
9. Давлатов, А.Н. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар «Қобуснома» / А.Н. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе: Сино, 2016. - №4/3(203). – С.36-39.
10. Давлатов, А.Н. Ибораҳои исмии изофӣ дар «Қобуснома» / А.Н. Давлатов // Забон – рукни тоат (маҷаллаи илмӣ). - Душанбе, 2017. - №9. – 250 с.
11. Давлатов, А.Н. Вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус: дисс. н.и. филол., аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01: (бо забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2022. - 168 с.
12. Юнусов, А. Феҳрести синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби забони адабии тоҷик / А.Юнусов, Д.Хоҷаев. – Душанбе, 1982.
13. Рустамов, Ш. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб / Ш. Рустамов // Мактаби советӣ. - 1979. - № 11.
14. Ҳоҷиев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ / С.Ҳоҷиев. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - 400 с.
15. Шербоев, С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. (Нашри 3, бо таҳрир ва иловаҳо) / С. Шербоев. - Душанбе: Бухоро, 2014. – 460 с.


**СОХТИ ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ**


Дар мақола масъалаҳои сохтории ҷумлаҳои содаи чидааъзо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф тарзҳои ифода ва воситаҳои алоқаи чунин навъи ҷумлаҳоро тадқиқ ва таҳлил намуда, онҳоро аз ҷиҳати сарфиву наҳвӣ гурӯҳбандӣ кардааст ва бо мисолҳои мушаххас фикрашро қувват додааст. Инчунин, ӯ кӯшиш намудааст, ки фарқияти ҷумлаҳои содаи чидааъзоро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон диҳад. Муаллиф дар ин мақола оид ба таърихи омӯзиши ҷумлаҳои чидааъзо дар забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ ибрози ақида намуда, чунин қайд кардааст, ки тадқиқ ва омӯзиши ҷумлаҳои чидааъзо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ, асосан, пас аз солҳои бистуми асри ХХ сар шудааст. Оид ба хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии ҷумлаҳои чидааъзо забоншиносони тоҷик дар асару мақолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ маълумоти мухтасар додаанд. Дар бораи чигунагии ҷумлаи чидааъзо бошад, бори аввал Саидризо Ализода дар китоби «Сарфу наҳв» маълумот додааст. Ин забоншиноси тоҷик ҷумлаҳои чидааъзоро «ҷумлаҳои мунтазама» номида, чунин маънидод мекунад: “Ҷумлаи мунтазама он аст, ки аз чанд ҷумлаҳои ҳамҷинс муташаккил бошад”. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии ҷумлаҳои содаи чидааъзо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Ӯ иброз доштааст, ки аъзоҳои чидаи ҷумла бештар бо як ҳиссаи нутқ ифода ёфта, байни худ ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда ва интонатсия пайваст мешаванд ва ҳамаи аъзоҳо дар ҷумла чида шуда омада метавонад.



**Калидвожаҳо:** ҷумлаҳои содаи чидааъзо, наҳв, адабиёти муосир, сохтор, усул, нишондод, алоқа, тарз, тадқиқ, омил, пайвасткунанда, пайвастшаванда, интонатсия, услуб.

## СТРУКТУРА ПРОСТОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ НА ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ И ЕЕ ВЫРАЖЕНИЕ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматриваются вопросы построения простых предложений таджикского и английского языков. Автор исследует и анализирует способы выражения и средства общения этого типа предложений, классифицирует их с точки зрения грамматики и подкрепляет свою идею конкретными примерами. Он также попытался показать разницу между простыми предложениями в таджикском и английском языках. В этой статье автор комментирует историю изучения предложений в таджикском и английском языкознании, отмечая, что изучение предложений в таджикском и английском языках происходит в основном после XX века. Таджикские лингвисты дали краткую информацию о грамматических и стилистических особенностях некоторых предложений в научных трудах, статьях и учебниках. Саидризо Ализода первым дал информацию о характере приговора в книге «Сарфу нахв». Этот таджикский лингвист называет сложные предложения «правильными предложениями» и объясняет: «Обычное предложение - это предложение, состоящее из нескольких предложений одного рода». В данной статье рассматриваются и анализируются грамматические и стилистические особенности простых предложений таджикского и английского языков. Он утверждает, что части предложения - это больше, чем просто часть речи, они связаны друг с другом через соединительные звенья и интонацию, и все части предложения могут соединяться.

**Ключевые слова:** простые предложения, грамматика, современная литература, структура, метод, указание, связь, стиль, исследование, фактор, связное, интонация, стиль.

## STRUCTURE OF SIMPLE SENTENCES IN THE TAJIK LANGUAGE AND ITS EXPRESSION IN ENGLISH

The article discusses the structural issues of simple sentences in Tajik and English languages. The author researches and analyzes the ways of expression and means of communication of this type of sentences, classifies them in terms of grammar and reinforces his idea with concrete examples. He also tried to show the difference between simple sentences in Tajik and English. In this article, the author comments on the history of the study of sentences in Tajik and English linguistics, noting that the study and study of sentences in Tajik and English, mainly after the XX century. Tajik linguists have given brief information about the grammatical and stylistic features of some sentences in scientific works, articles and textbooks. Saidrizo Alizoda was the first to give information about the nature of the sentence in the book "Sarfu Nahv". This Tajik linguist calls complex sentences “regular sentences” and explains: “A regular sentence is one that is made up of several same-sex sentences”. This article discusses and analyzes the grammatical and stylistic features of simple sentences in Tajik and English languages. He stated that the parts of a sentence are more than just a part of speech, they are connected to each other through connecting links and intonation, and all the parts in a sentence can come together.

**Key words:** simple sentences, grammar, modern literature, structure, method, indication, connection, style, research, factor, connective, connective, intonation, style.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоев Аъзам*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хоричӣ. **Суроғa:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16.
E-mail: **azam-boboev@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-89-08-60**

**Сведения об авторе:** ***Бобоев Аъзам*** - Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, соискатель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова, 16.
E-mail: **azam-boboev@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-89-08-60**

**Information about the author:** ***Boboev Azam*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, Applicant of the Department of Foreign Languages. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov Str., 16.
E-mail: **azam-boboev@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-89-08-60**

УДК: 491.550

# КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲИ “САРФӢ (МОРФОЛОГӢ)” ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

*Ҷанг Лей*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Истилоҳшиносӣ ҳамчун фанни алоҳидаи илмӣ асосан дар асри ХХ ба вуҷуд омадааст. Калимаи истилоҳ дар адабиёти илмӣ ва бадеии тоҷикии замони шуравӣ фаровон истифода шудааст, зеро дар Тоҷикистон аз солҳои 30-юм то солҳои 80-уми асри ХХ бо таваҷҷуҳ ба забони русӣ дар ифодаи истилоҳ бештар ба ҷойи калимаи истилоҳ калимаи «термин» истифода мегардид. Тадқиқотҳое, ки марбут ба ҳамин давраи рушди забони тоҷикӣ таҳқиқ шудаанд, ба қалами забоншиносон Қосимова М.Н., Назарзода С., С. Сулаймонов, Мирзо Ҳасани Султон тааллуқ дошта, онҳо паҳлуҳои гуногуни истилоҳро дар забони тоҷикӣ дар бар мегиранд.

Дар забоншиносии ҳозираи тоҷик масъалаи истилоҳу истилоҳшиносӣ яке аз мавзуъҳои муҳимтарини луғатшиносӣ ба шумор меравад. Ҳар чиз ки ба таъйину таҳқиқи умумии мафҳуми истилоҳ ва таҳаввулу такомули он дар забон алоқаманд аст, илми забоншиносиро ба соҳаҳои дигари илму маърифат, ба таърихи моддиву маънавии инсоният мепайвандад.

Нахустин назарияҳои мансуб ба истилоҳ дар илми забоншиносӣ дар ибтидои қарни ХХ ба вуҷуд омадаанд.

Д. Саймиддинов пайдоиши истилоҳро дар забони форсии миёна ва аз чанд роҳ сурат гирифтани онро чунин баён мекунад: «идомаи истилоҳи бунёдии эронӣ бидуни тағйироти маъно ва ё тавсиви маънои истилоҳии он дар забони форсии миёна, истифодаи луғати ғайриистилоҳӣ ба ҳайси истилоҳ, иқтибос аз забони авестоӣ, баргардон ва ё калкаҳои авестоӣ дар паҳлавӣ, иқтибос аз забонҳои ғайриэронӣ-юнонӣ ва ҳиндӣ, аз роҳи вожасозӣ (дар асоси қолабҳои вожасозӣ)» [6, с.23].

Забоншинос М. Султон ҳам ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба истилоҳ чунин баҳо додааст: «Аммо истилоҳ калимаи хос аст, саҳеҳтараш калима ба вазифаи хос аст. Вай калима ва ё ибораест, ки дар ҳавзаи амалкардаи як илми махсус маънои ба худ хоссе дошта, мафҳуми муайянеро ба шакли дақиқ ифода мекунад. Истилоҳ метавонад гоҳе дар матн маънии истилоҳии худро аз даст бидиҳад ва ба сифати калимаи маъмули забон истифода гардад» [7, с.67].

Истилоҳҳо калимаҳои махсус буда, дорои як маъноянд ва бо ин хусусияти худ аз калимаҳои одии муқаррарӣ ва махсусан полисемия фарқ мекунанд. Истилоҳ ба монанди калимаҳои одии сермаъно ба матн эҳтиёҷ надорад. Вай на танҳо дар доираи забон, балки дар доираи соҳаи худ ҳам бояд як маъноро ифода кунад, зеро сермаъноӣ камбудӣ ва норасоии истилоҳ аст.

Истилоҳҳо бо чанд аломати худ аз калимаҳои одии муқаррарӣ фарқ мекунанд:

- истилоҳҳо аксар якмаъно мешаванд.
- истилоҳҳо оммафаҳм нестанд, зеро онҳо соҳагианд.
- истилоҳҳо ба маънои маҷозӣ намеоянд.
- истилоҳҳо асосан синониму антоним надоранд.
- аксарияти истилоҳҳо серистеъмол нестанд.
- истилоҳҳо ба мисли калимаҳои одӣ ба забонҳои дигар ба осонӣ ва озод тарҷума намешаванд.

Аввалин истилоҳ дар забоншиносии Чин ба қалами файласуфон Конфутсий, Сюнсзы, Гунсунь Лун ва дигарон тааллуқ дорад.

Дар забони чинӣ дар таҳқиқи истилоҳ забоншиносон: Гао Минкай (1988), Ли Лэ (1998), Пань Юнжун (1982), Чжао Юнпин (2003) ва ғайраҳо саҳми худро гузоштаанд.

Истилоҳшиносӣ ё терминология яке аз қишрҳои махсуси луғат буда, вижагиҳои ташкилёбии маъноиро дар алоқа бо гурӯҳҳои дигари луғавӣ ифода менамояд. Вижагиҳои асосии истилоҳҳо, сохтор ва сабки онҳо низ ба бахши ҷудогонаи луғатшиносӣ, ки маҳз истилоҳшиносӣ ном дорад, ба таври боз ҳам мукаммалтар инъикос ёфтааст.

Истилоҳ дар таркиби луғавии ҳар як забон мавқеи муҳиммеро ишғол намуда, дорои як қатор вижагиҳои фарққунандаи функсионалӣ, генетикӣ - таркибӣ, луғавӣ– маъноӣ, морфологӣ, вожасозӣ ва услубӣ-номинативӣ мебошад.

Яке аз аломатҳои хосси истилоҳ ин ташкили сохти он ба шумор меравад. Маҳз дар натиҷаи пешрафти илму техника ҳар як соҳаи муайяни ҷамъиятӣ соҳиби захираи истилоҳии худ гардид. Ҳар як истилоҳ як унсури забон аст, ки моҳияти хосси илмӣ дошта, бо аломатҳои махсуси худ аз калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Морфология – як қисмати илми забоншиносӣ буда, ҳиссаҳои нутқро меомӯзад. Дар қисмати морфология (сарф) мо ҳиссаҳои мустақил ва номустақили нутқро меомӯзем.

Аз рӯйи сохти морфологии забонҳои тоҷикиву чинӣ истилоҳи “сарфӣ (синтаксисӣ)” - и ин ду забонро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан лозим аст.

Ба гурӯҳи якум истилоҳоти “сарфӣ (морфологӣ)”-е дохил мешаванд, ки танҳо аз як морфемаи решагӣ иборат мебошанд. Масалан: ҷумла-句子, қоида -规则, ибора -短语, калима - 生词, исм - 名词, феъл-动词 , асос - 根据, (ядро- 核心) сифат -质量, шумора -号码, алоқа -接触, тобеъ -下属, пайваст-连接, ҷузъ - 物品,ҷонишин-代词, феъл-动词, масдар -动词不定式,зарф -容器，нидо感叹, забон -语言，вазифа-任务, маъно -意义，падеж -支付，шакл - 形式，нутқ-演讲，мафҳум -概念，тарз-方式，аломат-符号，маҳдуд-有限的，доира-圆, услуб -风格，моҳият -本质，категория-类别 ва ғайраҳо.

Чи тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар сохти морфологии забонҳои тоҷикиву чинӣ истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” бештар ҳиссаҳои нутқ иштирок дошта, калимасозӣ бо ёрии пасванд яке аз сермаҳсултарин ба ҳисоб мераванд. Дар ин намуди усули калимасозӣ исм мавқеи муҳим дорад. Истилоҳи мансуб ба исм яке аз сермаҳсултарин усул ба шумор меравад. Исм яке аз он ҳиссаҳои нутқе ба шумор меравад, ки маънои мустақили луғавиро соҳиб буда, бо ин хусусият аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ҳарду забон ҳам, истилоҳе, ки ба исм марбутанд, хеле зиёд мебошанд.

Ба гурӯҳи дуюм истилоҳоти “сарфӣ (морфологӣ)”-е дохил мешаванд,ки аз як асос ва морфемаҳои калимасоз иборат мебошанд. Ин тарзи калимасозӣ низ яке аз роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва чинӣ дар сохтани истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” мебошад.

Калимаҳои сохта – сохтани калима ё истилоҳи нав ба воситаи ҳамроҳ шудани пешояндҳо ва пасояндҳо ба асоси калима сохта мешавад. Масалан:

бо пешоянд: бавосита- 间接地, бевосита-直接地 ва ғайраҳо;

бо пасоянд: ҳамроҳӣ -伴奏，бефосила -不断地， муттасил- 连续, пайвандак 关联，хилофӣ -矛盾, ҷудоӣ - 分离, тафсилӣ - 细节, пайвандакдор-链接, бепайвандак-未连接, пешояндор -前缀，восита -工具, грамматикӣ -语法，муносибат-关系，вобастагӣ-依赖, пасоянд-后缀，ҷинсият,-性别，мувофиқат-兼容性, аналитикӣ-分析性的，мукаммал-完全的， эволютсия -进化, таҳаввул -发展， универсалӣ -普遍的，аслӣ -原版的，асосӣ -主要的， номӣ -名称，системавӣ-系统的, хусусият-特征， флективӣ-曲折的 ва ғайраҳо.

Дар сарчашмаҳо оид ба омӯзиши калимасозии чинӣ, инчунин лексикологияи забони чинӣ одатан танҳо се префикси «соф» (чистые) зикр шудааст, масалан: префикси 第di ҳамчун воситаи ташаккули шумораҳои тартибӣ хизмат мекунад, префикси 老 lǎo ва 阿 ā - барои сохтани танҳо исмҳои ҷондор хизмат мекунад, префикси 老lǎo барои сохтани исмҳое хизмат мекунад, ки робитаҳои оилавиро ифода мекунанд. Инчунин, ин префикс баъзе исмҳое месозад, ки робитаи оилавӣ надоранд.

Дар забони чинӣ ҳангоми сохтани сифатҳо аффиксатсия нисбат ба дигар роҳҳои калимасозӣ на он қадар сермаҳсул аст. Ба морфемаҳои калимасози забони чинӣ аффиксҳои зерин дохил мешаванд: 超 “chao”, 反 “fan”, 切 “qie”, 当 “dang”, 性 “xing”, 了 “le”, 过 “guo” ва 着 “zhe” [10].

Аффикси 切 “qie” барои сохтани воҳидҳои луғавӣ хизмат мекунад. Чунин воҳидҳои луғавӣ, аз рӯйи хусусиятҳои маъноӣ, грамматикии худ ба категорияи сифатҳо дохил мешаванд. Ин аффикс аз ҷиҳати этимологӣ ба морфемаи 切 «qie» «мувофиқ» тааллуқ дорад. Чи хеле ки забоншиноси чинӣ Чжен Сюэлян қайд мекунад, «дар вожаҳое, ки бо чунин калимасозӣ сохта шудаанд, морфемаи паспозитивии 切 «qie» суффикс буда, ба сифати предмете, ки тавассути ин морфема ифода ёфтааст, обуранг медиҳад. ». пасванди 切 «фан» дар асоси ду қолаб сохта мешавад: [А (сифат) + 切 “qie” = А (сифат)], [А (феъл) + 切 “qie” = А (сифат) ]. Мисол: 真切

“zhenqie” “мутлақи”, 密切“miqie” “наздик”, 亲切 “qinqie”, “модарӣ”, 恳切“ken qie”, “аслӣ” ва ғайра.

Суффикси 当 “данг” низ воҳиди луғавие мебошад, ки ба категорияи сифат мансуб мебошад ва хосият ва аломатҳои ашёро ифода мекунанд.

Суффикси 当 “dang” ба морфемаи 当 “dang” алоқаманд аст, ки маъноияш “мувофиқ” аст. Калимасозӣ бо ин суффикс қолабҳои зеринро дорад. [А (сифат) + 当 “данг” = А (сифат)], [А (зарф) + 当 “данг” = А (сифат)]. Масалан: 正当 "zhengdang" "дуруст", 相当 "xiangdang" "мувофиқ", 稳当 "wendang" "устувор" ва ғайра.

Морфемаи 法 "fa" маънои "қоида"-ро дорад. Ҳангоми ҳамчун суффикс истифода шудан маънои луғавии худро нигоҳ медорад. Дар системаи калимасозии истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” дар забони чинӣ яке аз усулҳои асосии он усули сохтани калимаҳои мураккаб ва лексикӣ - синтаксисӣ ба шумор меравад. Дар калимасозии чинӣ, ба монанди забони тоҷикӣ, усулҳои морфологӣ ва лексико-морфологии калимасозӣ мавқеи муҳим ишғол мекунанд. Ҳамчунин усулҳои морфологӣ-синтаксисӣ, лексико-семантикӣ низ роҳҳои калимасозии сермаҳсул ба шумор мераванд. Дар системаи калимасозии забони чинӣ якчанд намудҳои калимасозӣ мавҷуд аст:

- морфемаи калимасоз, ки мақоми калима ё реша дорад;
- морфемаҳое, ки дар калимаҳои луғавӣ мақоми ҷузъи якхела доранд;
- полуаффикс;
- аффикс.

Дар забони чинӣ, гурӯҳи калимаҳое, ки ба ин тарз сохта мешаванд, бештар маъмул мебошанд. Ин намуди калимасозӣ ci de fu he 词的复合 бештар дар натиҷаи пайваст шудани ду ва зиёда калимаҳо ба вуҷуд меояд ва fuheci 复合词 номида мешавад.

Калимаҳои мураккаб – ду ва ё зиёда реша ба ҳам омада истилоҳи мураккабро ташкил медиҳанд. Дар ин намуди калимасозӣ низ ҳиссаҳои нутқ фаъолона иштирок мекунанд. Дар истолоҳсозии мураккаб асосан ҳамаи ҳиссаҳои нутқ иштирок мекунанд ва қолабҳои гуногуни калимасозӣ доранд. Масалан: исм бо исм якҷоя омада исм месозад ва қолабҳои зерин дорад: исм + исм: чидааъзо - 成员, сараъзо –萨拉扎, исм+феъл: ёридиҳанда (релятивӣ) 亲属（助动词）ҳиҷосозӣ - 音节化, калимасозӣ -构词, ҷумласозӣ-概括, сифат+феъл+пасоянд: тобеъкунанда -顺从的, муайянкунанда 限定词, пуркунанда-填空，ифодакунанда -代表, алоқаманд-有关的, монандшавӣ-相似的, шумора+ исм +пасоянд: дутарафа шумора+ исм +пасоянд: 双边地-дутарафа, 三方-сетаркибӣ, 奇点- якҷузъӣ, 二进制-дуҷузъӣ, 目光短浅-дурешагӣ,双重地- дуасоса ва ғайраҳо. Миқдори он истилоҳе, ки дар ҳарду забон ба шумора марбутанд, хеле маҳдуд мебошад.

Аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам чинӣ дар тарзи сохтани калимаҳо ё истилоҳи мураккаб фарқият дида мешавад. Дар ҳар ду забон ҳам калимасозии истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” бо воситаи ҳиссаҳои гуногуни нутқ калима ё истилоҳи мураккаб сохта мешавад. Одатан истилоҳҳои мураккаб аз ҷузъи мустақилмаъно ташкил меёбанд.

Дар забони чинӣ истилоҳҳои мураккаб бо ёрии калимаҳои сода, бо ду асос сохта мешаванд: 例子мисол， 词汇вожанома, 移位ҷойивазкунӣ (метатеза) ва ғайраҳо.

Аз таҳлили мисолҳо бармеояд, ки усули мазкури истилоҳсозӣ яке аз роҳҳои инкишофи таркиби луғавии забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ ба шумор меравад

Як гурӯҳи истилоҳҳо дар созмонёбии истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ сермаҳсул буда, аз рӯйи қолабҳо калимаҳои нав месозанд. Дар созмонёбии ин гуна истилоҳ низ ҳиссаҳои гуногуни нутқ фаъолона иштирок мекунанд.

Дар забони тоҷикӣ калимасозӣ бо қолаби исм + сифат хеле сермаҳсул аст. Масалан: ҷумлаи яктаркиба -复合句, исмҳои сода -简单名词, исмҳои сохта - 虚词, исмҳои мураккаб -复合名词, исмхои хос -专有名词, исмҳои ҷинс - 性别名词, сифатҳои аслӣ -形容词, сифатҳои нисбӣ-关系形容词, дараҷаҳои сифат-质量等级, дараҷаи одӣ-普通学位, дараҷаи муқоисавӣ-比较级, дараҷаи олӣ -高级别, шумораҳои тартибӣ-序数, шумораҳои микдорӣ-量词, ҷонишинҳои шахсӣ - 人称代词, ҷонишинҳои соҳибӣ-物主代词, ҷонишинҳои нафсӣ-人称代词, ҷонишинҳои муштарак-共享代词, ҷонишинҳои саволӣ-疑问代词, ҷонишинҳои номуайянӣ-不定代词, ҷонишинҳои нисбӣ-关系代词

, ҷонишинҳои ишоратӣ-指示代词, ҷонишинҳои муайянӣ -确定代词, ҷонишинҳои пайвасткунанда-连接代词, ҷонишинҳои манфӣ -否定代词, феъҳои тасрифшаванда - 动词, феъли гузаранда-不及物动词, феъли монда-规则动词, феъли модалӣ -情态动词, феълҳои дуруст正确的动词, феълҳои нодуруст -不正确的动词， изофии сода -特别简单， изофии таркибӣ - 附加成分 ва ғайраҳо.

Дар забони чинӣ-非限定动词， феълҳои тасрифнашаванда -及物动词， феъли гузаранда-不及物动词， феъли монда-规则动词， феълҳои дуруст-正确的动词，феълҳои нодуруст -不正确的动词, зарфи тарзи амал - 方式副词, пешояндҳои замон -时间介词, пайвандакҳои пайвасткунанда-连词， пайвандакҳои тобеъкунанда - 从属连词， пайвандакҳои пайиҳам - 连续连词, пайвандакҳои ҷудоӣ - 分离连词, пайвандакҳои хилофӣ-逆向连词, ҷумлаи бешахс-非人称句, ҷумлаи сода - 简单句, ҷумлаи мураккаб -复合句, ҷумлаи хитобӣ - 感叹句, ҷумлаи инкорӣ -否定句 ва ғайраҳо.

Яке аз маъмултарин ва сермаҳсултарин қолабҳои истилоҳсозӣ, ки дар сохтани истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” дар забоншиносӣ ин ибораҳои истилоҳӣ ба ҳисоб мераванд. Ибораҳои истилоҳӣ дар забони тоҷикӣ бо воситаи бандаки изофӣ ва ё пешояндҳо сохта мешаванд. Дар забони чинӣ бошад, қолаби ин гуна ибораҳо ба воситаҳои грамматикӣ сурат мегирад, ки ин тарзи қолабсозӣ аз хеле устувор будани сохти аналитикии ин забон дарак медиҳад.

Истилоҳ яке аз қабатҳои маҳсуси луғавӣ буда, хусусияти ташкилёбии маъноиро дар алоқа бо гурӯҳҳои дигари луғавӣ ифода менамояд. Хусусиятҳои асосии истилоҳҳо ё терминҳо ва сохту услуби онҳо дар қисми ҷудогонаи луғатшиносӣ, ки истилоҳшиносӣ ном дорад, мукаммал инъикос ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳлили истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)”-и забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ нишон медиҳад, ки истилоҳҳои ин ду забон, аз ҷиҳати маъно ба ҳамдигар шабоҳат дошта, аз ҷиҳати сохт аз якдигар чанде тафовут доранд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи истилоҳсозии ин ду забон дар он аст, ки дар забони тоҷикӣ ҳар як забон ҷиҳатҳои хос ва махсуси худро дорад.

**Муқарриз:** ***Имомзода М.*** - н.и.ф., дотсенти ДМТ

**А Д А Б И Ё Т**


1. Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ // Куллиёт. - Душанбе, 1976. - Т.XII. - 357 с.
2. Горелов В.И. Грамматика китайского языка / В.И. Горелов. - М.: Просвещение, 1984.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 352 с.
4. Муҳаммадиев, М. Принципҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев // Масъалаҳои забони тоҷики. – Душанбе, 1976. – 231 с.
5. Назарзода, С. Ташаккули истилоҳи иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ / С.Назарзода. - Душанбе: Дониш, 2004. – 302 с.
6. Саймиддинов, Д. Вожашиносии форсии миёна / Д.Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд,.2003. - 310 с. с.110
7. Султон, М.Ҳ. Истилоҳи илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ / М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2003. – 164 с.
8. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (материалҳо) / Қ. Тоҳирова. – Душанбе: Дониш, 1967. – 80 с.
9. Ҷоматов, С. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ: англисӣ-русӣ тоҷикӣ / С. Ҷоматов. – Д.: Шуҷоиён, 2011. - 250 с.
10. Ren Xueliang . Hanyu zaocifa. – Beijing, 1980.
11. 刘月华.汉语语法论集.– 北京， 1989。
12. 李金斯.汉语词汇研究. – 北京, 2001 年。 Li Jinxi. Hanyu cihui yanjiu. – Beijing, 2001 nian;
13. 胡潘，刘文月.实用现代汉语语法.– 北京，2012 年。
14. 藤堂明保.汉语概论.– 东 京，1980 年。
15. 陈光磊.汉语词法论.– 北京，1994年。


## КАЛИМАСОЗИИ ИСТИЛОҲИ “САРФӢ (МОРФОЛОГӢ)” ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ


Дар мақола гуфта мешавад, ки дар забоншиносии ҳозираи тоҷик масъалаи истилоҳу истилоҳшиносӣ яке аз мавзуъҳои муҳимтарини луғатшиносӣ ба шумор меравад. Истилоҳ яке аз қабатҳои махсуси луғавӣ буда, хусусияти ташкилёбии маъноиро дар алоқа бо гурӯҳҳои дигари луғавӣ ифода менамояд. Хусусиятҳои асосии истилоҳҳо ё терминҳо ва сохту услуби онҳо дар қисми ҷудогонаи луғатшиносӣ, ки истилоҳшиносӣ ном дорад, мукаммал инъикос ёфтааст. Чи тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар сохти морфологии забонҳои тоҷикиву чинӣ дар таркиби истилоҳи “сарфӣ (морфологӣ)” бештар ҳиссаҳои нутқ иштирок дошта, калимасозӣ бо ёрии пасванд яке аз сермаҳсултарин ба ҳисоб меравад. Дар ин намуди усули калимасозӣ исм мавқеи муҳим дорад. Истилоҳи мансуб ба исм яке аз

сермаҳсултарин усул ба шумор меравад. Исм яке аз он ҳиссаҳои нутқе ба шумор меравад, ки маънои мустақили луғавиро соҳиб буда, бо ин хусусият аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ҳарду забон ҳам, истилоҳоте, ки ба исм марбутанд, хеле зиёд мебошанд.

**Калидвожаҳо:** забон, истилоҳ, ҳиссаҳои нутқ, пасванд, калимасозӣ, сарфӣ, сермаҳсул, луғавӣ, маъно ва ғайраҳо.

## СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ТЕРМИНА "СИНТАКСИЧЕСКИЙ" В ТАДЖИКСКОМ И КИТАЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В современном таджикском языкознании проблема терминов и терминологии является одной из важнейших тем лексикографии. Термин является одним из особых лексических пластов и выражает особенность организации значения в связи с другими лексическими группами. Основные признаки терминов их структура и стиль в полной мере отражены в отдельной части лексикографии, которая называется терминологией. Как показывают анализы, в морфологической структуре таджикского и китайского языков термин «синтаксический» включает больше частей речи, а словообразование с помощью суффиксов считается одним из самых продуктивных. В этом способе словообразования существительное занимает важное место. Именительный термин является одним из наиболее продуктивных способов. Имя существительное является одной из тех частей речи, которая имеет самостоятельное лексическое значение, и этим признаком оно совершенно отличается от других частей речи. В обоих языках есть много терминов, связанных с существительным.

**Ключевые слова:** язык, термин, части речи, суффикс, словообразование, употребление, продуктивность, лексика, значение и др.

## WORD FORMATION OF THE TERM "SYNTACTICAL" IN THE TAJIK AND CHINESE LANGUAGES

In modern Tajik linguistics, the problem of terms and terminology is one of the most important topics of lexicography. The term is one of the special lexical layers and expresses the peculiarity of the organization of meaning in connection with other lexical groups. The main features of terms, their structure and style are fully reflected in a separate part of lexicography, which is called terminology. As analyzes show, in the morphological structure of the Tajik and Chinese languages, the term "syntactic" includes more parts of speech, and word formation with the help of suffixes is considered one of the most productive. In this method of word formation, the noun occupies an important place. The nominative term is one of the most productive ways. A noun is one of those parts of speech that has an independent lexical meaning, and in this feature it is completely different from other parts of speech. Both languages have many noun-related terms.

**Key words:** language, term, parts of speech, suffix, word formation, use, productivity, vocabulary, meaning, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷанг Лей*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забонҳои хориҷии факултаи забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 93-586-66-16**

**Сведения об авторе:** ***Джанг Лэй*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры иностранных языков факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-586-66-16**

**Information about the author:** ***Jang Lei*** - Tajik National University, applicant for the Department of Foreign Languages of the Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 93-586-66-16**

**УДК: 491.550**

# ҚАЙДҲО ДОИР БА САБАҚҲОИ С.АЙНӢ ДАР БОБАТИ КОРБУРДИ УНСУРҲОИ ЗАБОН

***Сафаралиева М.Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар бобати таҷдид ва такмили меъёрҳои забони адабӣ саҳми устод Айнӣ бузург аст. Ин донишманди беназир забони адабии ҳазорсола ва забони зиндаи халкро медонист. Дар навиштаҳои ӯ сарвати бепоёни забони мо бисёр мукаммал ҷамъ омадааст. Устод Айнӣ бештар аз ҳама доираи забони адабии тоҷикро васеъ кард, имкониятҳои услубии онро вусъат дод. Назариёти С.Айнӣ дар хусуси ба кор даровардани «забони содаи оммафаҳм» дар даврони нав мувофиқи принсипи халқияти забони адабӣ, ки ҳар гуна содакунии сунъӣ ва омиёнаро рад мекунад, сурат гирифтааст [11, с.85].

Навиштаҳои устод Айнӣ ба услуби нав, «бо забони хушкардаи худаш» ба адибони дигар намунаи ибрат шудаанд. Бисёр нависандагон ва тарҷумонҳо дар ин мактаби адабӣ тарбия ёфта, равиши устоди худро бомуваффақият идома доданд. Ба ин васила услуби фардии С.Айнӣ дар соҳаи тағйир ва инкишофи забони адабӣ ранги умумӣ гирифт. Дар натиҷа, забони адабии тоҷикӣ дар давраи расидан ба пояи забони адабии миллӣ бо роҳи тамоман дуруст пеш рафт.

Адибони ҳозира навиштаҳои устод Айниро ҳар қадар дақиқтар мутолиа карда, аз ҳунарҳои саррофонаи ӯ дар соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории воситаҳои забонӣ зиёдтар файзёб ва баҳрабардор шаванд, савияи маданияти забонии онҳо ҳамон қадар боло рафта, барои пешрафти минбаъдаи забони адабӣ фоидаҳо меоранд [10, с.80].

**1. Сабақи интихоб ва истеъмоли вожаҳо**

С.Айнӣ дар мақолаҳои худ як миқдор калимаю таъбирҳоеро ба кор бурдааст, ки ҳоло тарзи нодурусти истифодаи онҳо дар забони матбуот пайдо шудааст. Аз ҷумла, калимаҳои **хатогӣ, зарурият, фарқият, муқобилият, мусбӣ, ёрдам кардан** ва ғайра мебошанд, ки шакли солими онҳо **хато, зарурат [зарур [ӣ]], фарқ, мусбат, муқобилат, ёрӣ (ёрмандӣ)** аст.

С.Айнӣ дар ҳошияи романи «Шодӣ» дар забони тоҷикӣ ғалат будани феъли «*ёрдам кардан*»-ро муфассал шарҳ дода, тоҷикии онро «*ёрӣ расонидан*» ё «*ёрмандӣ кардан*» шуморидааст: Матн: Аз мо *ёрдамашро* дареғ надорад. *Таҳрир: ... ёриашро дареғ надорад.*

Қайд: Калимаи *ёрдам* ҳам аз он ҷумлаи калимаҳост, ки касони ғайритоҷикзабони нодон сохта баровардаанд ва аз забони онҳо ба тоҷикон гузаштааст. Ба ҷойи **ёрдам** «*ёрӣ*» ё «*ёрмандӣ*» кор фармудан даркор аст. Аммо ин ду калимаи охир дар ҷумла фарқ мекунанд: «*ёрӣ медиҳанд*», «*ёрмандӣ мекунанд*» мешавад. Маънои ин ду калима як аст. Агар мо калимаи «*ёрдам*»-ро таҳлил кунем, **ҳамдам-ҳам дам** барин як чиз мешавад [8, с.10].

Ҳамон маъние, ки дар боло шарҳ дода шуд, дар матнҳои мақолаҳои публитсистии С.Айнӣ бо ёрии вожаҳои «*ёрмандӣ*» ва «*ёрӣ*» дар шакли дурусташон истифода шудааст: *Ба Афгонистон, Эрон ва Туркия муоҳидаҳои дӯстона баста, ҳаргиз ҳимоят ва* ***ёрмандии заҳматкашони*** *Русияро аз эшон дареғ надошт [2, с.80]; Дар поёни гуфтор ба дӯстоне, ки ба ин кор ба ман* ***ёрмандӣ*** *карданд, ошкоро аз воҷиба медонам [1, с.82]; Бинобар он то он поя муовинат ва* ***ёрмандӣ*** *лозим аст [1, с.82]; Ман сар карда «Ҷаллодони Бухоро» ном асари худамро ба хониши умумӣ гузошта, аз* ***ёрии рафиқон*** *фоида бурдам [1, с.105]; ...хулоса, чизе ва касе, ки барои ба вуҷуд омадани газета ва матбуот* ***ёрӣ диҳад*** *ва хидмат кунад, набуд [1, с.136].*

Чунонки аз мисолҳои боло аён мегардад, дар ин ҷумлаҳо феълҳои «*ёрмандӣ карданд*», «*ёрӣ диҳад*» мувофиқи мазмуни матн ва меъёри таркиббандии забони тоҷикӣ сохта шудаанд.

Дар забони матбуоти имрӯзаи мо **«хато»**-ро **хатогӣ** менависанд. Ин нуктаро М. Шакурӣ низ хотирнишон кардааст:

«Калимаи **хатогӣ,** ки ҳоло дар матбуоти мо ва сухани ҳамагон мушоҳида мешавад, калимаи нодурустест, чунки ин **«хатогӣ»-**ро ба ҷойи ҳамон калимаи муқаррарии **«хато»** кор

мефармоянд. Аз ин ҷо пасванди **«-гӣ»** тамоман зиёдатист, яъне онро партофта, калимаро ба шакли аслии он – ба шакли **хато** даровардан лозим аст.

Дар забони тоҷикӣ калимаи **хатоӣ** низ ҳаст. Маънои он **хато** будан, **нодуруст** будан мебошад. Агар барои равшан шудани масъала инро ба русӣ тарҷума кунем, **хато-ошибка,** аммо **хатоӣ- ошибочность** мешавад. Бинобар ин, **«хатогӣ»** ва **«хатоӣ»**-ро ба маънои **хато** кор фармудан мумкин нест.

Агар, фарзан, калимаи **хатогӣ** аз ҷиҳати маъно дуруст мебуд ҳам, онро ба эътибори шакл нодуруст ҳисоб кардан лозим меомад, зеро, чунон ки маълум аст, калимае, ки бо ҳарфи **«о»** тамом шудааст, пасванди **«-гӣ»** не, балки пасванди **«-ӣ»** мегирад. Аз ин ҷиҳат калимаи **хатогӣ** ҳам маъноан ва ҳам шаклан нодуруст аст» [13, с.185].

С.Айнӣ чандин бор таъкид карда буд ва дигарон (Аз ҷумла Т. Зеҳнӣ) ҳам дар матбуот қайд кардаанд, ки, агар калима бо ҳарфи **«а»** тамом шуда бошад, пасванди **«-гӣ»** қабул мекунад (хона- хонагӣ), лекин, агар охири калима **«о»** бошад, ба он пасванди **«-ӣ» ҳ**амроҳ кардан лозим аст: *доно-доноӣ, хоно-хоноӣ* ва ғайра [14, с.185].

Ба гуфти С. Айнӣ, М. Шакурӣ, Т**.** Зеҳнӣ, калимаи **хатогӣ** хатост ва дар публитсистикаи Айнӣ ин калима дар шакли солим кор фармуда шудааст:

*Ба ислоҳи **хатоҳои** воқеъшударо аз арбобаш самимона илтимос менамоям [1,* с.*83]; Аҷаб нест, ки дар тарҷума ва ё ин ки дар иборот баъзе **хатоҳо** бошад [1,* с.*136].*

Дар расонаҳои хабарии имрӯза, ба қоидаи дурусти истифодаи ин калима диққат надодаанд ва онро ба шакли **хатогӣ** кор мефармоянд: *Ҳангоми харидории ошхона ӯ ба **хатогии** ҷиддие роҳ медиҳад [1,* с.*160].*

Чизи дигаре, ки дар навиштаҳои устод ба чашм расид, феъли **«нақл кардан»** аст, ки ҳоло дар байни рӯзноманигорон бемаврид истифода бурда мешавад. С.Айнӣ дар навиштаҳояш ин феълро ба тарзи зайл истифода кардааст:

*Мо барои мисол як воқеаи пеш аз шастсолаи ин ҳукуматро ...аз китоби...амир **нақл мекунем.** Амир,... аз сӯйи сулуки Амир Музаффар **ҳикоят мекунад...** [1, с.176].*

Дар ин матн аввал феъли **«нақл кардан»** ва баъдан **«ҳикоят кардан»** омадааст, ки ҳардуи ин як маъноро ифода накардаанд. Яъне, дар ин ҷо устод Айнӣ «ин воқеаро аз китоби амир **нақл мекунем»** гуфтааст ва дар ҷумлаи дигар худи амир «аз сулуки амир Музаффар **ҳикоят мекунад»** оварда шудааст. Яъне он чиро, ки амир бо чашми худ дидааст, онро ҳикоят мекунад, аммо чизеро, ки хондааст, ба дигарон нақл мекунад.

Ба ин маънӣ дар китоби академик М. Шакурӣ феъли **«нақл кардан»** чунин шарҳ дода шудааст:

Ин феъл ба ҳар ду маънӣ, яъне **ҳикоя кардан** ва **аз забони касе гуфтан** дар адабиёти имрӯза, масалан, дар асарҳои Айнӣ бисёр омадааст. Чунончи, дар ин ҷумлаҳои Айнӣ ба маънои чизеро аз ҷое ба ҷое овардан, аз ҷое ба ҷое кӯчондан истифода шудааст:

*«Ман дар «Намунаи адабиёти тоҷик» намунаҳои шеъри Исоро **нақл кардам.*** Ё ки ман ба тарзи мисол баъзе фирқаҳои он бобро... аз ҳар ҷо чида, ***нақл мекунам***», яъне нависанда аз китоби Аҳмади Дониш ба «Ёддоштҳо»-и худ кӯчонидани баъзе фирқаҳоро дар назар дорад.

Барои он ки чӣ нодурустӣ доштани ин феъл маълум гардад, мулоҳизаи зеринро ба назар гирифтан лозим аст: «Маънои аслии **«нақл»** аз **«ҳикоя»** фарқ дорад. **Нақл** чизеро аз ҷое ба ҷое гузарондан ва аз ҷое ба ҷое гузаштан мебошад. Калимаҳои «*нақлиёт*» ва «*ноқил*» (гузаронандаи электрик) аз ҳамин ҷост. Агар **нақл** карданро доир ба сухан кор фармоем, асли маънои он гаперо аз забони худ не, балки аз забони каси дигаре гуфтан аст» [13, с.63].

Калимаҳои дигаре, ки устод Айнӣ истифода кардааст **зарурат** ва **фарқ** мебошанд, ки имрӯзҳо дар забон ба шакли ғалат истифода мешаванд. Шакли дурусти онҳоро сарфи назар намуда, **зарурият** ва **фарқият** мегӯянд, ки ин хатои маҳз аст. Ҳоло аз мантҳои зерин хоҳем фаҳмид, ки устод Айнӣ онҳоро чӣ гуна истифода намудааст:

Ҳарчанд воқиф шудани ӯ ба ҳоли ман барои ӯ **зарурате** надорад,... [1, с.136].

Калимаи **фарқ**-ро низ **фарқият** гуфтан хатост. Аз ин рӯ, хеҷ гоҳ Айнӣ **фарқият** нагуфтааст:

Баъзе касоне, ки ба забони тоҷикӣ дуруст ошно нестанд, «забони тоҷикӣ аз форсӣ чӣ қадар **фарқ** дорад?» гуфта мепурсанд, аммо касе, ки ба адабиёти куҳна ва нави форсӣ ва тоҷикӣ шиносоӣ дорад, ба хубӣ медонад, ки дар миёни инҳо **фарқ**и асосӣ нест [1, с.105].

Калимаи дигаре, ки дар байни мардум ба шакли нодурусташ истифода мешавад ***муқобилият*** мебошад, ки шакли дурусташ дар мақолаҳои С.Айнӣ – ***муқобилат*** кор фармуда шудааст:

Акнун ки ту ба маҷлиси сулҳ ҳозир нашудӣ, **муқобилат**и худатро рӯйрост нишон додӣ, беҳтар он аст, ки ба пеши мо наист, ба тарафи Ҳисору Душанбе рафта, аз он ҷо ба сари худ кор сар кун [2, с.317].

Калимаи дигаре, ки дар мақолаҳои устод истифода шудааст, **рол** мебошад, ки ҳоло дар забони мо онро бо ***нақш*** иваз кардаанд.

Истифодаи калимаи **нақш** ба ҷойи **рол** мувофиқ нест. Калимаи **рол** чиҳил-панҷоҳ сол ба забони тоҷикӣ ба чанд маъно ва бисёр ба кор рафт.

«Солҳои охир ба ҷойи **рол** калимаи **нақш** ҳам кор фармуда мешавад. Чунончи, мегӯянд:

Дар оини ҷавонмардӣ тариқатҳои гуногун чандон **нақше бозӣ** намекунанд.

Ин тарз ба ҷойи **рол** истифода шудани **нақш** ҳеҷ гоҳ дуруст нест. **Нақш** калимаи арабист, ки дар забони тоҷикӣ маъниҳои гуногун дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳашт маънои он қайд шудааст: *ранг, сурат, навиштан, лоиҳа, бахт* ва ғайра. Ягон маънои он ба маънои **рол** мувофиқ намеояд» [13, с.39].

Ҳатто дар театр истифодаи **нақш** роиҷ гардидааст. «*Нақшҳои офаридаи ин артист ҷолиби диққатанд*». Дар чунин ҷумлаҳо ҳам, ба ақидаи мо, **нақш** ҷойи **ролро** гирифта наметавонад.

Дар матни мақолаҳои С.Айнӣ калимаи **рол** дар мавридаш истифода шудааст.

Албатта, дар ин муваффақият **роли** аввалӣ ва асосиро партияи болшевикӣ бозӣ кард [2, с.160]. Дар ин роҳ мазмуни навиштаҳо **роли** калон бозӣ мекунад [1, с.60].

Бо ин калима ибораҳои гуногуне ҳам сохта шудаанд: *роли муҳим, роли бузург*.

**С.Айнӣ** феълҳои «*раҳоӣ ёфтан*» ва «*раҳо кардан*»-ро аз рӯйи талаботи фикр дар мавқеи созгорашон ба кор бурдааст:

Дар хотири мо – туркистониён, қавме, ки дар вақти ҳукумати Николай аз аскарӣ то беруни ҳудуд мегурехтанд, барои халос шудан аз аскарӣ даст, пой, чашм ва соири аъзои муҳиммаи худро талаф мекарданд, худро ба ҳар гуна таҳлука андохта, барои **раҳоӣ ёфтан** аз аскарӣ чора меҷустанд…

Дар ин ҷо таъбири ***раҳоӣ ёфтан*** бамавқеъ истифода шудааст. С.Айнӣ ҳангоми ислоҳ кардани асарҳои тарҷумавӣ тафовути маъноии таркибҳои *раҳоӣ ёфтан* ва *раҳо кардан*ро чунин шарҳ додааст:

*Матн*: «…ватанро ***раҳо кард*** ва ҷаҳонро ҳам *раҳо намуд*».

*Қайди С. Айнӣ:* «Дар ин ҷо тарҷумон «*раҳо кард*» ва «*раҳо намуд*»-ро ба маънои «*озод кард*» кор фармудааст ва ҳол он ки маънии ин калимаҳо «*сар дод*» гуфтан аст. Суханон ҳарчанд аз як реша бошанд ҳам, басо мешавад, ки дар шакли корфармоӣ маънии дигар пайдо мекунанд. Дар ин ҷо ҳам ҳамин тарз аст: «*раҳонид*» ба маънои «*озод кард*» меояд, аммо «*раҳо кард*» ва «*раҳо намуд*» ба маънои «*сар додан*» меояд. Агар касе чизеро маҳкам дошта ё баста нигоҳ дошта бошад ва баъд аз он чизро ба ҳоли худ гузорад, «*раҳо кард*» ва «*раҳо намуд*» мегӯянд. Аммо агар чизе дар банде ё таҳлукае бошад ва касе он чизро аз он банд ё таҳлука халос кунад, «*раҳонид*» мегӯянд. Агар маънии луғавии ин ду калимаро батафсил баён кунем, ҳамин тарз мешавад: «*раҳо кардан*» – *сар додан, ба ихтиёри худ гузоштани чизе аст*, ки дар банд ва қайди моддӣ (зиндон, занҷир) ё *маънавӣ* (таҳлука, беморӣ ё ягон офати дигар) афтодааст ва он қайду банд ғайри қайду банди раҳонанда аст» мебошад. Дар байни мардум мегӯянд: «Ҳар сухан 366 паҳлу дорад», ин сухан тамоман дуруст аст. Тарҷумон ва нависандагони мо ҳеҷ набошад ду-се паҳлуи суханро риоя карданашон даркор аст. Алифбои забоншиносӣ ва забондонӣ ва тарзубонӣ, ки «тарҷумон» аз ҳамин сухан гирифта шудааст – ҳамин аст. Касе, ки ҷойгоҳи забонро надонад, ба забон даст заданаш дуруст нест» [9, с.74-78].

Дар матни зерин таъбири «***ғафлат кардан***» омадааст, ки устод Айнӣ доир ба он чунин ақида баён кардаанд:

Таркиби *ғафлат кардан* ба маънои хоб ё пинак рафтан истифода шудааст ва ҳол он ки маънои *ғафлат бехабар, фаромӯш, бетадбир, бепарвоист.* Устод Айнӣ ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, ғалат истеъмол ёфтани ин калимаро (дар ҷумлаи мазкур) чунин шарҳ дода

буд: «Маълум мегардад, ки тарҷумон *гафлат*ро ба маънои *хобидан* кор фармудааст, аммо ин нодуруст аст. Чунки *гафлат* дар мавриди ҳикояе аз ғайри мавриди хоб намеояд. Танҳо шахси аз хоб бедоршуда ба тарзи маҷоз – яъне хоби онвақтаи худро нодуруст вонамуда, аз нафси худ чашми маро ғафлат бурд – гуфтанаш мумкин аст. Ман ин корро дар «Дохунда» дар боби «Хӯҷаин» ба ҳамин тарзи маҷозӣ махсус кор фармудаам, аммо тарҷумон ба маънои хоб кор фармудааст. «Пеши бача ҳавлӣ магӯ, ки ҳалво гумон мекунад» мегӯянд, рост аст».

С.Айнӣ оид ба ҷумлаи *Гидеон ҳам гоҳ-гоҳ гафлат мекард* (тарҷумон Э.Э.Муллоқандов) навиштааст: «*Ғафлат* ба маънои пинак ё хоб дар мавридҳои махсус – дар мавридҳое, ки каси пинакрафта ё хобида он ҳолати худро бемаврид мешуморад, кор фармуда мешавад, аммо умуман ғафлатро ба маънои хоб ё пинак кор фармудан мумкин нест» [9, с.6]. Матн аз С. Айнӣ: *Пеш аз Инқилоби Уктабр олами Шарқ ба эътибори умумият ба хоби ғафлат ғунуда буд [1, с.63].*

**2. Сабаҳои истифодаи унсурҳои грамматикӣ**

Дар навиштаҳои С.Айнӣ як ҳодисаи дигар ҳам ба назар мерасад, ки пешоянди «*ба*» ба ҷойи пешоянди «*дар*» истифода шудааст. Азбаски дар забони имрӯзаи тоҷик ин гуна пешояндҳо ба чашм намерасанд, сирри инро фаҳмидан хоста китобҳои забоншиносонро варақгардон кардем, зеро ба ҳар яки мо маълум аст, ки устод Айнӣ ҳеҷ гоҳ калимаеро бемаврид кор нафармудааст. Ба ин маънӣ дар китоби Н. Маъсумӣ чунин маълумот оварда шудааст: «Дар забони адабӣ ва насри классикӣ (монанди назм) дар байни пешоянди «*ба*» ва «*дар*» як навъ умумияти истеъмолӣ ва ҳолати муштарак мавҷуд аст. Пешоянди «*ба*» ғайр аз вазифа ва мавқеи асосии истеъмоли худ аксар вақт ба ҷойи пешоянди «*дар*» кор фармуда шуда, дар ҳамон ҳолат тобиши маъноии дигар пайдо карда, вазифаи «*дар*»-ро адо мекунад. Ва, баръакс, пешоянди «*дар*» ғайр аз мавқеъ ва вазифаҳои хосси худ ҷойи «*ба*»-ро мегирад.

*«Ҳоҷати ман он аст, ки **ба** вақти муроҷиат гузар бар ин ҷо кунӣ». «Ман фурсатро ғанимат шумурда..., хостам, ки **дар** роҳ дароям».*

Чунин ҳолати муштарак ва ҳамвазифагии «*ба*» ва «*дар*» дар забони адабии ибтидои асри XX дида мешавад [13, с.139]. Чунон ки аз маълумоти овардашуда маълум гардид, истифодаи ин пешояндҳо ба ҷойи якдигар ҳанӯз дар забони классиконамон дида мешуд ва дар ибтидои асри XX низ маъмул буд. Чунон ки аз мақолаҳои С.Айнӣ ин тарзи истифодаи пешояндҳо пайдо гардид:

*Ҳамчунин ҳар қавме, ки **ба** дунё зинда аст, дардҳо дорад, муҳтоҷиҳо дорад ва мусибатҳо дорад [1,* с.*65]; Шогирдон шабу рӯз **ба** мактаб истиқомат карда, илм меомӯзанд [1,* с.*63].*

Чи наъе ки дар ин ҷо низ дида мешавад, пешоянди «*ба*» ба ҷойи «*дар*» истифода шудааст.

Дар ин матн пешоянди «*ба*» ғайр аз вазифаи муқаррарии худ барои ифодаи мафҳуми макони воқеи амал ба ҷойи «*дар*» кор фармуда шудааст, ки ин гуна хусусият доштани пешояндҳои мазкурро Н. Маъсумӣ дар китоби худ шарҳ додааст: «Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ин гуна ҳолати дар ифодаи мафҳуми маконӣ, замонӣ ва сӯй баробар кор фармуда шудани пешояндҳои «*ба*» ва «*дар*» монанди пешина бештар дар назм дида мешаванд. Дар наср ва дар забони умумии адабӣ ҳар кадоме аз ин пешояндҳо мавқеъ ва мавриди истеъмолӣ дорад ва аксар ба ҷойи якдигар кор фармуда шудани онҳо на танҳо услубан, балки аз нуқтаи назари грамматикӣ ҳам мувофиқати пурра надорад. Хусусан дар насри бадеӣ ба ҷойи ҳамдигар омадани «*ба*», «*дар*» ва дигар пешояндҳо вобаста ба ибора ва матни муайян аҳамияти махсуси грамматикӣ ва услубӣ пайдо мекунад. Ин қоида хусусан дар забони асарҳои Садриддин Айнӣ характернок аст» [13, с.139].

Инак, мисоли дигаре, ки дар мақолаҳои солҳои 20-уми С.Айнӣ пайдо кардем:

Ба ҳама маълум аст, ки тоҷикони Туркистон дар бобати илму маърифати замонӣ аз дигарон **ба** қафо мондаанд [1, 60].

Пешоянди «*ба*» ба ҷойи «*дар*» барои ифодаи мафҳуми замон кор фармуда шудааст.

Дар рушду нумуи забони адабии тоҷикӣ, дар бой гардонидани сарватҳои луғавию грамматикии он, дар инкишофи услубиёти забон саҳми устод Айнӣ хеле бузург аст. Ӯ дар мақолаҳои публитсистиаш барои рангину ҷолиб ва ба хонанда фаҳмо шудани мавзуъ аз ҳама гуна воситаҳои забонӣ истифода бурдааст. Ӯ дар луғатдонӣ, маънишиносӣ, донистани

қонуну қоидаи ҷумлабандӣ қобилияту истеъдоди фавқулода доштааст. Воқеан, он сабақҳо барои ҳар фарди қаламкаш омӯхтанӣ ва басо манфиатбахшанд.

**Муқарриз:** ***Мирзоева М.Ҷ.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

**А Д А Б И Ё Т**


1. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 264 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ. 9. – 480 с.
3. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 52 с.
4. Мирзоев, С. Матбуот ва забони он / С. Мирзоев // Оинаи забон. - Душанбе, 2003. - С.54-59.
5. Мирзоева, М.Ҷ. Баъзе нуқсонҳои тарҷума дар матбуот / М.Ҷ. Мирзоева // Оинаи забон. - Душанбе, 2003. – С.41-45.
6. Мухторӣ, Қ. Муносибати устод Айнӣ ба забони осори классикони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Қ. Мухторӣ // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забон. – Душанбе, 2004. - С.91-95.
7. Сабзаев, С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С.М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991. – 80 с.
8. Тарҷума ва балоғати сухан. – Душанбе, 2004.
9. Тарҷума ва тарҷумаи бадеӣ. – Душанбе: Матбуот, 2011.
10. Таджиев, Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. – Сталинабад, 1955.
11. Тоҷиев, Д. Осори мунтахаб / Д.Тоҷиев. – Душанбе, 1976.
12. Шукуров, М. Забони мо-ҳастии мост / М. Шукуров. – Душанбе: Маориф, 1991. – 228 с.
13. Шакурӣ, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М.Шакурӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005.
14. Шанский, Н.М. Лексикология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.: Просвещение, 1972. – 326 с.
15. Шарифов, Х. Услуб ва камолоти сухан / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 174 с.


**ҚАЙДҲО ДОИР БА САБАҚҲОИ С.АЙНӢ ДАР БОБАТИ КОРБУРДИ УНСУРҲОИ ЗАБОН**


Дар мақолаи мазкур муаллиф қайдҳоро доир ба сабақҳои Садриддин Айнӣ дар бобати корбурди унсурҳои забон мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар бобати таҷдид ва такмили меъёрҳои забони адабӣ саҳми устод Айнӣ бузург аст. Ин донишманди беназир забони адабии ҳазорсола ва забони зиндаи халкро медонист. Навиштаҳои устод Айнӣ ба услуби нав, «бо забони хушкардаи худаш» ба адибони дигар намунаи ибрат шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки бисёр нависандагон ва тарҷумонҳо дар ин мактаби адабӣ тарбия ёфта, равиши устоди худро бомуваффақият идома доданд. Ба ин васила услуби фардии С.Айнӣ дар соҳаи тағйир ва инкишофи забони адабӣ ранги умумӣ гирифт. Дар натиҷа, забони адабии тоҷикӣ дар давраи расидан ба пояи забони адабии миллӣ бо роҳи тамоман дуруст пеш рафт. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки адибони ҳозира навиштаҳои устод Айниро ҳар қадар дақиқтар мутолиа карда, аз ҳунарҳои саррофонаи ӯ дар соҳаи интихоб ва ҷобаҷогузории воситаҳои забонӣ зиёдтар файзёб ва баҳрабардор шаванд, савияи маданияти забонии онҳо ҳамон қадар боло рафта, барои пешрафти минбаъдаи забони адабӣ фоидаҳо меоранд.



**Калидвожаҳо:** воситаҳои забонӣ, сабақҳои Садриддин Айнӣ дар бобати корбурди унсурҳои забон, пешрафти минбаъдаи забони адабӣ, саҳми С.Айнӣ.


**ЗАМЕТКИ К НАСТАВЛЕНИЯМ С. АЙНИ ОТНОСИТЕЛЬНО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЯЗЫКОВЫХ ЭЛЕМЕНТОВ**


В данной статье автор обсудил заметки к наставлениям Садриддина Айни по использованию языковых элементов. Вклад Садриддина Айни в обновлении и совершенствовании стандартов литературного языка огромен. Этот уникальный ученый знал тысячелетний литературный язык и живой язык народа. Сочинения Садриддина Айни в новом стиле, «своим сухим языком» стали примером для других писателей. Автор отмечает, что многие писатели и переводчики получили образование в этой литературной школе и успешно продолжили дело своего учителя. Таким образом, индивидуальный стиль С. Айни в области изменения и развития литературного языка принял общую окраску. В результате таджикский литературный язык развивался в правильном направлении в период достижения основы национального литературного языка. Автор приходит к выводу, что чем точнее современные писатели будут читать сочинения садриддина Айни, тем больше пользы они получат от его искусных навыков в области подбора и размещения языковых средств, повысится уровень их языковой культуры, и они принесут пользу для дальнейшего развития литературного языка.



**Ключевые слова**: языковые средства, наставления Садриддина Айни по использованию языковых элементов, дальнейшее развитие литературного языка, вклад С. Айни.


**NOTES TO S. AYNI'S INSTRUCTIONS REGARDING THE USE OF LANGUAGE ELEMENTS**


In this article, the author discussed the notes to the instructions of Sadriddin Ayni on the use of language elements. The contribution of Sadriddin Aini in updating and improving the standards of the literary language is enormous. This unique scientist knew the thousand-year-old literary language and the living language of the people. The writings of Sadriddin Aini in a new style, "with their dry language" became an example for other writers. The author notes that many writers and translators were educated in this literary school and successfully continued the work of their teacher. Thus, the individual style of S. Aini in the field of change and development of the literary language took on a general coloring. As a result, the Tajik literary language developed in the right direction in the

period of reaching the basis of the national literary language. The author comes to the conclusion that the more accurately modern writers read the works of Sadriddin Aini, the more benefit they will receive from his skillful skills in the field of selection and placement of language means, the level of their language culture will increase, and they will be beneficial for the further development of the literary language.

**Key words:** language means, Sadriddin Aini's instructions on the use of language elements, further development of the literary language, S. Aini's contribution.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаралиева Манижа Рӯзиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-12-86-03**

**Сведения об авторе:** ***Сафаралиева Манижа Рузиевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-12-86-03**

**Information about the author:** ***Safaralieva Manizha Ruzievna*** – Tajik National University, graduate of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Str., 17.
Phone: **(+992) 918-12-86-03**

# АДАБИЁТШИНОСӢ-ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

**УДК: 821.21/22**

## МАНЗАЛАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ХИРАД ДАР АНДАРЗҲОИ ПАҲЛАВӢ

***Афсаҳзод А.А.***
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**

Андарзҳои паҳлавӣ рамзу намоди зиндагии ниёгони мо дар рӯзгорони гузашта буда, тамоми хусусиёти зиндагии онҳоро дарбар мегирад ва аз ҷиҳати муҳтаво серпаҳлӯ, гуногунранг ва баландмазмун мебошанд. Андарзҳое, ки мо дар ин рисола мавриди баррасии мавзӯъӣ қарор медиҳем, матни асли паҳлавияшон аз селоби таърих кам ҳам бошад, маҳфуз монда, сарчашмаи асосии ин навишта мебошад.

Дар тарҷумаҳои форсии андарзномаҳои паҳлавӣ мутарҷимон кӯшидаанд, ки моҳияти усулии панду андарзҳоро нигоҳ доранд. Яке аз усулҳои нигоҳ доштани муҳтавои матни асл истифодаи вожаҳои паҳлавӣ мебошад, ки тарҷумонҳо бо нигаҳдории амонат, яъне матни асл, онҳоро ба порсик баргардон кардаанд. Бар ин мабнӣ, асоси кори моро китоби «Мутуни паҳлавӣ» (тарҷума ва овонавишт) ташкил мекунад, ки гирдоварандаи он Ҷомосб ҷӣ Дастур Менучеҳр ҷӣ Ҷомосб-Осоно мебошад. Ин китобро Саъид Урён гузориш карда, ки соли 1371 дар Теҳрон чоп шудааст. Дар мавридҳои зарурӣ тарҷумаҳои Муҳаммадтақӣ Баҳор, Диншоҳи Эронӣ, Меҳрдоди Баҳор, Моҳёр Наввобӣ, Фарҳоди Ободонӣ ва Додихудо Саймиддинов ба кор гирифта шуданд.

Дар андарзҳои паҳлавӣ масъалаҳои омӯзишу парвариш, ситоиши донишу хирад, одобу русум, кешу ойин, дин, муносиботи хонаводагӣ, муошират бо инсонҳо, робита бо ҳамсоягон, пайравони дини зардуштӣ, тарзи давлатдорӣ, тарвиҷи сиёсат бо давлатҳои ҳамсояю хориҷӣ, мурувват бо дӯстон, мадоро бо душманон, моҳияти ишқу муҳаббат, аҳду вафо, адлу инсоф, муборизаи некӣ бар бадӣ, ҷавҳари некӣ, подоши аъмоли хайр, ҷазои кирдори ношоиста ва мукофоти корҳои шоиста, арҷ гузоштан ба ростӣ, гузарон будани дунё, нопойдории гетӣ, бевафоии олам, раҳму шафақат нисбат ба бенавоёну ниёзмандон, накӯҳиши зулму ситам, парҳез аз дурӯғу дурӯғгӯён, мазаммати ҳорисони ҷоҳу мол, чоплусӣ, тамаллуқ, нафрат ба сарвату хоста ҳамчун сарчашмаи бадӣ, наҳйи ҷаҳолату разолат, танбеҳи пиндору гуфтор ва пиндори зишт, сарзаниши айбу нуқсонҳои маънавии одамон ва хислатҳои бади инсонӣ ва ғ. матраҳ гардидаанд.

Дар замони Сосониён мансаби махсусе буда бо номи «андарзбад», ки ба маънии мушовир ва муаллим омадааст. Дар «Урдубиҳиштяшт» Зартуштро дар радифи зут (пешво), сурудгӯй ва порсо **андарзбуд** ҳам гуфтаанд. [17, с.131]. Баъдҳо зоҳиран раиси кулли фирқаи маздакиро низ «андарзгар» мегуфтаанд. «Андарз, - менависад донишманди маъруфи тоҷик Аълохон Афсаҳзод, - аглаб ба маъно ва чун муродифи панду насиҳат ва ҳикмат омада, хеле ба нудрат ба маънои васият ба кор меравад, чунки аксарияти васиятҳо низ насиҳатомез буда, шахси дар ҳолати назъ ё мушриф ба марг истода, таҷрибаи дар зиндагӣ андӯхта ва натиҷаҳои онро ҷамъбаст намуда, ба фарзандону меросхӯрон, наздикону шогирдон, аҳли хонавода ва умуман зиндагону ояндагон дархосту умед, ормону орзу ва муроду номуродиҳои худро иброз карда, ба онҳо панд медиҳад ва андарз мекунад, ки дар ҳаёти хеш ба гузашти рӯзгори пешиниён ва таҷрибаи шахси насиҳатгар бо чашми ибрат нигариста, аз дастоварду нобарориҳои умри гузарандаи ӯ сабақ бигиранд» [5, с.104].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, яке аз мавзӯъҳои асосии андарзномаҳои паҳлавиро хирад, хирадгарӣ ва хирадварзӣ ташкил медиҳад. Дар андарзномаҳои паҳлавӣ касонеро, ки хирадро ситоиш мекунанд, чун «доно» ва «бихрад» ва баъдтар «ҳаким» ном мебаранд. Чунонки ин матлаб дар «Андарзи доноён ба маздиснон» ба сароҳат таъкид шудааст: Дорам андарзе аз доноён:

Аз гуфти пешиниён.
Ба шумо бигзорам,
Ба ростӣ андар ҷаҳон.
Агар ин аз ман пазиред,

Бувад суди ду геҳон [10, с.96].

Дар «Андарзи Ушнари доно» ба доно будани Ушнар ишора рафтааст: «Пурсид шогирд (аз) Ушнари Доно, ки (аз) як то ҳазор ҳар морик (=шумор), инро ба сухане ба фарҳанг бигӯй” [4, с.11]. Ҷои дигар дар ҳамин андарзнома ӯро “бихрад” тавсиф кардааст: “Шогирд ин низ пурсид: ки Ушнари бихрад, ки ануш (=бемарг) чӣ (?) [12, с. 50].

Дар ин андарзнома таркиби “донои бихрад” низ корбаст шудааст, ки манзураш “андарзбуд” аст: “**Донои хирад** озмуда ҳамедун гуфт...” [4, с.41]. Фақат дар осори хаттии давраи Сосониён, ки баъдан, дар замони зуҳури ислом, аниқтараш дар асри IX ба мушоҳида мерасад, пас аз номи Бузургмеҳр ба он сифати “ҳаким”-ро илова кардаанд, ки муродифи “доно” ва “бихрад” аст. Бар ин асос, метавон хирадмандонро чашму чароғи халқу миллатҳо гуфта, ба чунин хулоса расид, ки хирад дар осори хаттии паҳлавӣ аҳаммияти басазое доштааст ва дар замони Сосониён “андарз кардан” ба «доноён» ва подшоҳон хосс будааст.

Агар ба пешинаи таҳқиқи хирад назар андозем, мебинем, ки дар таълимоти зардуштӣ ду навъ хирад мавҷуд аст: а) хиради фитрӣ ва б) хиради иктисобӣ ё таҷрибӣ.

Хиради фитрӣ, бинобар фармудаи “Авасто” аз ҷумлаи офаридаҳои Аҳурамаздо буда, ваҷҳи фарқкунандаи инсон аз ҳаявоноти дигар аст. Ба иборати дигар, онро хиради ғаризӣ низ метавон номид. Дар ин маврид метавон ба андарзномаи “Ёдгори Бузургмеҳр” ишорат кард, ки офаридгори хиради фитриро Додор Ҳурмузд медонад: “Додор Ҳурмузд барои боздоштани он чанд дуруҷ (ду дурӯғ) [ва низ] барои ёрии мардумон чанд чиз нигоҳдори менӯ офарид: осанхирад (хиради фитрӣ) ва гӯшансурудхирад (хиради иктисобӣ) ва хим (савоб)-у умед ва хурсандӣ ва дин ва ҳампурсагии доно” [12, с.107].

Дар “Андарзи Ушнари Доно” ҳамин маънӣ таъкид шудааст: “Аз дастурони доно сухан эдун нашнуда аст ба осанхирад (хиради фитрӣ) ва гӯшансуруди хирад (хиради таҷрибӣ) сазад донистан...” [4, с.39]. Намунаи ситоиши хиради фитрӣ дар матни дигари паҳлавӣ бо номи “Сирӯзаи кӯчак ва сирӯзаи бузург” низ ба мушоҳида расида, ҷойгоҳи онро дар Баҳман ва Монсарсипанд (номи рӯзҳо) муқаррар кардааст [20, с.47].

Албатта, сарчашмаи ин андарзҳо “Авасто” мебошад. Ба ин далел, ки Зартушт дар бандҳои 9 ва 11 ҳоти 31 “Ясно” ва банди 107 кардаи 27 “Меҳряшт” хирадро аз ҷумлаи маниши Аҳурамаздо медонад ва мегӯяд: “Эй Маздо, ки ту дар оғоз тану дини моро биёфаридӣ ва аз маниши хеш [моро] хирад бахшидӣ, онгоҳ, ки ҷони моро падид овардӣ... [аз мо хостӣ, ки] ҳар кас бовари хешро ба озодкомӣ бипазирад” [1, с.66**].** Дар рисолаи дигари паҳлавӣ “Додистони Менӯи хирад” ба василаи хиради ғаризӣ офаридани тамоми мавҷудоти гетӣ ва маҳз тавассути хирад идора шудани гетӣ ва менӯ (биҳишт) таъкид шуда, аз ҷумлаи таълимот ва фалсафаи ойини зардуштӣ шуморида шудааст: “Ин низ пайдост, ки Урмузд ин офаридагон дар гетиро ба хиради ғаризӣ офаридааст ва иродаи гетӣ ва менӯ ба хирад аст” [11, с.19]. Ин нукта, яъне маҳз бар пояи хирад менӯ (биҳишт) ва куниши гетӣ (офаридани ҷаҳон) дар “Андарзи Беҳзодфаррухи Пирӯз» аз номи Беҳзодфаррухи Пирӯз – ростгуфтори фарзона таъкид гардидааст: “Озмудаам, ки хирад беҳтар аст. Менӯ ва куниши гетиро ҳар чизе бар пояи хирад муқаддар шудааст” [12, с.112].

Фирдавсӣ низ чанд қарн пас дар “Шоҳнома”, ки донишномаи мероси фарҳангии ориёиён аст, ин маъниро ба риштаи назм кашидааст:

Хирад доду ҷону тани зӯрманд,
Бузургию дайҳиму тахти баланд [18, с.485].

Ҳамин аст, ки ҷойгоҳи хирад дар таълимоти ниёгони донишманди мо муайян ва мушаххас аст: “...Хирад нахуст дар мағзи ангушти дасти мардумон омехта мешавад ва баъди нишастангоҳ ва иқоматгоҳаш дар дил ва (сипас) ҷойгоҳаш дар ҳама тан аст...” [11, с.59-60].

Хиради иктисобӣ ё таҷрибӣ дар натиҷаи андӯхтаҳои ҳаёт, касб кардани малакаи кофӣ ва таҷрибаю омӯзиши донишҳои гуногун ба даст омада, ба саъю талоши худи инсон вобаста аст.

Ушнари Доно хиради некро барои мардум ҳунари нек шуморида [4, с.11] ва дар андарзҳои худ таълим медиҳад, ки ду чизро набояд аз худ дур дошт, яке хим (хӯй) ва дигаре хирад [4, с.17] ва ҳамзамон арзиш ва манзалати мард, яъне инсонро дар доштани се чиз мебинад: “Се чиз мард (ро) бурзашинитар (=баландпоятар) бувад, ба хираду хим ва ҳанг (=хӯй)-и ниҳонӣ (доштан)” [4, с.23]. Озарбоди Мориспандон чаҳор чиз аз ҳама чизҳои дигар

мардумонро бештар ба кор ояд: “Чи ин чаҳор чиз мардумонро беш ба кор андар бояд: хираду ҳунар ва дидану дониш (=илм), донистан, тавонгарӣ ва родӣ ва хубгуфторӣ ва хубкирдорӣ [12, с.180].

Чунонки ишора рафт, мавзӯи асосӣ ва ихтисосии “Андарзи Беҳзодфаррухи Пирӯз” хирад буда, он нигаҳдорандаи ҷону тан (Хирад доштор (нигаҳдоранда), паноҳи ҷон, хирад бухтор (ронанда) ва фарёдраси тан), перояи ном (Перояи ном аз хирад), тавоноӣ (Андар тавонгарӣ хирад беҳтар, низ дар камчизӣ хирад паноҳтар), пайдо кардани мавқеъ (Зеро мардро ба мавқеияти бузург хирад раҳнамоӣ мекунад) ва раҳобахшанда аз бало (ва аз шигифттарин бало (ӯро) хирад мераҳонад), мадори оромишу афрӯзиши хонавода (Абзори афрӯзиши дуда (хонавода)-ро асос хирад аст) мешуморад. Хирад дар зиндагонии ҷаҳони моддӣ ёру раҳнамой ва дар зиндагонии маънавӣ мутакко ва паноҳандаи равони инсонҳост (Ин ҷо (дар ин ҷаҳон) барои ёрӣ хирад беҳтар. Он ҷо (дар он ҷаҳон) барои иттико хирад паноҳтар.). Дар матни паҳлавии “Ёдгори Бузургмеҳр” хирадварзиро аз ҷумлаи беҳтарин ҳунар тавсиф месозад: “Барои мардумон чӣ ҳунаре беҳтар аст? Донои ва хирад” [12, с.108].

Бинобар ин, Беҳзодфаррухи Пирӯз барои инсон доштани хирадро аз заруратҳо ва шарти асосӣ медонад ва таълим медиҳад, ки: “Ҳар ки ӯро хирад ҳаст, ҳунар низ ҳаст”. Яъне, шахси ҳунарманд дар ҷомеаи сосонӣ мавқеи шомих дорад ва ҳар киро ҳунараш ҳамроҳи хирад набошад, зиндагияш обу ранг надорад (Чи ҳунар, ки хирад ҳамроҳаш на (бошад), марг аст, ки бар тани мард (чира шавад) [13, 180]. Ин маънӣ дар андарзи дигаре чунин бозтоб ёфтааст: “Дидани замоне, ки дониш ҳамроҳаш набошад, тан пайкарест нигорида” [12, с.181].

Инсон бар асоси хирад кори нек анҷом медиҳад ва онро ҷавҳари маишати рӯзгор медонад, ба ин далел, ки: “Чи ҳар ки ӯро хирад ҳаст, хоста низ ҳаст” [12, с.194]. Чунонки дида мешавад, дар андарзномаҳои паҳлавӣ хирад ва хоста ду чизи асосии рӯзгори пешиниён дониста шудааст: “Барои марди сарватманде хирад гаронбаҳотарин пеша аст, чи хоста, хими фурӯандеш волотар аст [12, с.194]. Дар ҷои дигари ҳамин андарзнома ин нукта бори дигар таъкид шудааст, ки аз муҳим будани масъала шаҳодат медиҳад: “Ман анҷумани бузургонро дар калом, андешаю вир (ва) хирад дидам, ман диндастуронро пурсидам, ки хоста беҳтар аст ё хим (ва) хирад [12, с.194].. Оромишу осоиш, шодию нишот, шинохти неку бад, (Озмудаам бурдани (дафъ кардани) ҳар бадӣ аз ҳама офаридагон аз хирад (ва ҳамчунин) фарохӣ ва ёрӣ (низ) аз хирад аст [10, с.308], нуфуз ва тассалут бар шахсони дигар, ки дар зиндагии инсонҳо ҳар рӯз ба мушоҳида мегирем, бар пояи хирад сурат мегирад.

Дар андарзҳои паҳлавӣ хирад ба сурати инфиродӣ фаъолият намекунад, ба чизе вобаста аст ва мо онҳоро шартан “ҳамнишинон ва душманони хирад” меномем. Ҳамнишони хирад дил, ҷон, ҳуш, ҳунар, мағз, равон, сабр, меҳр, дод, рой, шикебоӣ, бурдборӣ, хушбахтӣ, виқор, фарру шукӯҳ, некномӣ, донишу панд мебошанд. Вақте хирад бо инҳост, меболад, рӯҳи нав мегирад, ҷавонтар мешавад ва хушбахтӣ ҳамроҳи ӯст. Аз ин сабаб аст, ки ҳар ҳунаре ба хирад ва ҳар хираде ба дониш ва ҳар донише ба озмоиш ... ниёз дорад [12, с.179-180].

Душманони хирад иборатанд аз меҳр, ишқ, сарват, оз, орзу, кина, ҳасодат, макру фиреб, ҳавою ҳавас, хӯи бад ва хашм. Масалан, дар “Андарзи Пурйуткешон” орзуи бадро душмани бад донистааст: Ва шаҳват ва орзуи бад (ро) бо хирад бизанед [12, с.90].

Баръакс, он ки хирад надорад, дар андарзҳои паҳлавӣ накӯҳиш гардида, ба дардманду беравон ташбеҳ мешаванд. Ва чунин андарзҳо бисёр мӯҷаз ва нишонрасанд. Чунончӣ дар ду андарзи “Андарзҳои пешиниён” омада: “Дардманд аст (он) ки хирад надорад [16, с.127]. Аз ин ҳама ӯ бадтар (аст), ки равон надорад [16, с.127].

Табиист, ки шахси камхирад заковати камтар дорад ва он дар андарзҳои паҳлавӣ иллати “бадомӯзишӣ”-и шахс маънидод мешавад ва дар ин сурат аз ҷониби чунин шахсон кори хирад ба ситамгарӣ анҷом ёбад. Чунонки Озарбоди Мориспандон ин нуктаро бисёр ҷолиб дарёфта ва аз ҷумла фармудааст, ки: “Хирад (шахсе дорои) дониши бисёр чун беҳӣ ҳамроҳаш набошад (сабаб мешавад, ки) вир (=заковат) ба бадомӯзишӣ ва хирад ба ситамгарӣ бианҷомад [12, с.182]. Дар ин сурат хирад мемирад ва ҷаҳолат ба инсон ғолиб меояд. Дар матни паҳлавии “Якчанд сухан (ки) Озарфарубаги Фаррухзодон гуфт” дар бораи “куштани хирад, яъне чӣ?” пурсиш мекунад ва чунин посух медиҳад: “Ӯ гуфт, ки куштани хирад омӯхторӣ ва оби он ниюшидорӣ ва бори он гузидорӣ ва ҷои он биҳишти рӯшани ҳама осонӣ” [10, с.321].

Дар андарзҳои паҳлавӣ, борҳо таъкид шудааст, ки ҳар каси бихрадро “пурхирад” гӯянд ва баръакс ҳар каси бехирадро “душхирад” номанд. Ва пурхирад ҳамеша дар осоиш бошад ва дӯшхирад ҳамеша ранҷ бикашад: “Пурхирад ҳамеша ба осоиш ва ӯй душхирад ҳамеша ба ранҷ” [2, с.38]. Бар ин мабнӣ, дар андарзномаҳо, ки бунёди таълимӣ ва ҷанбаи ахлоқӣ доранд, ин нукта сароҳатан ишора шудааст: “Фармони бехирадонро мапазиред, ки ба нобуданӣ нарасед” [12, с.180].

Чунонки ба мо маълум аст, ситоиши хирад дар асрҳои баъдӣ ба таври густарда дар шеъри порсӣ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, пораи шеъри устод Рӯдакӣ имрӯз ҳам мустаъмалу машҳур мебошад:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ!
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ! [15, с.62].

Оғози “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ бо хирад ба зевари табъ ороста шудааст:

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша бар нагзарад [19, с.1].

Фузун ба ин, ҳакими фарзонаи тӯсӣ дар бораи хирад ва сифатҳои он фасли алоҳидаеро “Гуфтор андар ситоиши хирад” номида, ки албатта, сарчашмаи илҳоми ӯ андарзҳои паҳлавӣ буда, аз онҳо таъсир бардоштааст. Чунин бармеояд, ки ҷавҳари асосии ин асари безаволро хирад ташкил медиҳад.

“Марғубтарин самараи хирад барои инсон, - менависад донишманди тоҷик Аълохон Афсаҳзод, он ҷо ки аз Фирдавсӣ ва суннати андарзгӯӣ мулоҳиза меронад, - дониш аст. Дониш чун нур синаи зулмату торикиро шикофта, шуурро ба ҷавлон медарорад, истеъдодро нумӯ медиҳад, ба кашфиёт мерасонад ва ба дилҳо сафо мебахшад” [5, с.108]. Аз рӯйи ин гуфтаи донишманди номии тоҷик чунин бармеояд, ки “хирад” ва дониш” ду категорияи алоҳидаи ақлӣ ва фалсафӣ буда, дар навбати худ ба ҳам вобаста ҳастанд.

Дар навбати худ ситоиши дониш, ки ҷавҳари хирад аст, дар андарзномаҳои паҳлавӣ дар радифи хирад омада, яке дигареро такмил медиҳад. Инсон аз ҳар фанне донишҳои гуногун меомӯзад ва ҷамъи онро хирад номанд ва ин шахси пурхирадро доно, ҳаким ва мутафаккир гӯянд.

Ниёгони хирадманди мо дар Эрони бостон ба масъалаи омӯхтани дониш ва илмҳои гуногун диққати аввалиндараҷа медоданд. Бинобар маълумоте, ки дар даст дорем, хусусан дар асоси пораҳои боқимондаи китоби “Авасто” метавон гуфт, ривоҷи омӯзишу парвариш (таълиму тарбият) яке аз вазифаҳои асосии кеши зардуштӣ ба ҳисоб рафта, саъю талоши бесобиқа ба тарвиҷи маориф кеши калидии ниёгонамон будааст. “Касе, ки мехоҳад аз донишу ҳунар баҳраманд гардад, - омадааст дар “Вандидод”, - ӯро аз паёми эзадӣ бархурдор гардонед” [1, с.445]. Дар ҷилди севуми “Динкард” маорифпарварӣ иродаи Аҳурамаздо маънидод шуда, аз ҷумлаи аъмоли ҳасана барои бофарҳанг ва маданӣ шудани инсон шумурда шудааст [6, с.112]. Озарбоди Мориспандон ба писари худ андарз медиҳад, ки:”... туро мегӯям, ки беҳтарин бахшишҳо таълиму тарбияти мардум аст, зеро молу мулкат завол пазирад ва чаҳорпоён бимиранд, вале донишу тарбият боқӣ монад” [20, с.110].

Дар ду банди аввали “Чанд андарзи Пурйуткешон” дониш аз ҷумлаи офаридаҳои Аҳурамаздо дониста шудааст. Ин андарзбуд кеши зардуштиро ҳамчун нахустин донишҳо ба мардум тарғиб мекунад ва донистани онро аз 15-солагӣ фарз мешуморад: “Пурйуткешон, ки дорои нахустин донишҳо дар пайдоӣ аз дин (ҳастанд), гуфтаанд, ки: - Ҳар (як аз) мардум, ки ба понздаҳсолагӣ расад, онгоҳ, бояд ин чанд чизро бидонад,ки: Кистам? Ва киро хешам? Ва аз куҷо омадаам? Ва боз ба куҷо шавам? Ва аз кадом пайванд ва тухмаам? Ва маро чӣ хешкори гетӣ ва чӣ музди менӯ аст? Ва аз менӯ омадаам ё ба гетӣ будам? Ҳурмузд хешам ё Аҳриман (хеш)? Яздон хешам ё девон (хеш)? Беҳон хешам ё бадтарон (хешам)? Мардумам ё дев? Роҳ чанд ва маро дин кадом? Маро чӣ суд? Маро чӣ забон? Маро кӣ дӯст, маро кӣ душман? Бун яке (аст) ё ду? Ва аз кӣ некӣ ва аз кӣ бадӣ ва аз кӣ равшанӣ ва аз кӣ торикӣ ва аз кӣ хушбӯӣ ва аз кӣ гандагӣ ва кӣ дод ва аз кӣ бедод ва аз кӣ бахшоиш ва аз кӣ наёмурзиш?

Акнун баргузинандаи мантиқ ишора кард (=даст барниҳод) ҳамедун, ки (=аз онҷо, ки) гаравиш – бо восита- ба роҳи хирад аст, ба бегумон сазад донистан, ки аз менӯ омадаам на аз гетӣ будаам. Офарида ҳастам на буда, Ҳурмузд хешам на Аҳриман (хеш), мардумам на дев, Ҳурмуздофаридаам на Аҳриманофарида, пайванд ва тухмаам аз Каюмарс (аст).

Модарам Сипандормуз (ва) падарам Ҳурмузд, маро мардумӣ аз меҳре (ва) меҳрёна аст, ки нахустин пайванд ва тухма аз Каюмарс буданд” [12, с.86].

Озарбоди Мориспандон донишро ҷовидона медонад ва ройгон таълиму тарбият доданро аз ҷумлаи саховатмандӣ мешуморад: “Эй писари ман, туро мегӯям, беҳтарин чизҳо барои саховат таълим ва тарбияти мардум аст” [20, с.110].

Вобаста ба тарвиҷи маориф Диншоҳи Эронӣ ин андешаи доктор Адолф Раппро аз китоби “Мазҳаб ва маросими эрониёни бостон” нақли қавл мекунад, ки қобили таваҷҷуҳ ва мулоҳиза аст: «Чизе, ки дар таърихи Эрон беш аз ҳар чиз ҷолиби таваҷҷуҳ аст ва рӯҳи маънавии эрониёнро дар зиндагонии иҷтимоии онон муҷассам менамояд, тарзи таълим ва тарбияти онҳост. Ин таълиму тарбият аз туфулият дар рӯҳи ҷавонони Эрон маншаи эҳсосоти некӣ гардида, эшонро дар ҳар кор ба шоҳроҳи ростӣ ва тараққӣ роҳнамоӣ менамуд ва аз ибтидо ба тавре қувои рӯҳонӣ ва ҷисмонии эшонро муҳайёи кор намуда, ҷомеаи солиме тарбият менамуд, ки афроди он дар оина ба осонӣ метавонистанд хадамоти шоён ва вазоифи худро ба ватану миллати худ анҷом диҳанд» [20, с.46].

Боистӣ таъкид кард, ки чигунагии таълиму тарбияти эрониён дар замони бостон таваҷҷӯҳи юнониёнро ба худ ҷалб карда буд. Зеро тарзи корбасти таълиму тарбият дар дабиристон ва ҳирбадистонҳои эронӣ дар замони Сосониён, хусусан дар Посоргод, ки пойтахти он ба ҳисоб мерафт дар он замон дар мамлакатҳои шарқ умуман вуҷуд надоштанд. Юнониён таълиму тарбиятро пас аз омӯхтани равиши таълим ва дабиристонҳои эронӣ пас аз замони Ҳеродот инкишоф доданд. Аз ҷумла, Ҳеродот, ки дар бораи ойину русуми эрониён назариёти зиёди ҷолиб дорад, менависад: «Эрониён фарзандони худро ғолибан дар се чиз таълим медиҳанд, аввал, ростӣ, дувум, саворӣ ва тирандозӣ [20, с.29].

Дабиристони асосӣ, албатта, дар дарбори шоҳон мавҷуд буд. Тибқи манобеи таърихӣ дар ибтидо таълиму тарбия бештар ба таври хос маъмул буда, дар он шоҳзодагон ва дарбориён мавриди таваҷҷуҳ қарор доштанд. Ксенофонт дар китоби «**Киропедия» (Cyropaedia)** “Тарбияти Куруш” ба ин масъала ҳам дахл карда, аз ҷумла менависад: «Ин дорулилм ва маҳалли тарбият дар муқобили қасри салтанатӣ ва аз имороти давлатӣ дар маҳалли бозу кушода воқеъ буд»[8, с.7]. Ва ин таълимгирифтагон бештар ба мансабҳои дарборӣ ҷалб мешуданд ва ба иборати дигар идораи давлат дар дасти онҳо буд. Вале бо ин ҳама дар миёни мардуми ом низ дабиристону ҳирбадистонҳо мавҷуд буд ва омӯзгорону ҳирбадон ба таълиму тарбияи фарзандони мардум дастур гирифта буданд.

Соҳиби китоби “Ахлоқ дар Эрони бостон” бо такя ба китоби дигари Ксенофонт “**Анабасис**” (Болоравӣ) дар ин маврид чунин иттилоъ медиҳад, ки барои шинохти низоми таълим дар замони Сосониён аҳаммияти вижа дорад: «Ин ҷавонон дар муқобили қасри салтанатӣ ва дар фазои бозу кушода ба муқтазои син ба чаҳор табақаи ҷудогона мунқасим мешаванд [7].

Ба ин ҷавонони некпиндор, некгуфтор, неккирдори неквиҷдони покдин омӯзгорон навиштан ва хонданро меомӯзанд. Дар андарзи “**Бисту ду вожа аз Озарбоди Мориспандон”** дақиқан он кас, ки таълим медиҳад “омӯзгор” номида шудааст. Ва бо омӯхтани дониш ҷаҳони ботинии инсон вусъат мепазирад ва равони ӯ беҳтар мегардад**:** ба Озарбод гуфт, ки омӯзишам кун, ки чун аз назди **омӯзгор** фаро равам, пас ба он омӯзиш равони маро беҳтар тавонад [кард] [16, с.167].

Дар ҷои дигари ин андарз аз ин шахси таълимдиҳанда ба номи “ҳирбад” бурда шудааст. Озарбоди Мориспандон андарз медиҳад: Шогирд гуфт, ки ҳирбади Худо парҳезгор бошӣ! Зеро омӯзише, ки ҳирбад бикард, танҳо ин омӯзиш моро тавонмандтар ва болотар кунад [16, с.170].

Пас маълум мешавад, ки толибилмони Эрони бостон дар ду маҳал: дабиристон ва ҳирбадистон ба таҳсилу таълим фаро гирифта шуда, ба онҳо омӯзгор ва ҳирбад дарс мегуфтаанд. Ҳамин андарзбуди бузург, яъне Озарбоди Мориспандон ба “гиромӣ доштани донишмандон”, ки омӯзгорону ҳирбадон ба ин саф шомил мешаванд, андарз кардааст, ки: “Ҳузури донишмандонро гиромӣ дор ва аз эшон суол куну ҷавоб бишнав”. [18, 106].

Ҳатто дар рисолаи “Рӯзҳо” вақту замони ба дабиристон додани фарзандон мушаххас буда, агар дар ин рӯз фарзанд ба дабиристон ояд, тибқи андешаи ситорашиносон фарзанд дабиру фарзона шавад (“Рӯзи Хвар кӯдак ба дабиристон деҳ, то дабиру фарзона шавад» [16, с.158].

Маромномаи ин дабиристонҳо ба се асл устувор буда, омӯхтан, рост гуфтан ва кирдори дуруст. Чунонки Ксенофонт хабар медиҳад: “Дар ин доруттарбия ҳар гуна гуфтору кирдор бар хилофи ростӣ ва дурустӣ манъ ва муроқиби он танбеҳ мешавад, махсусан дурӯйӣ ва носипосгузорӣ бисёр нописандида ва мамнӯъ аст ва ҳамаи шогирдон бояд аз он ҳазар намоянд. Илова бар ин таълиму тарбияти онон бояд ростӣ ва дурустӣ, фармонбардорӣ, эътидол дар хӯрок ва вазифашиносиро амалан машқ намоянд ва дар умури рӯзона ба кор оваранд» [16, с.50].

Таҳсил дар дабиристонҳои сосонӣ аз се давра иборат буда, кӯдакон аз синни 7 солагӣ ба он ҷалб мешуданд. Тибқи осори боқимондаи паҳлавӣ синни адои таҳсил ду тарз баён шуда ва ду давраро фаро мегирад. Давраи аввалро баъзе то синни шонздаҳсолагӣ ё ҳабдаҳсолагӣ ва бистсолагӣ гуфтаанд, ки асосан улуми муқаддамотӣ, ба шумули аз худ кардани дини зардуштӣ, адаб, андарз, ҷуғрофиё, илми заминдорӣ (кишоварзӣ) ва ситорашиносӣ фаро мегирад, ки аксари ин фунун дар “Додистони менӯи хирад” ишораҳои зиёде мавҷуд аст. Инчунин дар охири “Андарзи кӯдакон” аз номи Дабиристонхудот дар синни 20-солагӣ дар назди омӯзгорон, ҳирбадон, мӯбадон ва иштироки васеи мардумон супоридани имтиҳонро таъкид месозад, ки ба назари мо ба соли тамом кардани дабиристон сареҳ ишора мекунад. Дар ин андарз омада, ки: “То синни шумо ба бист сол бирасад чун пеши доноён, ҳирбадон ва дастурон бирасед ва аз шумо сухан бипурсанд. (ҳар гоҳ) шумо посух кардан надонед, (пас) мардум ба шумо нигаранд ва шумо бар замин» [2, с.491].

Давраи дувум, баъд аз бистсолагӣ шурӯъ шуда, омӯзиши илмҳои ҳарб, аз ҷумла саворӣ, тирандозӣ ва найзазаниро фаро мегирад. Дар адабиёти форсӣ дар бораи шикори шоҳзодагон қиссаҳои латифу аҷибе мавҷуд аст, ки чи гуна оҳувонро шикор мекунанд, кабкҳоро ба дом меандозанд ва дар ниҳоят ҳангоми сафарҳо ба нозанине ошиқ мешаванд. Дар ин гуна ҳикоёт дар бораи маҳорати тирандозӣ, майдондории масофи ҷанг, найзаю гурз партофта, гурозеро сайд кардан ва дар сифати асбҳои хатлӣ сухан меравад. Бояд гуфт, ки омӯзиши давраи дуюм қариб панҷ солро фаро мегирад ва дар биступанҷсолагӣ ба анҷом мерасад. Ин давраи омӯзиш, аз як тараф, табиатан онҳоро қавӣ ва шуҷоъ месозад, аз тарафи дигар, ҳангоми сулҳу осоиш ба хидмати ватан ва ҳифзу дифоъи меҳан омода месозад ва агар зарурат афтад ба ҳамла низ омода мегарданд.

Страбон, муаррихи юнони қадим, ки дар навиштаҳояш дар хусуси зиндагии эрониёни бостон маълумотҳои дақиқ овардааст, давраи таҳсилро дар дабиристонҳои паҳлавӣ аз “панҷсолагӣ ило бистучаҳорсолагӣ муайян намуда, ки дар ин муддат ҷавонон ба такмили тирандозӣ ва найзабозӣ ва саворӣ мепардохтанд». Дар идома доир ба тарзи тадрису таълими онҳо дахл карда, чунин менависад: «Муаллимин ва устодони ин мадараса дар тарзи таълим ва тарбият сабки махсусе ихтиёр карда буданд ва аглаб ҳикоёти таърихиро махлут бо афсонаҳо намуда, корҳои фариштагон ва хадамоту шуҷоатҳои бузургтарин ниёгонашонро барои иттиҳоди шуҷоат ва тавлиди эҳсосот ва низ барои шигифту ибрати шогирдон нақл менамуданд”. Нуктаи дигаре, ки Страбон зикр карда, ҷолиби диққат мебошад: «Муҳассилин илми зироат ва чӯпонӣ низ меомӯхтанд ва пас аз анҷоми корҳои рӯзона ба фараси ашҷор ва гилкорӣ ва таҳияи домҳои шикорӣ мепардохтанд” [20, с.51].

Чунин равиши таълими эрониёни бостон баъдан дар Юнони қадим мавриди истифода қарор гирифт, ки Афлотун [12] дар ин бора муфассал изҳори андеша кардааст. Фақат фарқ дар он аст, ки кӯдакони юнонӣ аз 7-солагӣ ба дабиристон фаро гирифта мешуданд ва то синни 14 солагӣ ба таҳсилоти асосӣ мепардохтанд ва саворӣ, шикор ва тирандозӣ низ аз фанҳои асосии макотиби юнонӣ ба шумор мерафт. Бешак, ҳамон насиҳати Низомии Ганҷавӣ ба фарзандаш ба ёд меояд. Ба назар чунин мерасад, Низомӣ ҳамон давраи таҳсили паҳлавиро, муҳимтар аз ҳама, дар он чанд андарз дида мешавад, ба риштаи назм кашидааст:

Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.
В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузургӣ омӯз.
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.
Ному насбат ба хурдсолист,

Насл аз шаҷари бузург холист.
Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд.
Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,
Фарзанди хисоли хештан бош,
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ [13, с. 67-68].

Яке аз хасисаҳои дабиристонҳо дар Эрони бостон ин буда, ки фақат писарон дар он таҳсилу таълим мегирифтаанд. Аммо, дар Андарзи Озарбоди Мориспандон таъкид шуда, ки: "Зану фарзанди худро аз таҳсили илм боз мадор то ғаму андӯҳ ба ту нарасад ва пушаймон нашавӣ [20, 105]. Аз ин андарз чунин маънӣ бармеояд, ки ба ҷуз писарон ба таҳсили занону духтарон ҳеч мамониате вуҷуд надошта, баръакс таҳсили илмро тарғиб карда, василаи саодати ин ҷаҳонӣ донистааст.

Чун фарзанд синну солаш ба дабиристон мутобиқ шуд, ӯро таври маҷбурӣ ба дабиристон мебурдаанд, яъне омӯзиши фунуни гуногун ҳатмӣ будааст. Озарбоди Мориспандон дар андарзи худ илму донишро чашми равшан дониста, фиристондани фарзанд ба мадраса ва гуморидани ӯ ба таҳсили илмро аз фарзиёт медонад ва чунин андарз медиҳад: "Агар туро фарзанде бошад ба мадраса бифрист ва ба таҳсили илм бигумор, зеро илму дониш чашми равшан аст" [20, с.107].

Умуман, эрониён қадим бар ин бовар будаанд, ки "барои мардум фаррухтарин чиз дониш ва диҳиш аст [10, с.11]. Ушнари Доно дар мавриди дигар ҳам диҳиш ва донишро хоси мардумони нек медонад: «Ду пероя (ки барои) мардумони нек (аст) - диҳиш ва дониш» [9, с.14-15].

Тибқи гуфтаи Пурйуткешон ҳар ки фарҳанг (ба маънои нахустин ва паҳлавии он) пеша кунад, он андар фарохӣ пероя ва андар сахтӣ паноҳ ва андар ниёз дастгир ва андар тангӣ пеша [аст] [10, 303]. Бинобар ин таълим медиҳад, ки ба фарҳанг кӯшо бошед. Дар таълимоти ахлоқии ин донишманд "фарҳанг тухми дониш аст ва меваи он хирад ва хирадро роҳбаре ҳарду ҷаҳонист" [11, 303], ки ба андешаи мо ҷавҳари андарзномаҳои паҳлавиро ифода месозад ва аз ҷумлаи дилкаштарин андарзҳои замони Сосониён мебошад. Бесабаб нест, ки таълимоти ахлоқӣ дар осори мактуби паҳлавӣ ба ҳадди камоли худ расида будааст, зеро дар "Андарзҳои пешиниён" мефармояд, ки: "Доноиро тое [ҳамтое] нест" [16, 127]. Бар ин мабнӣ, подшоҳонро низ ниёз ба донишмандон буда ва рӯзи махсусе будааст, ки шоҳ онҳоро пазира мекардааст ва бо онҳо дар робита ба мушкилоти ҳаёти иҷтимоъӣ ва роҳи ҳалли онҳо машварат мекардааст.

Ин нукта дар қитъае аз «Модигони сирӯза» ба таври возеҳ зикр шудааст: **"**Баҳманрӯз ба номи фариштамаҳ, имрӯз анҷумани мушоварае бихрад кардан, ба даргоҳи шоҳӣ шудан ва низ ба даргоҳи доноён (шудан) ва фармонбардоронро иҷозаи ҳузур додан ва низ бо дӯстон ва доноён ба аҳволпурсӣ шудан, ишқу дониш варзидан (ва) ба ҳама кору амр (-е пардохтан хуб аст" [12, с.163].

"Эрониён ҳамеша дар сададе он буданд, - менависад Диншоҳи Эронӣ, -ки ба васоили мумкина қуввои ҷисмонӣ ва рӯҳонии ҷавононро ба ҳадди камол расонанд то битавонанд аз уҳдаи анҷоми вазоифи худ бароянд" [20, с.93].

Чунонки дида мешавад, андарзбудони паҳлавӣ ба василаи дини зардуштӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ низоми таълимиеро созмон дода будаанд ва тарғиби донишу хирад чашмаи рӯшани зиндагонии нуронии онҳо буда, марду зани некандешу неккирдор ва некгуфторро аз ҷумлаи растагорон баршумурдааст ва омӯхтани донишро сабаби наҷоти башар донистаанд, ки назираш дар Шарқу Ғарб набуда ва юнониён дар ин самт аз аввалинҳое буданд, ки ба онҳо пайравӣ карда, дар талқину тарвиҷ ва побарҷоиву пайравии он аз ҷониби дигарон саҳмгузор бошанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Авесто (куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ). Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. –Душанбе: Қонуният, 2003. -792 с.
2. Андарзи Беҳзодфаррухи Пирӯз. Тарҷумаи дуктур Фарҳод Ободонӣ.// Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ. Шумораи аввал. Соли понздаҳум. – сс. 35-62.
3. Андарзи кӯдакон, Овонавишт, шарҳ ва тарҷумаи Котоюн Маздопур// Маҷаллаи "Чисто". Фарвардин ва урдибиҳишт 1368. Шумораи 57 ва 58. –сс. 488-492.

4. Андарзи Ушнари Доно (матни паҳлавӣ, овонависӣ ва вожанома). Тарҷумаи Иброҳим Мирзои Нозир. – Теҳрон: Мероси ҳирманд, 1374. -74 с.
5. Аълохон Афсаҳзод, Фирдавсӣ ва суннати андарзгӯй//Садои Шарқ. №1, 2006. –с. 103-123.
6. Динкард. Ҷилдҳои 3, 5, 7. Ҷ. 3, –Душанбе: Таъминотчӣ, 2018. – с. 344.
7. Ксенофонт. Анабасис. Электронная книга royallib.com/book.
8. Ксенофонт. Киропедия. М.: Наука, 1976.- 295с.
9. Матни паҳлавӣ (овонависӣ ва вожанома). Тарҷумаи Иброҳим Мирзои Нозир. –Теҳрон: Мероси ҳирманд, 1374. -74 с.
10. Мероси хаттии бостон. Китоби 2. Ҷ. 1. –Душанбе: Бухоро, 2014. -478 с.
11. Минӯи хирад. Тарҷумаи Аҳмади Тафаззулӣ. –Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1325 хуршедӣ. – 167 с.
12. Мутуни паҳлавӣ (тарҷума, овонавишт). Гирдоваранда: Ҷӣ дастур Манучеҳр ҷӣ Ҷосмосб – Осоно. Гузориши Саъид Урён. – Теҳрон: Нилуфар, 1371/1992. – 567 с.
13. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ. 2. Лайлӣ ва Маҷнун. Бачоптайёркунанда, муаллифи сарсухан ва мураттиби луғату тавзеҳот Аълохон Афсаҳзод. –Душанбе: Ирфон, 1982.– 368 с.
14. Платон. Алкивиад I//Диалоги платона. https://classics.nsu.ru/bibliotheca/plato01.
15. Рӯдакии Самарқандӣ, Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдураҳмон ибни Одам. Девони Рӯдакӣ. –Душанбе: Бухоро, 2015. -334 с.
16. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ). –Душанбе:Пайванд, 2003. -232 с.
17. Ушедарӣ Ҷаҳонгир. Донишномаи Маздаясно: вожаномаи тавзеҳии ойини Зардуштӣ. – Теҳрон: Нашри Марказ, 1371. - 527 с.
18. Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷ. 3, - Душанбе: Адиб, 1988. – 528с.
19. Фирдоуси. Шах-наме. Т. 1. Предис., научно-критич. Текст, разночтения, примеч. и прилож. М. Н. Османова. -Москва: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 400 с.
20. Эронӣ Диншоҳ. Ахлоқи Эрони бостон. – Бумбай: Интишороти зардуштиёни эронии Бумбай, - 1932. – 145 с.

## МАНЗАЛАТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ВА ХИРАД ДАР АНДАРЗҲОИ ПАҲЛАВӢ

Дар мақола мақому манзалати хираду дониш, ки тавассути панду андарзҳо талқин гардида, сарчашмаи умри бобарору босамар дониста мешавад, баррасӣ гардида, дараҷаи талқини сифоти ҳамидаи инсонӣ дар таълиму тарбияи инсони комили ҳақиқӣ мавриди назар қарор мегирад. Сарфи назар аз ҳама печу тобҳои таърихӣ, зулм, зӯроварӣ, юғ ва несту нобуд кардани ҳам халқ ва ҳам муқаддасоту арзишҳои ӯ, муяссар шуд моҳияти ахлоқи ҷовидонаи инсонии хешро, ки яке аз рукнҳои боътимоди асоси мероси хаттии аз умқи таърих сарчашмагирандаро ташкил медиҳад, на танҳо нигоҳ дорад, балки ба ворисони худ ба мерос гузошта, намунаи ибрату пайравиву пайгирии аҳли башар созад. Муаллиф дар асоси «Мутуни паҳлавӣ»-и Ҷомосб ва тарҷумаҳои ҷудогона ба мавзуи хираду дониш, мақоми мураббиву омӯзгор дар андарзҳо, таълиму тарбия ва сиришти ин кирдугор дар пойдорӣ ва оромишу тараққии ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, инъикоси омӯзишу парвариш, ситоиши донишу хирадро дар ин радиф бармало мавриди таъйину баррасӣ қарор додааст.

**Калидвожаҳо:** адабиёти бостонӣ, мероси фарҳангӣ, андарзҳои паҳлавӣ, андарз, донишу хирад, андарзбад, мароҳили таълиму тарбия.

## МЕСТО ВОСПИТАТЕЛЬНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА И МУДРОСТИ В ПЕХЛЕВИЙСКИХ НАЗИДАНИЯХ

В статье рассматривается содержание пехлевийских назиданий в контексте места и значения мудрости и знаний в пехлевийских назиданиях-андарзах, считающихся источниками успешной, продуктивной и осмысленной жизни, где особое внимание уделено вопросам толкования приоритетов образовательно-воспитательного процесса в деле формирования образцового и идеального человека. Автор подчеркивает, что, несмотря на все исторические потрясения, гнет, насилие, иго и уничтожение, как народа, так и его святынь и ценностей, ему удалось сохранить суть своей вечной общечеловеческой морали, являющейся одним из самых надежных столпов письменного наследия, берущего свое начало от глубины истории, не только сохранить, но и передать своим преемникам, создать пример для подражания. На основе «Мутуни пахлави/Пехлевийские тексты» Джомосба и отдельных переводов, автор уделяет внимание обозначенной теме - роли наставника и учителя в воспитании и обучении, а также их роли в целом в деле упрочения стабильности, мира и развитии общества. Особое значение придается методике воспитательно-образовательного процесса и степени подражания и принятия ее другими народами и культурами.

**Ключевые слова:** древняя литература, культурное наследие, пехлевийские назидания, назидание, назидатель, знание и мудрость, духовное знание (духовная мудрость), этапы образования и воспитания.

## THEMATIC FOCUS OF PAHLAVI EDIFICATIONS

The article discusses the content of the Pahlavi edifications in the context of the place and significance of wisdom and knowledge in the Pahlavi andarz edifications, which are considered the sources of a successful, productive and meaningful life, where special attention is paid to the interpretation of the priorities of the educational process in the formation of an exemplary and ideal person. The author emphasizes that despite all the historical upheavals, oppression, violence, yoke and destruction of both the people and its shrines and values, he managed to preserve the essence of his eternal universal morality, which is one of the most reliable pillars of the written heritage, originating from the depths history, not only to preserve, but also to pass on to their successors to create an example to follow.

Based on Jomosba's Mutuni Pahlavi / Pahlavi Texts and separate translations, the author focuses on the designated topic, the role of mentor and teacher in education and training, as well as their role in general in strengthening stability, peace and development of society. Particular importance is attached to the methodology of the educational process and the degree of imitation and acceptance of it by other peoples and cultures.

**Key words:** ancient literature, cultural heritage, Pahlavi edifications, edification, edifier, knowledge and wisdom, spiritual knowledge (spiritual wisdom), stages of education and upbringing

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Афсаҳзод Аббоси Аълохон*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи матбуот ва алоқа бо ҷомеа. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30. E-mail: **afsahzod0505@mail.ru., a.afsahzod@airnav.tj.** Тел.: **+7(392) 93 578-69-69**

**Сведения об авторе:** ***Афсахзод Аббоси Аълохон*** - Российско –Таджикский славянский университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры печатных СМИ и PR. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсун-заде, 30. E-mail: **afsahzod0505@mail.ru., a.afsahzod@airnav.tj.** Тел.: **+7(392) 93 578-69-69**

**Information about the author:** ***Afsahzod Abbosi A'lokhon*** - Russian-Tajik Slavonic University, candidate of philological science, Associate Professor of department of print media and PR. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursun-zade, Str., 30. E-mail: **afsahzod0505@mail.ru., a.afsahzod@airnav.tj. Phone**: **+7(392) 93 578-69-69**

УДК: 820/89.0+821.222.8+1/14

# МАВЗУИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ

*Муҳаммадиев Ш.М., Баёнов М.Б.*
**Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Аслан, шеър бо ишқ тавъам аст ва асоси адабиётро низ ишқи поку ҳақиқӣ, яъне, ишқи модар, ишқи ватан, ишқи махлуқ ба холиқ, ишқи зиндагӣ, ишқи ҳамсару маҳбуба ва ғайра ташкил медиҳад. Мавзуи ишқ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ яке аз мавзуъҳои муҳим ва меҳварист. Вале як нукта мавриди таъкид аст, ки таҳқиқи мавзуи ишқ, ба вижа, ишқи ирфонию сӯфиёна ва заминӣ дар адабиётшиносӣ яке аз мавзуъҳои нозуку мушкил аст ва таҳлилу баррасии ҷиддиро тақозо менамояд. Тавре ки гуфтем, тору пуди ашъори Саҳобии Астарободӣ аз матои ишқу ошиқӣ танида шудааст. Тазкиранависон низ шоири орифу ошиқ будани Саҳобиро таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» мегӯяд: «Саҳобӣ орифест комил ва ошиқест восил...» [15, с.127]. Волаи Доғистонӣ менависад: «Аз фарти иштиҳор муҳтоҷи таърифу тавсиф нест. Орифест, ки аз Қоф то Қофи ҷаҳони вуҷуд дар зери боли анқои ирфони ӯст» [5, с.343]. Ҳерман Эте дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ» дар бораи Саҳобӣ чунин мегӯяд: «Саҳобии Астарободӣ (мутаваффои 1010 ҳ), гузашта аз маҷмуи бузурги рубоиёт, як маснавӣ дар ишқи ирфонӣ, ки онро ба номи шоҳ Аббос карда, аз ӯ боқӣ мондааст» [14, с.140]. Мо дар такя ба сарчашмаҳои таърихии дар боло зикршуда ва дигар манобеъ ба омӯзиши ишқ дар ғазалиёти шоир пардохтем. Ғазалиёти Саҳобӣ таҷассумгари ҳолатҳои рӯҳию равонии гуногуни ҳаёти ӯст. Ҳамчунин, худи шоир низ дар ғазалиёташ борҳо мақоми худро дар ошиқӣ таъкид мекунад ва аз овозаи он ки дар кавну макон танинандоз гардидааст, хабар медиҳад:

То авҷи ишқ гашт, Саҳобӣ, туро мақом,
Овозаи ту кавну маконро фурӯ гирифт [9, с.89].

Ё ин ки:

Гулшани олам зи борони сиришкам тоза шуд,
Чун Саҳобӣ то бар авҷи ишқ шуд манзил маро [9, с.48].

Дигар ҷо менависад:

Бартар аст аз нуҳ фалак ҷойи Саҳобӣ аз шараф,
Дар раҳи ишқат зи хоки роҳ яъне камтар аст [9, с.190].

Дар ҳақиқат, Саҳобии Астарободӣ дар ғазалиёташ ҳам ишқи ирфонӣ ва ҳам ишқи воқеии инсониро васф кардааст, аммо таҳқиқ нишон медиҳад, ки ишқи ирфонӣ дар ғазалиёти шоир нисбат ба ишқи воқеии инсонӣ бартарӣ дорад. Беҳуда нест, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ Мавлоно Саҳобӣ ҳамчун шоир ва орифи бузург ёд мешавад. Ин гуфтаро муҳтавои ашъори шоир низ собит менамояд. Гузашта аз ин, дар баъзе ғазалҳояш ду навъи ишқ – ишқи ирфонӣ ва воқеӣ ҷилва мекунанд, ки ҷудо кардани онҳо то андозае мушкил аст. Чунончи:

Тарки он лабҳои шӯрангез кардан мушкил аст,
Масти бехудро зи май парҳез кардан мушкил аст.
Ишқро гар рутбаи олӣ бувад, Фарҳодро
Ҳамсарӣ бо Хусрави Парвез кардан мушкил аст.
То набошад сабзаи хатти ту дар пеши назар,
Рӯ ба сӯйи сабзаи навхез кардан мушкил аст.
Беқарорӣ гар кунам аз ғамзаи ӯ, дур нест,
Истиқомат пеши теғи тез кардан мушкил аст.
Чун Саҳобӣ то нагӯйӣ тарки ҷони худ, назар
Ҷониби он ғамзаи хунрез кардан мушкил аст [9, с.137].

Вале, ба ҳар сурат, ишқ хоҳ ирфонӣ бошад, хоҳ заминӣ, дар ғазалиёти шоир мақоми махсусро соҳиб аст. Шоир ишқро асоси зиндагӣ ва роҳи ба мақсуд расидан мешуморад. Аз ин рӯ, онро ба нур ва маъшуқро ба соя ташбеҳ додааст, ки соя бидуни нур наметавонад вуҷуд дошта бошад:

Ба манзил кай расӣ бе ҷазбаи ишқ,
Набошад сояро ҷуз нур раҳбар [9, с.369].

Шоир дар ҷойи дигар менависад, ки ӯ килки хотирашро ба дасти ишқ супурдааст, то симову сурати маъшуқаро тасвир намояд ва бад-ин восита нақше меофарад:

То ба дасти ишқ додам килки хотир з-он нигор,
Чун Саҳобӣ мекунам ҳар лаҳза нақше ихтироъ [9, с.389].

Саҳобӣ дар байти зер аз санъати руҷуъ бамаврид истифода намуда, дар мисраи аввал ишқро сабаби аз ғам раҳонидани инсон медонад, вале дар мисраи дувум баргашта назари худро дигар карда мегӯяд, ҳар кӣ ошиқ аст, тамоми ғами олам ба дӯши ӯ бор аст ва ошиқ шудан оламро аз ғам халос кардан аст, на худро аз ғам раҳо кардан. Мисли ин мазмуни парадоксист, ки ба афкори шоир зебоӣ бахшидааст:

Ишқ пайдо кун, ки гардӣ аз ғами олам халос,
Вах, ғалат гуфтам, ки оламро кунӣ аз ғам халос [9, с.387].

Дар ғазали дигар, шоир ба он зоҳидони риёкору зоҳирпараст, ки бо истифода аз ишқу тақво мақому манзилат меҷӯянд, мегӯяд: Ишқ бояд орӣ аз ҳама сиёҳиҳову нопокиҳо бошад, дар акси ҳол оинае, ки инсон бояд чеҳраи аслии худро бинад, бесафо ва норӯшан мемонад:

Касе, ки сайқали зулматзудои ишқ наёфт,
Чу зоҳид оинаи ӯ сафо намеёбад [9, с.351].

Дар ҷойи дигар шоир зоҳидро ба он гунаҳгор мекунад, ки ишқу ошиқиро дарк намекунад.

Чӣ аҷаб, зоҳид агар ишқ надонист, ки ҳаст
Зулмату нур яке дидаи нобиноро [9, с.10].

Воқеан, Саҳобӣ ошиқи шефтаву шайдост, ки инро аз ғазалиёти ӯ метавон ба хуби пай бурд. Албатта, илтиҷову тазарруъ ва лутфу меҳрубонӣ хостан аз маъшуқа, ошиқи ёру диёр ва солики роҳи ҳақ ва ҳақиқат будани ӯро мефаҳмонад. Шоир ин гуна маониро ба воситаи сувари хаёл ба қалам медиҳад. Ӯ тавассути истиораву ташбеҳ ба маъшуқаи хеш дарди дил менамояд, то ки ӯро бинавозад, ҳамдами худ созад ва то даме биосояду рӯзаш хуш барояд. Шоир чеҳра, мӯйи занҷир, абрӯи камон ва лаби ширини ёрро бо самимияти хоса тасвир менамояд ва гоҳ-гоҳе аз номеҳрубониҳои маъшуқа гила мекунад, вале ҳамоно илтиҷову тазарруи ӯ самимӣ ва содиқона аст. Мазаммат ва норизоӣ аз маъшуқ дар ғазалиёти шоир кам мушоҳида мегардад.

Эй шакарлаб, то чу най шуд бо ту дамсозӣ маро,
Як даме хуш бар наёяд, то ту нанвозӣ маро.
Як рах, эй субҳи таманно, хандае кун ҳамчу шамъ,
Чанд гирёнӣ шаби ҳиҷрону бигдозӣ маро? [9, с.59].

Аммо дар ин байт аз ғами маъшуқаи камонабрӯ ҳар лаҳза ба бало дучор шудани хешро ёдрас менамояд:

Чун Саҳобӣ зи ғами ишқи камонабрӯе
Нест як дам, ки ба мо тири балое нарасад [9, с.299].

Дунёи ишқи Саҳобӣ рангоранг аст. Ӯ ишқи худро ҷудо аз тақвову зоҳидии сохта медонад. Ишқи шоир самимӣ ва бидуни тамаъу талаби чизест. Шоир масти ишқ аст, аз ин рӯ, пушти ин корҳо намегардад:

Тақвову зуҳд нест, Саҳобӣ, шиори ман,
Ман ошиқам, чӣ кор бад-ин корҳо маро? [9, с.57].

Шоир худро фарзанди мулки ишқ ва дар ин дунё ғариб медонад. Аз он гила мекунад, ки ҳолати ӯро дар ошиқӣ касе дарк накардааст, зеро дунёи ишқи ӯ дунёи дигарест, ки хоси ошиқони шефтаву шайдост:

Нашнохт ҳеҷ кас чу Саҳобӣ маро, бале,
Фарзанди мулки ишқ ба олам ғариб буд [9, с.314].

Шоир таъкид мекунад, ки ошиқ набояд аз балои ишқ андеша кунад ва аз фитна гурезад, балки ӯ бояд бо фитнагарон муборизa барад, то аз сафи мардон хориҷ нашавад. Шоир ба мо дар ин байташ андарз медиҳад, ки инсон вазифадор аст, ки дар баробари ҳама аъмоли ношоиста қарор гирад ва мардона муборизa барад, вагарна, ӯро наметавон мард номид.

Набошад ошиқ, он к-ӯ аз балои ишқ андешад,
Бурун аст аз сафи мардон, касе к-аз фитна бигрезад [9, с.268].

Ҳамин ишқи сӯзанда шоирро узлатнишин ва аз базми аҳли ишқ дур кардааст. Ӯ чун шамъ дар ёди маҳбубаи худ месӯзаду бо шодӣ изҳор мекунад, ки дигар ёди базми аҳли ишкро аз сар берун кардааст.

Агар аз базми аҳли ишқ берунам, чӣ ғам дорам,
Ки ҳастам шамъсон саргарм аз сӯзи даруни худ [9, с.277].

Шоир ҷойи дигар касеро, ки ошиқ нест ва дарде аз ишқ дар дил надорад, мурда ва ҷояшро зери хок медонад:

Он кас, ки нест ошиқ, ӯро ҳалок беҳтар,
Ҷисме, ки ҷон надорад, дар зери хок беҳтар.
Ҳар синаву дилеро, к-аз ишқ нест дарде,
Он дил фигор хуштар в-он сина чок беҳтар [9, с.364].

Саҳобӣ дар матлаъи ғазале худро дар ишқ аз Маҷнун, ки дар ёди Лайлӣ девона гардида, рӯ ба дашту ҳомун оварда буд, кам намедонад. Аз ин рӯ, ифтихор менамояд ва шод аст:

Зи Маҷнун кам наям дар ишқ, з-ин рӯ шодие дорам,
Ки ман ҳам дар тариқи ошиқӣ хуш водие дорам [9, с.462].

Шоир аз бехабарии хеш аз кори олам на танҳо афсӯс намехӯрад, балки шукр мекунад, зеро тамоми дарду ранҷ, шодию нишот ва талхию ширинии ишкро дар зиндагӣ таҷриба кардааст ва дар кори ишқу ошиқӣ ба ҳадди устодӣ расидааст:

Агар воқиф наям аз кори олам, шукр мегӯям,
Ки дар кору фунуни ошиқӣ устодие дорам [9, с.462].

Баъзе ғазалҳои Саҳобии Астарободӣ саропо аз васфи ишқ иборат буда, дар онҳо зебоӣ, дарду ранҷ ва бедорхобию ашкрезиҳои ошиқ аз барои маъшуқ, ки хоси ишқи воқеист, бо ҳаяҷон ва ҳиссиёти шоирона таҷассум ёфтаанд. Ба ин ғазали «Обу оташ»-и шоир мисол шуда метавонад. Воқеан, метавон ин ғазалро ҳамчун таърифи ишқ аз ҷониби шоир пазируфт, зеро он ба суоли «Чист расми ошиқӣ?» оғоз гардида, бо ҷавобҳое, ки аз ҳолати дарунии шоир хабар медиҳанд ва ӯ онҳоро дар ишқ таҷриба кардааст, ба намоиш мегузорад:

Чист расми ошиқӣ? Ҷон додану сар бохтан,
Сӯхтан чун шамъи базму поя муҳкам сохтан.
Дар миёни обу оташ будан аз шаб то саҳар,
Гиря кардан, сӯхтан, оҷур шудан, бигдохтан.
Бо вуҷуди сӯхтан, хандидану хуш зистан,
Паст гаштан зери пойи сӯзу сар афрохтан.
Дар миёни базми олам бо ҳама равшандилон
Ошнорӯйӣ намудан, хешро нашнохтан.
Дида пӯшидан зи нақши дилфиреби коинот,
Хонаи дилро зи ғайри дӯст вопардохтан.
Чун Саҳобӣ дар ҳавои ишқи он хуршеди ҳусн
Аз дами чун барқ оташ дар ҷаҳон андохтан [9, с.488].

Дар дигар ҷо шоир менависад, ки то вақте ки аз ишқ хабардор набудем, бо истифода аз ақл корҳое мекардем, ки моро гоҳ шоир, гоҳ воиз, гоҳ ринду гоҳ шайх нишон медоданд. Аммо, ҳангоме ки ишқ ба вуҷуди мо роҳ ёфт ва сифатҳои ақлро, ки интихобу муқоиса ва фарқ гузоштан байни неку бад ва фоидаву зарар буд, бар бод дод, мо акнун чун Маҷнун ихтиёру иродаро аз даст додем ва аз худ бехабарем:

То сифоти ақлро бирбуд дасти зоти ишқ,
Чун Саҳобӣ шайху воиз, ринду шоир ҳам наем [9, с.470].

Тавре ки гуфтем, ишқи ирфонӣ дар ашъори шоир дар ҷойи аввал аст ва асоси ишқи орифро эътимод ба ягонагии маъшуқ – Худованд ташкил медиҳад. Бо шакку гумон даъвои ошиқӣ кардан маънӣ надорад. Байти зайл, ки ишора ба «Ҳувал-Лоҳу аҳад» (ӯ Худованди ягона аст) мебошад, ин маъниро собит менамояд:

Лаб кушо бо сухани ишқу гарат ҳаст шаке,
Аз каломи аҳадӣ сураи «Қул»-ро бинигар [9, с.366].

Мусаллам аст, ки Лайлӣ дар олами ишқу ошиқӣ зарбулмасал аст. Аз ин хотир, шоир маъшуқаи худро монанди Лайлӣ, ки зебову маҳваш аст, медонад ва худро гумшудаи водии

ғам мешуморад. Бино бар ин, ӯ мушкилоти худро дар ин роҳ, яъне дарди ишқ аз дарди ишқи Маҷнун кам намедонад:

Ёр лайливашу мо гумшудаи водии ғам,
Камтар аз мушкили Маҷнун набувад мушкили мо [9, с.25].

Дар ғазали дигар мегӯяд, ки агар дар ҷодаи ишқ аз по афтам ҳам, ҳаргиз аз ин роҳи наку, ки роҳи ишқ аст, барнамегардам ва инҳироф намеварзам:

Гар дарафтам чу Саҳобӣ ба раҳи ишқ зи по,
Ҳаргиз аз сар наниҳам ин равиши некуро [9, с.65].

Ӯ ба он назар аст, ки ишқ чун хуршед гарму равшан, вале хиракунандаи чашми ақл мебошад. Шахси ошиқ яқину гумонро намешиносад:

Хуршеди ишқ сар заду шуд хира чашми ақл,
Роҳи яқину рӯйи гумонро фурӯ гирифт [9, с.89].

Ба ҳамин мазмун дар ҷои дигар чунин менависад:

Чӣ аҷаб, гар зи худам нест хабар дар раҳи ишқ,
Ҳар кӣ аз ишқ нишон ёфт, зи худ бехабар аст [9, с.107].

Ба андешаи шоир чашми ошиқ ҷуз маъшуқ чизи дигареро намебинад, зеро мақсади аслии ошиқ висоли ёр аст. Ҳар чизи дигаре, ки пешорӯи ӯ мебарояд, барояш ба масобаи раҳзани роҳи ишқ аст:

Чашми ошиқ ҳар чӣ ҷуз маъшуқ мебинад, хатост,
Пеши раҳрав ҳар чӣ бошад ғайри мақсад, раҳзан аст [9, с.90].

Шоир дар баҳри ишқ ғарқ аст ва ҳаргиз фикри ба соҳил расиданро дар сар надорад, зеро рухи маъшуқа таҷаллигари ҳусну зебоист. Ҳар касе ки ошиқи рӯйи ту нест, хаёли туро дар сар намепарварад, ҳавову ҳаваси дидани туро надорад, ғофил аст ва кораш ботил, зеро ту хуршедиву ушшоқ зарра, ҳар ҷо, ки хуршед аст, зарра рӯ ба он мекунад. Ишқи ту оятест, ки бар ҳамагон нозил шудааст ва ҳамагон дар сар ҳавои ишқи туро доранд. Шоир ҳамин гуна ҳолати хешро дар ғазали зер баён намуда, аз дилу ҷон ба маъшуқа пардохтааст:

Хуршеди ман, рухат ҳамаро дар муқобил аст,
Он кас, ки нест ошиқи рӯйи ту, ғофил аст.
Эй он ки пеши биниши арбоби маърифат
Ҳар чиз ҳаст ғайри хаёли ту, ботил аст.
Ушшоқ агар ҳавои ту доранд, дур нест,
Ҳар ҷо, ки зарраест, ба хуршед моил аст.
Кас нест, ҷуз ҳавои туаш нест ҳолате,
Ишқи ту оятест, ки бар ҷумла нозил аст.
То ғарқ гаштаем, Саҳобӣ, ба баҳри ишқ,
Дар сар ҳавои он чи надорем, соҳил аст [9, с.130].

Рӯйи сухани Саҳобӣ ҳамеша ба ишқ аст. Ӯ дар ҷустуҷӯи ишқ, пайдо кардани он аст. Аз ин рӯ, маҳз ба дигарон супориш медиҳад, ки онро ёбанд, зеро ҷуз ишқ корҳои дигари олам бебунёданд ва саргаштагию малол меоранд:

Ишқ пайдо кун, ки ҷуз саргаштагӣ ҳосил накард,
Ҳар кӣ аз дунболи кори чархи бебунёд рафт [9, с.136].

Шоир ошиқи вораста аст, вале дар ҳар ду дунё – ин дунё ва охират танҳо умед аз ишқ дорад:

Аз ду олам дидаи уммед бар ишқему бас,
Дар дили мо орзумандии иззу ҷоҳ нест [9, с.147].

Ба андешаи шоир, ошиқ як нафас бе ишқ зиндагӣ кардан наметавонад, тавре ки барои мусалмон тарки имон кардан аз имкон берун аст.

Пеши ошиқ як нафас бе ишқ будан кофирист,
Он ки ӯ бошад мусулмон, тарки имон чун кунад? [9, с.213].

Шоир гоҳ-гоҳе аз бебарориҳо дар ишқ ва бенавоии худ низ ба танг омада, фарёди ҷонкоҳ менамояд ва намедонад бо кӣ роз гӯяд. Чунончи:

Бути ман сангдил, ман бенаво в-ин дард бедармон,
Мусулмонон, чӣ созам, бо кӣ гӯям мушкили худро? [9, с.24].

Корбурди санъати талмеҳ дар ғазалиёти шоир зиёд ба чашм мерасад. Истифодаи талмеҳ дар шеър ба он далолат мекунад, ки шоир ҳамон асотир, қисса ё ривояту достонро хуб медонад ва талмеҳан дар шеъри худ ба он ишора мекунад, яъне, метавон гуфт, ки

истифодаи талмеҳ дар шеър то андозае аз дониши таърихӣ, асотирӣ, динӣ, адабӣ ва фалсафӣ бархурдор будани шоирро нишон медиҳад. Албатта, талмеҳоти вобаста ба достонҳои ишқӣ дар ғазалиёти Саҳобӣ хеле зиёд ба чашм мехӯранд. Дар ин замина метавон ба ишораҳои ӯ аз қиссаҳои ишқии «Лайлию Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо», «Хусраву Ширин», «Маҳмуду Айёз» ва ғайра сухан гуфт, ки ба мақсадҳои гуногун, аз ҷумла ибрози ишқ, офаридани зебоӣ, мазмунофаринӣ ва ғайра, истифода шудаанд [1, с. 163, 166].

Ишкро гар рутбаи олӣ бувад, Фарҳодро
Ҳамсарӣ бо Хусрави Парвиз кардан мушкил аст [9, с.137].

Ошиқонро хонаи ҳастӣ хароб аст аз азал,
Манзили Фарҳод аз он рӯ Бесутун афтодааст [9, с.100].

Қади Ширини шӯрангез дар оғуши Парвиз аст,
Аз он бо кӯҳи ғам Фарҳод даст андар камар дорад [9, с.254].

Ба он ширинлаби лайлишамоил то шудам моил,
Ба кӯҳу дашт дарду ғусса чун Фарҳоду Маҷнунам [9, с.403].

Надида кас ғами Лайлӣ, ҷамоли Ширинро,
Ба дарду меҳнати Маҷнуну Кӯҳкан нарасад [9, с.237].

Ҳаст моҳи рӯйи ӯро ҳар тараф сад муштарӣ,
Рафт даври хубии Юсуф, кунун бозори ӯст [9, с.127].

Рафт даври ҳусни Юсуф, моҳи ман акнун туӣ,
Бар сари бозори хубӣ фитнаву ғавғои туст [9, с.132].

То ҳамчу Юсуф аз сари бозор рух намуд,
Бозори гул аз он бути гулпираҳан шикаст [9, с.129].

Шоир дар баробари ғазалиёти ишқию ирфонӣ, ҳамчунин рубоиёти ошиқона низ иншо кардааст, ки хеле дилчасп ва равон ҳастанд.

Эй шохи набот, аз куҷо меоӣ?
Ширинҳаракот, аз куҷо меоӣ?
Ту меоию мурда ҷон меёбад,
Эй оби ҳаёт, аз куҷо меоӣ? [9, с.602].

Мо аз баррасии масоили дар боло зикршуда ва таҳқиқи “Девони ғазалиёт”-и [9] шоир ба хулосае расидем, ки ғазалиёти шоирро аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво чунин тақсимбандӣ намоем:

1. Ғазалиёти орифонаву ошиқона, марбут ба ишқи илоҳӣ.
2. Ғазалиёти ошиқона, марбут ба ишқи заминӣ.
3. Ғазалиёти пандуахлоқӣ ва шикоят аз рӯзгор.
4. Тасвири табиат.

Сабаби мақоми аввалро соҳиб шудани ғазалиёти орифонаву ошиқона ба шахсияти шоир ва биниши орифонаву ошиқона ва сӯфиёнаи ӯ иртибот мегирад, зеро дар асри XVI низ ғояҳои тасаввуфӣ ва ирфонӣ дар ҷомеа амал мекарданд ва ташвиқу тарғиб мешуданд. Бавижа дар ашъори шоирони аҳди Сафавиҳо ақидаҳои орифонаву сӯфиёна густариш пайдо намуда буд. Саҳобии Астарободӣ низ асосан дар ҳамин қаламрав эҷод мекард ва мумтоз буд. Роҷеъ ба адабиёти аҳди Сафавиён Забеҳуллоҳи Сафо чунин менигорад: «Дар ин давра (давраи Сафавиён – Б.М.) мазомини ғиноӣ дар иртибот бо ирфон вуҷуд дошт, ки баёнгари ормонҳо ва илҳомоти урафо ва даровеш буд ва дар он унсури таълимӣ ҳам ҷойгоҳи вижае дошт» [8, с.542]. Маҳз ҳамин раванд сабабгори он гардида, ки шоирон ба ҷои инъикоси зебоиҳои табиату диёр ва мушкилоти рӯзгору ҳаёти илмию мадании мардум бештар ба мавзуъҳои ишқӣ-ирфонӣ даст бизананд ва саргарми орзуву ормонҳои хеш гарданд.

Хулоса, дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ афкори ошиқонаву андешаҳои орифона бо ишқи воқеӣ омехта шуда, ӯро дар адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари мумтоз, сарояндаи ишқи илоҳию ирфонӣ ва ишқи воқеӣ пеши чашми хонандагон ҷилвагар сохтааст. Албатта,

ӯ дар ин ҷода афкору андешаи эҷодкорону орифони гузаштаро идома дода, ҳамзамон, бо афкори тозаву ошиқонаву орифона ва ишқи поки беолоиши худ хазинаи адаб ва маънавиёти адабиёти тоҷикро ғанитар гардонидааст.

Саҳобӣ дар баробари мавзуи ишқ, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, инчунин ба масъалаҳои панду ахлоқ, худогоҳию худшиносӣ, шиква аз рӯзгор, бемурувватӣ, беқадрӣ, қашшоқӣ ва дигар мавзуъҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Аммо андешаҳои ошиқона ва афкори орифонаи Саҳобӣ нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат ӯ ориф, ошиқи комил ва дар ин қаламрав аз ҷойгоҳи воло бархӯрдор аст.

Дар тариқи ишқ комил дон Саҳобиро, ки ӯ
Карда бар чархи фалак ҷой аз камоли хештан [9, с.473].

**А Д А Б И Ё Т**


1. Баёнов, М.Б. Талмеҳ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3. – С.162-167.
2. Баёнов, М.Б. Забон ва баёни ашъори Саҳобии Астарободӣ / М.Б. Баёнов // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) – 2019.–№1- (005).–С. 153-157.
3. Бедил, Абдулқодир. Мунтахабот / Абдулқодири Бедил. – Душанбе, «Адиб», 2018, 480 с.
4. Билгиромӣ, Сайид Муҳаммадҳасан. Хиёбони ирфон. Ҷилди аввал / Сайид Муҳаммадаҳасани Билгиромӣ; Баргардон ва таҳияи Иброҳими Наккош. –Душанбе: Истеъдод, 2019.–220 с.
5. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. (Иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуюм) / Волаи Доғистонӣ; Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. – Душанбе, 2018. – 776 с.
6. Порсо, Мустаълӣ Ғуломризо, Ҳасанпур, Ҳиво. Таҷаллии оёт ва аҳодис дар рубоиёти Саҳобии Астарободӣ / Ғуломризо Мустаълии Порсо, Ҳиво Ҳасанпур // Фаслномаи «Офоқи дин». – 1390. – №7. – С.166-194.
7. Сатторов, А. Шеър аз назари машшоиён / А. Сатторов.– Душанбе: Адиб, 2014.–126 с.
8. Сафо, Забеҳуллоҳ, Назми форсӣ дар давраи Сафавиён Таърихи Эрон: Давраи Сафавиён / Забеҳуллоҳи Сафо. – Кошон, 1388. – 710 с.
9. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт / Саҳобии Астарободӣ; Ба кӯшиши А. Беҳдорванд. – Теҳрон: Заввор, 1387. – 602 с.
10. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт. Дастхат / Саҳобӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон. –№74664.
11. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ / Саҳобии Астарободӣ; Ба кӯшиши Ҳ.Ё. Ҷавоҳирӣ. – Машҳад: Чопхонаи Тӯс, 1348. –184 с.
12. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони рубоиёти Саҳобии Астарободӣ: Дастхат / Саҳобии Астарободӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон. –№1087.
13. Саҳобӣ, Астарободӣ. Куллиёт. Дастхат / Саҳобии Астарободӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон. –№87382.
14. Ҳерман, Э. Таърихи адабиёти форсӣ / Э. Ҳерман; Тарҷумаи Ш. Ризозода. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 361 с.
15. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин / Ризоқулихони Ҳидоят; Ба кӯшиши Меҳралӣ Гургонӣ. – Теҳрон: Заҳро, 1344. – 631 с.


**МАВЗУИ ИШҚ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ**


Дар ин мақола муаллиф мавзуи ишқ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар воқеъ баъзе ғазалҳои Саҳобии Астарободӣ саропо аз васфи ишқ иборат буда, дар онҳо зебоӣ, дарду ранҷ ва бедорхобию ашкрезиҳои ошиқ аз барои маъшуқ, ки хоси ишқи воқеист, бо ҳаячон ва ҳиссиёти шоирона таҷассум ёфтаанд. Дар ғазалиёти шоир афкори ошиқонаву андешаҳои орифона бо ишқи воқеӣ омехта шуда, ӯро дар адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари мумтоз, сароянди ишқи илоҳию ирфонӣ ва ишқи воқеӣ пеши чашми хонандагон ҷилвагар сохтааст. Албатта, ӯ дар ин ҷода афкору андешаи эҷодкорону орифони гузаштаро идома дода, ҳамзамон, бо афкори тозаву ошиқонаву орифона ва ишқи поки беолоиши худ хазинаи адаб ва маънавиёти адабиёти тоҷикро ғанитар гардонидааст. Андешаҳои ошиқона ва афкори орифонаи Саҳобӣ нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, ӯ ориф, ошиқи комил ва дар ин қаламрав аз ҷойгоҳи воло бархурдор аст. Шоир дар ғазалиёташ ҳам ишқи ирфонӣ ва ҳам ишқи воқеии инсониро васф кардааст, аммо таҳқиқ нишон медиҳад, ки ишқи ирфонӣ дар ғазалиёти шоир нисбат ба ишқи воқеии инсонӣ бартарӣ дорад. Беҳуда нест, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ Мавлоно Саҳобӣ ҳамчун шоир ва орифи бузург ёд мешавад. Ин гуфтаро муҳтавои ашъори шоир низ собит менамояд. Гузашта аз ин, дар баъзе ғазалҳояш ду навъи ишқ – ишқи ирфонӣ ва воқеӣ ҷилва мекунанд, ки ҷудо кардани онҳо то андозае мушкил аст.



**Калидвожаҳо:** Саҳобии Астарободӣ, мавзуъ, ишқи ирфонӣ, маъшуқ, Худованд, ғазал, ғазалиёт, шоир, шеър, ориф, эҷодкор, ишқи воқеӣ, таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ.


**ТЕМА ЛЮБВИ В ГАЗЕЛЯХ САХАБИ АСТАРАБАДИ**


В данной статье автор обсуждает тему любви в газелях Сахаби Астарабади. В действительности, некоторые газели Сахаби Астарабади полны восхвалений любви, и в них воплощены с поэтическим волнением и эмоциями красота, боль и слезы влюбленного из-за возлюбленной, характерные для истинной любви. В поэзии поэта романтические мысли и просветленные идеи смешиваются с настоящей любовью, и он

прославился в таджикской литературе как превосходный оратор, певец божественной, мистической и настоящей любви перед глазами читателей. Безусловно, таким образом он продолжил мысли и идеи творцов и мудрецов прошлого, и в то же время своими свежими, романтическими, просветленными мыслями и чистой любовью обогатил литературно-духовную сокровищницу таджикской литературы. Романтические мысли и просветленные идеи Сахоби показывают, что, на самом деле, этот ученый является настоящим любовником и занимает высокое положение в этой области. В своих газелях поэт превозносил как мистическую любовь, так и настоящую человеческую любовь, но исследования показывают, что мистическая любовь в газелях поэта превосходит реальную человеческую любовь. Недаром в истории таджикско-персидской литературы Мавлоно Сахоби запомнился как великий поэт и мудрец. Содержание стихов поэта также доказывает это утверждение. Более того, в некоторых его газелях упоминаются два вида любви - любовь мистическая и любовь реальная, и разделить их несколько затруднительно.

**Ключевые слова:** Сахаби Астарабади, тема, мистическая любовь, возлюбленный, Бог, газель, газели, поэт, стихи, мудрец, творец, реальная любовь, история таджикско-персидской литературы.

**THE THEME OF LOVE IN GAZELLES SAHABI ASTARABADI**

In this article, the author discusses the theme of love in the gazelles of Sahabi Astarabadi. In fact, some Sahabi Astarabadi ghazals are full of praises of love, and they embody with poetic excitement and emotion the beauty, pain and tears of a lover for a beloved, which are characteristic of true love. In the poetry of the poet, romantic thoughts and enlightened thoughts are mixed with true love, and he became famous in Tajik literature as an excellent orator, a singer of divine, mystical and true love before the eyes of readers. Of course, in this way he continued the thoughts and ideas of the creators and sages of the past, and at the same time, with his fresh, romantic, enlightened thoughts and pure love, he enriched the literary and spiritual treasury of Tajik literature. Sahobi's romantic thoughts and enlightened thoughts show that, in fact, this scientist is a real lover and occupies a high position in this field. In his ghazals, the poet extolled both mystical love and real human love, but research shows that mystical love in the poet's ghazals surpasses real human love. No wonder in the history of Tajik-Persian literature Mavlono Sahobi was remembered as a great poet and sage. The content of the poet's poems also proves this statement. Moreover, in some of his ghazals two types of love are mentioned - mystical love and real love, and it is somewhat difficult to separate them.

**Key words:** Sahabi Astarabadi, theme, mystical love, beloved, God, gazelle, gazelles, poet, poetry, sage, creator, real love, history of Tajik-Persian literature.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ходими пешбари илмӣ. **Суроғa**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21. E-mail: **shamsiddin-2010@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-511-23-87**
***Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович*** - Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аспирант. **Суроғa**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 21.
E-mail: **bayoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-26-80-92**

**Сведения об авторах:** ***Мухаммадиев Шамсиддин Муродович*** – Институт языка и литературы им. Рудаки Академии наук Республика Таджикистан, ведущий научный сотрудник. **Адрес**: Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. E-mail: **shamsiddin-2010@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-511-23-87**
***Баёнов Махмаднаби Бачаджонович*** – Институт языка и литературы им. Рудаки Академии наук Республика Таджикистан, аспирант. **Адрес**: Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. E-mail: **bayoni@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-26-80-92**

**Information about the authors:** ***Myhammadiev Shamsiddin Myrodovich*** – Institute of Language and Literature. Rudaki Academy of Sciences Republic of Tajikistan, Leading Researcher. **Address**: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **shamsiddin-2010@mail.ru.** Phone.: **(+992) 93-511-23-87**
***Bayonov Mahmadnabi Bachajonovich*** – Institute of Language and Literature. Rudaki Academy of Sciences Republic of Tajikistan, graduate student. **Address**: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21 E-mail: **bayoni@mail.ru.** Phone.: **(+992) 918-26-80-92**

УДК: 811.21/.22+82/820 (575.3)

# НОМ ВА СИФАТҲОИ ХУДО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

***Насимов Н.***
**Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»**

Дар илми ҷаҳонӣ бахусус оид ба омӯзиши ном ва сифатҳои Худо таҳқиқоти зиёде ба анҷом расонида шудааст, ки рисолаҳои илмӣ ва илмию оммавии «99 номи зебои Аллоҳ» (99 Прекрасных имен Аллаха) [2], «Номҳои зебои Аллоҳ ва тафсири мухтасари онҳо» [3], «Ҳамаи номҳои Худо дар Инҷил ва маънои онҳо – рӯйхати пурра» [7], «Номҳои Худо дар Ислом» [17], «Чиҳил Раббано аз Қуръони Карим» [30], «Теонимияи Қуръон» [20], «Таҳлили таърихӣ-забоншиносии номҳои Худованд дар Қуръон» [21], «Номи Худо дар анъанаҳои инҷилӣ-илоҳии насрониҳои шарқӣ (ховарӣ)» [32], «Ҳазор номи Худо. Вишну ва Шива» [16] ва «Сифатҳои Худо» [5] намунае аз онҳо мебошанд.

Ҳамчунин донишмандон К.А. Тимофеев [24], М.Н. Вольф [6], Р.И. Сефербеков [22], Х.А. Элназарова [33], Х.К. Гусейнова [8], З.Р. Ҳафизова [29] ва *Р.А. Мухамедхоҷаева* [13] роҷеъ ба ном ва сифатҳои Худо маълумоти дахлдор додаанд.

Ба омӯзиши номҳои Худо **теонимия** ё **теонимика** ва ба омӯзиши мавзуъ ва масоили худошиносӣ, инчунин динию фиқҳӣ илми **теология** машғул аст.

**Теонимия** аз калимаи юнонии teos – Худо ва onoma ё onima – ном, унвон гирифта шуда, илмест, ки номҳои Худоро меомӯзад [1, с. 95, с. 109].

**Теология** низ калимаи юнонӣ буда, аз teos – Худо ва logos – калима, мафҳум, таълимот, илм ва дониш иборат аст, ки ба маънои **худошиносӣ** маъмул аст [12, с.306].

Доир ба мавзуъҳои зикргардида муҳаққиқи тоҷик М. Саидов мақолаҳои «Теонимияи Қуръон» ва «Таҳлили таърихӣ-забоншиносии номҳои Худованд дар Қуръон»-ро иншо кардааст [ниг.: 20, с.82-90; 21, с.58-66].

Вобаста ба таҳқиқи ном ва сифатҳои Худо дар осори фолклорӣ муҳаққиқ М.А. Соломонов [23] низ оид ба номҳои хосси (теоними) насронӣ дар таркиби матнҳои фолклорӣ (аз рӯйи маводи шеърҳои руҳонии шаҳраки Приками ноҳияи Чайкови вилояти Перми Федератсияи Россия) таҳқиқот гузаронидааст.

Дар бораи номҳои Худо дар Қуръони карим (ояти 180 сураи Аъроф (Баландиҳо) омадааст: «Ва номҳои нек аз они Худо аст. Пас Ӯро ба он номҳо бихонед; ва касонеро бигузоред, ки дар номҳои Худо каҷравӣ мекунанд; ба онҳо ҷазои он чи, ки мекарданд, дода хоҳад шуд» [11, 7:180, с.174].

Шумораи номҳои Худо дар як феҳристи ягона муттаҳид ва бо суханҳои паёмбар Муҳаммад (с) муайян шудааст: *«Ба ростӣ, ки Аллоҳ дорои наваду нуҳ ном аст, як кам сад. Ҳар кадоме, ки аз ёд кунад – дохили биҳишт мегардад»* [17].

Зимнан дар китоби «Чиҳил Раббано аз Қуръони Карим» бо унвони «Асмоуллоҳил-Ҳусно. Номҳои зебои Худо» 99 номи Худо ба тартиби алифбои арабӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ оварда шудааст: 1. **Аллоҳу (**Исми зоти парвардигори олам). 2. **Ар-Раҳмону (**Бисёр раҳмкунанда). 3. **Ар-Раҳиму (**Доимо меҳрубон). 4. **Ал-Малику (**Подшоҳи ҳақиқӣ). 5. **Ал-Қудусу (**Зоти пок аз ҳар айбу зиштӣ). 6. **Ас-Салому (**Зоти беайб). 7. **Ал-Муъмину (**Бахшандаи амн ва имон). 8. **Ал-Муҳаймину (**Нигаҳбон). 9. **Ал-Азизу (**Бар ҳама ғолиб). 10. **Ал-Ҷаббору (**Аз ҳама забардасттар). 11. **Ал-Мутакаббиру (**Соҳиби азамат ва бузургӣ). 12. **Ал-Холиқу (**Офаринанда). 13. **Ал-Бориу (**Диҳандаи ҷон). 14. **Ал-Мусаввиру (**Созандаи сурат). 15. **Ал-Ғаффору (**Омурзанда). 16. **Ал-Қаҳҳору (**Бар ҳама ғолиб). 17. **Ал-Ваҳҳобу (**Аз ҳама атокунандатар). 18. **Ар-Раззоқу (**Рӯзидиҳандаи ҳама). 19. **Ал-Фаттаху (**Мушкилкушо). 20. **Ал-Алиму (**Дорои илми васеъ). 21. **Ал-Қобизу (**Камкунандаи ризқ). 22. **Ал-Боситу (**Фароху васеъкунандаи рӯзӣ). 23. **Ал-Ҳофизу (**Пасткунанда). 24. **Ар-Рофиу (**Баландкунанда). 25. **Ал-Муиззу (**Иззатдиҳанда). 26. **Ал-Музиллу (**Залилкунанда (хоркунанда). 27. **Ас-Самиъу (**Шунавандаи ҳар чиз). 28. **Ал-Басиру (**Бинандаи ҳар чиз). 29. **Ал-Ҳакаму (**Ҳокими мутлақ). 30. **Ал-Адлу (**Бо адлу инсоф. Комилу-л-адл). 31. **Ал-Латифу (**Комилан бо лутфу карам). 32. **Ал-Хабиру (**Огоҳ ва бохабар) 33. **Ал-Ҳалиму (**Бисёр бурдбор). 34. **Ал-Азиму (**Бисёр бузург). 35. **Ал-Ғафуру (**Бисёр омурзанда). 36. **Аш-Шакуру (**Қадрдон). 37. **Ал-Алийю (**Бисёр бартару

баландтар). 38. **Ал-Кабиру (**Бисёр бузург). 39. **Ал-Ҳофизу (**Нигаҳбони ҳама). 40. **Ал-Муқиту (**Тавоної ва қувватдиҳанда). 41. **Ал-Ҳасибу (**Кофӣ бар ҳама). 42. **Ал-Ҷалилу (**Олимартаба). 43. **Ал-Кариму** (Бисёр бокарам ва эҳсон). 44. **Ар-Рақибу** (Комилан нигаҳбон). 45. **Ал-Муҷибу** (Қабулкунандаи намоз (дуо). 46. **Ал-Восиъу** (Соҳиби вусъату ғунҷоиш). 47. **Ал-Ҳакиму** (Донои ҳақиқати ҳар чиз). 48. **Ал-Вадуду** (Бисёр дӯстдоранда). 49. **Ал-Маҷиду (**Бисёр бузург). 50. Ал-Боису (Зиндакунандаи мурдаҳо). 51. Аш-Шаҳиду (Ҳозир ва нозир). 52. Ал-Ҳаққу (Барҳақ). 53. Ал-Вакилу (Корсози бузург). 54. **Ал-Қавийю (**Манбаи қувват). 55. **Ал-Матину (**Соҳиби қуввати шадид). 56. **Ал-Валию** (Ҳимояткунанда ва дӯст). 57. **Ал-Ҳамиду** (Сазовори ситоиш). 58. **Ал-Мухсӣ** (Дар доираи шумор оваранда). 59. **Ал-Мубдиу (**Аз ибтидо офаринанда). 60. **Ал-Муиду** (Дубора баргардонанда ва офаринанда). 61. **Ал-Муҳйи** (Зиндакунанда). 62. **Ал-Мумиту** (Мавтдиҳанда). 63. **Ал-Ҳайю** (Доимо зинда). 64. **Ал-Қайюму** (Қоимкунанда ва нигаҳдори ҳама). 65. **Ал-Воҷиду (**Ёбандаи ҳар чиз). 66. **Ал-Моҷиду (**Соҳиби бузургӣ ва иззат). 67. **Алвоҳиду-л-Аҳаду (**Якка. Якто). 68. **Ас-Самаду (**Бениёз). 69. **Ал-Қодиру** (Тавоно ва бақудрат). 70. **Ал-Муқтадиру** (Соҳиби қудрати комила). 71. **Ал-Муқаддиму** (Муқаддим ва пешкунанда). 72. **Ал-Муаххиру (**Ақиб ва пасронанда). 73. **Ал-Аввалу (**Аввалӣ). 74. **Ал-Охиру (**Аз ҳама охир). 75. **Аз-Зоҳиру (**Ошкор). 76. **Ал-Ботину** (Пинҳон. Пӯшида). 77. **Ал-Волию (**Мутасарриф бо иқтидор). 78. **Ал-Мутаолӣ (**Аз ҳама баланд ва бартар). 79. **Ал-Барру (**Дорои аъмол ва ахлоқи нек). 80. **Ат-Таввобу** (Бисёр зуд тавбакунанда). 81. **Ал-Мунтақиму (**Тавоно бар интиқом). 82. **Ал-Афувву (**Бисёр авфкунанда (бахшанда). 83. **Ар-Рауфу (**Мушфиқ ва меҳрубон). 84. **Молику-л-мулки (**Молики куллияи коинот). 85. **Зу-л-ҷалоли ва-л-икроми (**Соҳиби ҷалол ва карам). 86. **Ал-Муқситу (**Одил ва боинсоф). 87. **Ал-Ҷомиъу (**Ҷамъкунандаи ашёи мутафарриқа). 88. **Ал-Ғанийю** (Бениёз). 89. **Ал-Муғнию** (Бениёзкунанда). 90. **Ал-Мониу** (Боздорандаи қудрат, соҳиби қудрат). 91. **Аз-Зорру** (Дорои қудрат бар зарар расонидан). 92. **Ан-Нофу (**Дорои қудрати нафъ расонидан). 93. **Ан-Нуру (Нури комил). 94.Ал-Ҳодию** (Роҳнамои роҳи рост). 95. **Ал-Бадиу** (Эҷодкунанда бидуни намуна). 96. **Ал-Боқию** (Доиман мавҷуд). 97. **Ал-Ворису** (Пас аз ҳама боқӣ ва мавҷуд). 98. **Ар-Рашиду** (Ростию некӣ писандкунанда). 99. **Ас-Сабуру** (Соҳиби таҳаммул ва бардошт) [30, с.15-33].

Дар аксари манобеъ тавзеҳ ва тафсир шудааст, ки **Аллоҳ** номи зоти парвардигори олам аст. Номҳои дигар номҳои сифатии Худо шумурда шудаанд. Лекин боз ҳам, дар кулл, мушоҳида мегардад, ки бештари номҳо ҳамчун **номҳои Худо** мавриди истифода қарор мегиранд.

Бахше аз муҳаққиқон баромади калимаи **Аллоҳ**-ро аз калимаи решагии умумисомии «илаҳ» («илоҳ») бо тахфифи «и-», иловаи артикли арабии «ал-» ва тағйири овозӣ менигоранд. Аммо баъзеи онҳо қайд менамоянд, ки фарзияи баромади аслии калимаи **Аллоҳ** то охир таҳқиқи саҳеҳи худро пайдо накардааст [17; 18].

Дар тақвияти нуқтаи назари дуюм мисол меорем, ки дар гумон аст исбот карда шавад, ки дар забони тоҷикӣ калимаи **санг** чаро маҳз аз овозҳои **с, а, н, г,** дар забони русӣ **камень** аз овозҳои **к, а, м, е, н, ь** ва дар забони англисӣ **stone** аз овозҳои **s, t, o, n** ва **e** бо тартиби ҷойгирии овозии мавҷуда ташаккул ёфтааст. Ҳар се калима барои ҳар як соҳибзабон ба маънои ҳамсон – ҷисми сахт фаҳмида мешаванд. Агар тартиб ё таркиби овозии яке аз онҳоро тағйир диҳем, ё иваз намоем, калима шакл ва маънои дигар мегирад, ё умуман нофаҳмо мемонад. Масалан, агар як ҳарфи аввали калимаи **санг**-ро бо ҳарфҳои **л, з** ва ё **т** иваз намоем – **занг, ланг ва танг**, маънои калимаҳо ба куллӣ тағйир меёбанду аз ҳам фарқ мекунанд.

Аз ин лиҳоз, беҳ аз ҳама, муҳим он аст, ки қариб якуним ҳазор сол боз калима ё исми хосси **Аллоҳ** ба ҳамин шакл ё таркиби овозӣ дар китоби Худо – Қуръони карим омада, шинохта, маъмул ва истифода шудааст, ки мутлақо ба маънои **Ягона, Якка** ва **Якто** фаҳмида мешавад.

Мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» [10, с.22] ном ва сифатҳои Худо, аз ҷумла Худо, Худованд, Парвардигор, Офаридгор, Кирдугор, Яздон, Эзид, Аллоҳ, Раб, Холиқ ва ғайра бояд бо ҳарфи калон навишта шаванд. Вале зимни овардани иқтибос аз асарҳо калимаҳо ё номҳо айнан дарҷ мегарданд.

Бархе аз ном ва сифатҳои дигари Худо дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [25; 26] ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [27; 28] ишора шудаанд. Чунончи, дар ҷилди 1

«Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст: **Аҳадият** *а.* – ягонагӣ, беҳамтоӣ (сифати Худо) [25, с.116]. **Дайён** *а. д.* –мукофотдиҳанда; ҷазодиҳанда; қаҳркунанда; ҳисобгир (сифати Худо) [25, с. 314]. **Кирдгор** *д.* – офаринанда, офаридгор (сифати худо) [25, с.554]. **Лоязол** *а.* – 1. зоил нашуданӣ, безавол, он чи завол намепазирад; ҷовид, пойдор, доимӣ, абадӣ; 2. *д.* сифати худо. **Омурзгор –** бахшанда, бахшоянда, афвкунанда (яке аз сифатҳои худо) [25, с.109]. **Мутаол** *а. д.* – олӣ, баланд (сифати худо) [10, с.769].

Дар ҷилди 2 «Фарҳанги забони тоҷикӣ»: **Раб(б)** *а.* **–** 1. парвардигор, худо; **ё раб!** эй худо! 2. соҳиб, молик [26, с.109]. **Таввоб** *а.* – 1. бахшандаи гуноҳ, пазирандаи тавба, қабулкунандаи тавба (сифати худо) [26, с.299]. **Ғафур** *а.*– бахшоянда, афвкунанда (сифати худо). **Ҷалла** *а. д.* – бузургу олӣ (ибораи туфайлист, ки дар вақти дуо дар сифати худо меояд) [26, с.770].

Ё ин ки дар ҷилди 1 «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» нигошта шудааст: **Гуноҳомурз** – он ки гуноҳи дигаронро мебахшад, бахшандаи гуноҳ. 2. омурзандаи гуноҳ (*сифати Худо*) [27, с.346]. **Ғаффор** *а.* – он ки аз гуноҳҳо дармегузарад, бисёр афвкунанда, бахшоянда, омурзишкунанда (*сифати Худо*) [27, с.379]. **Ғофир** *а.* – афвкунанда, бахшандаи гуноҳ (*сифати Худо*) [22, с.385]. **Додофарин** – парварандаи адолат (*сифати Худо*) [27, с.458]. **Маннон** *а.* – бисёр миннатгузоранда, бисёр некикунанда (*сифати Худо*) [27, с.755].

Ном ва сифатҳои Худо сухани гӯяндаро таъсиргузору боваринок ва хуснбахш месозад. Дар ҳамин радиф халқи тоҷик, аз ҷумла мардуми диёри Сари Хосор дар эҷодиёти худ аз ном ва сифатҳои Худо истифода кардаанд, ки дар ин навишта бахше аз онҳоро баён медорем.

Маводи омӯзиширо назм, наср ва драмаҳои фолклори Сари Хосор аз китоби «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб»-и фолклоршиноси тоҷик Р. Амонов [4] дар бар мегирад. Аммо, азбаски жанрҳои афсонаю драма ва чистону зарбумасалҳо метавонанд дар навъҳои адабию бадеии назмию насрӣ эҷод шаванд, ё дар таркиби насру драма метавонад жанрҳои назмӣ истифода гарданд, аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи ном ва сифатҳои Худо дар ду навъи асосии ҷинсҳои адабию бадеӣ – назм ва наср тасниф карда шуданд.

Аз омӯзиш ва таҳлили номҳои Худо дар Қуръони карим ва маводи марбут ба масъалаи мазкур маълум гардид, ки 99 номи Худо дар 85 сураи Қуръони карим 3550 маротиба, аз ҷумла номи Аллоҳ 2697 маротиба бо 565 маротибаи такрори сураҳо омадааст [17; 30, с.15-33].

Дар фолклор ё матнҳои фолклории Сари Хосор, аз ҷумла назм ва насри он 17 шакли ифодаи номҳои Худо 121 маротиба истифода шудааст. Аз маҷмуи 121 номи Худо 70 ном дар назм ва 51 ном дар наср рост меояд. Аз шумораи умумии номҳои Худо 23 ном бо шакли умумихалқӣ ё умумиистеъмолӣ ва 98 ном бо шакли шевагӣ ё диалектизмҳо омадаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки фарқияти таҳлили забонии матнҳои фолклориро аз матнҳои дигар айнан аз шеваи гӯянда иборат будани онҳо ташкил медиҳад. Ҳарчанд дар ибтидо маводи фолклорӣ аз ҷониби шахс ё гурӯҳи шахсон эҷод гардидааст, ки исботи маълумот доштану надоштани онҳо, эҷоди даҳонӣ ё хаттӣ будани мавод ё китобат шудану нашуданаш мушаххас нест, аммо минбаъд бо ворид намудани илова ё ихтисороти таркибию мазмуниаш дар натиҷа мавод комилан моли омма, мардум – халқ мегардад, ки забону шеваи гӯяндаи он намоянда ё намунае аз онҳо маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, фолклор – дониш, илм, маърифат, хирад ва дар маҷмуъ ҳикмат, халқ номида шудааст. Дар ин маврид фолклоршинос Р. Раҳмонӣ назари хешро батафсил иброз доштааст [ниг.: 19].

Номҳои Худо бо тартиби алифбо ва дараҷаи истифодаи онҳо дар матнҳои фолклории Сари Хосор чунин тартибро ташкил дод: **алло** (Аллоҳ) – 49 маротиба, **аллоҳу** (Аллоҳу) – 1 маротиба, **Илло** (Иллоҳ) – 1 маротиба, илоҳо –**Иллоҳо** – 1, **Олло** (Оллоҳ) – 1, **оллоҳ** (Оллоҳ) – 8, **оллоҳу** (Оллоҳу) – 1, **рабби** (Рабби) – 6, **худо** (Худо) – 6, **хъдо** (Худо**) –** 36**, хъдовандо** (Худовандо) – 3, **хъдои** (Худои) – 1, **хъдову** (Худову) – 2, **хъдоё** (Худоё) – 2, хъдой (**Худой**) – 1, **Хъдора** (Худоро) – 1 ва **хъдоҳай** (Худост ё Худо аст) – 1 маротиба.

Марбут ба ҷойгирии матнҳои фолклорӣ дар «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» калимаи **алло** шакли шевагӣ ё тахфифии калимаи Аллоҳ аст, ки нахуст дар матлаи суруди «Ман доғ»-и Сари Хосор вомехӯрад, ки он дар ин суруд 30 маротиба омадааст:

Ҳе**алло**, ҳе **алло**, ёре, ман доғъм, ё дуст.
Ҳе **алло**, ҳе **алло**, ёре, ман доғъм, ё дуст! [4, с.24-25, с.27].

Дар китоби «Ғиёс-ул-луғот» маънои луғавии калимаи **Аллоҳ** «маъбуди барҳақ» шарҳ ёфтааст [14, с.86]. Маъбуди барҳақ ба маънои қобили парастиш ва ҳақдору ҳаққонӣ мебошад [25, с.155; 26, с.149, с.785].

Шакли умумистеъмолии калимаи **аллоҳу** (Аллоҳу) дар насри фолклор истифода гардидааст: *«– Ё расулъло, – гуфтан, – насиби мора **аллоҳу**таолло буд кардаст, акъ хъроки амӣ гърг шидем»* [4, с.297].

Ҳарчанд ки калимаи **илло** (Иллоҳ) дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои **ғайр аз, ба ҷуз, магар, магар ин ки...**-ро дорад [25, с.473], аммо дар фолклор дар ҳамин шакл муроҷиат ба Худоро мефаҳмонад:

Дур афтодай, ай ту хабар нест мара,
Сухтай ҷигаръм, чорай дигар нест мара.
Мехоҳа дилъм, ҷониби тъ парвоз кънъм,
**Илло**, чӣ кънъм, ки болъ пар нест мара [4, с.56].

**Илоҳо (**бо иловаи морфемаи **-о** ҳамчун синоними нидоҳои амрии **ё, о, эй)** шакли дигари талаффузи шевагии калимаи Аллоҳ (Худо) аст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ишора ба калимаи **илоҳӣ** омадааст. Ин калима ба маънои **мансуб ба илоҳ (Худо)** тафсир шудааст [27, с.452-453].

Дар ин рубоӣ ҳамчун нидо – мухотаб ва муроҷиат ба Аллоҳ – Худо омадааст:

**Илоҳо,** ошиқи зорам ту кардӣ,
Дарахти гул будам, хорам ту кардӣ,
Дарахти гул будам дар шаҳри Кобул,
Ба хоки кӯча яксонам ту кардӣ! [4, с.63].

**Олло** низ шакли шевагии Оллоҳ буда, ифодакунандаи Аллоҳ – Худо аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [25, с.913] тавзеҳаш ишора ба Аллоҳ шудааст: *«– Яки дар ҳазор мъ ба ҳами бахшидъм! **Олло** таъоло ба ами ки тугрӣ карда боша, бахшидъмъш!»* [4, с.295].

Инчунин номи Аллоҳ дар шаклҳои оллоҳ ва оллоҳу (Оллоҳу) [25, с.913] дарҷ гардидааст:

Ё дуст, ё **оллоҳ**, ҳақ дуст, ё **оллоҳ**,
Ё дуст, ё **оллоҳ**, ҳақ дуст, ё **оллоҳ** [4, с.128].

*Уҳо ба мартаба расидан. Шъмо ҳам ба мартаба бърасен, **оллоҳу** акбар!* [4, с.298].

**Худо** [11, 3:5, с.50] номи Аллоҳ аст, ки **маънои халқкунанда, холиқ ва соҳибу молик**-ро дорад. Ва дар ин хусус дар «Ғиёс-ул-луғот» гуфта шудааст: «Худо ба маънии молик ва соҳиб; чун лафзи Худо мутлақ бошад бар ғайри зоти борӣ таоло итлоқ накунанд, магар дар сурате ки ба чизе музоф шавад, чун кадхудо ва деҳхудо; ва гуфтаанд, ки Худо ба маънии худоянда аст, чи мураккаб аз калимаи худ ва калимаи о, ки сиғаи амр аст аз омадан. Ва зоҳир аст, ки амр ба таркиби исми маънӣ исми фоил пайдо мекунад. Ва чун ҳақ таоло ба зуҳури худ ба дигаре муҳтоҷ нест, лиҳозо ба ин сифат хонданд (аз «Рашидӣ» ва «Хиёбон»); ва Хони Орзу дар «Сироҷул-луғот» низ аз алломаи Давонӣ ва имом Фахруддини Розӣ ҳамин нақл карда» [14, с.295].

Муҳаммадҳусайни Бурҳон соли 1652 луғати «Бурҳони қотеъ»-ро таълиф намуда, нигоштааст: «Худо ва Худой номи зоти боритаъоло аст ҳамчу Илаҳ ва Аллоҳ; ва *мухаффафи* худ о ҳам ҳаст, яъне худ омадааст; ва соҳиб ва моликро низ гӯянд» [15, с.379].

**Зот** маънои **ҳастӣ, ҳақиқат**-ро дорост. Шакли аслии боритаъоло борӣ-таоло, яъне Худои мутаол мебошад. Борӣ ҳамчун яке аз номҳои Худо маънои **офаринанда, холиқ**-ро медиҳад. Мутаол сифати Худо буда, маънои **олӣ, воло ва баланддараҷа**-ро дорад [25, с.457].

**Таоло** калимаи арабист, ки маънои **баланд шуд**-ро дошта, баъд аз номи Худо меояд [14, с.325]. Мувофиқ ба ҳамин калимаи **таъоло** (таоло) ҳамчун сифати Худо дар фолклори Сари Хосор пас аз калимаи Худо омадааст: *Яг мард бъд дар ҳаштоду кампиръш дар ҳафтоду ба қъдрати хъдои **таъоло** дар иё ҳич яг насл таваллъд нашид* [4, с.287].

Забоншиноси тоҷик Р. Ҷӯраев дар хусуси этимологияи калимаи Худо қайд кардааст: «Худо (й) – муродифҳояш калимаҳои арабианд: Оллоҳ, соҳиб, молик. Худо (й) аз форсӣ-тоҷикии қадими хватай баромада омадааст: хватай – хвадай – худой – худо, калимаи худой маънои соҳиб ё молик-ро ифода мекунад» [31, с.25].

Калимаи **Худо** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ду маъно тавзеҳ шудааст: 1. Худо(й) – зоти мавҳуми олӣ, ки ҷаҳон ва ҷаҳониёнро офарида ва ҳамаро идора мекунад, аллоҳ, илоҳ, холиқ, парвардигор, яздон. 2. соҳиб, молик [26, с.501].

Ҳамон ёре, ки бо мо дошт улфат.
Паноҳаш бо **худо** гуфтему рафтем [4, с.52].

**Худо** бъгира камбағалӣ-бепулира,
Як буса чӣ бъд, ба тарсъ ларзъм додӣ?! [4, с.59].

Дар фолклори Сари Хосор калимаи **хъдо** (Худо) ҳам дар назм ва ҳам дар наср 36 маротиба ва бо иловаи морфемаҳои шаклсозу грамматикӣ, аз ҷумла **-ву, -ё -и, -ра** ва **–ҳай** 8 маротиба, дар маҷмуъ 44 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст, ки аз ин шумор 5-то ба назм ва 39-то ба наср рост меояд.

Барор, бароруше, кай мебарориш,
Рузи **хъдо** бега шидай, кай мебарориш. [4, с. 38].

Эҳ, вой**, хъдо**, бъшкана оҳани кор,
Говон ба алаф раван, ма пешаки ёр [4, с.320].

«Э **хъдо**, кай тъ миянсари мо мегардӣ, барно» [4, с.292].

«– Тақдири **хъдову** насиби рузи азал бъдаст, акъ чӣ раи аҷибкашияй?» [4, с.295].

«– **Хъдо** насибай тъ къна, **хъдоё** хъдовандо, ҳалолъш ба тъ, неки погаҳда мерем!» [4, с. 295].

Яг мард бъд дар ҳаштоду кампиръш дар ҳафтоду ба қъдрати **хъдои** таъоло дар иё ҳич яг насл таваллъд нашид [4, с.287].

Деҳқонӣ ҷавон: **Хъдора** шъгръш-е! [4, с.264].

«– Бача доди **хъдоҳай**» [4, с.270].

Ҳамчунин калимаи **Худовандо** чун мухотаб ва муроҷиат ба Худо истифода гардидааст:

**Худовандо**, тъ мёдонӣ, дили девонаи моро,
Ё дуст, ё оллоҳ, ҳақ дуст, ё оллоҳ.
Намедонем, кай пур мекунӣ паймонаи моро.
Ё дуст, ё оллоҳ*, ҳақ дуст, ё оллоҳ!...* [4, с.128].

**Худованд** [11, 1:3] маъноҳои **Худо**, **соҳиб, молик** ва **бузурги хона**- мекунад [26, с.501; 15, с.379]. Дар калимаи Худованд ҳиссаи **ванд** ҳамчун ҷузъи пайванди баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои **узв**, **вобаста** (чунончи, *пасванд, пешванд, миёнванд*) ва чун ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънои **мансуб**, **доро** ва **соҳиб** (*пӯлодванд, Худованд*) мешавад [27, с.263].

Дар калимаи **Худовандо** морфемаи **-о** чун синоними нидоҳои амрии **ё, о, эй** мухотаб ва муроҷиат ба Худоро мефаҳмонад.

Инчунин шакли лаҳҷавии дуогӯии исми хосси Худованд – **хъдовандо** дар насри фолклори Сари Хосор вомехӯрад: *Почо дар чъл ҳиҷра дърун дърумад, зъмина канд, синаша дар хокисиё мунд, чънон нолаи пъраламе мекъна, ки хъдоё* ***хъдовандо*** *паноҳ бъта* [4, с.295].

**Ҳақ** [11, 2:255, с.42] ҳам яке аз номҳои Худо мебошад, ки маънои луғавии **ҳаққонӣ, ҳақиқат, рост** ва **дуруст**-ро дорад [26, с.740]**:**

Эй мардаки сардор, хонадор,
Ай и сархарда мерай сувор,
Сад нобутьт, кардим тъ малол**,**
Ай у су **ҳақ** биёрат саркашол**!**» [4, с.110].

Ё дуст, ё оллоҳ, **ҳақ** дуст, ё оллоҳ,
Ё дуст, ё оллоҳ, **ҳақ** дуст, ё оллоҳ [4, с.128].

Калимаи **раб (**Раб(б) арабӣ буда, маъноҳои зеринро дорад: 1. парвардигор, худо; **ё раб!** Эй худо! 2. соҳиб, молик [26, с.109]. Ин калима 6 маротиба дар матнҳои насрии фолклор дар таркиби ибораи ***рабби*** *Каъбаи шариф* омадааст:

*Меравӣ, осақолӣ мекънӣ, бъкън, намекънӣ, бар* ***рабби*** *Каъбаи шариф, ки дар ҳаштодӣ, агар дар 120 равӣ ҳам калата меканъм* [4, с.288].

*Почо, ба фарзандӣ қабул мекънӣ, бъкън, қабул намекънӣ, бар* ***рабби*** *Қаъба аловът мезанъм!* [4, с.289].

*Ай дъстът чӣ ҳинаре миёя, ҳаму ҳънара бъкън, мо акъ ай у мардакой метарсидагӣ не, бар* ***рабби*** *Каъба хъдма бъҷънбунъм, тахтът дар зъмин мезана!* [4, с.290].

Ба ҳамин минвол, то қадри тавон ва имкон кӯшидем мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли ном ва сифатҳои Худоро дар забони фолклори мардуми Сари Хосор нишон диҳем. Дар натиҷа мушоҳида мегардад, ки вобаста ба вазъу шароити зиндагии замона одамон ба василаи матнҳои фолклорӣ ба Худои мутаол муроҷиат намуда, орзую умеди худро бароварда мекунанд ва хешро тасаллию таскин мебахшанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Алимӣ, Ҷ. Ономастика. (Назария ва амалия) / Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 2017. – 552 с.
2. Аль-Газали, Абу Хамид. 99 Прекрасных имен Аллаҳа [Манбаи электронӣ] / Абу Ҳамид аль-Газалӣ. – СПб: Диля, 2014. – 240 с. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.tnu.in.ua/study/books.
3. Аль-Ханафи, Ахмад Абу Яхья. Прекрасные имена Аллаха и их краткое толкование / Ахмад Абу Яхья аль-Ханафи. – Москва: Даруль-Фикр, 2017. – 64 с.
4. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1963. – 347 с.
5. Атрибуты Аллаха [Манбаи электронӣ]. – 2022. – Ҳолати дастрасӣ: http://irfan.ir/ru/81578.html.
6. Вольф, М.Н. Средневековая арабская философия: ашаритский калам. Учебное пособие / М.Н. Вольф. – Новосибирск, 2008. – 153 с.
7. Все имена Бога в Библии и их значение – польный список [Манбаи электронӣ]. – 2013. – Ҳолати дастрасӣ: http://icocnews.ru/ lessons/vse-im.
8. Гусейнова, Х.К. Религиозная терминология в даргинском языке: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. филол. наук / Х.К. Гусейнова. –Махачкала, 2018. – 26 с.
9. Ислам классический. Энциклопедия. – Москва: Эксмо, 2005. – 412 с.
10. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. – Душанбе: Хирадмандон, 2021. – 64 с.
11. Қуръони карим / Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 616 с.
12. Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ. Бо саъю эҳтимоми В. Шарифов. – Душанбе, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1984. – 376 с.
13. Мухамедхоҷаева, Р.А. Корбасти лексикаи динӣ-ирфонӣ дар маснавии «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор [Манбаи электронӣ] / Р.А. Мухамедхоҷаева. – 2021. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.iza.tj/ru/ korbasti-leksikai-dini-irfoni-dar-masnavi.
14. Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1 / Ромпурӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
15. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷилди 1 / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
16. Неаполитанский, С.М. Тысячи имен Бога. Вишну и Шива / С.М. Неаполитанский, [Манбаи электронӣ]. – 2021. – Ҳолати дастрасӣ: http://labirint.ru/books/ 802061.
17. Номҳои Худо дар Ислом [Манбаи электронӣ]. – 2011. – Ҳолати дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki].
18. Номҳои Худованд [Манбаи электронӣ. – 2021. – Ҳолати дастрасӣ: http://ilm.komron.info/crp/Nomhoi Hudovand/crp/.
19. Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: МДМТ, 2021. – 544 с.
20. Саидов, М. Теонимияи Қуръон / М. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи филология, №5/3. – Душанбе: Сино, 2017. – С.82-90.
21. Саидов, М. Таҳлили таърихӣ-забоншиносии номҳои Худованд дар Қуръон / М. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Серияи филология, №5/4. – Душанбе: Сино, 2017. – С.58-66.
22. Сефербеков, Р.И. Пантеон языческих божеств народов Дагестана (типология, характеристика, персонификации): автореф. дис. на соиск. учен. степ. докт. истор. наук / Р.И. Сефербеков. – Махачкала, 2009. – 34 с.
23. Соломонов, М.А. Христианский теоним в структуре фольклорного текста (на материале прикамских духовных стихов): автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. филол. наук / М.А. Соломонов.–Прмь, 2011. – 22 с.
24. Тимофеев, К.А. Религиозная лексика русского языка как выражение христианского мировоззрения / К.А. Тимофеев. – Новосибирск, 2001. – 88 с.
25. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. –951 с.
26. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.
27. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
28. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2008. – 945 с.

29. Хафизова, З.Р. Религиозная лексика в башкирском языке: дис. на соиск. учен. степ. канд. фил. наук [Манбаи электронӣ] / З.Р.Хафизова. – Уфа, 2020. – 289 с. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.dissersat.com./content/reliqioznaya_leksika_v_bashkirskom_yazyke/read/pdf].
30. Чиҳил Раббано аз Қуръони Карим. Мураттиб Заҳро Икромӣ. – Душанбе, 2015. – 36 с.
31. Ҷӯраев, Р. Этимологияи 100 калима / Р. Ҷӯраев. – Душанбе: Маориф, 1985. – 28 с.
32. Шукуров, Д.Л. Имя бога в библейско-богославской традиции восточных (ориентальных) христиан [Манбаи электронӣ] / Д.Л. Шукуров // libera. – 2020. – №9. – Ҳолати дастрасӣ: http://nbpublish. com/librari_read_frticle.php?id=33802.
33. Эльназарова, Х.А. Религиозная лексика в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси: дис. на соиск. учен. степ. канд. фил. наук [Манбаи электронӣ] / Х.А. Эльназарова. – Душанбе, 2014. – 176 с. – Ҳолати дастрасӣ: http://www.dslib.net/yazyki_mira/reliqioznaya_leksika_v_shahname_abulqasima_firdousi.html#5119303.

## НОМ ВА СИФАТҲОИ ХУДО ДАР ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Дар ин мақола оид ба истифодаи ном ва сифатҳои Худо дар фолклори Сари Хосор сухан рафтааст. Муаллиф аввалан дар бораи асарҳои бевосита ба омӯзиши ном ва сифатҳои Худо бахшидашуда дар дин ва забонҳои дигар иттилоъ медиҳад. Аз ҷумла қайд менамояд, ки ба омӯзиши номҳои Худо илми теонимия ё теонимика ва ба омӯзиши мавзуъ ва масоили худошиносӣ, инчунин динию фиқҳӣ илми теология машғул аст. Ва сипас роҷеъ ба мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли ном ва сифатҳои Худо дар матнҳои фолклории назмӣ ва насрии Сари Хосор сухан меронад. Аз омӯзиш ва таҳлили номҳои Худо дар Қуръони карим ва маводи марбут ба масъалаи мазкур маълум мегардад, ки 99 номи Худо дар 85 сураи Қуръони карим 3550 маротиба, аз ҷумла номи Аллоҳ 2697 маротиба бо 565 маротибаи такрори сураҳо омадааст. Дар фолклор ё матнҳои фолклории Сари Хосор, аз ҷумла дар назм ва насри он 17 шакли ифодаи номҳои Худо 121 маротиба истифода шудааст. Аз маҷмуи 121 номи Худо 70 ном дар назм ва 51 ном дар наср рост меояд. Аз шумораи умумии номҳои Худо 23 ном бо шакли умумихалқӣ ё умумиистеъмолӣ ва 98 ном бо шакли шевагӣ ё диалектизмҳо омадаанд.

**Калидвожаҳо**: Аллоҳ, Худо, Қуръони карим, пайғамбар, ном, сифат, фолклор, назм, наср, теонимия, теология, шева.

## ИМЯ И АТРИБУТЫ БОГА В ФОЛЬКЛОРЕ САРИ ХОСОРА

В данной статье говорится об использовании имени и атрибутов Бога в фольклоре Сари Хосора. Сначала автор приводит сведения о работах, непосредственно посвященных изучению имени и атрибутов Бога в других религиях и языках. Среди прочего он отмечает, что наука теонимия, или теонимика, занимается изучением имен Бога, а наука теология занимается изучением богословских тем и вопросов, а также религии и юриспруденции. А затем он говорит о положении и степени употребления имени Бога и его атрибутов в поэтических и прозаических фольклорных текстах Сари Хосора. Из изучения и анализа имен Бога в Священном Коране и связанных с ним материалах становится ясно, что 99 имен Бога встречаются в 85 сурах Священного Корана 3550 раз, в том числе имя Аллаха 2697 раз при 565 раз повторения сур. В фольклоре или фольклорных текстах Сари Хосора, в том числе в его поэзии и прозе, 121 раз используются 17 форм выражения имен Бога. Из 121 имени Бога 70 имен в поэзии и 51 имя в прозе. Из общего числа имен Бога 23 имени даны в форме всеобщего или универсального употребления, а 98 имен - в форме диалектов или диалектизмов.

**Ключевые слова:** Аллах, Бог, Священный Коран, пророк, имя, атрибут, фольклор, поэзия, проза, теонимия, теология, диалект.

## NAME AND ATTRIBUTES OF GOD IN THE FOLKLORE OF SARI KHOSOR

This article talks about the use of the name and attributes of God in the folklore of Sari Khosar. First of all, the author provides information about the works directly devoted to the study of God's name and attributes in other religions and languages. Among other things, he notes that the science of theonymy or theonymics deals with the study of the names of God, and the science of theology deals with the study of theological topics and issues, as well as religion and jurisprudence. And then he talks about the position and degree of use of God's name and attributes in the poetic and prose folklore texts of Sari Khosar. From the study and analysis of the names of God in the Holy Qur'an and related materials, it is clear that 99 names of God appear in 85 surahs of the Holy Qur'an 3550 times, including the name of Allah 2697 times with 565 repetitions of surahs. In the folklore or folklore texts of Sari Khosar, including in its poetry and prose, 17 forms of expression of God's names are used 121 times. Out of the total of 121 names of God, 70 names are in verse and 51 names are in prose. Out of the total number of God's names, 23 names came in the form of universal or universal usage and 98 names came in the form of dialects or dialects.

**Key words:** Allah, God, Holy Quran, prophet, name, attribute, folklore, poetry, prose, theonymy, theology, dialect.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Насимов Нуриддин*** – н.и.ф., раиси Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд». **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 137.
E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru**. Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

**Сведения об авторе**: ***Насимов Нуриддин*** – к.ф.н., председатель Испольнительного комитета Ассоциации таджиков и персоязычных народов мира – «Пайванд». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru**. Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

**Information about the author:** ***Nasimov Nuriddin*** - candidate of philological sciences, chairman of the Executive committee Association of Tajiks and Persian-speakersof the world – «Payvand». **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave. 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru**. Phone: **(+992) 902-77-88-99**

УДК: 491.550

# САҲМИ ҶАБАЛӢ ДАР ТАҒЙИРИ САБКИ НАВИ ШЕЪРӢ

*Собиров Ҳ.Ю.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ин мақола доир ба фанни тоза доштани Абдулвосеи Ҷабалӣ дар тариқи шоирӣ сухан ба миён оварда, бо таваҷҷуҳ ба маводи дастрас ва ба сурати куллӣ масъалаи саҳми Ҷабалиро дар тағйири сабки нави шеърӣ баррасӣ менамоем. Дар сарчашмаҳо ва адабиётҳои илмӣ-тадқиқотӣ Ҷабалиро устоди моҳир дар тариқи шоирӣ дониста, инчунин, қайд намудаанд, ки устоди Ғарҷистонӣ дорои сабки хос будааст. Ҳанӯз Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар тазкираи худ доир ба Ҷабалӣ чунин фармуда буд, ки андешааш ба масъалаи мавриди назар иртибот дорад: «Гуфтаҳои ӯ (Абдулвосеи Ҷабалӣ – С.Ҳ.) ҳама дурри носуфта аст» [1, с.591].

Ё худ, ҳамин донишманд доир ба ҳунари ғазалсароии Ҷабалӣ сухан ба миён оварда, барои таҳвияти андешаи хеш як тағаззул аз эҷодиёти Ҷабалӣ зикр намудаву чунин тавзеҳ дорад: «Ин ғазал (Эй хоби ман рабуда зи ёқути пуршакар – С.Ҳ.), ки мизоҷи насими шимол дорад, аз муҳибби фазл ва аффоли ӯ мутабассум шудааст ва ин шугуфа дар бӯстони қареҳати ӯ мутабассум гашта ва аксари он мурассаъ аст ва мувозана» [1, с.594].

Аз гуфтаи Авфии Бухороӣ маълум мешавад, ки Ҷабалӣ соҳиби табъи баланди шоирӣ буда, аксари ашъораш мурассаъ ва мувозана будааст. Яъне, ин ҷо таъкид ба майли санъатгароии Ҷабалӣ шудааст. Ҳамин маъниро дигар тазкиранигорон ҳам баён кардаанд. Масалан, Лутфалибеки Озар дар «Оташкада» равшантар овардааст, ки «Абдулвосеъ шоири санъатпардоз аст ва чун Қатрони шоир ва дигар санъатгарон дар абёти худ ба мувозанаву муқобала, тарсеъу таъдид, лаффу нашр ва дигар ороишҳои лафзӣ шефтагуна менамояд» [3, с.511].

Агар дар қавли мазбур шоири санъатгаро будани Ҷабалӣ ва санъатҳои бадеии машҳури серистифода дар ашъори вай таъкид шуда бошад, дар иқтибоси зерин ба сароҳат таъкид шудааст, ки дар гуфтани қасида соҳиби тарзи ба худ хос аст: «Дар фанни қасидагӯӣ тарзе хос дорад, ки касе аз устодони моҳир дар он тариқ ба мартабаи ӯ нарасида» [3, с.513].

Ғараз аз «тарзи хос» ҳамон сабки маснуъ аст, ки лавозимот ва воситаҳои асосии он ҳамон санъатҳое ҳастанд, ба мисли санъатҳои бадеие, ки дар иқтибоси боло номбар шудаанд.

Монанда ба намунаҳои мазкур дигар тазкиранигорон ва муҳаққиқони муосир ҳам ҳунари воло, табъи қодир ва тарзи хосси суханварӣ доштани Ҷабалиро дар шеъру шоирӣ ситуда ва ӯро ба некуӣ ёд кардаанд. Масалан, Мавлоно Муҳаммад Абдулғанихони Ғанӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» чунин фармудааст: «Дар фанни хеш ягонаи даврон аст. То ҳол касеро аз шуаро шеваи суханварии ӯ даст надода» [2, с.72]. Ё худ, Муҳаммад Парвини Гунободӣ доир ба Ҷабалӣ чунин овардааст, ки «аз пешравони тағйири сабки шеър дар нимаи қарни шашум ба шумор мерафт. Девони қасоиди вай, монанди девони Анварӣ ва Хоқонию дигар пайравони сабки маъруф ба ироқӣ, оганда аз пероя̂ҳои лафзӣ ва саноеи бадеӣ, чун: мувозана, тарсеъ ва ҳусни тахаллус ва мамосалаву лаффу нашр ва ҷузви инҳо аст» [8, с.470].

Икромов И. дар мақолае бо унвони «Мақоми қасида дар адабиёти асри XII тоҷику форс» чунин андеша рондааст, ки дар назми асри XII форсу тоҷик сабкҳои хуросонӣ ва ироқӣ арзи вуҷуд доштанд. Намояндаи барҷастаи сабки якум Муиззии Нишопуриро дониста, Анварӣ, Хоқонӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ва Абдулвосеи Ҷабалиро аз намояндагони сабки ироқӣ донистааст [12, с.12]. Парвин Шикебо дар «Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз» чунин матлабро баён намудааст, ки «аз авосити қарни панҷум ба баъд, чанд шоири соҳибсабк дорем, ки ҳар як ба тариқае дар тағйири шеваи бостон кӯшидаанд» [19, с.68].

Муаллифи китоби «Ҷойгоҳи сухан» оид ба масъалаи муайян намудани сабки фардии як нафар шоир чунин андеша рондааст, ки шоистаи таваҷҷуҳ аст: «душвортарин марҳалаи сабкшиносӣ таҷзия ва тафкики сабки шахсӣ ё фардӣ мебошад. Барои он ки битавонем дар бораи сабки шахсии як шоир ё нависанда баҳс бикунем, бояд тамоми марҳалаҳои илми

сабкшиносиро мудаққиқона тай намуда бошем, яъне таҷрибаи сабкшиносона дар табйини мухтассоти сабкӣ шарти зарурӣ аст» [13, с.120].

Ҳамин тавр, аз ахбори муаллифони сарчашмаҳои мазкур, маълумоти баъзе муҳаққиқон, ашъори таркиби девони Ҷабалӣ ва баррасиҳои анҷомдодаи мо маълум мешавад, ки Абдулвосеи Ҷабалӣ соҳиби сабки фардӣ буда, бо ибтикороти худ дар гуфтани шеъри маснуъ дар тағйири сабки нави шеърӣ саҳми муносиб гузоштааст. Агар тағйироти дар сабки сухани Ҷабалӣ рӯйдодаро дар алоқамандӣ ба сабки умумии давраи роиҷ дар замонааш ба андеша бигирем, пас маълум мешавад, ки шоир ба сурати куллӣ дар сабке миёнаи сабки хуросонӣ ва ироқӣ ба шоирӣ пардохта, дар қасидасароӣ сабки маснуъро пайгирӣ кардааст.

Сабки маснуъ аз нигоҳи мухтассоти адабӣ шомили сабки ироқӣ мебошад. Бинобар ин, бояд Абдулвосеи Ҷабалиро дар қатори Анвариву Хоқонӣ, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ва дигарон аз намояндагони барҷастаи сабки ироқӣ донист. Овардани луғоти арабӣ бо саноъеи бадеӣ ашъори таркиби девони шоир, бахусус қасоиди ӯро, аз қасидаи шоирони дигар мутамойизу мумтоз ва то андозае мушкилфаҳм низ гардонидааст. Аммо мухтассоти асосии сабкофарӣ дар сабки фардии Ҷабалӣ кадомҳоянд?

Аз сатҳи забонӣ мухтассоти сабкии маъмул дар тарзи сухани Ҷабалӣ бо шоирони соҳибсабки ҳамзамонаш ҳамгун аст. Аммо чунин ҳамгунӣ дар мухтассоти адабию фикрӣ мушоҳида намешавад. Маҳз аз ду сатҳи охирӣ равиши сухани Ҷабалӣ аз тарзи умумии забон ва шоирони ҷудогона мутамойиз аст. Пеш аз ҳама, чунин тағйирот дар сатҳи адабӣ ба назар мерасад, шоир бештар ба баёну бадеъ гаравида аст. Баъдан тағйири асосӣ дар сатҳи фикрӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ашъори шоир истифода аз мафоҳими динӣ, ҳадис, истилоҳоти илмӣ, аз қабили нуҷум, мусиқӣ, фалсафа ва ғайра ба назар мерасад.

Яке аз нишонаҳои сабки фардии шоир истифодаи фаровон аз оёту ҳадис маҳсуб меёбад. Чунонки Абдулвосеи Ҷабалӣ дар абёти зерин овардааст:

Зи ҷуд «ло» наравад бар забони ӯ ҳаргиз,
Магар дар «Ашҳаду анло илоҳа ила-л-лоҳ» [6, с.427].

Тозакории Ҷабалӣ бештар дар қасидаҳояш ба назар мерасад, ки онҳо саршор аз ороёҳои адабӣ ҳастанд. Бар илова, чунонки зикр шуд, фаровонии ояту ҳадис, калимаю таркибҳои арабӣ, қаҳрамонҳои зиёди миллӣ, динӣ ва афсонавӣ эҷодиёти ӯро пуробуранг гардонидаанд. Аз он ҷумлаанд талмеҳоти овардаи ӯ:

Мусаххар амали хомаи туанд офоқ,
Агарчи хомаи ту хотами Сулаймон нест [6, с.604].

Ё худ, ҷойи дигар чунин овардааст:

Гар ҷамоли рӯйи ӯ як раҳ бубинад бутпараст,
Ҳамчу Иброҳим суратҳои Озар бишканад [6, с.526].

Талмеҳоти Қуръонӣ, ки аз нишонаҳои боризи сабки ироқӣ ба шумор мераванд, фаровон дар ашъори Ҷабалӣ мушоҳида мегарданд. Барои таҳвияти фикри хеш чанде аз онҳоро намуна меоварем:

Он физояд чун дами Исо ибни Марям ҳаёт
В-ин намояд чун кафи Мӯсо ибни Имрон сано [6, с.8].

Ва:

Дар рисолат гар асо будаст бурҳони Калим,
Дар қаламдорӣ ту он, к-ӯ дошт мудғам дар асо.
Дар нубувват гар дуъо будаст эъҷози Масеҳ,
Дар карам дорӣ ту он, к-ӯ дошт музмар дар дуъо.
Эй сарафрозе, ки орад ҳарзамон кайвон суҷуд,
Ҳиммати олитро фавқ-ус-самовот-ул-уло.
Мулкро ройи ту чун шабро тулӯи муштарӣ,
Хасмро азми ту чун маҳро бинони Мустафо.
Ҳиммати волои ту борафъати зот-ул-ҳубак,
Талъати зебои ту бо зиннати шамс-уз-зуҳо.
Ҳайбати ту ҳосидонро чун шаётинро шаҳоб,
Давлати ту носеҳонро чун раёҳинро сабо [6, с.22].

Талмеҳоти дигаре ба ҳамин монанд дар эҷодиёти Абдулвосеи Ҷабалӣ зиёд ба назар мерасад.

Дар сабки хуросонӣ мебинем, ки шоирони қадим маъшуқи хешро ба дарахти сарв монанд карда, рӯйи ӯро ба моҳ шабеҳ медоданд. Абдулвосеи Ҷабалӣ ҳамин мазмунро баръакси шоирони қаблӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Шоир сарвро дар пеши қади ёр хира дониста, нури моҳро аз нури маъшуқ тира медонад ва аз сангдилии ӯ дили худро чун дидаи мӯру рухашро чун коҳ ба қалам додааст:

Дилам шуд аз дили сангини ту чу дидаи мӯр,
Рухам шуд аз рухи рангини ту ба гунаи коҳ.
Зи рашки қадди ту ҳамвора хира бошад сарв,
Зи нури хадди ту пайваста тира бошад моҳ [6, с.427].

Бинобар ин, Абдулвосеи Ҷабалиро бояд аз зумраи касоне донист, ки дар тағйири санъати ташбеҳ, ки асоси тозакориҳои шоирист, саҳм гузоштаанд.

Умуман, шоирони давраи мавриди назар оҳиста-оҳиста аз баёни сода ба мураккаб гаравида, кӯшиш менамуданд, дониши дар ҳар замина андӯхтаи хешро дар шеър ворид намоянд ва ин боис ба он шуда, ки ашъори онон як андоза мушкил гардида, ба шарҳу тафсир зарурат пайдо шавад. Инро муаллифи китоби «Шеър-ул-ачам» хуб дарк намудааст: «Ҷойи тасвирҳои содаю табиӣ ва ҳолатҳои воқеиро баёни хаёлангез ва гоҳо мавҳуми шоирони мушкилписанд, ба монанди Анварию Хоқонӣ ишғол кардаанд. Кор ба ҷое расид, ки шеъри Анвариро бе шарҳу тафсири махсуси илмӣ фаҳмидан хеле душвор гардид» [14, с.5].

Бояд гуфт, ки шоирони ин давра аз ҳар улум огоҳ буданд. Аз ин рӯ, дониши хеле зиёд касб карда буданд ва омӯхтаи хешро дар шеърашон бо тарзу услуби пешгирифтаи хеш овардаанд. Ба ин маънӣ Ҷабалӣ фармудааст:

Хуш бигзаронем ҷаҳон содавор,
Гарчи ба дониш дили мо сода нест [6, с.509].

Мо намунаҳои фаровоне аз ашъори Ҷабалӣ фароҳам овардаем, ки дар онҳо истилоҳоти гуногуни илму дониш корбаст шудаанд. Аз ҷумлаи истилоҳоти улум басомади зиёд ба илми мусиқӣ тааллуқ мегирад. Масалан, дар байти зерин Ҷабалӣ чеҳраи зарду қомати хамгаштаи хешро ба чанг, ки яке аз олоти мусиқист, ташбеҳ дода, дар мисраи дуюмӣ бо раҳои «молидани гӯш» ва «дасти ҳичрон»- ро неку ба қалам додааст:

Ҳамчу чангам сарнагуну зарду нолону дуто,
То бимолидаст гӯшам дасти ҳичрон чун рубоб [6, с.35].

Абдулвосеи Ҷабалӣ дар ашъори хеш ба ҷуз аз истилоҳоти илми мусиқӣ, инчунин, аз истилоҳоти дигар илмҳо низ корбасти фаровоне дорад. Аз ҷумла, шоир аз истилоҳоти илми нуҷум ба тариқи вуфур истифода кардааст. Масалан, дар байти зерин:

Ба рӯзи бору вақти кин кашад аз ғояти тамкин,
Калла нуввобат аз парвин, камар ҳуҷҷобат аз ҷавзо [6, с.17].

Ё худ, ҷойи дигар Зуҳраро барои ба хидмати мамдуҳ камар бастан чунин ба риштаи тасвир овардааст:

Чу табъат ромиш афзояд, нишоти бода фармояд,
Зи гардун назди ту ояд ба хидмат Зуҳраи Заҳро [6, с.18].

Дар байти зерин вожаҳои «Зуҳра», «Муштарӣ», «шиҳоб» ва «ҳилол» истифода шудаанд, ки ҳама истилоҳоти илми нуҷум мебошанд:

Зуҳратабъе, муштарифоле, ки зебад гоҳи ҷанг
Аз шиҳоб ӯро инону аз ҳилол ӯро рикоб [6, с.39].

Дар байти зерин дар як вақт ҳам истилоҳоти илми нуҷум ва ҳам истилоҳоти илми мусиқӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд:

Зуҳраву Мирриху Хуршеду Аторудро бувад
Орзуи он ки бошанд аз барои иштимор.
Соқии ӯ гоҳи ҷашну котиби ӯ гоҳи арз,
Мутриби ӯ назди лаҳву ҳоҷиби ӯ вақти бор [6, с.143].

Абдулвосеи Ҷабалӣ дар чанд ҷойи ашъораш хешро ситуда, шеърашро ҳамнишини «Шаъро» ва «Насра», ки номи ду ситораи дурахшонест дар бурҷи Саратон, донистааст:

Гашт бо Шаъро зи таҳсини ту шеърам ҳаммаҳал,
Гашт бо Насра зи тамкини ту насрам ҳамҷавор [6, с.185].

Ҷойи дигар ба ҳамин монанд чунин овардааст:

Гузашт насраму шеърам зи Насраву Шаъро,

Дар офарини туву мадҳи ту ба қадру ҷалол [6, с.241].

Ба ин монанд дар ашъори Ҷабалӣ байтҳои фаровоне метавон ёфт, ки пур аз истилоҳоти илмӣ, бахусус, истилоҳоти нуҷум ҳастанд. Аз ин гуна шавоҳид хеле зиёд метавон овард.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи хеш овардааст, ки «табъе қодир дошт (Абдулвосеи Ҷабалӣ – С. Ҳ.) ва ашъори мушкил бисёр гӯяд» [4, с.59]. Ҳамин гуфтаи Давлатшоҳ худ далели он аст, ки Ҷабалӣ дар гузаштан аз сабки хуросонӣ ба ироқӣ саҳмгузор аст ва ё аз ҷумлаи касонест, ки пуле омода кардаанд барои гузаштан аз як сабк ба сабки дигар. Ба ибораи дигар, саҳми Ҷабалӣ дар фароҳам овардани муқаддамоти сабки ироқӣ бениҳоят назаррас аст. Ин андеша, ки Ҷабалӣ, дар воқеъ, саҳмгузори тағйири сабки адабӣ аст, дар гуфтаҳои муаллифи тазкираи «Рӯзи равшан» ҳам ба назар мерасад. Дар тазкираи мазкур омадааст, ки «Абдулвосеи Ҷабалиро дар қасида тарзи хоссест, ки дигаре бар он тарз нагуфта. Дар арабӣ ҳам ба камоли фасоҳат ва балоғат шеър мегуфт» [5, с.530].

Беҳуда тазкиранигорон Ҷабалиро зуллисонайн надонистаанд. Ҳангоми эҷоди шеър бо зарурати қофия ва берун аз он ба забони арабӣ муроҷиат менамояд, ки дар намунаи зерин ба хубӣ ин маънӣ равшан мегардад:

Агарчи дар Арабу дар Аҷам самар гаштаст
Ба шеър гуфтани тозию порсӣ Ҷабалӣ,
На шеъри ӯст ба васфи шамоили ту муҳит,
На табъи ӯст ба назми фазоили ту малӣ.
Ва қад аъадда лиявмир-р-аҳили уҳбатаҳ,
Камо ялиқу биамсолаҳо су-ул-ҷамолӣ.
Ва мо юбоситу фӣ мо ярувму ҳаҷран,
Фасора кал ҷамолӣ ал-мустакийни фи-л-ваҳалӣ [6, с.434].

Забеҳуллоҳи Сафо дар «Ганҷи сухан» доир ба лақаб, касби илм кардани Абдулвосеи Ҷабалӣ сухан ба миён оварда, дар масъалаи мавриди баррасӣ афзудааст: «Вай (Абдулвосеи Ҷабалӣ – С.Ҳ.) аз ҷумлаи пешравони бузурги тағйири сабки сухан дар нимаи аввали қарни шашуми ҳиҷрӣ ва аз касонест, ки дар сухани ӯ шеър ба лаҳҷаи умумии аҳли адаб ва қалам, ки омезиши фаровоне бо забони арабӣ ҳосил карда буд, наздик шуд» [16, с.306]. Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» ҳам зимни шарҳи ҳол ва эҷодиёти шоир гуфтааст, ки «дар ин фан (шеъру шоирӣ – С.Ҳ.) саромади акрон шуд» [15, с.650].

Ба андешаи ин донишманд, Абдулвосеи Ҷабалӣ аз пешравони бузурги тағйири сабки сухан дар миёнаи асри XII маҳсуб меёбад ва аз касонест, ки дар сухани ӯ шеър ба лаҳҷаи умумии замон, ки то он вақт омезиши бештаре аз собиқ бо забони арабӣ ҳосил карда буд, наздик шуд [15, с.651]. Дар воқеъ, ҳангоми мутолиаи девони шоир чунин ба назар мерасад, ки дар шеъри ӯ луғоти арабӣ, мафоҳими динӣ, иттилооти донишҳои гуногун хеле зиёд истифода шудаанд, бахусус дар қасоиди шоир. Ба замми ин, луғатҳои номаънуси тозиро низ бояд ба эътибор гирифт. Аз сабаби он ки дар асри шоир лаҳҷаи умумии мардум бо калимаҳои арабӣ бештар даромехта буд ва илали онро мо дар таълими шуаро дар мадориси гуногун медонем, забони шеърро бо лаҳҷаи умумӣ наздик сохтааст. Муламмаъҳое, чун: Кал барқӣ фӣ даҷайта ва-ш- шамсӣ ва-з-зуҳо [6, с.14]; Лианна нафси муъталат камо тадрӣ ва ан ҳоли мухталат камо таълам [6, с.274] ва таркибҳое, амсоли: Зот-ул-ҳибак–шамс-уз-зуҳо [6, с.22], Байтул ҳарам [6, с.23], нафх-ус-сур [6, с.39], риҳ-уш-шимолӣ явм-ул-ҳисоб–фасл-ул-хитоб, Ҳусн-ал-маоб-нор-ул-ҷаҳим [6, с.40]. Зот-ул-буруҷ – дор-ус-салом [6, с.267], явм-ул-ҳашр [6, с.127], ҷаннат-ул-маъво [6, с.125], сареъ-ул-фано – бадр-уд-дуҷо – дор-ул-ҷазо [6, с.90], ҳубб-ул-муин [6, с.8]-ро баргузидаву истифода кардааст, ки бе надонистани маънии онҳо ба дарки гуфтаи шоир душворӣ мекашем. Чунончи, ба намунаҳои зерин таваҷҷуҳ намоем:

Дӯстону носиҳонро дар вифоқу меҳри ӯст
Давлати дор-ун-наъиму неъмати ҳусн-ал-маоб.
Душманону ҳосидонро дар хилофу кини ӯст
Савлати нор-ул-ҷаҳиму шиддати су-ул-азоб [6, с.50].

Ва:

Ин яке чун ошиқон аз лаззати лайл-ул- висол,
В-он яке чун осиён аз ҳайбати явм-ул-ҳисоб [6, с.52].

Ва ё:

Зи хубии он зот-ул-имод мансух аст,
Зи хушии он дор-ун-наим ҳайрон аст [6, с.63].

Ё:

Мулкро ҳиммати шоҳиш чу зот-ул-ҳубак аст,
Халкро ҳазрати олиш чу Байтул ҳарам аст [6, с.64].

Ё худ:

Қасри ӯ Байтулҳарому базми ӯ зот-ул-имод,
Хулқи ӯ ҳусн-ал-маобу хашми ӯ дор-ал-бавор [6, с.161].

Ин гуна мисолҳо дар ашъори шоир хеле зиёданд, бо зикри намунаҳои дар боло зикргардида иктифо менамоем.

Абдулвосеи Ҷабалӣ барои ироаи мазмунҳои баланди шеърӣ муҳассаноти бадеиро ихтиёр карда, то тавониста аз маҷмуи санъатҳои бадеӣ дар ашъораш корбаст намудааст. Байте нест, ки дар ашъори шоир берун аз санъатҳои бадеӣ бошад ва як хусусияти шеъри ӯ он аст, ки дар як байт чанд санъати бадеӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Довариҳои Забеҳуллоҳи Сафо атрофи шеъри Ҷабалӣ ба ҳақиқат наздик буда, ин донишманд аз ҷумлаи касонест, ки мунсифона доир ба Ҷабалӣ ва овардани санъатҳои зиёди бадеӣ дар эҷодиёташ баҳои воқеӣ додааст: «Таваҷҷуҳи том ба саноеъ дорад, мағлуби онҳо нест, яъне дар ҳама ҳол, ки аз овардани санъатҳои гуногун ғофил намемонад, маонии дақикро дар мадҳ ва тағаззулу насиб ба кор барад…ва санъат дар назди Абдулвосеъ василаест барои ёдоварии мазомин ва маонии ҷадид ба шоир» [6, с.19].

Бадеуззамон Фурӯзонфар дар «Сухан ва суханварон» Абдулвосеи Ҷабалиро аз шуарои забардаст дониста ва бар ин назар аст, ки бинобар сабаби таваҷҷуҳи зиёд ба саноеи бадеӣ ва асосӣ донистан муҳассаноти бадеиро дар фанни шеър «зебоии маънавӣ ва ҳусни ҳақиқиро аз даст додааст» [17, с.309].

Ба назари мо, овардани шеър бо муҳассаноти бадеӣ дар айни замон ба соҳибсабк будани шоир далолат мекунад.

Гузашта аз ин, Б. Фурӯзонфар қудрати шоирӣ ва табъи баланд доштани Ҷабалиро низ зикр намудааст. Ба ин тавзеҳ, ки каломро оро додан бо саноеи бадеӣ, чун мувозанаву муқобала, тарсеъу таҷнис аз гӯянда табъи баландро талаб мекунад. Чунин вижагиҳоро Ҷабалӣ доро ва дар ин ҷода ба дараҷаи устодӣ ҳам расида буд. Вай ба осонӣ метавонист дилхоҳ саноеи бадеиро моҳирона дар шеър ба кор барад. Ба ҳамин сабаб, Муҳаммад Авфии Бухороӣ муътакид аст, ки «ҳеҷ кас бар минволи ӯ сухан нагуфта» [1, с.651].

Ҳамин боис гардид, ки бо овардани луғати арабӣ ва фаровон истифода бурдани саноеи бадеӣ аз содагии сабки хуросонӣ убур карда, ба мушкилбаёнии сабки ироқӣ бипайвандад.

Дар зимн, наметавон ба гуфтаи Фурӯзонфар розӣ шуд, зеро на ҳамаи абёти девони шоир, ки дар қолаби санъатгарӣ рехта шудаанд, ҳусни маънавиро аз даст додаанд, балки бо диққат ба назар мерасад, ки аглаб доди суханро дода ва дар шакли писандида эҷод кардааст. Ин гуфтаҳоро бо андешаҳои Муҳаммад Парвини Гунободӣ тақвият мебахшем, ки овардааст: «Аммо набояд пиндошт, ки ба кор бурдани санъатҳои бадеӣ яксара шеъри Ҷабалиро мутакаллиф ва гӯшхарош сохтааст, балки дар бархе аз мавридҳо, ки шоир ба равиши табиитар ин гуна ҳунарҳоро овардааст, бар мизони лутфу гироии сухан басе афзудааст. Чунонки санъати тарсеъ ва мувозана дар ин байт:

Кабоб шуд дили ман з-ин фироқи нокомат,
Хароб шуд дили ман з-ин вафоти ногоҳат» [7, с.258].

Ба қавли устод Худоӣ Шарифов, «дар натиҷаи афзудани нуфузи дин дар ин айём, хуруҷи алфози араб, тоза нашудани мавзуи қасидаи дарборӣ ва монанди ин сохти забони қасида хеле мураккаб шуда, дар он санъатҳои мураккабтарин истифода шудан гирифт. Илова бар ин, ҷойи тасвирҳои содаи табиӣ ва ҳолатҳои воқеиро баёни хаёлангез ва мавҳуми руҳияи шоирони мушкилписанд, ба мисли Муиззӣ, Абдулвосеи Ҷабалӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва дигарҳо гирифт» [18, с.35].

Аз рӯйи гуфтаи устод, ки Ҷабалиро шоири «мушкилписанд» гуфтааст, ин худ гувоҳ бар он аст, ки Абдулвосеи Ҷабалӣ тағйири сабк намудааст.

Абдулҳусайни Зарринкӯб дар «Сайре дар шеъри форсӣ» чунин қазоват намуда, ки «Абдулвосеи Ҷабалӣ ҳарчанд табъи қавию қареҳаи тавоно доштааст, лекин ҳиммати худро бештар сарфи санъатҳои лафзӣ кардааст ва девони ӯ аз ин ҷиҳат, тақрибан ҷуз маҷмуае аз саноеъ ва маҳосини бадеъ чизе нест» [11, с.47].

Ба андешаи ин донишманд наметавон розӣ шуд, зеро Ҷабалӣ бо овардани ин ҳама саноеъ аз халқи маъниҳои ноб низ эҷодиёташ бебаҳра намондааст. Барои таҳвияти андеша порчае аз тағаззули шоирро меоварем:

Хӯрд бояд, чун нишастӣ дар сафи мардони ишқ,
Бодаи меҳнат зи дасти қаҳру дар ҷоми азоб.
Ҳар кӣ бошад ошиқи ҷонон, напардозад ба ҷон,
Ҳар кӣ бошад толиби гавҳар, наандешад зи об.
Чист ишқ? Охир, ки ҳар соат кунад таъсири он,
Сад ҳазорон чеҳраро афзун ба хуни дил хизоб.
Дар дили оқил наёбӣ сӯзи ишқ аз баҳри он-к
Кас наёбад чашмаи оби ҳаёт андар сароб [6, с.42].

Муҳаққиқи мазкур бо вуҷуди назари нек надоштан ба эҷодиёти Абдулвосеи Ҷабалӣ, ба табъи қавию қареҳаи тавонои шоир қоил аст, ки бесабаб нест. Зеро ибтикор ва навоварӣ дар тарзи сухан боис гардида, ки тарзи эҷоди Ҷабалӣ аз дигарон фарқ кунад. Аз ин нигоҳ, Ҷабалӣ ба гурӯҳи шоироне шомил мешавад, ки онҳо барои тағйири сабки сухан, пеш аз ҳама, муҳассаноти бадеиро баргузидаанд.

Қазовати Абдулҳусайни Зарринкӯб ба сабки Абдулвосеи Ҷабалӣ чунон аст, ки қазовати Рашиди Ватвот ба ташбеҳоти зеҳнии Азрақии Ҳиравӣ. Чунонки муҳаққиқ Ғаффоров Шоҳрух ёдовар шудааст, «сабаби интиқоди Ватвот ва маънои он дар он аст, ки Азрақӣ аз сабки умумии замон гоҳо хориҷ шудааст ва чунин амали эҷодии шоир нисбат ба замонаш буд, бинобар ин, ба чашми Ватвот ғарибу нописанд тофтааст» [9, с.135].

Ба таври умум, метавон гуфт, ки Абдулҳусайни Зарринкӯб дар тамоми асарҳои тадқиқотии хеш нисбат ба тарзи эҷоди Абдулвосеи Ҷабалӣ назари нек надорад. Вай дар дигар китоби «Аз гузаштаи адаби Эрон» нахуст бар тарзи эҷоди Ҷабалӣ эрод гирифта [10, с.287], дар охир чунин ибрози андеша намудааст: «Абдулвосеи Ҷабалӣ дар назди муосирон ба унвони шоир, адиб ва нависандаи пурмояе шинохта мешуд ва шуҳрати ӯ ба унвони Фарид ва Бадеуззамон ҳам зоҳиран аз ҳамин ҷост» [10, с.288].

Забеҳуллоҳи Сафо дар асари дигараш бо номи «Ганҷи сухан» ошкоро фармудааст, ки Ҷабалӣ аз ҷумлаи бузургтарин пешравони тағйири сабк маҳсуб меёбад. Вай бар он аст, ки Ҷабалӣ «ба каломи оростаи маснуъ ва афзудани пероя̀ҳои лафзӣ бар зеварҳои маънавӣ таваҷҷуҳ дошт ва дар ғазалҳои хеш ҷониби латофати мазомин ва ибтикори маонӣ ва баёни эҳсосоти мутанаввеъро риоят мекард» [16, с.306].

Қазовати возеҳи Забеҳуллоҳи Сафо дуруст аст, ки ӯ Абдулвосеи Ҷабалиро саҳмгузор дар тағйири сабк медонад. Ин аз гуфтаҳои Абдулҳусайни Зарринкӯб ҳам бармеояд, он ҷо ки ӯро бо алқоби Фарид, ки маънии «ягона» ва Бадеуззамон, ки ба маънии «навовари замон» аст, ёд кардааст. Мо бар он назарем, ки навоварии Ҷабалӣ, қабл аз ҳама, дар ба кор бурдани зиёди муҳассаноти бадеӣ алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, Абдулвосеи Ҷабалиро метавон бо корбасти фаровони санъатҳои бадеӣ ва эҷоди ашъори маснуъ аз ҷумлаи соҳибсабкон ва касоне донист, ки муқаддамоти сабки ироқиро гузоштаанд. Дар асри XII, махсусан миёнаи ин аср, каломи манзум ва мансур дорои сабки нав мегардад. Сабке, ки каломро ороста ва маснуъ мегардонад ва санъатҳои лафзию маънавиро ба таври чашмгире густариш медиҳад. Аз ҷумлаи шоирони саҳмгузор бояд Абдулвосеи Ҷабалиро ном бурд, ки бо каломи ҳунарибунёди хеш дар сабки сухан тағйирот ворид сохтааст.

Ба сурати умум, сабки нимаи дуюми асри XII дар қасида ва ғазал муқаддимаи зуҳури сабки ироқӣ ба ҳисоб меояд, вале якбора чунин гузариш аз як сабк ба сабки дигар ба вуқуъ намеояд. Барои ин заминае лозим аст, бинобар ин, ба андешаи мо, муқаддамоти гузариш аз сабки хуросонӣ ба сабки ироқиро дар эҷодиёти шоирони ҳамаҳди Ҷабалӣ ҷустуҷӯ кардан андешаи саҳеҳ аст.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб / Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Бо саъйи Эдуард Браун. – Теҳрон: Фахри Розӣ, 1361. – 1036 с.
2. Ғанӣ, Муҳаммад Абдулғанихон. Тазкират-уш-шуаро / Муҳаммад Абдулғанихон Ғанӣ. Ба кӯшиши профессор Муҳаммад Асламхон. – Деҳлӣ: Интишороти Сууди Аҳмади Деҳлавӣ, 1999. – 320 с.
3. Озар, Лутфалибек. Оташкада / Лутфалибеки Озар. Бо кӯшиши Ҳасан Содоти Носирӣ. - Теҳрон: Амири Кабир, 1337. - Ҷ. II. – 914 с.

4. Самарқандӣ, Амир Давлатшоҳ ибни Алоуддавлаи Бахтшоҳи Ғозӣ. Тазкират-уш-шуаро / Амир Давлатшоҳ ибни Алоуддавлаи Бахтшоҳи Ғозии Самарқандӣ. – Теҳрон: Ховар, 1337. – 649 с.
5. Ҳусайни Сабо, Муҳаммад Музаффар. Рӯзи равшан / Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо. – Теҳрон: Интишороти китобхонаи Розӣ, 1343. – 976 с.
6. Ҷабалӣ, Абдулвосеъ. Девон / Абдулвосеи Ҷабалӣ. Ба эҳтимом ва тасҳеҳу таълиқи доктор Забеҳуллоҳи Сафо. Чопи дуввум. – Теҳрон: Амири Кабир, 2536. – 707 с.
7. Гунободӣ, Муҳаммад Парвин. Гузинаи мақолаҳо / Муҳаммад Парвини Гунободӣ. – Теҳрон: Чопхонаи Зар, 2536. – 619 с.
8. Гунободӣ, Муҳаммад Парвин. Девони Абдулвосеи Ҷабалӣ / Муҳаммад Парвини Гунободӣ // Роҳнамои китоб. – № 4. – 1339. – С.468-478.
9. Ғаффоров, Ш. Қасидасарои навовар (Азрақии Ҳиравӣ) / Ш. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 183 с.
10. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз гузаштаи адаби Эрон / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 576 с.
11. Зарринкӯб, А. Сайре дар шеъри форсӣ / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон: Ҳайдарӣ, 600 с.
12. Икромов, И. Масъалаҳои филологияи тоҷик / И. Икромов, М. Раҳмонов, А. Абдуллоев. – Кӯлоб: Сада, 1995. – 134 с.
13. Нарзиқул, М. Ҷойгоҳи сухан / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2006. – 218 с.
14. Нуъмонӣ, Аллома Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам / Аллома Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Теҳрон: Меҳр, 1335. – 288 с.
15. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо. - Теҳрон: Нигори Ҳотиф, 1373. - Ҷ. 2. - 1128 с.
16. Сафо, Забеҳулло. Ганҷи сухан / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон, 1374. – 851 с.
17. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Сухан ва суханварон / Бадеуззамон Фурӯзонфар. – Теҳрон: Хоразм, 1369 ҳ. – 713 с.
18. Шарифов, Х. Ташаккули афкори адабӣ дар асрҳои X-XI / Х. Шарифов. – Душанбе: Офсет–Империя, 2017. – 239 с.
19. Шикебо, Парвин. Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз (Таърихи ҳазорсолаи шеъри форсӣ / Парвин Шикебо. – Теҳрон: Ҳерманд, 1373. – 462 с.

## САҲМИ ҶАБАЛӢ ДАР ТАҒЙИРИ САБКИ НАВИ ШЕЪРӢ

Дар ин мақола доир ба саҳми Абдулвосеи Ҷабалӣ дар тағйири сабки нави шеърӣ сухан ба миён рафтааст. Сабки шеърии роиҷ дар замони Абдулвосеи Ҷабалӣ, дар имтидоди замонии даврони Ғазнавиёну Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён, омехтаи мухтассоти адабии сабки хуросонӣ бо вижагиҳои оғозини сабксоз дар сабки ироқӣ мебошад. Албатта, шеъри давраи зиндагонии Абдулвосеи Ҷабалӣ аз шеъри давраи Сомонӣ фарқи назаррасе дорад. Аз он ҷумла, содабаёнӣ оҳиста-оҳиста ҷойи худро ба сангинии калом медиҳад ва то ҳадде шеъри замони шоир ба пухтагӣ расида, шоироне, чун Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ ба тадриҷ содагии табииро, ки хосси сабки хуросонӣ буд, аз шеъри ин сабк дур месозанд ва онро то ҳадде аз миён мебаранд. Аз ахбори муаллифони сарчашмаҳо, маълумоти баъзе муҳаққиқон, ашъори таркиби девони Ҷабалӣ ва баррасиҳои анҷомдодаи мо маълум мешавад, ки Абдулвосеи Ҷабалӣ соҳиби сабки фардӣ буда, бо ибтикороти худ дар гуфтани шеъри маснуъ дар тағйири сабки нави шеърӣ саҳми муносиб гузоштааст. Агар тағйироти дар сабки сухани Ҷабалӣ рӯйдодаро дар алоқамандӣ ба сабки умумии давраи роиҷ дар замонааш ба андеша бигирем, пас маълум мешавад, ки шоир ба сурати куллӣ дар сабке миёнаи сабки хуросонӣ ва ироқӣ ба шоирӣ пардохта, дар қасидасароӣ сабки маснуъро пайгирӣ кардааст. Бинобар ин, бояд Абдулвосеи Ҷабалиро дар қатори Анвариву Хоқонӣ, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ ва дигарон аз намояндагони барҷастаи сабки ироқӣ донист. Пеш аз ҳама, чунин тағйирот дар сатҳи адабӣ ба назар мерасад, шоир бештар ба баёну бадеъ гаравидааст. Баъдан тағйири асосӣ дар сатҳи фикрӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ашъори шоир истифода аз мафоҳими динӣ, ҳадис, истилоҳоти илмӣ, аз қабили нуҷум, мусиқӣ, фалсафа ва ғайра ба назар мерасад.

**Калидвожаҳо:** Абдулвосеи Ҷабалӣ, маснуъ, сабк, сабки хуросонӣ, сабки ироқӣ, ибтикор ва навоварӣ, санъатҳои бадеӣ, истилоҳоти илмӣ, тансиқуссифат, лаффу нашр, таҷнис, саҷъ.

## ВКЛАД ДЖАБАЛИ В ИЗМЕНЕНИЕ НОВОГО ПОЭТИЧЕСКОГО СТИЛЯ

В данной статье рассматривается вклад Абдулвасе Джабали в изменение нового поэтического стиля. Популярный поэтический стиль во времена Абдулвасе Джабали, в период Газневидов, Сельджукидов и Хорезмшахов представляет собой смешение литературоведов хорасанского стиля с чертами начала иракского стиля. Конечно, поэзия периода жизни Абдулвосе Джабали существенно отличается от поэзии периода Ссаманидов. Среди них простота постепенно уступает место резкости слов, а поэзия периода жизни поэта в какой-то степени созрела, и такие поэты, как Насир Хусрави Кубодиани, Хаким Санаи Газнави и Абдулвосе Джабали, постепенно убрали природную простоту, которая была характерна хорасанскому стиляю из поэзии, они отдаляют этот стиль и убирают его. Из сведений авторов источников, сведений некоторых исследователей, стихов сборника Джабали и наших рецензий видно, что Абдулвасе Джабали имеет индивидуальный стиль, и своей инициативой в чтении искусственных стихов он внес значительный вклад в изменение нового поэтического стиля. Если рассматривать изменения стиля речи Джабали по отношению к общему стилю его времени, то становится ясно, что поэт сочинял стихи в соответствии со средним стилем хорасанского и иракского стилей, а в своей поэзии следовал искусственному стилю. Поэтому следует считать Абдулвасе Джабали на равне с Анвари и Хакани, Джамалиддином Исфахани и другими видными представителями иракского стиля. В первую очередь такие изменения можно увидеть на литературном уровне, поэт больше ориентируется на экспрессию и творчество. Затем основное изменение

наблюдается на ментальном уровне. В стихах поэта можно увидеть использование религиозных понятий, хадисов, научных терминов, таких как астрология, музыка, философия и т.д.

**Ключевые слова**: Абдулвасе Джабали, искусство, стиль, хорасанский стиль, иракский стиль, новаторство, художественное искусство, научные термины, классификация качества, произношение, интерпретация.

**JABALI'S CONTRIBUTION TO CHANGING A NEW POETIC STYLE**

This article discusses the contribution of Abdulvase Jabali to the change in the new poetic style. The popular poetic style during the time of Abdulvase Jabali, during the period of the Ghaznavids, Seljukids and Khorezmshahs, is a mixture of literary scholars of the Khorasan style with features of the beginning of the Iraqi style. Of course, the poetry of the period of the life of Abdulvose Jabali differs significantly from the poetry of the Ssamanid period. Among them, simplicity gradually gives way to the harshness of words, and the poetry of the period of the poet's life has matured to some extent, and poets such as Nasir Khusravi Kubodiani, Hakim Sanai Ghaznavi and Abdulvose Jabali gradually removed the natural simplicity that was characteristic of the Khorasan style from poetry, they push that style away and take it away. From the information of the authors of the sources, the information of some researchers, the poems of the Jabali collection and our reviews, it can be seen that Abdulvase Jabali has an individual style, and with his initiative in reading artificial poetry, he made a significant contribution to changing the new poetic style. If we consider the changes in the style of Jabali's speech in relation to the general style of his time, it becomes clear that the poet composed poems in accordance with the average style of the Khorasan and Iraqi styles, and in his poetry he followed an artificial style. Therefore, Abdulvase Jabali should be considered on an equal footing with Anvari and Khakani, Jamaliddin Isfahani and other prominent representatives of the Iraqi style. First of all, such changes can be seen at the literary level, the poet focuses more on expression and creativity. Then the main change is observed at the mental level. In the poet's poems, one can see the use of religious concepts, hadiths, scientific terms such as astrology, music, philosophy, etc.

**Key words:** Abdulvase Jabali, art, style, Khorasan style, Iraqi style, innovation, art, scientific terms, quality classification, pronunciation, interpretation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собиров Ҳамза Юсуфович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 988-52-70-83**

**Сведения об авторе:** ***Собиров Хамза Юсуфович*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры истории таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-52-70-83**

**Information about the author:** ***Sobirov Khamza Yusufovich*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Senior Lecturer at the Department of History of Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. Phone: **(+992) 988-52-70-83**

УДК: 491.550

# ТАҶАССУМИ ЗИНДАГИНОМАИ АБУЛҲАСАН АЛӢ ИБНИ ҲАСАНИ БАЙҲАҚӢ ДАР САРЧАШМАҲОИ МУЪТАМАД

***Қаландаров М.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Заҳируддин, Фариди Хуросон Абулҳасан Алӣ ибни Зайд ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Фундуқи Байҳақӣ (490 / 1096 - 565 / 1169) яке аз донишмандону адибони маъруфи аҳди худ маҳсуб ёфта, бо фаъолияти пурмаҳсули хеш дар ғаноманд гардонидани фарҳангу тамаддуни арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ хидмати арзандае ба анҷом расонидааст. Бино бар маълумоти Тоҷиддини Субкӣ Фундуқ номи яке аз ниёгони ӯ буда, баъдан ӯ бо ин лақаб низ маъруфият пайдо кардааст [16, 1, 217, 345]. Ҳоҷӣ Халифа низ бо такя ба нигоштаҳои Субкӣ Ибни Фундуқ лақаб доштани Байҳақиро таъйид намудааст [21, 2, 1101]. Аммо дар ягон мадрак санадеро наметавон пайдо намуд, ки худи Байҳақӣ бо ҳамин лақаб худро муаррифӣ карда бошад. Фузун бар ин, аз донишмандони баъдӣ, ба мисли Ёқути Ҳамавӣ ва Фасеҳ Хавофӣ, ки зиндагинома ва эҷодиёти Байҳақиро дар заминаи осори ӯ аз забони худаш ба қайд овардаанд, наметавон ишораеро ба лақаби Ибни Фундуқ доштани ӯ пайдо намуд [20, 4, 1759-1761; 19, 2, 242].

Аммо лақаби дигараш “Заҳируддин”-ро худ дар оғози китобаш “Татимат Сивон-ул-ҳикма” овардааст [5, 14]. Донишманди асри сенздаҳум Шаҳрузурӣ низ дар китоби “Нузҳат-ул-арвоҳ”-и худ Байҳақиро бо ҳамин лақаб зикр кардааст [18, 2, 81]. Лақаби дигари Байҳақӣ “Ҳуҷҷатуддин” аст, ки дар муқаддимаи китоби “Ҷавомиъ аҳком ан-нуҷум” ва ҳамчунин “Маорич Наҳҷ-ул-балоға”-и ӯ омадааст [4, 95]. Шамсуддини Заҳабӣ низ Байҳақиро бо ҳамин лақаб ном бурдааст [11, 20, 585].

Лақаби дигари Байҳақӣ “Фариди Хуросон” дар муқаддимаи китоби ӯ “Маорич Наҳҷ-ул-балоға” омадааст [4, с.95].

Соири алқоби Байҳақӣ “Фаридуддин” мебошад, ки танҳо Ҷувайнӣ онро зикр намуда ва дар манбаъҳои дигар умуман дида намешавад [22, с.504].

Дар баъзе аз сарчашмаҳои адабии асримиёнагӣ Абулҳасани Байҳақиро бо ҳамноми ӯ – Шарафуддин Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасани Байҳақӣ, ки сиёсатмадор, адиб ва шоири машҳур буд, омехта намудаанд. Ҳамин иштибоҳу омехтагӣ нахуст дар тазкираи “Харидат-ул-қаср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ба чашм мерасад [9, с.98]. Дар он муаллиф зимни шарҳи аҳволу осори Шарафуддин Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасани Байҳақӣ китоби “Вишоҳ-уд-Думят”-ро ба ӯ нисбат медиҳад. Донишманди тоҷик Марҳабо Раҷабова зимни омӯзиши “Харидат-ул-қаср” ба ин масъала равшанӣ андохтааст ва навиштаҳои Имодуддини Исфаҳониро дар ин хусус мавриди таҳқиқ қарор дода, дар маълумоти муаллифи “Харидат-ул-қаср” ҷой доштани ихтилоф ва ба ҳам омехта намудани ду нафар шахсияти маъруфи замонро собит намудааст. Муҳаққиқи мавсуф таъкид доштааст, ки дар натиҷаи саҳву хатои Имодуддини Исфаҳонӣ, ҳамин ихтилоф ба сарчашмаҳои дигар низ роҳ ёфтааст, зеро ки бештари муаллифони осори адабию таърихӣ зимни шарҳи аҳволу эҷодиёти адибони асри XII ба маълумоти “Харидат-ул-қаср” такя кардаанд [14, с.124-129].

Воқеан ҳам ин масъала ба Ёқути Ҳамавӣ низ пӯшида мондааст, зеро ӯ нигоштаҳои Имодуддини Исфаҳониро ба қайд оварда, ҳамзамон афзудааст, ки чун қавли Байҳақӣ дар бораи худаш ва гуфтаҳои муаллифи “Харидат-ул-қаср” муқоиса карда шавад, дар он ихтилоф дар таърих ва ғайра ба мушоҳида мерасад: “Имод инчунин дар китоби худ овардааст ва агар бо сухани Байҳақӣ, ки ман калима ба калима аз хатти худаш нақл кардаам, дугонагӣ мебинӣ, ба сабаби ихтилофе аст, ки ин ду навишта бо якдигар доранд ва Худо донотар аст...” [20, 4, 1765].

Аз ин ҷо бармеояд, ки Ёқути Ҳамавӣ ҳамон Шарафуддини Байҳақиро бо Абулҳасани Байҳақӣ як шахс ба шумор овардааст. Ҳамин иштибоҳро муаррихони дигар низ такрор намудаанд. Аз ҷумла, Шамсуддини Заҳабӣ зимни матраҳ кардани зиндагиномаи Байҳақӣ ӯро “Вазири аллома, соҳиби нигоштаҳо, Шарафуддин Ҳуҷҷатуддин Абулҳасан Алӣ ибни Абулқосим Зайд ибни Амираки Ансории Авсии Хузаймӣ нисбат ба Хузайма ибни Собит, Бустии Байҳақӣ, ки соли 526 дар ноҳияи Байҳақ ҳукумат дошт” хондааст [11, 20, 585]. Ибни

Фуватӣ низ ба сурати “Шарафуддин Абулҳасан Алӣ ибни Зайд ибни Муҳаммад Амирак Ансории Байҳақӣ” номидани ӯ ҳамин роҳи иштибоҳро пайгирӣ намудааст [7, 4, 342; 5, 450].

Бархе аз пажӯҳишгарони муосир низ дар таҳқиқоти худ ин ду нафарро ба ҳам омехта намудаанд. Чунончи, Муҳаммад Беҳҷат ал-Асарӣ ва Ҷамил Саид дар шарҳи худ бар қасидаи дар мадҳи Шарафуддини Байҳақӣ сурудашуда ин иштибоҳро такрор кардаанд. Аз ҷумлаи абёти қасидаи мазкур чунин аст:

و خراسان فصوناً و ضافياً  إنها أرض على بن الحسن

Хуросон сарзамини фароху босафост ва он меҳани Алӣ ибни Ҳасан аст [8, 1, 322].

Муҳаққиқони мазкур дар ҳошияи пажӯҳиши худ менависанд: “Ӯ Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ аст ва Ҳасан аз ниёкони ӯст” [8, 1, 322]. Ҳамчунин онҳо дар ҷои дигари таҳқиқи худ Байҳақиро чунин муаррифӣ мекунанд: “Ӯ Шарафуддин Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ аз фарзандони Хузайма Зувшаҳодатайн аст” [8, 1, 278]. Аз ин ҷо бармеояд, ки ин ду муҳаққиқ дар шинохти Абулҳасани Байҳақӣ ва Шарафуддини Байҳақӣ ба хатогӣ роҳ дода, онҳоро як шахс муаррифӣ кардаанд.

Бино ба гуфтаи аллома Абдулазизи Таботабоӣ нахустин касе, ки ба омехтагии миёни ин ду тан пай бурдааст, Саййид Ҷалолуддин муҳаддиси армавӣ буд, ки дар таълиқоташ бар девони шоири садаи дувоздаҳум Қавомии Розӣ, ки Шарафуддинро мадҳ гуфтааст, ба ин мавзӯъ ишора кардааст [17, с.718].

Омӯзиши сарчашмаҳо ва таҳқиқоти муосир нишон медиҳанд, ки донишмандони асримиёнагӣ дар таъйин намудани шахсияти ду нафар бузургмардони аҳди худ ихтилоф варзидаанд. Яке аз онҳо волии Рай, шахсияти сиёсӣ, адибу шоир Шарафуддин Заҳирулмулк Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасани Байҳақӣ мебошад, ки соли 532 / 1138 дар Қатвон шаҳид гаштааст. Шарҳи зиндагиномаи аз номи падараш дар “Харидат-ул-қаср” дарҷ намудаи Имодуддини Исфаҳонӣ ба ӯ мансуб мебошад [9, с.99].

Дувумӣ Ҳуҷҷатуддин, фариди Хуросон Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ аз авлоди Хузайма Зувшаҳодатайн, яке аз саҳобагони Паёмбари ислом (с) мебошад, ки муаллифи “Таърихи Байҳақ”, “Вишоҳ-уд-думят” ва дигар осор буда, соли 565 / 1169 вафот кардааст.

Муътамадтарин сарчашмаи аҳволу осори Байҳақӣ “Иршод-ул-ариб” ба шумор меравад, ки дар он Ёқути Ҳамавӣ қиссаи рӯзгорашро ба нақл аз китоби “Машориб-ут-таҷориб” пурра зикр карааст. Байҳақӣ дар зиндагиномае, ки худ дар китоби мазкураш навиштааст, перомуни таърихи мавлуди худ чунин мегӯяд: “Ман, Абулҳасан Алӣ ибни Имом Абулқосим Зайд ибни Ҳоким Имом Амирак Муҳаммад ибни Ҳоким..., мавлудам рӯзи шанбеи 27-уми моҳи шаъбони соли 499 ҳ. дар шаҳри Сабзавор, яке аз навоҳии Байҳақ ба вуқӯъ пайвастааст...” [20, 4, 1759 - 1760].

Бо такя ба суханони мазкури Байҳақӣ таърихнигорону адибони асримиёнагӣ таърихи таваллуди ӯро соли 499 / 1105 сабт кардаанд [11, 20, 585]. Аксари муҳаққиқони муосир Аз ҷумла, Зириклӣ дар “ал-Аълом” [12, 4, 499), Умар Ризо Каҳҳола дар “Муъҷам-ул-муаллифин” [13, 7, 97], Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ дар муқаддимаи китоби “Маъорич Наҳҷ-ул-балоға” [4, с.17] низ ҳамин таърихро қабул доштаанд. Аз ховаршиносони аврупоӣ Карл Брокелманн низ бо натиҷагирӣ аз маълумоти сарчашмаҳо таърихи мавлуди Байҳақиро 27 моҳи шаъбони соли 499 ҳ. / 5 маи соли 1105 мелодӣ таъйин намудааст [6, 6, 40-41].

Аммо гуфтаҳои дар китоби “Машориб-ут-таҷориб” ба қайд овардаи Байҳақӣ бо сухани ӯ дар “Таърихи Байҳақ” мувофиқат намекунад, зеро ба ҳангоми зикри воқеаи кушта шудани вазир Фахрулмулк ибни Низомулмулк, ки дар соли 500 / 1106 сурат гирифтааст, ӯ мегӯяд: “Қатли Фахрулмулк дар ошӯрои соли панҷсад буд ва ман онро дар ёд дорам ва дар аҳди кӯдакӣ дар дабиристони Муаллим будам ба Нишопур” [2, с.76]. Бино ба эътирофи Имодуддини Исфаҳонӣ низ дар “Таърих давлат Ол Салҷуқ” куштори Фахрулмулк рӯзи ошӯрои соли 500 / 1106 ба вуқуъ пайвастааст [10, с.244].

Нахустин касе, ки барои бартараф кардани ин таноқуз кӯшиш намуд, донишманди эронӣ Муҳаммад Мушкот буд. Ӯ умри Байҳақиро дар замони кӯдакӣ байни 12 то 13 сол арзёбӣ карда, бо назардошти ин, эҳтимолан байни солҳои 487/ 1095 то 500/ 1106 ба дунё омадани ӯро саҳеҳ шуморидааст. Сипас Муҳаммад Мушкот бо истинод ба сухани Байҳақӣ, ки Ёқути Ҳамавӣ онро нақл карда ва таваллудашро дар рӯзи шанбеи 27-уми моҳи шаъбони соли 499 ҳ. овардааст, ба тақвими Фердинанд ва дигар тақвимҳои қадима муроҷиат намуда, аз рӯи ҷадвали додашуда ин таърихро бо он қиёс кардааст. Ӯ ду рӯзро мутобиқ бо он таърих

пайдо кард: яке шанбеи 27-уми шаъбони соли 488 ҳ. ва дигарӣ шанбеи 27-уми шаъбони соли 493 ҳ.. Муҳаммад Мушкот бо омӯзиш ва муайян кардани таърихҳои мазкур рақами 493-ро интихоб мекунад, зеро дар рақамҳои арабӣ он бо ададҳои 490 ва 499 шабеҳтар мебошад. Ӯ ба хулосае мерасад, ки ба занни қавӣ рӯзи таваллуди Байҳақӣ шанбеи 27 шаъбони соли 493 ҳ. аст. Бинобар ин, ба ҳангоми кушта шудани Фахрулмулк (10 муҳаррами соли 500 ҳ.) синни Байҳақӣ ба шаш солу чаҳор моҳу сездаҳ рӯз расида будааст [2, с.14].

Пас аз чунин пажуҳиши мӯшикофона дар муайян намудани таърихи таваллуди Байҳақӣ муҳаққиқони дигар онро қобили қабул донистаанд. Аз ҷумла, Абдулазизи Таботабоӣ ин назарро қабул намуда ва менависад: “Ҳамон гуна ки устод Саййид Муҳаммад Мушкот дарёфтааст, Байҳақӣ дар соли 493 ҳ. ба дунё омада, аммо ин таърих ба 499 ҳ. тасҳиф шудааст” [17, с.722]. Ҳамчунин Шиҳобуддини Маръашии Нақафӣ низ дар муқаддимаи худ бар китоби “Лубоб-ул-албоб” чунин мегӯяд: “Байҳақӣ дар соли 493 ҳ. ба дунё омад” [1, 1, 157].

Вале бино ба маълумоти Фасеҳи Хавофӣ ҳангоми ба итмом расонидани “Таърихи Байҳақ” дар соли 544 ҳ. Байҳақӣ 54 сола будааст. Агар ин маълумот дуруст бошад, пас таърихи таваллуди Байҳакӣ ба соли 490 ҳ. рост меояд. Бо назардошти ин, муҳаққиқи араб Юсуф ал-Ҳодӣ чунин тахмин менамояд, ки ибораи “27-уми шаъбон”, ки дар “Мӯъҷам-ул-удабо” омадааст, низ аз ҷониби нусхабардорон шояд тасҳиф шуда бошад ва ибораи дуруст бояд чунин бошад: “рӯзи шанбеи 19 шаъбони соли 490 ҳ. ба дунё омадам” [2, с.15]. Сипас, Юсуф ал-Ҳодӣ назарияи худро бо чунин далелҳо собит менамояд:

1. Фасеҳ Хавофӣ ба ҳангоми зикри рӯйдодҳои соли 544 ҳ. менависад: “Ҳамон гуна ки Абулҳасан ибни Абулқосими Байҳақӣ навиштааст... нигориши китоби “Таърихи Байҳак” дар муҳаррами соли 544 ҳ. ба итмом расид ва дар он замон ӯ марде 54 сола буд” [19, 2, 242]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки муаррих Фасеҳ Хавофӣ соли таваллуди Байҳақиро соли 490 ҳ. донистааст. Ба андешаи Юсуф ал-Ҳодӣ огоҳиҳои дақиқи муаррихи мавсуф дар бораи солу моҳи рӯйдодҳои дар “Таърихи Байҳак” овардашуда ҳамагӣ нишонгари он аст, ки ӯ ба манбаи вижае дастрасӣ дошта ва ин иттилоотро аз он нақл кардааст.

2. Нусхабардорони дастнависҳо аҳлаб вожаи “тисъ” ва “тисъа” (нӯҳ) ва –ро ба “сабъ” ва “сабъа” (ҳафт) ва ё баръакс тағйир медоданд. Аз ин хотир, эҳтимоли тасҳифи “тисъ ва тисъун” (наваду нӯҳ) ба “сабъ ва сабъун” (ҳафтоду ҳафт) ё акси он бисёр зиёд аст, аммо тасҳифи “салоса ва тисъун” (наваду се) ба “тисъ ва тисъун” (наваду нӯҳ) аз назар дур менамояд, зеро ки дар тарзи навишти “тисъ” ва “салос” ҳеҷ гуна шабоҳате вуҷуд надорад. Бинобар ин, аз дидгоҳи нусханависӣ назари Муҳаммад Мушкот ва пайравонаш, ки соли таваллуди Байҳақиро 493 ҳ. арзёбӣ кардаанд, наметавонад дуруст бошад.

3. Бо муроҷиат ба ҷадвалҳои таърихӣ мушоҳида мегардад, ки рӯзи 19 шаъбони соли 490 ҳ. ба рӯзи шанбе рост меояд. Бо ин тартиб, ин таърих бо гуфтаи Фасеҳ Хафоҷӣ, ки Байҳақиро дар соли 544 ҳ. марде 54-сола муаррифӣ кардааст, комилан созгор ва ҳамоҳанг аст [2, с.15-16].

Дар асоси чунин санадҳои боварибахш метавон муайян намуд, ки воқеан ҳам Байҳақӣ 19 шаъбони соли 490 ҳ. мутобиқ ба соли 1096 мелодӣ ба дунё омадааст.

Гузаштагони Абулҳасани Байҳақӣ, ки аз сабаби нисбаташон ба Ҳоким Фундуқ ибни Айюб бо номи ҳокимиён ва фундуқиён маъруф буданд ва таборашон ба саҳобӣ Хузайма ибни Собит мерасид, дар деҳаи Сивори ноҳияи Болиштон аз музофоти Буст, ки “шаҳре аз шаҳрҳои Кобул миёни Ҳирот ва Ғазна” [15, 1, 348] (дар Афғонистони имрӯза) воқеъ гардида буд, иқомат доштанд. Сипас бобокалони ӯ Ҳоким Фундуқ ибни Айюб (ваф. 419 / 1029) аз он сарзамин ба Нишопур муҳоҷират кард ва ба дастури Султон Маҳмуд ва таваҷҷӯҳи вазираш Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ, ки соли 400 / 1010 ба вазорат расида, то соли 416 / 1026 дар маснади вазирӣ қарор дошт, ба вазифаи қозии муфтиёт таъйин гардид. Перомуни то ба кай дар ин вазифа боқӣ мондани ӯ маълумоте мавҷуд нест, аммо то ҷое, ки маълум аст, ӯ мехост аз ин кор канорагирӣ намояд. Баъдан дар деҳаи Сармастонаи ноҳияи Байҳақ заминеро харид ва ба ниёбат аз ӯ шахсе бо номи Азизӣ шуғли қазои Байҳакро бар ӯҳда гирифт ва додрасии ду шаҳр – Бастом ва Домғонро ба ду фарзандаш, Ҳасан ва Аҳмад вогузор намуд. Аз ахбори мазкур бармеояд, ки Ҳоким Фундуқ ибни Айюб дар умури динию сиёсӣ мақоми худро пайдо карда буд ва фарзандону наберагонаш, аз ҷумла Алӣ ибни Зайд дар шаҳри Байҳақ бо шуғли додрасӣ машғул буданд [20, 4, 1760].

Падари ӯ Шамсулислом Зайд (447 / 1056-517 / 1124) зиёда аз бист сол дар Бухоро иқомат кард ва бино ба нигоштаҳои худи Байҳақӣ падараш бо донишмандони он сарзамин, ки баъзеро дар “Таърихи Байҳақ” зикр кардааст, рафтуомад дошт ва бо бархе аз номоварони он диёр, ки аҳли дониш буданд ва бо ӯ дарс мехонданд, дӯстӣ дошт. Соли 503 / 1110 дар синни 56 солагӣ падари Байҳақӣ бар асари табобати нодурусти пиразане, ки табиби чашм буд, кӯр шуд ва он пиразан фирор намуд. Падари Алӣ ибни Зайд шахси донишманд, шоир ва адиб буд ва бо гурӯҳе аз номоварони замони худ, ки дар байни онҳо Умари Хайём низ буд, пайвандҳое дошт. Байҳақӣ мегӯяд, ки дар соли 507 ҳ. ба ҳамроҳии падараш бо Умари Хайём дидор кард. Хайём ба ӯ ду пурсиш матраҳ кард. Яке дар бораи маънии байте аз ашъори “Девон-ул-ҳамоса” ва дигарӣ дар ҳандаса. Чун Байҳақӣ аз посух ба пурсишҳояш сарбаланд берун омад, Хайём ӯро бо овардани масале ситоиш намуд ва дар донишу заковатмандӣ ба падар ва гузаштагонаш шабоҳат дод ва сипас гузаштагонашро низ ба илму дониш сутуд [5, 119, 122-123].

Байҳақӣ ҳанӯз аз овони кӯдакӣ бо омӯзиши илмҳои мухталиф фаро гирифта шуда буд. Дар робита ба ин, ӯ дар зиндагиномаи худнавишташ мегӯяд: “Падарам маро ба мактабхона супурд. Сипас ба деҳаи Шаштмад, яке аз деҳаҳои он ноҳия, ки падарам дар он ҷо мулку замине дошт, кӯчидем. Дар рӯзгори кӯдакӣ китобҳои “ал-Ҳодӣ ли-ш-шодӣ” ва “ас-Сомӣ фи-л-асомӣ”-и Майдонӣ, “ал-Масодир”-и Қозӣ Завзанӣ (ваф. 486 / 1094), “Ғариб-ул-Қуръон”-и Азирии Сиҷистонӣ (ваф. 330 / 942)”, “Ислоҳ-ул-мантиқ”-и Абуюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Сакият (кушташуда дар соли 246 / 861), “ал-Мунтаҳал”-и Амир Абулфазли Миколӣ (ваф. 436 / 1045), ашъори Мутанаббӣ, “ал-Ҳамоса”, “ас-Сабъиёт (муаллақоти ҳафтгона), “Китоб-ут-талхис фи-н-наҳв” ва сипас китоби “ал-Муҷмал”-и Аҳмад ибни Форис ибни Закариё (ваф. 395 / 1005)-ро, ки дар илми луғат буд, аз бар кардам” [20, 4, 1759].

Аз ахбори болоӣ бармеояд, ки Байҳақӣ ҳанӯз аз овони кӯдакӣ ба омӯзиши амиқи илмҳои мухталиф машғул гардида, дар ин замина ба дастовардҳои назаррасе ноил гардида буд. Аз маълумоти Байҳақӣ аён мегардад, ки саромади омӯзгорону раҳнамоёни илм барои ӯ падараш Шамсулислом маҳсуб меёфт. Ӯ дар ҷое, ки аз устодонаш дар илми калом ёд мекунад, мегӯяд: “Дар рӯзгори худ аз мутакаллимон касонеро дидам, ки шаъне волотар ва мақоме гиромитар доранд. Онон чунон дар далелу бурҳон даст доранд, ки чун бодҳо дар миёнаи дарёҳо ҳастанд... аз он миён... падарам Имом Абулқосим, ки ҳар кас дар нигоштаҳои ӯ ба номи “Лубоб-ул-албоб”, “Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ” ва “Мифтоҳ боби-л-усул” бингарад, хоҳад донист, ки ӯ дар ин ришта гӯӣ сабқатро рабудааст ва соҳиби нишонаҳое аст” [4, с.157].

Байҳақӣ ҳамеша аз қиблагоҳи худ бо самимият ва садоқати афзун ёд мекунад ва аз ҷумла дар дар бораи таърихи вафоти падараш чунин мегӯяд: “Падарам моҳи ҷумоди-юл-охири соли 517 ҳ. аз олам чашм пӯшид ва моҳи зулҳиҷҷаи соли 518 ҳ. ба Марв интиқол гардидам...” [20, 4, 1761].

Афзун бар ин, дар бораи модари худ низ ҳамчун зани донишманд сухан мекунад ва зимни овардани санаи аз дунё рафтани ӯ ба ин нукта ишора менамояд: “Соли 549 ҳ. ба зиёрати модар рафтам ва дар ин сол писарам Аҳмад ва модарам аз дунё гузаштанд. Модарам ҳофизи Қуръон ва олими тафсир буданд” [20, 4, 1762].

Ёқути Ҳамавӣ фавти Байҳақиро соли 565 / 1169 таъйин намудааст [20, 4, 1759]. Ҳамин таърих дар сарчашмаҳои дигар ва осори таҳқиқӣ ҳамчун соли вафоти Байҳақӣ қабул карда шудааст [6, 6, 40-41].

Омӯзиши сарчашмаҳои муътабар роҷеъ ба таърихи таваллуд ва рӯзгори Абулҳасани Байҳақӣ ва ҳамчунин қиёси санадҳои онҳо бо осори ин донишманди мумтоз нишон медиҳанд, ки воқеан ҳам ӯ нақши муассире ба равнақу ривоҷи фарҳангу тамаддуни арабӣ-исломӣ гузоштааст. Дар натиҷаи таҳқиқи манобеи муътамад ва пажуҳишоти муҳаққиқони муосир аён гардид, ки маълумоти сарчашмаҳо бо ахбори дар асарҳои ӯ овардашуда мувофиқат намекунанд. Бо саъю талоши бархе аз олимони муосир ин духӯрагиҳо ва ихтилофот бартараф карда шуд, ки минбаъд барои осон шудани кори муҳаққиқон дар ин самт мусоидат намуданд. Байҳақӣ тамоми умри бобаракати худро бо омӯзишу ҷустуҷӯ ва таълифу тадвини осори илмию адабӣ гузаронида, бо ин фаъолияти худ барои ғаноманд гардидани ганҷинаи илму маърифати замони худ саҳми арзанда гузоштааст.

**Муқарриз:** ***Шодиев М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

## А Д А Б И Ё Т


1. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Эдвард Браун / Муҳаммад Авфӣ. - Лейден: Брилл, 1324/1906, адади ачзоъ - 2, ҷузъи 1. - 480 с., ҷузъи 2. - 560 с.
2. Ал-Байҳақӣ, Абулҳасан Алӣ ибн Зайд. Таърих Байҳақ. Ат-тарҷама ва-т-таҳқиқ-ул-арабӣ Юсуф ал-Ҳодӣ / Абулҳасан Алӣ ибн Зайд ал-Байҳақӣ. - Димашқ: Дор Иқраъ ли-т-тибоъа ва-н-нашр ва-т-тавзиъ, ат-табъат-ул-уло, 1425 / 2004. - 672 с.
3. Байҳақӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Зайд. Таърихи Байҳақ. Бо тасҳеҳ ва таълиқоти Аҳмади Баҳманёр ва муқаддимаи Мирзо Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ / Абулҳасан Алӣ ибни Зайди Байҳақӣ. - Теҳрон, 1317. - 385 с.
4. Ал-Байҳақӣ, Абулҳасан Алӣ ибн Зайд. Маорич Наҳҷ-ул-балоға. Таҳқиқ Асъад ат-Таййиб / Абулҳасан Алӣ ибн Зайд ал-Байҳақӣ. - Қум: ат-табъат-ул-уло, 1380 / 2002, адад-ул-ачзоъ - 2. - 1005 с.
5. Ал-Байҳақӣ, Абулҳасан Алӣ ибн Зайд. Таърих ҳукамои-л-ислом. Таҳқиқ Муҳаммад Курдалӣ / Абулҳасан Алӣ ибн Зайд ал-Байҳақӣ. - Димашқ, 1365 / 1946. - 220 с.
6. Брокелманн, Карл. Таърих-ул-адаби-л-арабӣ / Карл Брокелманн. - Дор-ул-Китоби-л-исломӣ, адад-ул-муҷалладот - 6, ал-муҷаллад 4. - 367 с.
7. Ибн ал-Фуватӣ, Камолуддин. Маҷмаъ-ул-одоб фӣ муъҷами-л-алқоб, таҳқиқ Муҳаммад ал-Козим / Камолуддин ибн ал-Фуватӣ. - Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1374, адад-ул-ачзоъ - 6, ал-ҷузъ 3. - 520 с.
8. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср. Ал-Қисм-ул-ироқӣ. Таҳқиқ ва муқаддима Муҳаммад Беҳҷат ал-Асарӣ. Шорака фи таҳқиқихӣ Ҷамил Саид / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Бағдод: Матбаъат-ул-Маҷмаъи-л-илмиййи-л-ироқӣ, 1375/1955, адад-ул-ачзоъ 4, ал-ҷузъ 1. - 599 с.
9. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Хуросон ва Ҳирот. Тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. - 406 с.
10. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Китоб Таърих давла Ол Салҷуқ. Ихтисор ал-Фатҳ ибни Алӣ ибн Муҳаммад ал-Бундорӣ ал-Исфаҳонӣ. Ширкат табъи-л-кутуби-л-арабия / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Миср: Матбаъат-у
11. л-мавсуот, 1318/1900. - 292 с.
12. Аз-Заҳабӣ, Шамсуддин Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Усмон. Сияр аъломи-н-нубало. Ҳаққақаҳу Башшор Аввод Маъруф ва Муҳй Ҳилол ар-Раҳмон / Шамсуддин Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Усмон аз-Заҳабӣ. - Байрут: Муассаса ар-Рисола, 1402/1982, адад-ул-ачзоъ - 29, ал-ҷузъ 21. - 536 с.
13. Аз-Зириклӣ, Хайруддин. Ал-Аълом. Қомус тароҷим ли ашҳари-р-риҷол ва-н-нисо мин ал-араб ва-л-мустаърибин ва-л-мусташриқин / Хайруддин аз-Зириклӣ. - Байрут: Дор-ул-Илм ли-л-малойин, ат-табъат-ул-хомиса ашара, 2002, адад-ул-ачзоъ - 8, ал-ҷузъ 1. - 336 с., ал-ҷузъ 5. - 336 с., ал-ҷузъ 7. - 352 с.
14. Каҳҳола, Умар Ризо. Муъҷам-ул-муаллифин. Тароҷим мусаннифи-л-кутуби-л-арабия / Умар Ризо Каҳҳола. - Байрут-Лубнон: Муассасат-ур-Рисола, ат-табъат-ул-уло, 1414/1993, адад-ул-ачзоъ - 4, ал-ҷузъ 1. - 843 с., ал-ҷузъ 2. - 680 с., ал-ҷузъ 3. - 950 с.
15. Рачабова М.Т. Тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ва аҳаммияти адабии он // / М.Т. Рачабова. Монография. - Душанбе, 2021 – 200 с.
16. Ас-Самъонӣ, Абусаъд Абдулкарим ибн Муҳаммад ибн Мансур ат-Тамимӣ ал-Марвазӣ. Ал-Ансоб. Ҳаққаҳу нусусаҳу ва ъаллаҳа алайҳи аш-Шайх Абдурраҳмон ибн Яҳё ал-Маъламӣ ал-Ямонӣ / Абусаъд Абдулкарим ибн Муҳаммад ибн Мансур ат-Тамимӣ ал-Марвазӣ ас-Самъонӣ. - Ал-Қоҳира, ат-табъат-ус-сония, 1400/1980, адад-ул-ачзоъ - 12, ал-ҷузъ 1. - 422 с.
17. Ас-Субкӣ, Тоҷуддин Абинаср Абдулваҳҳоб ибн Алӣ Абдулкофӣ. Табақот-уш-шофиъияти-л-кубро. Таҳқиқ Абдулфаттоҳ Муҳаммад ал-Ҳулв ва Маҳмуд Муҳаммад ат-Таноҳӣ / Тоҷуддин Абинаср Абдулваҳҳоб ибн Алӣ Абдулкофӣ ас-Субкӣ. - Дор Ихёи-л-кутуби-л-арабия, 1383/1964, адад-ул-ачзоъ - 6, ал-ҷузъ 6. - 560 с.
18. Таботабоӣ, Абдулазиз. Наҳҷ-ул-балоға абра-л-қурун / Абдулазиз Таботабоӣ / Маҷаллаи “Туросуно”, шумораи 4 (37), соли нӯҳум, шавволи 1414 ҳ. – С. 714-800.
19. Аш-Шаҳрузурӣ, Шамсуддин Муҳаммад ибн Маҳмуд. Нузҳат-ул-арвоҳ ва равзат-ул-афроҳ фӣ таърихи-л-ҳукамо ва-л-фалосифа. Таҳқиқ Ҳуршид Аҳмад. Ҳайдаробод-ал-Ҳинд, ат-табъат-ул-уло, 1396/1976. адад-ул-ачзоъ - 2, ал-ҷузъ 1. - 340 с.; ал-ҷузъ 2. - 360 с.
20. Хавофӣ, Фасеҳ. Муҷмали Фасеҳ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Саййид Муҳсин Ноҷии Насрободӣ / Фасеҳ Хавофӣ. - Теҳрон: интишороти Асотир, 1386, адади ачзоъ -2., ҷузъи 1-545 с.; ҷузъи 2-532 с.
21. Ал-Ҳамавӣ, Шиҳобуддин Абиабдиллоҳ Ёқут. Муъҷам-ул-удабо – Иршод-ул-ариб фӣ маърифати-л-адиб. Таҳқиқ Эҳсон Аббос / Шиҳобуддин Абиабдиллоҳ Ёқут ал-Ҳамавӣ. - Байрут-Лубнон: Дор-ул-Ғарби-л-исломӣ, ат-табъат-ул-уло, 1414/1993, адад-ул-ачзоъ - 7. - 3541 с.
22. Ҳоҷӣ Халифа, Мустафо ибн Абдуллоҳ ал-Котиб ал-Чалабӣ. Кашф-уз-зунун ъан асоми-л-кутуб ва-л-фунун. Маъа муқаддима Шиҳобиддин ан-Начафӣ ал-Маръашӣ / Мустафо ибн Абдуллоҳ ал-Котиб ал-Чалабӣ Ҳоҷӣ Халифа. - Байрут-Лубнон: Дор Ихёи-т-туроси-л-арабӣ, адад-ул-ачзоъ - 2. - 2056 с.
23. Ҷувайнӣ, Алоуддин Атомалик Муҳаммад. Таърихи Ҷаҳонгушой. Тасҳеҳи Муҳаммад Қазвинӣ. Дар як муҷаллад / Алоуддин Атомалик Муҳаммади Ҷувайнӣ. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, чопи дувум, 1391. - 1013 с.


## ТАҶАССУМИ ЗИНДАГИНОМАИ АБУЛҲАСАН АЛӢ ИБНИ ҲАСАНИ БАЙҲАҚӢ ДАР САРЧАШМАҲОИ МУЪТАМАД


Дар мақолаи мазкур масъалаи овони кӯдакӣ, наврасӣ, чавонию камолот ва ташаккули шахсияти Абулҳасани Байҳақӣ бар мабнои маълумоти сарчашмаҳои муътамад баррасӣ шудааст. Ҷиҳати ҳаллу фасли мавзуъ нахуст осори худи Байҳақӣ ҳамчун масдари муҳимми зиндагию фаъолияти ӯ истифода шудаанд. Дар баробари ин, маъхазҳои таърихию адабии боэътимоди асримиёнагии арабӣ, ки барои муайян кардани давраҳои мухталифи ҳаёти Байҳақӣ аҳаммияти калонро доро мебошанд, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола таъкид гардидааст, ки миёни донишмандони аҳди қадим роҷеъ ба таъйини соли таваллуди Байҳақӣ ихтилофи назар ба мушоҳида мерасад. Барои таҳқиқ ва муайян кардани таърихи саҳеҳи мавлуди ин донишманди маъруф ахбори бисёре аз манобеи аҳди қадим ва таҳқиқоти муосир ба ҳам қиёс карда шудаанд. Аз натиҷаи таҳқиқи манобеи муътамади аҳди қадим ва пажӯҳишоти муҳаққиқони муосир маълум шуд, ки санаҳои дар маълумоти сарчашмаҳо зикргардида бо таъриххои дар асарҳои Байҳақӣ овардашуда мувофиқат намекунанд. Бо саъю талоши бархе аз олимони муосир ин духӯрагиҳо ва ихтилофот бартараф гардид, ки ин вижагӣ минбаъд барои осон шудани кори муҳаққиқон дар ин самт мусоидат намуданд.

**Калидвожаҳо:** Байҳақӣ, Шамсулислом, Хафоҷӣ, Фундуқ, Мушкот, Шаштмад, Хуросон.

## ОТРАЖЕНИЕ БИОГРАФИИ АБУЛХАСАНА АЛИ ИБН ХАСАНА БАЙХАКИ В ДОСТОВЕРНЫХ СРЕДНЕВЕКОВЫХ ИСТОЧНИКАХ

В данной статье рассматривается вопрос о детстве, юношестве, молодости и становлении личности Абулхасана Байхаки на основе сведений достоверных средневековых источников. С целью решения данного вопроса, в первую очередь, использованы труды самого Байхаки как важные источники его жизни и деятельности. Одновременно с этим были употреблены достоверные средневековые исторические и литературные источники, которые имеют большое значение для определения различных периодов жизни Байхаки. В статье утверждается, что среди древних учёных относительно определения даты рождения Байхаки существуют разногласия. Для назначения и определения подлинного года рождения этого знаменитого научного и литературного деятеля сопоставляются сообщения многочисленных средневековых источников и современных исследований. По результатам изучения достоверных средневековых источников и исследований современных учёных выявлено, что даты, приведённые в источниках, не соответствуют датам, которые встречаются в произведениях самого Байхаки. С усилиями и стараниями некоторых современных исследователей эти двусмыслица и противоречия были устранены, вследствие чего облегчалось решение проблемы в данном направлении.

**Ключевые слова:** Байхаки, Шамсулислом, Хафоджи, Фундук, Мушкот, Шаштмад, Хорасан.

## BIOGRAPHY OF ABU AL-HASAN ALI IBN HASAN AL-BAYHAQI IN AUTHENTIC SOURCES

This article discusses the issues of childhood, adolescence, youth and maturity and the formation of the personality of Abulhasan Bayhaqi on the basis of reliable sources. In order to resolve this issue, Bayhaki's works were first used as an important source of his life and work. At the same time, reliable historical and literary sources of the Middle Ages were used, which are of great importance for the identification of various periods of Bayhaqi's life. The article emphasizes that there is disagreement among scholars of the Old Testament regarding the date of Bayhaqi's birth. In order to study and determine the exact date of birth of this famous scientist, many sources from the Old Testament and modern research have been compared. From the study of reliable sources of the Old Testament and the research of modern scholars, it became clear that the dates mentioned in the sources do not correspond to the dates given in the works of Bayhaqi. Due to the efforts of some modern scientists, these ambiguities and contradictions have been eliminated, which further facilitated the work of researchers in this area.

**Key words:** Bayhaqi, Shamsulislam, Hafoji, Funduq, Mushkot, Shashtmad, Khuroson.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қаландаров Маъруф Абдуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи араб. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **qalandarov91@internet.ru.** Тел.: **(+992) 988-53-66-61**

**Сведения об авторе:** ***Каландаров Маъруф Абдуллаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **qalandarov91@internet.ru.** Тел.: **(+992) 988-53-66-61**

**Information about the author:** ***Kalandarov Maruf Abdulloevich*** – Tajik National University, doctoral candidate of Ph.D of Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **qalandarov91@internet.ru.** Phone: **(+992) 988-53-66-61**

УДК: 891.550

# ҲАВЗАИ АДАБИИ БАЛХ ВА ҶОЙГОҲИ НАМОЯНДАГОНИ ОН ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ АСРИ XII

***Мирзомуддинов А.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Балх яке аз марказҳои муҳимми таърихию фарҳангӣ, қадимтарин мавзеи кишоварзӣ, маҳди илму адаб, ҳикмату ирфон ва қароргоҳи давлатҳои қадимаи Юнону Бохтар буда, дар сарчашмаҳои таърихӣ бештар бо номи Бохтар маъруфу машҳур аст. Дар оғози давлати Сосониён Балх дар ихтиёри давлати Кушониён буда, баъдҳо ҳамчун маркази Хуросони бузург қабул мегардад.

Балх дар асри XI бахше аз сарзамини Афғонистони имрӯз маҳсуб меёфт, ки шомили Кобулу Қандаҳор то Синду дарёи Уммон буда, қисмати шарқию ҷанубии он тавассути Ғазнавиён ва қисмати ғарбиву шимолиаш аз ҷониби Салҷуқиён идора мешуд ва онҳо тамоми Эрон, Туркия, қисмате аз Ироқ, Сурия ва Фаластинро дар тасарруф доштанд. Ин то замоне идома ёфт, ки соли 569 ҳ./1174м. Ғӯриён давлате ташкил доданд ва бар қисмате аз Ирону Ҳинд низ мусаллат шуданд. Маркази давлати Ғӯриён яке аз вилоятҳои кунунии Афғонистон Ғӯр буд [8, с.44-45].

Дар давраи Салҷуқиён (1137-1194) Балх ҷузъе аз қаламрави ин империя гардид ва даргириҳои хунинеро шоҳид гашт. Миёни султонҳои Салҷуқӣ танҳо Султон Санҷари Салҷуқӣ (1117-1157) тавонист, ки қудрати давлатро дар Хуросон ҳифз намуда, аз илму адаб ҳимоят кунад. Ӯ дар давраи ҳукумати худ Балхро ҳамчун маркази неруҳои низомӣ истифода мекард ва бештари авқоташро он ҷо мегузаронид [12, с.125]. Дар ин ҳангом Амир Қумоҷ – бузургтарин лашкари Султон Санҷар амири Балх буд ва ӯ бо тоифаи ғузҳо, ки аз фароруд ба атрофи Балх кӯчиданд, гоҳо дар гуфтушуниду гоҳи дигар дар низоъ буд. Билохира, ғузҳо бо Амир Қумоч ба муборизa бархоста, сипоҳи ӯро тороҷ карданд ва дар қаламрави Балх ба куштору ғорат даст заданд. Султон Санҷар низ барои аз Балх рондани ғузҳо саъю талоши зиёд намуд, вале, мутаассифона, соли 1153 ба шикаст мувоҷеҳ гашта, асири онҳо гардид, аммо дар охир ӯ тавонист аз асорат бираҳад. Дар ин муддат ғузҳо дар гӯшаву канори Хуросон паҳн гашта, ба нобасомониҳо даст заданд, то ҷойе ки теъдоди зиёде аз мардумро, ки байнашон аз аҳли илму адаб низ зиёд буданд, ба ҳалокат расониданд. Ба қавли М. Баҳор, ки гуфта: «ҳодисаи ғузҳо шаҳрҳои бузурге чун Балху Марв ва Нишопурро, ки маҳди илму тамаддун буданд, ба вайронатарин шаҳрҳо табдил сохт». [4, с.358].

Бояд қайд кард, ки пас аз марги Султон Санҷар (1157) сулолаи тоҷиктабори Ғӯриён қисматҳои шимоливу ғарбии Балхро зери тасарруфи худ даровардaнд. Муассиси воқеии давлати Ғӯриён Султон Алоуддин Ҳусайни Ҷаҳонсӯз мебошад. Ӯ соли 1147 ба Баҳромшоҳи Ғазнавӣ, ки аллакай иқтидори ҳукуматаш заиф шуда буд, пирӯз гардид. Баъдан вилоятҳои Хуросон ва Сиистонро зери нуфузи худ даровaрда, минтақаҳои Бомиён, Тахористон ва Бадахшонро ба бародарбузурги худ Малик Фахриддин супурд. Пас аз Фахриддин писараш Шамсиддин Муҳаммад амири Бомиён таъин гардид ва вилояти Балх низ аз тарафи дарбори Ғӯр ба ӯ бахшида шуд. Дар солҳои охири ҳукумати Ғӯриён пойтахти давлат шаҳри Ғазна буд ва шаҳрҳое чун Балх, Ҳирот ва Кобул аз муҳимтарин марказҳо ба шумор мерафтанд. Ниҳоят, ҳукумати Ғӯриён соли 1206 аз ҷониби Муҳаммадшоҳи Хоразмӣ шикаст дода шуд.

Мавриди зикр аст, ки вазъи иҷтимоии Балх дар давраи Салҷуқиён бар асари муборизаву тохтутозиҳои дохиливу беруна чандон ором набуд. Танҳо дар замони Султон Санҷар Балх дар як оромиши нисбӣ қарор дошт. Чунончи ишора гардид, дар натиҷаи ҳаракатҳои бенатиҷаи Амир Қумоҷ бузургтарин фоҷиаи инсонӣ ҳуҷуми ғузҳо ба вуқуъ пайваст, ки на танҳо ҳудуди Балх, балки тамоми Хуросонро ноором сохт. Бисёр донишмандон ҳолати вахими Хуросон, махсусан Балхро дар эҷодиёти худ тавсиф кардаанд. Чунончи, Носири Хусрав (1004-1088) дар осораш аз шароити вазнини сиёсиву иҷтимомии охири асри XI хабар додааст ва ҳатто худи шоир аз вазъияти ногувори Балх ба дараи Юмгони Бадахшон паноҳ бурда, ёди диёри Балх мекард ва авзои бади онро бо афсурдагӣ баён менамуд:

Балх туро додаму Юмгон ба ман,
Ин дараи тангу ҷиболу талол.

Чун зи ту ман бозгусастам, зи ман
Бигсилу кӯтоҳ кун ин қилу қол [10, с.194].

Носири Хусрав дар ин айёми ҳаёти худ бо тарзи давлатдории Салҷуқиён, рафтору кирдори султонҳову амалдорон, ҳамеша дар фикри ҷамъоварии сарвату мол будани онон, ба ривоҷу равнақи мамлакат ва беҳбуди ҳаёти мардум, хусусан, аҳолии таҳҷоии Мовароуннаҳру Хуросон таваҷҷуҳе зоҳир накарданашон хубтар ошно мешавад. Ӯ хуб мушоҳида мекарду дармеёфт, ки Салҷуқиён аз ҳама гуна маҳорату маданияти мамлакатдорӣ ва усули барқарор кардани тартибу низоми муайян дар кишвар, асосан, орӣ мебошанд ва ҳамаи иқтидору тарзи ҳукмронии онҳо бар пояи зӯригарӣ ва ситаму куштор қарор дорад. Бинобар ин, донишманди нуктасанҷу воқиф дар ашъораш аз суқути давлати мутамаддин ва дорои тартибу низоми пухтаи Сомониён изҳори таассуф намуда, ин аҷнабиёни истилогарро ба гургони биёбон монанд мекунад.

... Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,
Ҳама дигар шудаст аҳволу сомон.
Зи бас дунё забардастон бимонданд,
Ба зери дасти қавме зердастон.
Ба суратҳои некӯ мардумонанд,
Ба сиратҳои бад гурги биёбон [10, с.6].

Бо дарназардошти ривоҷи рӯзафзуни чунин вазъи номатлуб чун Носири Хусрав ба Юмгондара муҳоҷират мекунад ва бо як эҳсоси хеле баланд аз дурии худ чунин мегӯяд:

Эй боди аср, агар гузарӣ бар диёри Балх,
Бигзар ба хонаи ману он ҷой ҷӯй ҳол.
Бингар, ки чун шудаст пас аз ман диёри ман,
Бо ӯ чӣ кард даҳри ҷафоҷӯи бадфиол [10, с.195].

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар аҳди Ғӯриён агарчи вазъи сиёсии Балх нисбатан ором гардид, вале баъдан бо бархурди давлатҳои Ғӯриёну Хоразмшоҳиён маҳалли қиёми низомиён қарор гирифт ва бошандагони Балхро ба ҳолати ногувору таҳаммулнопазир оварда расонид. Ба ҳар сурат, Балх ба ҳайси яке аз марказҳои бузурги бозаргонӣ дар минтаҷа ҳифз мешуд ва ба сарзаминҳои гирду атроф ва мардуми он хизмат мекард.

Бо вуҷуди ин ҳама нобасомониҳо ва вазъи ногувори даврон илму адаб аз масири инкишофи табии худ боз намонд. Махсусан, зикр кардан лозим аст, ки дар давраи Салҷуқиён ба ибтикори вазири мудаббири тоҷик Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ пояи донишгоҳи бузурге бо номи «Низомияи Балх» дар Балх гузошта шуд, ки дар навбати худ яке аз марказҳои бузурги Хуросон ба шумор мерафт. Мусаллам аст, ки муҳассилини ин донишгоҳ фозилони хираду андешаи даври худ буда, дар ривоҷу равнақи илму адаб ва таҳаввули фикрӣ нақши муҳим бозиданд ва осори манзуму мансури арзишманд ба мерос гузоштаанд.

Осори мансуре, ки аз ин қарн то ба мо расидааст, дар мавзуоти адабӣ, забонӣ, таърихӣ, динӣ, табиӣ ва ғайра буда, ба қалами донишмандону мутафаккирони маъруф, ба монанди Абулмаолӣ Муҳаммади Балхӣ соҳиби асари «Баён-ул-адён», Қозӣ Ҳамидуддини Балхӣ муаллифи «Мақомот», Рашидуддин Ватвоти Балхӣ нигорандаи рисолаи «Наср-ул-лаолӣ мин каломи амир-ил-муъминин Алӣ» ё «Сад калима» ва хоссатан Носири Хусрав мусаннифи асарҳои “Зод-ул-мусофирин”, “Сафарнома”, “Ваҷҳи дин”, “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”, “Хон-ул-ихвон” ва амсоли инҳо тааллуқ доранд.

Чунончи, Рашидуддин Ватвот (1088-1182) шоири тавоно, адиби нуктасанҷ, нависандаи маъруф ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ дар назму наср таълифоти арзишманд дорад. Ӯ дар насри мусаҷҷаъ ҳунари баланд нишон дода, дар мантиқу фалсафа низ баҳсҳои ҷолиб дорад. Мухтассоти осори арабизабон ва форсӣ-тоҷикии Рашидуддини Ватвот дар пажуҳиши муҳаққиқи тоҷик М. Рачабова равшан таҷассум гардидааст [11, с.103-112].

Рисолаи “Сад калима”-и шоир сад панди ҳазрати Алӣ ибни Абитолибро дар бар мегирад, ки аз тарафи нависандаи машҳури давраи Аббосӣ Умар ибни Ҷоҳиз тавзеҳ ёфта, Рашиди Ватвот пандҳо ва шарҳи онро ба забони форсӣ-тоҷикӣ тарҷумаву шарҳ дода ва мазмуни онҳоро бо назми форсӣ-тоҷикӣ баён намудааст. Аз ҷумла, дар шарҳи калимаи ҳаштум: “من عذب لسانه كثر إخوانه” [5, 9б] (Ман азаба лисонуҳу касура ихвонуҳу) - [Ҳар ки ширинзабон бошад, дӯстонаш зиёд гардад] байти зеринро меорад:

Гар забонат хуш аст, ҷумлаи халқ

Дар маваддат бародарони туанд.
В-ар забонат бад аст дар хона,
Хасми ҷони ту чокарони туанд [5, 9б-10а].

Ва ё дар шарҳи калимаи чордаҳум зимни ин ҳикмат: “لا ثناء مع كبر” (Ло сана мана кибрин) - [Ситоишро бо кибр нашояд] овардааст:

“Ҳар ки мутакаббир бошад, мардумон санои ӯ нагӯянд ва вилои ӯ бичӯянд” [5, 3б]. Мазмуни ин ҳикмат дар абёти зайл равшан ба зуҳур омадааст:

Ҳар киро кибр пеша шуд, ҳама халқ
Дар маҳофил ҷафои ӯ гӯянд.
В-он ки бар манҳаҷи тавозуъ рафт,
Ҳама олам санои ӯ гӯянд [5, с.3б].

Рашидуддини Ватвот ба ҳамин тартиб сад панди ҳазрати Алиро шарҳу тавзеҳи мухтасар дода, маънии онро ба зевари назми тоҷикӣ дармекашад.

Мавриди зикр аст, ки доир ба назми арабизабони дигари ин давр, дар мисоли эҷодиёти Зиёуддин Абушуҷоъ Бастомии Балхӣ, Ҳамидуддин Ҳамиди Балхӣ ва Низом Воизи Балхӣ низ муҳаққиқи тоҷик М. Рачабова мулоҳизаву андешаҳои ҷолиб пешкаш кардааст [11, с.129-132, 139].

Бояд таъкид кард, ки шоирони балхӣ дар замони Салҷуқиён, Ғӯриён ва Хоразмшоҳиён ашъори зиёде офаридаанд, ки девонҳои бархе аз онҳо, аз қабили Ҳаким Носири Хусрави Балхӣ, Анварии Балхӣ, Рашидуддин Ватвоти Балхӣ, Заҳируддини Форёбиро дар ихтиёр дорем.

Муҳимтарин хусусиятҳои шеъри ин давра дар он зоҳир мегардад, ки сурудаҳои онҳо асосан ба забони ноби тоҷикии дарӣ мебошанд. Гузашта аз ин, шоирони дигаре чун Рашиди Ватвот дар баробари девони форсӣ-тоҷикӣ, девони арабӣ низ доштанд, ки эшон ҳам ба забони дарии тоҷикӣ ва ҳам арабӣ шеърҳо эҷод мекарданд. Чунин шоиронро шуарои зуллисонайн меноманд. Ғайр аз ин, дар эҷодиёти шоирони дигаре, ба мисли Носири Хусрав, Анварии Абевардӣ, Заҳири Форёбӣ, Ҳамиддудини Ҳамидӣ, Зиёуддин Бастомии Балхӣ ва дигарон таъсири забон ва адабиёти араб мушоҳида мегардад.

Боиси зикр аст, ки роҷеъ ба хусусиятҳои ашъори арабӣ, муламмаот, таъсири забон, адабиёт ва фарҳанги арабӣ ба эҷодиёти Носири Хусрав ва Заҳири Форёбӣ аз ҷониби арабшиноси варзидаи тоҷик Т.Н. Мардонӣ монографияи илмӣ ба табъ расидааст, ки паҳлуҳои ҷолиби эҷодиёти шоирони зикршударо дар бар мегирад [6].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар назми арабизабони форсу тоҷик Заҳируддин Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммади Форёбӣ аз ҷумлаи шоирони номвар маҳсуб меёбад. Ӯ соли 556ҳ./1160м. дар деҳаи Форёби Балх таваллуд шуда, дар зодгоҳи худ ва Нишопур касби илму дониш кардааст. Дар Нишопур вазъи иҷтимоӣ ба шоир чандон мувофиқ намеояд ва баъдан ба тарафи Исфаҳон сафар ихтиёр мекунад, зеро Исфаҳон дар он рӯзгор аз марказҳои илму адаб буда, донишмандону суханварони бисёр бо он ҷо иртибот доштанд ва ба ин васила касби маош мекарданд. Баъд аз такрибан ду сол Заҳир озими Мозандарон ва Озарбойҷон шуд. Ӯ дар Мозандарон муддати кӯтоҳе умр ба сар бурда, ҳокими он Ардашер ибни Ҳасанро сутудааст. Шуҳрати бештар касб кардани ҳавзаи адабии Озарбойҷон ва овозаи шоирнавозии Салҷуқиёни Озарбойҷон боис гардид, ки Заҳири Форёбӣ ба ин сарзамин ояд. Дар робита ба ин, Заҳир дар ситоиши Туғрал ибни Арслони Салҷуқӣ, Қизил Арслон ибни Элдигиз, Абубакр ибни Муҳаммад ибни Элдигиз ва умарои дигари Салҷуқӣ қасидаҳои мадҳӣ гуфтааст.

Лаҳзаҳои охири зиндагии Заҳири Форёбӣ дар Табрез гузашта, ба қавли тазкиранигорон соли 598ҳ./1202м. вафот кардааст. Мазори вайро гӯристони Сурхоби Табрез ва дар ҷивори Афзалуддин Бадили Хоқонӣ ёд мекунанд [15, 299].

Мероси адабии шоир аз девоне иборат аст, ки навъҳои шеъриии қасида, ғазалиёт, маснавӣ, рубоӣ, муламмаот ва ғайраро фаро мегирад.

Чунонки ишора гардид, Заҳири Форёбӣ низ аз ҷумлаи шоирони зуллисонайн ба шумор рафта, бо ду забон ашъори шевое эҷод кардааст. Дар девони Форёбӣ ду муламмаъ мавҷуд аст, ки дар маҷмуъ 14 байтро дар бар мегирад ва ба қавле он дуро барои табъозмоӣ ва тафаннуни хотир сурудааст [15, с.335].

Муламмаи зерин дар мадҳи Абубакр ибни Муҳаммад гуфта шудааст:

يا من حوى المعالمى بالصارم المهند  للعالمين منه ظل النعيم سرمد
اى بر فراز گردون قدرت نهاده مسند  برخور ز ملک باقى وز دولت مخلد
فاضت على‌البر ايا من كفک العطايا  كفت يدالرزايا عن جندك المجند
فرمانروای عالم مقصود نسل آدم  شاهنشه معظم بوبكر بن محمد [15, с.243]

(Ё ман ҳава-л-маолими биссорими-л-муҳаннад,
Лилъоламина минҳу залла-н-наиму сармад.
Эй барфарози гардун, қудрат ниҳода маснад,
Бархур зи мулк боқӣ в-аз давлати мухаллад.
Фозат ала-л-барри аё мин каффика-л-атоё,
Каффат ядурразо ё ан чундика-л-муҷаннад.
Фармонравои олам мақсуди насли Одам,
Шоҳаншаҳи муаззам Бубакр ибни Муҳаммад)

Тарҷума:

*[Эй касе, ки соҳиби нишонаҳои шамшери ҳиндии бурро ҳастӣ. Аз партави он (шамшер) барои мардумон неъмату баракат пойдор гашт...*

*Аз дасти сахобахши ту нозу неъмат бар замин ҷорӣ шуд ва дасти бадфишон аз сарбози даъватшудаи ту худдорӣ кард. ]*

Бояд зикр кард, ки Заҳири Форёбӣ беш аз ҳама мамдуҳонаш Атобек Нусратуддин Абубакр ибни Муҳаммадро мадҳу ситоиш кардааст. Ӯ пас аз марги Қизил Арслон то соли 607ҳ./1211м. дар Табрез ҳукумат кардааст. Шоир дар мадҳи ин султон беш аз даҳ қасида сурудааст.

Форёбӣ ғайр аз муламмаоти хеш дар девонаш мисраву байтҳои арабии зиёде дорад, ки дар дохили ашъори форсӣ-тоҷикиаш хеле салису равон сурат гирифтаанд.

Форёбӣ дар баробари ашъори муламмаъ, ба қавли М. Рачабова яксаду ҳаштод байти арабӣ доштааст [11, с.255].

Ашъори арабии шоир бештар дар пайравӣ аз шеъри суннатии араб, махсусан оҳангҳои шеъри ҷоҳилӣ эҷод гардидаанд. Чунончӣ ҳамин хусусиятро метавон дар абёти зерин метавон мушоҳида кард:

تبدى خلال الركب و الليل قد دجا
وجوه كضوء الصبح حين تبلجا
و عن لنا سرب يصيد بلحظه
اسود الشرى من كل اجور ادعجا
و بين جواريها ربيبة هودج
و قد مالت من رائع الحسن هودجا. [14, с.386]

(Табдо хилолу-р-ракбу валлайлу қад дачо
Вуҷуҳан казавъи-с-субҳи ҳина таблачо.
Ва ан лано сирбун ясиду билаҳзатин,
Асваду-ш-шаро мин кулли ачвари-д-даъачо.
Ва байна чавориҳо рабибату ҳавдач,
Ва қад молат мин роиъи-л-ҳусни ҳавдачо.)

Тарҷума:

*[Маъшуқаам шабонгаҳи торик вақти савори маркаб гардиданам, намоён гашт ва рухсораҳо монанди субҳи навдамида буд.*

*Дар рӯбарӯям самте баромад, ки аз ҳар тараф модашерон бо чашмони сиёҳ ба ман нигоҳ мекарданд.*

*Байни он дугонаҳояш дояе низ саворaи качова буд, ки бо зебоию дилрабоияш он качоваро мунаввар месохт].*

Алоқамандии адабиёти арабизабон бо адабиёти форсу тоҷик дар ин давра идома меёфт ва дар натича, заминаи мусоиде барои таъсири мутақобилаи суннатҳои адабии Ачаму Араб фароҳам омад, ки он ба ганомандии адабиёти форсизабон ва арабизабон мусоидат намуд. Дар сурудаҳои шоироне чун Анварии Абевардӣ суннатҳои адабии арабӣ ва мазмуну мундарицаи ашърои шуарои араб мушоҳида мегардад. Албатта, Анварӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бо сурудани қасида ва инкишофи ин жанр ҳам дар шаклу

ҳам дар мазмун навпардозиҳои зиёде кардаст. Ӯ дар радифи навоварӣ дар адабиёти форсу тоҷик, ба омузиши забон ва адабиёти арабӣ пардохт. Шоир дар бисёр абёти худ аз вожаҳои наву тозаи ҳарду забон истифода кардааст. Аз ин сабаб аст, ки баъзе аз мутахассисон бар он ақидаанд, ки бештари шеърҳои Анварӣ арабиуслуб буда, муфрадоти форсӣ- тоҷикӣ ва арабиро бо ҳамдигар пайваст карда, аз як қолаб баровардааст. Анвариро аз ҳайси таҷдид ва навоварӣ метавон дар радифи Башшор, Абунувос, Абулатоҳия қарор дод. Вай аз тариқи гуногун ба навоварӣ дар қофия, баҳри аруз ва наздик шудан ба забони кӯчаву бозор таҷдиде дар услуби пешиниён падид овард. Ҳамчунин мазмуну маъниҳои шоирони араб, аз қабили Имруулқайс, Ҳотими Тоӣ, Язид, Ахтал, Ҷарир, Мутанаббӣ, Ибни Румӣ, Абутамом, Абулатоҳия, Ибни Ҳонӣ ва дигаронро дар сурудаҳои худ инъикос намудааст.

Анварӣ шоирони зеринро машҳуртарин намояндагони адабиёти аҳди Умавӣ медонад:

Эй дар ҳунар муқаддами аъёни рӯзгор,
Дар назму наср Язиду Ахталу Ҷарир [3, с.175].

Ҷойи дигар Анварӣ дар васфи бодаву хушҳолӣ дар зиндагӣ шеъре эҷод кардааст, ки ҳамонанд ба шеъри Язид – намояндаи шеъри аҳди Умавӣ мебошад:

Маро вақт хуш аст имрӯзу ҳолӣ,
Қадаҳҳо пур кунеду ҳуҷра холӣ.
Ки донад то чи хоҳад буд фардо,
Бизан руду биёвар бода ҳолӣ [3, с.565].

Дар ин мисраъҳои шеърӣ Анварӣ васфи бодаву вақти хушгузаронӣ кардааст, ки ба абёти зерини Язид монандӣ дорад

أَقُولُ لِصَحْبٍ ضَمَّتِ الكَأْسُ شَمْلَهُمْ وَ دَاعِي صَبَابَاتِ الْهَوَى يَتَرَنَّمُ
خُذُوا بِنَصِيبٍ نَعِيمٍ وَ لَذَةٍ فَكُلٌ وَإِنْ طَالَ الْمَدَى يَتَصَرَّمُ
وَلا تَتْرُكُوا يَوْمَ السُّرُورِ إِلَى غَدٍ فَرُبَّ غَدٍ يَأْتِي بِمَا لَيْسَ يُعْلَمُ

[16, с.123]

(Акулу лисаҳбин заммати-л-каъсу шамлаҳум,
Ва доъӣ сабоботи-л-ҳаво ятараннаму.
Хузу бинасабин наъимин ва лаззатин,
Факул ва ин тола-л-мадо ятасарраму.
Ва ла татрику явма-с-сурури ила ғадин
Фарубба ғаддин яътӣ бимо лайса юъламу)

*[Тарҷума: Ба надимон мегӯям, ки ҷоми шароб ҷамъи онҳоро фаро гирифта, занони ошиқпешаро, ки овоз сар медиҳанд.*

*Баҳрае аз неъмату лаззатҳо бигиред, гарчи замон он қадар тулонӣ шуда, ки поён пазирад.*

*Айёми хуширо раҳо накунед ва ба фардо масупоред, чӣ басо фардо ояд ба он чи мушаххас нест].*

Мавриди зикр аст, ки Балх минтақаи маорифпарвару фарҳангофар буда, шоирони зиёди форсу тоҷик ва арабӣ бо шуарои балхӣ робитаҳои адабӣ барқарор намуда, бахше аз осорашонро дар ин ҷо эҷод кардаанд. Амир Муиззӣ бо адибони Балх алоқамандии зич дошта, дар ашъораш ба шахсиятҳо ва ҳавои ин сарзамин ишораҳои зиёде кардааст. Вай бо забон ва адабиёти араб ошноии комил дошта, дар ашъораш аз шоирони араб иқтибосҳо оварда, гароиш ва таклид аз қасидасароёни араб, ба вижа шоирони асри ҷоҳилӣ намудааст. Ин мавзуъ дар қасидаи машҳури зерини шоир ба равшанӣ аён мегардад:

Эй сорбон, манзил макун, ҷуз дар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам, бар рабъу атлолу даман [9, с.597].

Адиб Собири Тирмизӣ низ ба арабидонӣ машҳур будааст. Дар шеъри зерин шоир ду мисраи дувуми ин байтҳоро аз қасидаи Абутаййиби Мутанаббӣ назмин намудааст:

Дар мадҳи туам эмин зи бими бало,
Ана-л-ғариқу фамо хавфӣ мина-л-балали
(أنا الغريق فما خوفي من البلل)
Мустафъилун фаъалун, мустафъилун фаъалун
Аъла-л-мамолики мо юбно ала-л-асали
(أعلى المملاك ما يبنى على الأسل) [13, 194.-195]

*[Тарҷумаҳои мисраъҳои арабӣ: Ман дар он ҳиҷрон гарқ гардидаам ва ҳеҷ хавфе аз балоҳояш надорам. Мамолики бузург бо найзаҳо бино меёбанд.]*

Мисраъҳои дуюми абёти зикршуда аз қасидаҳои алоҳидаи Мутанаббӣ буда, мисраи якуми арабӣ аз ин қисмати қасида иқтибос гирифта шудааст:

وَالهَجْرُ أَقْتَلُ لي مِمّا أُراقِبُهُ  أَنَا الغَرِيقُ فَما خَوْفي مِنَ البَلَلِ [2, с.336]

(Ва-л-ҳаҷру ақталу лӣ миммо уроқибуҳу
Ана-л-ғариқу фамо хавфӣ мина-л-балали)

*[Он ҳиҷроне, ки муроқибаш ҳастам, аз ман дида ҳалокатовар аст ва ман дар он ҳиҷрон гарқ гардидаам ва ҳеҷ хавфе аз балоҳояш надорам.]*

Мисраи дигари арабӣ, ки қасида бо он оғоз меёбад бо матлаи зайл мебошад:

أَعْلَى المَمالِكِ ما يُبْنَى على الأَسَلِ  والطَّعْنُ عِندَ مُحِبِّيهِنَّ كالقُبَلِ [2, с.274]

(Аъла-л-мамолики мо юбно ала-л-асали
Ва-т-таъну инда муҳиббина ка-л-қубали)

*[Мамолики бузург бо найзаҳо бино меёбанд ва таънаву мазаммат барои дӯстдоронаш ҳамчун бӯсаест].*

Албатта, аз мазмуну муҳтавои ашъори шоирони давраи мавриди назар бармеояд, ки арабигӯӣ дар ҳавзаҳои адабии Балх ба шакли анъана даромада буд. Аксар шуарои моҳир дар ду забон: арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дасти боло доштанд. Шакке нест, ки чандин шоирони дигари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳатто эҷодиёташонро пурра ба забони арабӣ нигоштаанд. Таъкиди адабиётшиноси мумтози тоҷик А.М. Мирзоев ба маврид аст, ки “дар давлатдории Сомониён назми классикии форсӣ-дарӣ дар мувозинат бо назми арабизабон ташаккул ёфтааст. Дар баробари афзоиш ёфтани теъдоди шуарои зуллисонайн шумораи шоироне, ки комилан ба забони арабӣ иншо мекарданд, зиёд мешуд” [7, с.51].

Ба андешаи мо яке аз омилҳое, ки дар рушди адабиёти арабизабони Балх мусоидат намудааст, ин мавҷудиёти ҳамин гуна шуарое буд, ки эҷодиёташон пурра ба забони арабӣ эҷод шуда буд. Азбаски, чунонки ишора гашт, минтақаи Балх сарзамини адабпарвар буд, ҳатто шоирони арабӣ ба ин ҷо меомаданд ва миёни шоирони тоҷик равобити адабӣ сурат мегирифт.

Яке аз чунин шоирони арабтабор, ки бо Балх ва соири сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон иртиботи қавӣ дошт, Иброҳим ибни Яҳё ибни Усмон ибни Муҳаммад Абуисҳоқи Ғаззӣ мебошад. Ӯ соли 441ҳ./1047м. дар Ғаззаи Фаластин таваллуд шуда, илмҳои ибтидоиро дар зодгоҳаш фаро гирифтааст. Сипас барои талаби илм ба Димишқу Бағдод сафар мекунад. Умуман, шоир дар тули умри худ сафарҳои хеле зиёд анҷом дода, аз ҷумла, ба Ҳалаб, Озарбойҷон, Табрез, Ҷурҷон, Кирмон, Шероз, Марв, Ҳирот, Исфаҳон, Хузистон ва дигар сарзаминҳои форснишин сафар кардааст ва ҳокимони даврро мадҳу ситоиш карда, бо аҳли илму адаби он ҷойҳо ошноӣ пайдо кардааст. Охирҳои умри ӯ дар Балх гузаштааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо шоир соли 524ҳ/1130м. дар Балх вафот карда, дар ҳамон ҷо ба хок супорида шудааст [1, с.35].

Аз Абуисҳоқи Ғаззӣ девоне боқӣ мондааст, ки асосан аз қасида иборат буда, дар мавзуоти адабӣ, таърихӣ, фалсафиву каломӣ ва амсоли ин иншо гардидааст. Мадҳ дар эҷодиёти шоир мақоми намоёнро касб кардааст. Муҳаққиқи осори ӯ Абдурраззоқи Ҳусайн 193 қасидаи шоирро ҷамъоварӣ карда, ба табъ расонидааст. Яке аз шоҳбайтҳои машҳури ӯ ин аст:

أخرجتُ حبَّ المعاني من سنابله  وكنَّ بينَ قتاد العيِّ والحصرِ
حتى اقتدى بكلامي من تقدَّمني  وصار من يرني يمشِ على أثري [1, с.630]

(Ахраҷту ҳубба-л-маъонӣ мин санобилиҳи,
Ва канна байна-л-қатоди-л-ъаййи ва-л-ҳасарӣ.
Ҳатто ақтадӣ бикаломӣ ман таҳаддаманӣ,
Ва сора ман яранӣ ямшӣ ало асарӣ)

*[Ман магзи маъниро аз хӯшаҳои дарахти сӯзандор берун овардам, дар ҳоле, ки он маъниҳо сокиту беҷон буданд.*

*Ҳатто касоне, ки дар шеър маро пеш гузаштанд, пасон аз ман пайравӣ карданд, то андозае ки ҳар кӣ маро медид, аз пайи ман таҳлид мекард].*

Ҳамин гуна бояд зикр кард, ки дар давраи Салҷуқиён, Ғӯриён ва Хоразмшоҳиён ба ҷуз аз шоирони зикршуда аз иддаи дигари шуарои ин давр, монанди Аҷибии Ҷузҷонӣ, Ҳорисии Балхӣ, Қоинии Кушкакии Балхӣ, Воизи Балхӣ, Боқлонии Балхӣ, Масъуди Андхудӣ, Маҳмуди Андхудӣ, Қатрони Балхӣ, Сироҷи Балхӣ, Маҳмуди Балхӣ, Ҳусайн Маҳмудии Балхӣ, Котиби Балхӣ, Зиёуддин Хуррамободии Балхӣ, Аҳмад ибни Алӣ ибни Абдулазизи Балхӣ, Қозӣ Маҳмудии Балхӣ, Футуҳии Балхӣ, Қозӣ Шамсуддин Маҳмуди Балхӣ ва дигарон ашъори пароканда дар қолабҳои қасида, қитъаву ғазал, рубоиҳо бар ҷо мондаанд. Дар ҳақиқат, Балх сарзаминест адабпарвар, шоирпарвар, маърифатпарвар, маҳди илму дониш ва ҳунару фанноварӣ, ки дар канори худ донишмандону адибон ва шоирони забардастро ба камол расонидааст.

Омӯзиш, таҳқиқ ва муқоисаи сурудаҳои шоирони Балх ва махсусан шуарои арабизабони ин давра ҷанбаҳои хеле муҳимми пажуҳишӣ дошта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар ин замина рисолаву мақолоти бунёдӣ эҷод намоянд.

**Муқарриз:** ***Рачабова М.Т.*** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ

**А Д А Б И Ё Т**


1. Абуисҳоқ ал-Ғаззӣ, Иброҳим ибни Яхё. Девони ал-Ғаззӣ / таҳқиқ ва дироса Абдурраззоқ Ҳусайн. – Дубай: Марказ Ҷумъа ал-Моҷид, 2007. – 874 с. [бо забони арабӣ].
2. Ал-Мутанаббӣ, Абутаййиб Аҳмад ибн ал-Ҳусайн. Девони Ал-Мутанаббӣ / Абутаййиб Аҳмад ибн ал-Ҳусайн Ал-Мутанаббӣ. – Бейрут: Дор Бейрут литтибоа ваннашр, 1983. – 583 с. [бо забони арабӣ].
3. Анварӣ, Абевардӣ. Девони Анварӣ /Бо эҳтимоми Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ. Ҷ.1. – Техрон: Илм ва фарҳанг, 1966. [бо забони форсӣ].
4. Баҳор, Маликушшуаро. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. Ҷ. 1. – Теҳрон: Сипеҳр, 1349. – 470 с. [бо забони форсӣ].
5. Ватвот, Рашидуддин. Сад калима. Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи Маҷлиси Шурои миллии ҶИЭ. – № 5765. – 48 в.
6. Мардони, Т.Н. Влияние арабской поэзии на творчество персидско-таджикских поэтов XI-XII вв. / Т.Н. Мардони. – Душанбе: Дониш, 2020. – 380 с.
7. Мирзоев, А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1958.– 437 с.
8. Мисбоҳзода, Муҳаммадбоқир. Таърихи сиёсии мухтасари Афғонистон. – Кобул: Маркази пажуҳишҳои “Офтоб”, 1387 – 255 с. [бо забони форсӣ].
9. Муиззӣ, Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ. Девон / Ба эҳтимоми Аббос Иқбол. – Техрон, 1318. – 597 с. [бо забони форсӣ].
10. Носири Хусрав. Девони ашъор / НосириХусрав / Таҳияи матн ва шарҳи луғот аз Н. Амиршоҳӣ ва М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 480 с.
11. Рачабова, М.Т. Таҳаввули назми арабизабони форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва асри XII (дар заминаи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ): дисс… докт. илм. филол.: 10.01.03 / Т.М. Рачабова. – Душанбе, 2022. – 375 с.
12. Солеҳ, Муҳаммадхалиқ. Тарихи адабиёти Балх / Муҳаммадхалиқ Солеҳ. – Кобул: Анҷумани нависандагони Балх, 1387/2008. – 670 с. [бо забони форсӣ].
13. Тирмизӣ, Адиб Собир. Девони Адиб Собири Тирмизӣ / Ба тасҳеҳе ва иҳтимоми Муҳаммад Алӣ Носеҳ. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-пажуҳишӣ. – С. 194.-195. [бо забони форсӣ].
14. Форёбии Балхӣ, Заҳируддин Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммад. Девон. Ба тасҳеҳи Тақӣ Биниш / Заҳируддин Абулфазл Тоҳир ибни Муҳаммад Форёбии Балхӣ. – Машҳад: Чопхонаи Тӯс, чопи аввал, 1337. – 660 с. [бо забони форсӣ].
15. Форёбӣ, Заҳируддин. Девони Заҳируддини Форёбӣ / Заҳируддини Форёбӣ / Тасҳиҳ, таҳқиқ ва тавзеҳи Амир Ҳусайн Яздигурдӣ. – Теҳрон: Нашри Нуқта, 1380. – 592 с. [бо забони форсӣ].
16. Язид. Девони Язид / Шарҳи Абдураҳмон Ал-Барқуқӣ. – Бейрут: Дор-ул- арқом, 1417. [бо забони арабӣ].


**ҲАВЗАИ АДАБИИ БАЛХ ВА ҶОЙГОҲИ НАМОЯНДАГОНИ ОН ДАР АДАБИЁТИ АРАБИЗАБОНИ АСРИ XII**


Дар мақола масъалаи мақоми намояндагони ҳавзаи Балх дар адабиёти арабизабони асри XII баррасӣ гардида, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва таъсири он ба эҷодиёти адибону шоирони давр нишон дода шудааст. Бояд зикр кард, ки як ҷанбаи таърихи адабиёти мо давраи арабизабониро фаро мегирад, ки аз таҳқиқоти адабиётшиносони мо то андозае дур мондааст. Таҳқиқи чунин масъалаҳо фориғиҳои адабиёти пурғановати моро такмил мегардонад. Албатта, сарзамини Балх аз марказҳои муҳими таъриху фарҳанги тоҷикӣ буда, онро маҳди илму адаб номидаанд. Дар масири таърих аз давраи давлати Сосониён ва баъдтар дар Хуросони бузург Балх ба маркази давлатдорӣ табдил ёфта буд. Шоироне аз қабили Шаҳиди Балхӣ, Робияи Балхӣ ва даҳҳо суханварони соҳибдевон дар ин минтақа зисту эҷод кардаанд. Дар асри XII шоирони зуллисонайн ба василаи эҷодиёти худ назми арабизабони форсу тоҷикро ривоҷу равнақ бахшиданд. Аз ҷумлаи эшон метавон, Абулмаолӣ Муҳаммади Балхӣ, Қозӣ Ҳамидуддини Балхӣ, Рашидуддин Ватвоти Балхӣ, Носири Хусрав, Зиёуддин Абушуҷоъ Бастомии Балхӣ, Низом Воизи Балхӣ, Анварии Балхӣ, Заҳируддини Форёбӣ ва чанд тани

дигарро ном бурд. Дар ин мақола ба осори арабии шоирони мазкур ишораҳо шуда, ҷойгоҳи онҳо дар адабиёти арабизабони асри XII таъкид гардидааст.

**Калидвожаҳо:** адабиёти татбиқӣ, адабиёти араб, адабиёти арабизабон, ҳавзаи Балх, вазъи сиёсии асри XII, шоирони арабизабон, муламмаъ, шеъри арабӣ.

## ЛИТЕРАТУРНЫЙ ОКРУГ БАЛХА И МЕСТО ЕГО ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ В АРАБОЯЗЫЧНАЯ ЛИТЕРАТУРЕ XII ВЕКА

В статье рассматривается статус представителей региона Балх в арабской литературе XII века, показывается политическая и социальная ситуация и ее влияние на творчество писателей и поэтов периода. Следует отметить, что один аспект истории нашей литературы охватывает арабоязычный период, который несколько далек от исследований наших литературоведов. Исследование таких вопросов обогатит нашу классическую литературу. Безусловно, земля Балха является одним из важных центров таджикской истории и культуры, ее называют центром науки и литературы. В ходе истории, со времен государства Сасанидов и позже, в Великом Хорасане Балх стал центром государственности. В этом регионе жили и творили такие поэты, как Шахид Балхи, Рабия Балхи и десятки известных ораторов. В XII веке поэты-билингвы своим творчеством развивали персидско-таджикскую арабскую поэзию. Среди них можно назвать Абульмаоли Мухаммада Балхи, Кази Хамидуддина Балхи, Рашидуддина Ватвата Балхи, Насир Хусрава, Зияуддина Абу Шуджо Бастоми Балхи, Низама Вайзи Балхи, Анвари Балхи, Захируддина Форяби и некоторых других. В данной статье делаются ссылки на арабские произведения этих поэтов и подчеркивается их место в арабской литературе XII века.

**Ключевые слова:** сравнительное литературоведение, арабская литература, арабоязычная литература, бассейн Балха, политическая обстановка XII в., арабоязычные поэты, муламма, арабская поэзия.

## THE LITERARY DISTRICT OF BALKH AND THE PLACE OF ITS REPRESENTATIVES IN THE ARABIC-LANGUAGE LITERATURE OF THE XII CENTURY

The article discusses the status of representatives of the Balkh region in the Arabic literature of the XII century, shows the political and social situation and its influence on the work of writers and poets of the period. It should be noted that one aspect of the history of our literature covers the Arabic-speaking period, which is somewhat far from the research of our literary critics. The study of such questions will enrich our rich literature. Of course, the land of Balkh is one of the important centers of Tajik history and culture; it is called the center of science and literature. In the course of history, from the time of the Sassanid state and later in the Great Khorasan, Balkh became the center of statehood. Poets such as Shahid Balkhi, Rabiya Balkhi and dozens of famous orators lived and worked in this region. In the XII century, bilingual poets developed Persian-Tajik Arabic poetry with their work. Among them are Abulmaoli Muhammad Balkhi, Kazi Hamiduddin Balkhi, Rashiduddin Vatwat Balkhi, Nasir Khusrav, Ziyauddin Abu Shujo Bastomi Balkhi, Nizam Waizi Balkhi, Anvari Balkhi, Zahiruddin Foryabi and some others. This article refers to the Arabic works of these poets and emphasizes their place in the Arabic literature of the 12th century.

**Key words:** comparative literature, Arabic literature, Arabic-language literature, Balkh basin, political situation in the 12th century, Arabic poets, mulamma, Arabic poetry.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзомуддинов Амирҳамза Абдурауфович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи филологияи араб. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 919-65-48-88**

**Сведения об авторе:** ***Мирзомуддинов Амирхамза Абдурауфович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 919-65-48-88**

**Information about the author:** ***Mirzomuddinov Amirkhamza Abdurauforvich*** - Tajik National University, Applicant of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Phone: **(+992) 919-65-48-88**

**УДК: 891.550**

# ТАЪСИРИ ФОЛКЛОР ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

(аз нигоҳи мазмун ва мундарича)

***Маликшозода Ш.Х.***

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Заминаи пайдоишу ташаккули адабиёти хаттии ҳамаи халқу миллатҳо фолклор, махсусан, эҷодиёти шифоҳии халқ мебошад. Ҳанӯз дар даврони бостон қиссаҳову достонҳои халқӣ, шифоҳӣ аз насл ба насл интиқол меёфтанд. Дар рушду ташаккули адабиёти хаттии тоҷик низ нақши фолклор муассир буда, ҳамчун сарчашма ва ҷузъи ҷудонашавандаи он маҳсуб меёбад.

Таъсирпазирӣ аз фолклор дар ашъори шоирони муосири тоҷик, аз ҷумла Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир ва дигарон дида мешавад. Аммо таъсирпазирии ҳар яке аз онҳо ба тарзу услуби хосси шеърофарии худ аст. Таъсирпазирӣ аз фолклор дар эҷодиёти Бозор Собир бориз буда, ҳамчун сарчашмаи асосии эҷодиёти шоир дар офариниши мазмуну тасвирҳои ҷолиби ашъори ӯ хидмат намудааст. Бо ин роҳ вижагиҳои хоссу фарқкунандаи осори ӯро аз дигар ҳамасронаш бештар кардааст. Таъсири фолклор дар эҷодиёти Бозор Собир ҳам аз нигоҳи мавзуъ, мундарича, тасвирҳои бадеӣ ва ҳам аз нигоҳи шаклу қолаб, оҳанг ва интихоби таъбирот ба мушоҳида мерасад.

Мавзуъҳое, ки дар эҷодиёти шифоҳии халқ дида мешавад, дар ашъори Бозор Собир ба таври фаровон эҳсос мешавад. Аз ҷумла, ёди зодгоҳ, меҳан, мавзуъҳои ғарибӣ, шикоят аз тақдир, кӯдакӣ, ёди ёрону наздикон, ишқу муҳаббат, эҳсоси нодориву бечорагӣ, яъсу навмедӣ, фоҷеаи хонаводагӣ, талхии тақдир, фоҷеоти зиндагӣ ва монанди инҳо, ки аз мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти шифоҳии халқ ба шумор мераванд.

Таъсири зодгоҳ ва меҳан чун анъана аз мавзуъҳои меҳварии эҷдоиёти ҳар як шоир ва дар маҷмуъ ҳар як адабиёт мебошад. Дар ин навъ шеърҳо ормонҳои нуҳуфтаи халқ ҳувайдо мешавад:

Дурай ватанум, дуру дарозай ватанум,
Садбарги сафеди панҷадорай ватанум.
Тобути маро сӯйи баландӣ бигузор,
Шояд, ки раса бӯйи ватан бар баданум [3, с.69].

Чун Бозор Собир низ дар муҳити деҳ ба воя расидааст, ин навъ мавзуъҳо дар эҷодиёти ӯ таъсиргузор будааст.

Аммо ин навъ мавзуъҳо, махсусан, мавзуи ғарибӣ дар ашъори Бозор Собир заминаҳои амиқтаре дорад, ки бо зиндагии фоҷеабори шоир рабти ногусастанӣ доранд. Барои шоир зодгоҳ ва меҳан ягона ҷойи муқаддас ва такрорнашаванда аст.

Ноништаи ман тарошаки деги ту буд,
Гармобаи хушки ман таги реги ту буд.
Қишлоқаки ман, хатат нависам ҳама умр,
Устоди хатам муаллими Беки ту буд [14, с.209].

Дар адабиёти муосири тоҷик Бозор Собир аз зумраи шоироне маҳсуб меёбад, ки зиндагии фоҷеабору сангинеро дар ғарибӣ паси сар намудааст ва эҳсоси ғарибӣ, ёди зодгоҳ ва меҳан дар ашъори ӯ ба таври барҷаста инъикос ёфтааст.

Аз хоки ватан гӯри падар дар дили ман монд,
Модар чу мазори+ лаби ҷар дар дили ман монд [14, с.129].

Дигар аз мавзуъҳое, ки дар ашъори Бозор Собир ба таври барҷаста инъикос ёфтааст, ғарибӣ мебошад, ки бевосита бо зодгоҳу меҳан тавъам аст ва ин мавзуъ дар эҷодиёти шифоҳии халқ низ ҷойгоҳи хосса дорад:

Боло хунае, поён кабутархуна,
Қум-қум мекуна ду кафтари бегуна.
Шав дар таи долунему рӯз дар хуна,
Мо марди мусофирем, надорем хуна [3, с.56].

Мавзуи ғарибӣ пас аз муҳоҷират дар оғози солҳои навадум тадричан дар ашъори Бозор Собир ба яке аз мавзуъҳои асосӣ табдил ёфт.

Гулҳои ватан начидаам даҳ сари сол,
Дидори ватан надидаам даҳ сари сол.
Мебинамаш аз харитаи деворӣ,
Дурии ватан кашидаам даҳ сари сол [14, с.176].

Шоир дар ин навъ шеърҳо ёди зодгоҳ, меҳан, ёди падару модар, бародар, хоҳар, ёру дӯстон ва дигар наздикони хеш мекунад, ки аз нигоҳи қолаб ва мундарича ба рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ монандӣ мекунад.

Ҳар субҳи саҳар чу модарам мегирям,
Дар марги чаҳор додарам мегирям.
Ҳарчанд, ки мо падар надидем умре,
Пирона ба ҷойи падарам мегирям [14, с.222].

Дар шеърҳои ғарибии шоир як навъ эҳсоси фоҷеаи хонаводагӣ дида мешавад.

Фарёд задам номи туро дар ҷарҳо:
Райҳо! Райҳо...Апаи ҷонам, Райҳо!
Фарёд задӣ аз тани ҷар: Ҳо!.. Ҳо!.. Ҳо..!
Овози туро шунидам аз он дунё [14, с.219].

Баъди модар, баъди чандин моҳу сол,
Бар дару девораш овардам гузор,
Сар задам аз ошдони модарам,
Дудаҳо дидам ҳанӯз он ҷо кашол,
Дуд хӯрдам ман агар аз дудааш,
К-оби чашмам шуд равон беихтиёр [18, с.105].

Ёрону бародарони ман кам шудаанд,
Дар гарду ғубори кӯчаҳо гум шудаанд.
Дар хам-хами пуштаҳои қишлоқаки ман,
Гандумдаравон гиёҳи гандум шудаанд [14, с.241].

Шоир гоҳе бо лафзи “оча” ба модараш муроҷиат мекунад, гоҳе “оча” гуфта ӯро аз хотираҳои кӯдакӣ ва наврасияш ҷӯё мешавад:

Дар суффаи хоби оча будам дирӯз,
Бо ҳафт сағерабачча будам дирӯз.
Ман аз тани ҳафт бачаи очаи хеш,
Гармии пагоҳӣ мерабудам дирӯз [14, с.227].

Эҳсоси ғарибӣ ва ҷудоӣ аз ёру дӯстон, марги наздикон дар рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ ба таври барҷаста инъикос гардидааст:

Додар дурай, хат равонуш бикунум,
Хатҳора ба дасти кӣ равонуш бикунум?
Як қавза гулум чинда, як ночинда,
Ҷонма ба даруни хат равонуш бикунум [3, с.31].

***

Дар кӯҳи баланд мухраи тар гум кардум,
Шоҳини сафеди резапар гум кардум.
Шоҳини сафеди резапар ёфт нашуд,
Фарзанди падар, лахти ҷигар гум кардум [3, с.25].

Мавзуъҳои ятимӣ ва нодорӣ низ, ки баъзан дар эҷодиёти шифоҳии халқ ба чашм мехӯрад, дар ашъори Бозор Собир дида мешавад.

Вайронаи модарам пур аз осор аст,
Осори сағирабониаш бисёр аст.
Анҷоми шикастапораи модари ман
Дар зери нигас, дар тараҳи девор аст [14, с.186].

Мавзуи ишқу муҳаббати инсонӣ дар ашъори Бозор Собир ҳанӯз аз оғози фаъолияти эҷодии шоир ҷойгоҳи хоссаеро соҳиб будааст. Он ҳамчун таҳаррук ва сарчашмаи илҳоми шоир хидмат намудааст. Бештари образҳои ноёбро шоир маҳз дар ашъори лирикии худ кашф кардааст. Дар эҷодиёти шифоҳии халқ низ мавзуи ишқу муҳаббат аз мавзуъҳои калидӣ ба шумор меравад, ки беҳтарин рубоӣ ва дубайтиҳо дар ҳамин мавзуъ суруда

шудаанд. Дар фолклори тоҷик дар заминаи ҳамин мавзуъ жанри нави шеърии бадеҳа низ пайдо шудааст.

Бозор Собир:

Беҳуда магӯ, ки бевафоӣ кардам,
Чун ошиқи булҳавас ҷудоӣ кардам.
Ман ишқу муҳаббати ҷавонмарги туро,
Дар синаи хеш мӯмиёӣ кардам [14, с.231].

Аз эҷодиёти шифоҳии халқ:

Эй беди баланд, соя лаби дӯконӣ,
Эй хирмани гул, рута намегардонӣ.
Гар абр шавӣ, қиблара меларзонӣ,
Меборӣ, намеборӣ, чӣ метарсонӣ?! [3, с.40].

Эй ҷони касе, ҷони касе, ҷони касе,
Моро набувад ғайри ту армон ба касе.
Ҳиҷрони ту оташ асту мо ҳамчун хас,
Месӯзему дам намезанем пеши касе [3, с.38].

Дар эҷодиёти Бозор Собир арзишҳои суннатӣ ва динӣ, ки бевосита аз таъсири муҳити деҳ сарчашма гирифтааст, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи арзишҳои миллӣ ва хонаводагӣ инъикос ёфтааст. Арзишҳои суннатии хонаводагӣ ва ҳифз намудану эҳтиром овардан ба ин арзишҳо барои ӯ болотар аз ҳар дину мазҳабе меистад.

Аввал на Худои лоязолӣ, нон аст!
Дуввум на расулу авлиёӣ, нон аст!
Дасти ту агар ба тоқи нонат нарасад,
Хиште, ки ба зери по ниҳӣ, Қуръон аст [17, с.181].

Ҳамин рубоӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқӣ дар шакли дигар низ омадааст. Яъне шоир гоҳе ҳатто як ё ду мисраъро яклухт аз рубоиву дубайтиҳои халқӣ ба кор бурдааст. Мазмуни рубоии мазкур аз нақлгуна ва зарбулмасале ба мазмуни ин ки гурусна Қуръонро зери по монда аз тоқи баланд нонро гирифтааст, бардошт шудааст.

Барои Бозор Собир ҳифзи арзишҳои хонаводагӣ ва миллӣ, эҳтиром ва бузургдошти падару модар болотар аз ҳама меистад, ки аз ин дида арзиши волотаре нест:

Ҳар дарахти латтабандиаш, ки дар роҳи ман аст,
Он дарахти латтабандӣ нест, ҳамроҳи ман аст.
Ғайр аз он як мушти калтути сари хоки падар,
Андар ин дунё наметарсам ман аз мушти дигар [14, с.52].

Модари шоир барои ӯ чунон бузургвор аст, ки остони ӯ барояш хонақоҳу худи ӯ барояш мазор аст.

Ки ҳамчун остони модари ман
Набуд як остони хонақоҳе.
Набуд чун модари ман бошафоат,
Азизею шаҳидею мазоре [14, с.108].

Ё ҷойи дигар мегӯяд:

Олучаи латтадор буд модари ман,
Қишлоқии хоксор буд модари ман.
Яъне, ки бузургвор буд модари ман,
Дар зиндагияш мазор буд модари ман [18, с.73].

Инъикоси анъанаҳои мардумӣ низ дар ашъори Бозор Собир ҷилваи хоссу рӯшан дорад. Дар деҳотҷойҳо маъмул аст, ки шахсони калонсол барои ҷавонон дуо мекунанд, то дар кору фаъолият бурдбориҳо ҳамеша ҳамроҳашон бошад.

Ҳамчу кампири Назокат як қадам,
Дил накӯчид аз деҳи кӯчидаам.
Дасти ларзони сафедораш маро,
Аз лаби ҷарҳо дуо дорад сабук [18, с.151].

Дар вақти азодорӣ то як замони муайяне пӯшидани либоси кабуду сиёҳ ва бо худ доштани рӯймоли сафед миёни мардуми тоҷик анъана мебошад. Ин анъана дар деҳот

бештар риоя мегардад. Дар минтақаи вилояти Суғд мардум давоми як сол азодориро идома медиҳанд. Дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон то як ҳафта, ё то бист ё чил рӯз.

Бешаҳои ғурбат сурх, лолааш сияҳпӯш аст,
Додаре аз ин дорам, хоҳаре аз ӯ дорам [18, с.167].

Шугун ва боварҳои мардумӣ, ки яке аз ҷузъҳои муҳимми фолклор ба шумор мераванд, дар ашъори шоир бениҳоят зиёд аст.

Ин замон дар говгуми ёди ман бори дигар,
Ояти Қуръону кампири Назокатро нигар,
Гов гум кардасту аз говаш хавотир сад карат,
Мекунад чун гови гардунаш ту гуфтӣ, кӯрхат [14, с.51].

Анъанаи дар сӯги хешону пайвандон додани нони ҷумъагӣ ва хатми Қуръон, ки имрӯз низ дар бештаре аз минтақаҳои Тоҷикистон идома дорад, солҳои пешин миёни мардум машҳур будааст. Модари шоир низ дар сӯги пайвандони хеш нони ҷумъагӣ дода ва хатми Қуръон мекардааст.

Модари бечораи ман чанд фарзанди калон гум кард,
Ҳамсарашро бармаҳал гум кард.
Модарам чилсола буд он вақт.
Модари бечораам дар сӯги пайвандон,
Рӯзҳои ҷумъа нони ҷумъагӣ медод,
Хатми Қуръон карда мебахшид... [14, с.133].

Дар ашъори шоир гоҳе ҷузъиёт ва мушаххасоти боварҳо ва шугунҳои мардумӣ низ дида мешавад. Тибқи боварҳои мардумӣ, агар чашми кас бипарад, яке аз хешовандони наздики ӯ вафот менамояд. Аз ин рӯ, барои аз паридан мондани чашм ришта ё хасеро болои чашм мегузоранд, то хатарро бартараф созанд.

Ниҳодам ман пари коҳи Ватанро,
Ба рӯйи чашм, агар чашмам парида [18, с.142].

Расми латтабандӣ ва дар гӯр мондани чӯб низ дар чанд шеъри шоир зикр шудааст. Ин расм бештар дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон риоя мешавад. Баъд аз оне, ки ду чӯбро дар рӯйи гӯр рост мемонанд, бандинаҳои аз кафан кушодаро дар нӯги чӯбҳо мебанданд. Дар минтақаҳои Рашту Қаротегин ва Дарвоз дар чӯбҳои нӯгашон душоха рӯймолчаҳои аз пораҳои матоъ дӯхташударо мебастаанд ва онро алам мегуфтаанд. Дар гузашта, се шаби аввал дар нӯги ин чӯбҳо оташ меафрӯхтаанд ва барои ин бештар аз чӯби тӯғ истифода мекардаанд. Тӯғ дарахтест, ки ҳезуми он муддати дароз месӯзад.

Аз он чӯбе, ки дар гӯраш задам тӯғ,
Баромад модарам сабзида аз гӯр.
Дарахти сабда шуд дар пуштаи хок,
Ки модар менамояд бар ман аз дур.

Чуноне зист ӯ, бечорагӣ кард,
Миёни ҷандаҳояш бандагӣ кард.
Дарахти модарам шуд латтабандӣ,
Саропо куртаҳои кандагӣ кард.

Ҷавонзанҳои қишлоқам ба армон,
Ки шояд кӯдаке гардад муяссар
Ба нӯги шохаҳояш латта банданд,
Ба дандон канда аз ҳар докаи сар [14, с.108].

Латтабандӣ ҳамчун бовари мардумӣ миёни тоҷикон аз замонҳои қадим асосан миёни занону духтарон маъмул будааст. Духтарони бешавҳар ва занони бефарзанд барои кушода шудани бахти хеш ва фарзанддор шудан, инчунин барои ҳалли дигар мушкилоти зиндагии хеш ин амалро анҷом медодаанд. Ин амалро асосан дар мазорҷойҳо анҷом медодаанд. Дар рубоиву дубайтиҳои халқӣ латтабандӣ хеле маъмул аст:

Дулонаи латтабанд дар майдонай,
Як ҷӯраи хуб дорум, дар поёнай.
Дар поёнай, ҷигарум бирёнай,
Ови ду дидам мисоли новардонай [3, с.26].

Дар баъзе минтақаҳо ва деҳоти дурдаст пештар аз ин дар баҳорон барои пешгирӣ намудани борону сел мардум, махсусан, кӯдакон оби боронро ҷӯшонида хушк мекардаанд. Ин бовар дар шеъри “Пуштаҳо”-и Бозор Собир оварда шудааст:

То наборад дигар биҷӯшондам,
Рӯзи боронӣ оби боронаш.
Оби чашми маро биҷӯшонед,
То шавад хушк ашки резонаш [14, с.67].

Шоир, ки аз кӯдакӣ дар муҳити шеъру суруду тарона дар шабдаравҳо миёни даравакиҳову хирманакиҳо ва подабонҳои сарояндаву навозанда ба воя расида буд, ин анвоъ муҳит дар ашъори ӯ бетаъсир монда наметавонист. Ин аст, ки дар ашъори ӯ таъсири муҳити деҳ бештар ба мушоҳида мерасад. Шоир дар мақолаи “Хонавода пароканда шуд” асноди ҷолиберо овардааст, ки менависад: “Дар кӯдакии мо ҳама гӯяндаю навозанда буданд: ҷуфтакиҳо, чапаракиҳо, подабонҳо, даравакиҳо, хирманакиҳо, ҳатто ҷӯгиҳою соғутарошон, ки бо селаи хару хингилу кӯчу банд ва гурҷинсагҳои харобу хушки гӯшдароз сояи ғафси тутҳои қаторро гирифта, қадоқгардию фолбинӣ мекарданд.

Тӯйҳои фақиронаю ғазалҳои фақирона, роҳҳои хокию дубайтиҳои хоколуд, палаку полизҳои лалмию ҳандалабайтҳои ширини лалмӣ, ҷуфту рубоиҳои сарҷуфтӣ, каланду хонишҳои каландакӣ ва ҳоказо. Байту ғазалро мекиштанду медаравиданд, дарза мебастанду мекашонданд, мекӯфтанду орд мекарданд, мешӯриданду мепухтанд. Кампираке калоба печонда, ҳавоеро димоғӣ мунга мекашид. Хирманакие майдаю мандоғ мехонд. Подабоне гурӯглӣ мегуфту лабакӣ нағмаю мақоме мегардонд. Духтарони қадрас сӯзанӣ дӯхта, ҳамчун най овоз мекашиданд. Ва сари ин замзамаҳо замзамаи Мағфират буд. Мағфирати химчамиён, ки пӯпаки тоқии тосаш як вачаб дарозӣ дошт. Мағфират буду шилдир-шилдири дойраю дастаи духтарон, ки сари овозашро мегирифтанд:

Ҳар ҷо, ки равӣ, хатат равон мекардам,
Гапҳои нагуфтаро баён мекардам.
Гапҳои нагуфтаро агар гуфта нашуд,
Худро ба даруни хат равон мекардам.

Он маҳал намефаҳмидем, ки шоирӣ чист. Инак, фаҳмидем, ки Мағфирати нозанини мо шоира будааст (ёдаш ба хайр)” [18, 278-279].

Дар ашъори Бозор Собир қаҳрамонҳои лаҳзавие дида мешаванд, ки баъзе аз онҳо танҳо ба худи шоир маълум аст. Гоҳе шоир онҳоро дар поварақҳо шарҳ медиҳад.

Ман волаи сӯзане, ки гул медӯзад,
Қурбони гуле, ки Мавҷигул медӯзад.
Вақте нигарам ба сӯзани мижгонаш,
Як сӯзании дигар ба дил медӯзад [14, с.186].

Ин замон дар говгуми ёди ман бори дигар,
Ояти Қуръону кампири Назокатро нигар.
Гов гум кардасту аз говаш хавотир сад карат,
Мекунад чун гови гардунаш ту гуфтӣ, кӯрхат [14, с.51].

Баъзе аз ин қаҳрамонҳо дар ашъори шоир ба такрор низ омадаанд. Масалан, дар шеъри зерин шоир “кампири Назокат”-ро “Момаи Назокат” гуфтааст:

Шукрона, ки нон нахӯрдам аз пушти қалам,
Ҷуз бод дарав накардам аз хишти қалам.
Ангуштаки момаи Назокат бардошт,
Ин коми маро, на чӯби ангушти қалам [14, с.227].

Ё ҷойи дигар:

Ҳамчу кампири Назокат як қадам,
Дил накӯчид аз деҳи кӯчидаам.
Дасти ларзони сафедораш маро,
Аз лаби ҷарҳо дуо дорад сабук [18, с.151].

Ин қаҳрамонро шоир дар поварақ чунин шарҳ додааст: “Момадояи ман, ёдаш ба хайр”:

Ноништаи ман тарошаки деги ту буд,
Гармобаи хушки ман таги реги ту буд.

Қишлоқаки ман хатат нависам ҳама умр,
Устоди хатам муаллими Беки ту буд [14, с.209].

Шоир ин қаҳрамонро дар поварақ чунин шарҳ додааст: “Муаллими нахустинам Қаҳҳор Беков” [14, с.209].

Дар эҷодиёти шифоҳии халқ истифодаи ин навъ қаҳрамонҳои лаҳзавӣ хеле маъмул аст:

Дар лаваки бунг шиштай, эй Одинамо,
Рӯят суни душмано, пуштат суни мо.
Эй Одинамо, рута бугардон суни мо,
И дуди сиёҳ канда шавад ай дили мо [3, с.51].

Ай дур нигоҳ мекунум болора,
Ин полизи сабзу қади Давлатмора.
Давлатмои мо сурхӣ задай рухсора,
Бе сурхию бе сафедӣ куштай мора [3, с.71].

Таъсири мазмун ва образҳои фолклорӣ дар ашъори Бозор Собир ниҳоят баланд буда, таҳқиқу баррасии васеи он паҳлуҳои гуногуни сабк ва маҳорати шоирии Бозор Собирро равшану возеҳ ва дақиқ нишон медиҳад. Ба воситаи фолклор ашъори Бозор Собир комилу таъсирбахш шуда, дар адабиёти муосири тоҷик умри ҷовидона ёфтаанд. Чунин ба назар мерасад, ки таъсири фолклор, аз ҷумла боварҳои мардумӣ, арзишҳои суннативу динӣ, дар маҷмуъ таассуроти муҳити деҳ, ки дар зеҳни шоир ҳанӯз аз айёми кӯдакиву наврасӣ нақш бастааст ва то охири умр аз зеҳни шоир зудуда нашуда, баръакс комилтар шудаанд ва ба ашъори шоир таъсири бевосита гузоштаанд. Дар баробари ин, мазмунҳо ва унсурҳои нодири фолклорӣ дар ашъори Бозор Собир барои образофарӣ ва тасвирнигорӣ мусоидат намудаанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
2. Асрорӣ, В. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 303 с.
3. Баёзи фолклори тоҷик: иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 288 с.
4. Бариева, М.Х. Роль и место С. Есенина в западно-восточном литературном синтезе («Персидские мотивы»): автореф… дис. на канд. филол. наук. (10.01.03) / М.Х. Бариева. – Душанбе, 2007. – 22 с.
5. Бариева, М.Х. Мақоми Сергей Есенин дар синтези адабии ғарбию шарқӣ («Савтҳои форсӣ»). Рисола ... / М.Х. Бариева. – Душанбе, 2007. – 168 с.
6. Есенин, С. Гулафшон / С. Есенин. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
7. Есенин, С. Собрание сочинение. В 2 т. Т.1 / С. Есенин. – М.: Современник, 1990. – 480 с.
8. Маликшоева, Ш. Бозор Собир: Есенинро бо шӯру шавқ тарҷума мекунам (мусоҳибаи Шобегим Маликшоева бо Бозор Собир) / Ш. Маликшоева // Адабиёт ва санъат. – 2016. – 26 май. – С.13.
9. Маликшоева, Ш. Таъсири тарҷумаҳои ашъори Сергей Есенин дар ашъори Бозор Собир / Ш. Маликшоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шум. филологӣ. – Душанбе, 2017. - № 4/1. – С.180-187.
10. Муъмин Қаноат. Як чаман сухан. Собир Бозор. Шохи қалам. Лоиқ Шералӣ. Забони дил / Қаноат, Муъмин. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
11. Собир, Б. Оташбарг (Маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 144 с.
12. Собир, Б. Бо чамидан, бо чашидан... / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
13. Собир, Б. Хонавода пароканда шуд (чаҳор мақола) / Б. Собир. – М.: Трансдорнаука, 2000. – 128 с.
14. Собир, Б. Аз гули хор то симхор: (маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – М.: Интрансдорнаука, 2003. – 256 с.
15. Собир, Б. Шоиру шеъре агар ҳаст…: (шеърҳо ва мақолаҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.
16. Собир, Б. Хуни қалам (маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: 2010. – 132 с.
17. Собир, Б. Лолаи сиёҳ: (маҷмуаи шеърҳо) / Б. Собир. – Душанбе: Адиб, 2013. – 88 с.
18. Собир, Б. Замини модарӣ / Б.Собир. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 410 с.
19. Фолклори Рағун. - Душанбе: ЭР-граф, 2017. - 600 с.
20. Шамисо, С. Анвои адабӣ / С. Шамисо. – Теҳрон, 1373. – 344 с.
21. Шарифов, Х. Шоир ва шеър (маҷмуаи мақолаҳо) / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 217 с.
22. Бозор Собир ва шеъри ӯ [манбаи электронӣ]. URL: http://navisandagan.tj/tj/index.php/adabiyotshinosi/655-bozor-sobir-va-she-ri (санаи муроҷиат: 25.06.2021)


**ТАЪСИРИ ФОЛКЛОР ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР**

(аз нигоҳи мазмун ва мундарича)


Дар мақолаи мазкур таъсири фолклор дар ашъори Бозор Собир аз нигоҳи мавзуъ ва мундарича нишон дода шудааст. Баррасиҳо нишон додаанд, ки таъсири фолклор дар ашъори Бозор Собир ниҳоят зиёд буда, мавзуъҳо ва мазмунҳои фолклорӣ ҳамчун сарчашмаи асосии ашъори Бозор Собир хидмат намудаанд. Бозор Собир дар заминаи мавзуъҳое ба монанди ёди зодгоҳ, ёди меҳан, мавзуъҳои ғарибӣ, шикоят аз тақдир, кӯдакӣ,

ёди ёрону наздикон, ишку муҳаббат, эҳсоси нодориву ночорӣ, яъсу навмедӣ, фочеаи хонаводагӣ, фочеаи тақдир ва монанди инҳо, ки аз мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти шифоҳии халқ ба шумор мераванд, бештар эҷод кардааст ва ин омил сабаби ҷовидонагии ашъори ӯ гардидааст. Дар баробари ин, шеърҳои ӯ дар заминаи ин навъ мавзуъҳо табиӣ ва самимӣ баромадаанд. Баъзе чузъиёте, ки дар фолклор дида мешавад, дар ин мақола бо мисолҳо оварда шудаанд. Дар ашъори Бозор Собир суннатҳо, оинҳо ва урфу одатҳои мардумӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи мардуми деҳ инъикос гаштааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки маҳз тавассути мазмунҳо, образҳо ва идеяву тасвирҳои фолклори ашъори Бозор Собир таъсирбахшу ҷовидона гаштааст.

**Калидвожаҳо:** фолклор, Бозор Собир, бегонагӣ, ватан, мазмуни фолклор, мавзуъҳои деҳ, расму оин, дин, фоҷиаи хонаводагӣ.

**ВЛИЯНИЕ ФОЛКЛОРА НА ПОЭЗИЮ БОЗОРА СОБИРА**

(по содержанию)

В данной статье показано влияние фольклора на поэзию Бозора Собира, с точки зрения темы и содержания. Рецензии показали, что влияние фольклора в поэзии Бозора Собира очень велико, а темы и содержание фольклора послужили основным источником поэзии Бозора Собира. Бозор Собир на основе таких тем, как память о родине, память о мире, иноземные сюжеты, жалобы на судьбу, детство, память о друзьях и близких, любовь, чувства бедности и отчаяния, безысходность, семейная трагедия, трагедия судьбы и т. д., фольклор, создал еще и этот фактор привел к бессмертию его поэзии. В то же время его стихи, созданные на основе таких тем естественны и искренни. Некоторые детали, увиденные в фольклоре, приведены в этой статье с примерами. Поэзия Бозора Собира отражает традиции, обычаи народа как неотъемлемую часть деревенского жителя. Автор приходит к выводу, что именно через содержание фольклорных образов и идей поэзия Бозора Собира стала действенной и вневременной.

**Ключевые слова:** фольклор, Бозор Собир, отчуждение, родина, фольклор, содержание, сельская тематика, обряды, религия, семейная трагедия.

**THE INFLUENCE OF FOLKLORE ON THE POETRY OF BOZOR SOBIR**

(in terms of content)

This article shows the influence of folklore on the poetry of Bozor Sobir in terms of theme and content. The reviews showed that the influence of folklore in the poetry of Bozor Sobir is very great, and the themes and content of folklore served as the main source of Bozor Sobir's poetry. Bozor Sobir based on such themes as the memory of the motherland, the memory of the world, foreign stories, complaints about fate, childhood, the memory of friends and loved ones, love, feelings of poverty and despair, hopelessness, family tragedy, tragedy of fate, etc. folklore, also created this factor led to the immortality of his poetry. At the same time, his poems are natural and sincere based on such themes. Some details seen in folklore are given in this article with examples. The poetry of Bozor Sobir reflects the traditions, customs and traditions of the people as an integral part of the village people. The author comes to the conclusion that it was through the content, folklore images and ideas that the poetry of Bozor Sobir became effective and timeless.

**Key words:** folklore, Bozor Sobir, alienation, homeland, folklore content, rural themes, rituals, religion, family tragedy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маликшозода Шоҳбегим Хайрулло*** - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, муовини сардори раёсати илм ва инноватсия. **Суроғa:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, С.Носир-33. E-mail: **becim1991@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-11-84-70**

**Сведения об авторе:** ***Маликшозода Шохбегим Хайрулло*** - Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, заместитель заведующего управлении науки и инноваций. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, С.Носира-33. E-mail: **becim1991@mail.ru**.
Тел.: **(+992) 985-11-84-70**

**Information about the author:** ***Malikshozoda Shohbegim Khayrullo*** – Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of philology, deputy head of the department of science and innovation. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S.Nosir-33. E-mail: **becim1991@mail.ru.**
Phone: **(+992) 985-11-84-70**

**УДК: 891.550**

# НАҚШИ ДУ УНСУРИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ УРФИИ ШЕРОЗӢ

(дар мисоли ташбеҳ ва истиора)

***Муҳаммадҷони Абдувоҳид***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик шеъри сабки ҳиндӣ аз дурахшандагии хосса бархурдор аст. Дар шеъри сабки ҳиндӣ агарчи таваҷҷуҳи шоирон бар аксари анвои назм равона мегашт, жанри ғазал дар қиёс бо тамомии анвои дигар ҷилваи махсус дошт. Аз ин ҷиҳат буд, ки аксари муҳаққиқони шеъру адаби форсӣ сабки ҳиндиро сабки ғазал меноманд ва жанри мазкурро дурахшонтарин анвои шеърӣ дар ин сабк эътироф менамоянд. Чунонки муҳаққиқ И. Шехимов қайд карда: «Дар ин давра ғазал латифтару ҷаззобтар шуд ва шоирони зиёде, монанди Назирии Нишопурӣ, Урфии Шерозӣ, Файзии Файёзӣ, Соиби Табрезӣ, Калими Кошонӣ, Зулолии Хонсорӣ, Асири Шаҳристонӣ, Толиби Омулӣ, Қосими Девона, Рафеъи Машҳадӣ, Алиризо Таҷаллӣ, Шавкати Бухороӣ, Оқилхони Хофӣ, Саиди Ашраф, Неъматхон Олии Шерозӣ, Мир Начоти Исфаҳонӣ, Иродатхони Возеҳ, Ғании Кашмирӣ, Мир Муиззии Фитрат, Муҳаммадзамони Росих, Носиралии Сарҳиндӣ, Абдуллатифхони Танҳо, Мирзо Абдулқодири Бедил ҳунар озмудаанд ва дар густариши он хидмати шоистаи таҳсине анҷом додаанд [3, с.22].

Маврид ба зикр аст, ки дар миёни ин суханварони соҳибзавқ ва ғазалсароёни машҳур Урфии Шерозӣ аз зумраи шоиронест, ки бо шеваи нигориши хосса дар ташаккул ва заминагузории шеъри ин аср, ки онро «тарзи хаёл» ё «хаёлбофӣ» ва баъдҳо «сабки ҳиндӣ» низ хондаанд, саҳми босазо гузоштааст.

Унсури асосии шеъри сабки ҳиндӣ унсури тахайюл аст, зеро моҳияти асосии услубро дар шеъри ин равиши адабӣ тахайюлоти шоирона ташкил медиҳанд. Саидмуҳаммад ибни Зайнулобиддин Балу мулаққаб ба Ҷамолуддин ва мутахаллис ба Урфии Шерозӣ яке аз маъруфтарин ва бузургтарин шоири охирҳои асри XVI ва ибтидои асри XVII (963-999 ҳ.қ.1555-56 /1590-91 м.) мебошад, ки миёни шоирони сабки ҳиндӣ дар шеъри ӯ неруи тахайюл ё чунонки муҳаққиқон аз он ба унвони хаёлбофӣ ном гирифта, нақши бузург дорад. Печидабаёниву хаёлбофӣ пеш аз Урфии Шерозӣ ҳам дар ашъори шоирони дигар ба назар мерасад. Аммо шоири мавриди назари мо дар заминаи ҳамин анъанаҳои сухансароӣ бо навпардозиву тозабаёнӣ ин тарзро расмият мебахшад ва яке аз хасисаҳои шеъриии худ мегардонад. Дар тазкираҳо ва сарчашмаҳо низ бар он ишора меравад, ки тозагӯйӣ, хаёлбандӣ ва тасвирпардозии сабки ҳиндӣ ба Урфӣ алоқаманд аст. Урфӣ аз зумраи шоиронест, ки асосгузории хишти аввали сабки ҳиндиро мансуб ба ӯ донистаанд. Аз ҷумла, Ҳасанпур Олиштӣ дар ҳамин маврид қайд менамояд: «Бояд пазируфт, ки ҷараёни хаёлбандӣ ва тозагӯйӣ, ва ё ҳамон ҷараёни маъруфи сабки ҳиндӣ ба Урфии Шерозӣ устуворӣ ёфтааст. Ӯ аввалин ва муваффақтарин шоире аст, ки ба ин шева расмият ва ваҷоҳат бахшида, ба гунае ки метавон вайро мухтареи тарзи тоза номид ва дигар сарояндагони сабки ҳиндиро думболаравони вай маҳсуб дошт» [10, с.34].

Дигар унсури муҳим дар коркардҳои адабии забонӣ дар илми адабиётшиносӣ тасвирпардозӣ пазируфта шудааст. Дар робита ба ин, заминаи мусоид ҷиҳати бештару хубтар шинохтану сарфаҳм рафтани падидаи мазкури зеҳнӣ - ин гурӯҳбандӣ намудани тасвир ва баҳс сари намудҳои он мебошад. Дар адабиёт мафҳум ва ё истилоҳи тасвирпардозӣ ба ду мафҳум мавриди корбурд қарор мегирад:

1. Нависандае, ки забони воқеӣ ва қомусӣ (роздор)-ро ба манзури интиқоли як тасвири визуалӣ (як акси табиӣ аз ашё) ба зеҳни хонанда ба кор бибарад, ба тасвирпардозӣ даст задааст.

2. Корбурди саноти бадеӣ барои баёни тасаввур ва андешаи интизоӣ ва навоварӣ дар забони зинда низ тасвирпардозӣ номида мешавад. Намуди дуюми тасвир, ки дар он аз усулҳои ташбеҳ, истиора, ташхис, киноя ва дигар саноои маънавӣ истифода мешаванд, унсури асосии шеър ва таҳкурсии осори шоир мебошад [9, с.46].

Ба таври дигар, тасвир ҳамчун мафҳум дар корбурди роиҷ иборат аст аз ҳар гуна тасарруфи хаёлӣ дар забон. Ин таъриф ҳам дар балоғати суннатӣ ва ҳам нақди адабии ҷадид пазируфта шудааст. Дар маҷмӯъ истилоҳи тасвирпардозиро барои тамоми корбурдҳои

забони маҷозӣ ба кор мебаранд. Дар ин мафҳум тасвир, чунонки Хусрави Фаршедвар зикр менамояд, иборат аст аз «ҳар гуна корбурди маҷозии забон, ки шомили ҳамаи саноот ва тамҳидоти балоғӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, маҷоз киноя, тамсил, иғроқ, муболиға, талмеҳ, устура, исноди маҷозӣ, ташхис, ҳиссомезӣ ва ғайра» [9, с.45].

Тибқи илми баён, дар тасвир ва образнокии сухан нақши аркони чаҳоргонаи тасвир-ташбеҳ, истиора, киноя ва маҷоз басо назаррас аст. Аммо ин саноеъ, агар бо ороишҳои дигари ҳунарӣ тавъам бошанд, тасвирро боз ҳам ҷолибтар мегардонанд. Агар ташбеҳу истиора бо таносубу мурооти назир, тазод, иғроқ, ирсоли масал, таҷнис, талмеҳ, иҳом ва ғайра ҳамроҳ бошад, каломи шоир возеҳтару муассиртар мегардад. Ҳамин аст, ки бунёди шеър ва ҳунар ба ибдоъ ва навоварӣ устувор аст. Дар баробари мазмуну маънӣ ибдои лафз ва воситаҳои баёну ифода як рукни асосии ҳунари шоиронаро ташкил медиҳад, ки ин хусусият дар гузашта, алалхусус дар шеъри фаннӣ, меъёри аслии таъйини арзиши шеър ба ҳисоб мерафт.

Навоварӣ дар тасвирпардозӣ ва воситаҳои баён на ба ҳар шоир муяссар мегардад. Тибқи андешаҳои бархе муҳаққиқон, аз ҷумла Б. Шарифов, «аз шоирони форсигӯ, онон ки қадимтаранд, навовартар низ ҳастанд, зеро зимни он ки нахустин ашъори форсиро сурудаанд, нахустин ташбеҳу истиораро низ овардаанд» [13, с.140].

Тасвирпардозӣ яке аз ҷанбаҳои зебои шеъри Урфист. Шоир барои он ки тавонад натиҷаи афкор ва андешаашро ошкор кунад, кӯшиш менамояд, ки байни ин афкору эҳсосот ва ҷаҳони моддӣ иртибот пайдо кунад, то ёфтаҳояшро барои дигарон ба намоиш гузорад. Аз ин нуқтаи назар, тасвир яке аз унсурҳои асосӣ дар шинохти шахсийяти рӯҳӣ ва равонии Урфӣ ба шумор меравад, зеро шеъри ӯ ин ҳосили таҷриба ва бардошти вай аз муҳиту ҷомеааш мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, тасвирпардозиро корбасти санъатҳои бадеӣ дар коргоҳи эҷодии шоирон гуфтан мумкин аст, ки одатан бо мақсади ороишу мавзунии сухан ва муассир гаштани калом амалӣ мешавад.Урфӣ низ аз зумраи шоиронест, ки дар эҷоди ашъори худ аз санъатҳои бадеӣ фаровон истифода бурда, ҳунари баланди эҷодкории худро ба намоиш гузоштааст. Истифодаи фаровони санъатҳои бадеӣ чун ташбеҳ, истиора, киноя, парадокс (ҳодисаи тасодуфӣ, ки бо тасаввуроти муқаррарӣ мувофиқат намекунад) ва дигар санъатҳои бадеӣ аз маҳорати баланди суханофарии шоир дарак медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки агарчи баъзе паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Урфии Шерозӣ дар адабиётшиносиии муосир мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, вале масъалаи мавриди назари мо то кунун дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳадди зарурӣ омӯхта нашуда, ин масъала норавшан мондааст.

Таҳлилу баррасии масъалаи мавриди назар яке аз заминаҳои муҳим дар шинохти тарзи баён ва сабки шеъри Урфӣ аст. Муҳаққиқони эронӣ дар ин маврид қайд намудаанд, ки «тасвир дар ашъори ӯ (Урфӣ) ба сурати ташбеҳ, истиора, киноя, маҷози парадокс ва ҳиссомезӣ» [1, с.30] ба назар мерасад. Урфӣ, дар ҳақиқат, аз бахрагирӣ ин навъи имконоти баёниро ҷиҳати ифодаи маъноҳо васеъ истифода кардааст. Ба ин васила, дар тасвири шоиронаи Урфӣ таваҷҷуҳи ҳар хонандаро ба худ ҷалб карда ба ҳайси беҳтарин манзумаҳои сабки ҳиндӣ эътироф гардидаанд.

Ба аҳли назар мусаллам аст, ки шоирон барои эҷод ва дарёфти мазомин калима ва вожагони гуногунро бармегузинанд ва мавриди корбурд қарор медиҳанд. Маъно ва мазомини дарёфтаи онҳо мумкин аст ба ҳам наздик бошад, вале ҷабҳаи фарққунандагии осори онҳо дар чигунагии мавриди корбарӣ қарор додани санъатҳои бадеӣ, чун ташбеҳ, истиора, маҷоз киноя ва амсоли он мебошад.

Ташбеҳ аз зумраи шеваҳои баёни адабист, ки ба ҳайси воситаи тасвири бадеӣ заминасози он мегардад, ки калом аз сатҳи маъмулии худ ба суйи сатҳи адабӣ майл кунад. Омили муҳимтарин дар тасвирпардозии шоир, пеш аз ҳама ташбеҳ дониста мешавад.

Ташбеҳ дар сабки ҳиндӣ яке аз нишонаҳои сабкӣ дониста мешавад, вале дар ин сабк ташбеҳоте, ки бо тамоми аркон зикр шаванд, роиҷ набудааст. Шафеии Кадканӣ дар робита ба ин масъала қайд менамояд, ки «ташбеҳе, ки ба тафсил ба баён омада бошад ва адоти ташбеҳ ва ҷузъиёти он зикр шуда бошад, дар шеъри ин давра (сабки ҳиндӣ) ёфт намешавад, ваҷҳи шабеҳ низ зикр намешавад ва чизи наздик ба ташбеҳ дар он наметавон ёфт, аз ин рӯ истиора дар дили истиора падид меояд, ки ба ибҳом меанҷомад» [12, с.56].

Иловатан бар қайди муҳаққиқи эронӣ ҳаминро гуфтанием, ки назари мазкур комилан асос ба рад кардани ташбеҳ дар шеъри ин давра нест, зеро он бештар ба ташбеҳоти фишурда ва дар натиҷа ба истиора таъкид мекунад. Чаро ки Урфӣ ба ҳайси яке аз шоирони ин сабк дар баёни афкор ва андешаҳои шоиронаи худ, агарчи ба нудрат бошад, аз ташбеҳоти мурсал, муаккад ва муфассал баҳра гирифтааст. Вале қайд кардан бамаврид аст, ки ташбеҳи балиғ дар эҷодиёти Урфӣ, ба хусус ғазалиёти ӯ ҷилвам назаррас дорад ва яке аз нишонаҳои сабкии шоирии ӯ ба шумор меравад.

Дар илми баён ташбеҳи балиғ бо назардошти ташкил ёфтани ташбеҳ бе иштироки ёридиҳанда (адоти ташбеҳ) барҷастатарин ташбеҳ дониста мешавад. Чунончи дар ҳамин маврид Т. Зеҳнӣ ишорат намудааст, «гоҳо ташбеҳ аз ғайри иштироки ёридиҳанда (адоти ташбеҳ) ташкил меёбад ва беҳтарину барҷастатарин ташбеҳ ҳамон ташбеҳест, ки аз ғайри иштироки ёридиҳанда ташкил ёфтааст» [2, с.44].

Ташбеҳе, ки дар он на ваҷҳи шабаҳ зикр шавад ва на адоти ташбеҳ, ташбеҳи балиғ ном дорад. Ду рукни асосии ташбеҳ мушаббаҳун биҳи аст, ки бар хилофи ваҷҳи монандкунӣ ва адоти ташбеҳ ҳеҷ гоҳ ҳазф намешаванд. Ва ё чунонки муҳаққиқони эронӣ зикр намудаанд: «Унсури хаёл дар ташбеҳи балиғ беш аз гунаҳои дигари ташбеҳ аст. Бо ҳазфи ваҷҳи шибҳ калом мухайилтар мешавад ва зеҳн барои пайдо кардани ваҷҳи шибҳ ва ё ваҷҳи шабоҳат байни мушаббаҳ ва мушаббаҳун биҳи ба такопӯ меафтад» [15, с.14]. Корбурди ҳамин навъи ташбеҳ, яъне ташбеҳи балиғ ба сурати изофӣ ва ғайриизофӣ дар ғазалиёти Урфӣ чашмгир мебошад, ки боиси тозагии каломи ӯ гардидааст.

Чунончи адабиётшиноси эронӣ Ҳасанпур майл ва ручӯи Урфиро бар ташбеҳоти балиғ омили тозагии забони ғазали ӯ медонад: «Иллати майли Урфӣ ба ташбеҳи балиғ ё фишурда, гироиши нисбӣ ба забони фишурда ё сохти изофии забон аст ва ин худ яке аз далоили тозагии забони ғазали Урфӣ аст ва дар натиҷа, ба халқи тасовири бадеъ ва тоза асос мегардад» [10, с.104].

Дар ташбеҳоти Урфӣ монанд кардани мафҳумҳо аксаран аз тариқи музмар, яъне пушидани он роҳандозӣ мешавад. Ҳамин навъи ташбеҳоти бакоргирифтаи шоирро метавон балиғ қаламдод кард, чун дар он адоти ташбеҳ ё васоити мушобиҳат мавриди истифода қарор намегиранд. Чунончи дар байти зерин шоир ба таври пӯшида ишқро ба самум монанд кардааст:

Ишқ меомаду шерони ҷаҳон мегуфтанд,
К-ин самумест, ки оташ зада дар бешаи мо [6, с.256/39-2].

Дар байти зер ҳам ташбеҳи пушида истифода шудааст, шоир худро ба кӯҳи ғам монанд кардааст:

Манам кӯҳи бало дар синаи Фарҳод, к-аз олам
Барад ҳамроҳ ба саҳрои қиёмат бесутуни худ [6, с.509/386-7].

Як хусусияти муассири байти мазкур дар бакоргирии ташбеҳ дар он инъикос мегардад, ки он тавассути санъати истиора сохта шудааст. Яъне ибораи изофии «кӯҳи бало», ки ба воситаи маҷозу киноя ба вуҷуд омадааст, навъи истиораи киноӣ аст. «Кӯҳи бало», ҷузъи мушаббаҳун биҳии ташбеҳ ба ҳисоб рафта, «ман» ҷузъи мушаббаҳ мебошад. Ин ҷузъи монандкунанда- «кӯҳи бало» аз ҷониби дигар бо вожаи Фарҳод муносибати мантиқӣ дорад, зеро ҳам вожаи кӯҳ, ҳам Фарҳод, дар навбати худ, талмеҳанд ва ишорат бар достони маъруф мекунанд.

Ҳамин тарзи корбурди ташбеҳ, яъне тавассути истиора сохта шудани он дар аксари тасвирсозиҳои Урфӣ мушоҳида мешавад. Гоҳо истиора дар ташбеҳоти шоир дар ҷузъи муайянкунанда (мушаббаҳун биҳи) истифода мешаванд, чунонки намунае аз онро дар байти фавқузикр дар мисоли ибораи мустаори «кӯҳи бало» зикр намудем ва гоҳе дар қисмати муайяншаванда (мушаббаҳ) мавриди корбурд мегирад, чунончи дар байти зер дар мисоли «баҳри ғам» инро мушоҳида менамоем:

Баҳри ғам ҷумла канор аст, гар аз худ гузарӣ,
Киштии аҳли фано миннати соҳил набарад [6, с.565/476-4].

Шоир дар байти боло баҳри ғамро ба канор, яъне соҳил монанд кардааст ва ин монандкунӣ ба таври пӯшида сурат гирифтааст. Дар байти зер ҳам Урфӣ ташбеҳро тавассути истиораи «мавҷхези малол» фароҳам овардааст. Ибораи «мавҷхези малол» истиораи киноии изоф аст, чун дар он, дар навбати худ, малол бар мавҷ шабоҳат карда шудааст:

Урфӣ, аз мавҷи ғам туро чӣ ғам аст?
Мавҷхези малол, соҳили мост [6, с.518/405-2].

Баъзан дар тасвирҳои Урфӣ ташбеҳоту истиорот бо ҳам ихтиллоту омезиши сахт пайдо мекунанд, ки ин ҳолат боиси мубҳамӣ ва печидагии мазмуну маъно мегардад. Аз ҷумла, дар байти зер аз як ғазали шоир ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад:

Зи рӯй шавқи тамошо ҳазор пора шавад,
Агар ба пои нигоҳам ҳино шавад занҷир [6, с.624/564-6].

Ташбеҳ дар байти боло тавассути вожагони ҳино ва занҷир сохта шудааст. Ҳино ҷузъи муайяншаванда- мушаббаҳ ва занҷир ҷузъи мушаббаҳун биҳи, яъне муайянкунанда ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ, ҳам ҳино ва ҳам занҷир- ҳар ду ба вожаи пой ва аз тариқи он ба истиораи «пойи нигоҳ» робитаи мантиқӣ дорад. Шоир мегӯяд, ки бар асари шавқи тамошо (яъне: тамошои маъшуқ) занҷир дар пойҳоям пора мешавад. Аммо ин занҷир аз ҳиност ва пой ба ҷисми вай тааллуқ надорад, он бар нигоҳ алоқаманд аст. Ҳино, дар навбати худ, ба ҷиҳати сухани худ киноя аз хунин будани ашк ва чашмони шахси шоир мебошад.

Манзури ниҳоии шоир аз байти фавқ ин аст: «Бар асари шавқи тамошои маъшуқ чашмони ман хуношон шудаанд».

Ташбеҳоти Урфӣ баъзан тавассути адот ҳам матраҳ шуда бошанд, дар худ як навъ мубҳамиву печидагӣ доранд. Ин ҳолат, ба андешаи мо, ба мӯҷиби сабки хоссаи Урфӣ, ки бо печидагӯйиву мураккабнависӣ омезиш дорад, ба вуҷуд меояд. Масалан, дар байти зер, бо он ки ташбеҳ ба воситаи адоти «чу» сохта шуда, аммо дарки он тааммулро талаб менамояд:

Чу мурғи сидра, ки дар ошён биёсояд,
Ба чини зулфи ту ҷон бисояд [6, с.450/302-1].

Дар байти боло мисраи дувум- пурра ҷузъи мушаббаҳи ташбеҳ ва мисраи якум мушаббаҳун биҳи аст, яъне шоир оромиш дар чини зулфи маъшуқро ба мурғи сидрае монанд кардааст, ки дар ошён меосояду оромиш пайдо менамояд.

Нақши санъати истиора дар ташбеҳсозиҳои Урфӣ қобили мулоҳиза аст. Дар нигоҳ ба матни ғазалҳои шоир абиёти зиёдеро метавон пайдо намуд, ки дар онҳо муаллиф ё ташбеҳу истиорарo ҷиҳати тасвири мафҳум бо ҳам ихтилот додааст, ёташбеҳро ба воситаи истиора ба вуҷуд овардааст. Баъзан истиораҳое, ки дар яке аз ҷузъҳои ташбеҳ истифода мешаванд, ба туфайли зиёдии аҷзои худ шакили мураккабро мегиранд.

Аз ҷумла, дар ин байт ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад, чун дар он ҷузъи мушаббаҳун биҳи- муайянкунанда ибораи маҷозӣ ё киноии «хошоки барқи ҳусун» истиораи навъан киноӣ ва шаклан мураккаб мебошад:

Хошоки барқи ҳусн бувад ишқи хонасӯз,
Барқест ҳусн, шуъла гудозу забонасӯз [6, с.637/586-1].

Шоир дар байти фавқ ишқи хонасӯзро ба хошоки барқи ҳусн монанд кардааст. Дар навбати худ, истиораи мазкурро метавон бар ду ибораи мустаори дигар: «хошоки барқ» ва «барқи ҳусн» ҷудо кард. Аслан, ба мӯҷиби ҳамин тавлиди чанд истиора аз як ибораи мустаор истиора шаклан мураккаб мешавад.

Дар байти фавқ ду ташбеҳи музмар ё пӯшида дида мешавад. Якум он аст, ки қаблан дар мисоли мисраи нахуст шарҳ додем. Ташбеҳи дувум дар мисраи баъдӣ аст, ки шоир дар он ҳусн (-и маъшуқ)-ро ба барқ монанд менамояд.

Истиора дар ғазалиёти Урфӣ то бад-он ҳад нақши муассир дорад, ки ҳатто шоир ташбеҳро агар баъзан бо ин навъи санъати бадеӣ омезиш дода бошад ҳам, боз ба хотири майл бар он истиораи дигареро хориҷ аз ташбеҳ истифода менамояд. Чунончи намунае аз онро метавон дар байти зерин мушоҳида кард, ки дар мисраи 1-ум истиора бо ташбеҳ омезиш меёбад ва дар мисраи 2-юм хориҷ аз ташбеҳ истифода мешавад:

Ишқ хуршеди қиёмат бувад, эй роҳатдӯст,
Дар <u>биёбони ҷазо</u> сояи девор куҷост [6, с.291/83-7].

Дар мисраи нахуст шоир ишқро ба хуршеди қиёмат ташбеҳ кардааст ва ҷузъи муайянкунанда дар ин ташбеҳсозӣ истиора ба шумор хоҳад рафт. Дар мисраи баъдӣ бошад, истиораи мустақил истифода шудааст ва бо ташбеҳ мушорикат надорад.

Ин истиора ибораи изофии «биёбони ҷазо» ба шумор хоҳад рафт.

Истиораҳои мустақил, яъне ибораҳои мустаоре, ки дар матни ғазалҳои Урфӣ бе иштироки ташбеҳ ба назар мерасанд, хеле зиёданд ва ҳатто, метавон гуфт, ки дар қиёс бо

дигар воситаҳои тасвир дар мақоми баландтар қарор доранд. Аз ин ҳайс девони ғазалиёти Урфии Шерозиро метавон маҷмӯйи бузурги ибороти изофии маҷозӣ ва ё истиороти киноӣ эътироф кард.

Истиора дар кутуби луғат, аз ҷумла «Фарҳанги забони тоҷикӣ, дар маънои ба орият хостани чизе ва ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ навъе аз ташбеҳ зикр гардидааст» [7, с.502]. Аз донишмандони классикӣ Шамси Қайси Розӣ ва Атоуллоҳ Ҳусайнӣ истиораро навъе аз маҷоз хондаанд, ки таърифи онҳо ба хотири мавҷуд будани алоқаи мушаббаҳот дар истиора аст [5, с.292; 10, с.155].

Муҳаққиқони муосир ҳам, аз ҷумла Турақул Зеҳнӣ ва Сируси Шамисо ба мӯҷиби алоқаи мушобиҳат ва муносибати яксоне, ки миёни ин ду унсури муҳимми маҷоз мушоҳида мешавад, ҷуз аз маҷоз истиораро ҳамчун ташбеҳ хондаанд [2, с.63; 13, с.57].

Дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ истиора бештар дар навъи изофӣ ва киноияш истифода гардидааст. Дар ин навъи истиора, чунонки дида мешавад, ҷузъи мушаббаҳот (муайяншаванда) баъд аз мушаббаҳун биҳи (муайянкунанда) омада, тавассути ҷузъи қаблии худ сифатчинӣ ё васф мешавад. Дар ибораҳои изофии мустаори амсоли <u>қасри муҳаббат</u>, <u>маъҷари ишқ</u>, <u>диёри муҳаббат</u>, <u>мавҷхези малол</u>, <u>баҳри ғам</u>, <u>хошоки исмат</u>, <u>синони дуо</u>, <u>дили шаб</u>, <u>силии хизмат</u>, <u>водии роҳат</u>, <u>пойи нигоҳ</u>, <u>хуршеди қиёмат</u>, <u>биёбони ҷазо</u>, <u>хошоки барқи ҳусн</u>, <u>тухми ғам</u>, <u>хушаи ашк</u>, <u>деҳқони вафо</u>, <u>кӯҳи бало</u>, <u>саҳрои қиёмат</u> ва ғайраҳо ҳамин ҷиҳат мушоҳида мешавад.

Як хусусияти ин навъи истиора дар он зоҳир мешавад, ки он бар хилофи истиороти маъруф, ки тавассути як вожаи киноӣ сохта мешавад, ба василаи ибораи изофӣ ба вуҷуд меояд. Агарчи баъзе аз муҳаққиқон ин навъи истиораро бештар бар маҷози изофӣ марбут медонанд, аммо донишмандони пешин, аз ҷумла муаллифи «Ал-муъҷам» онро аз навъи истиора қаламдод кардаанд [5, с.292].

Аммо бархе муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Сирус Шамисо монанди донишмандони пешин ин ибораро истиораи киноӣ ва тахйилӣ ном додаанд [14, с.62].

Дар ҳақиқат дар истиораи изофии киноӣ як навъ парвози тахайюли шоир дар фазои маҷозу киноя эҳсос мешавад. Хонанда эҳсос менамояд, ки дар ин навъи истиорот ҷанбаи киноӣ бас мустаҳкам буда, рамзу маҷоз дар он мақоми баланд доранд. Ин гуфтаҳоро метавон дар мисоли истиороти Урфии Шерозӣ, ки дар маҷмӯаи ғазалиёташ бисёр истифода гардидаанд, ба тасбият расонид. Аз ҷумла дар байти зерин дар мисоли ибораи «қасри муҳаббат» истиораи киноӣ истифода гардидааст:

Ба Кӯят ҳар тараф хоке ба оби дида гил кардам,
Ки таъмире, кунам қасри муҳаббатро ба ин гилҳо [6, с.231/4-3].

Дар тахайюли шоиронаи Урфӣ муҳаббат мисли қасрест ва онро метавон таъмир кард. Ҷиҳати таъмири ин қаср Урфӣ аз оби дидагоне, ки бар хок фурӯ мефитанд, гил месозад. Ин тарзи баён дар истиораи мазкур ба василаи киноя сохта шудааст.

Ҳамчунин дар байти зер ибораи изофии «миъҷари ишқ» аз тариқи маҷозу киноя ба вуҷуд омада, истиораи киноӣ ё тахйилӣ ба ҳисоб меравад:

Ба ин ҷамол чу ойӣ брӯн зи миъҷари ишқ,
Зи коми халқ барӣ лаззати тамошоро [6, с.241/16-3].

Вожаи <u>миъҷар</u> дар «Фарҳанги форсии муайян» «русарӣ, срандоз» маънидод шудааст [8]. Бинобар маънои худ, вожаи миъҷар аз вожаи <u>ишқ</u>, ки мавҳуму абстракт аст, маънои маҷозиву киноӣ сохтааст.

<u>Муҳаббат</u> ҳам мафҳуме ғайриламсӣ ва абстракт мебошад ва онро танҳо аз тариқи ваҳму зеҳн метавон фаҳм кард. Аммо Урфӣ аз ин мафҳум тавассути киноя ё бо коргирии вожаи диёр аз тариқи маҷоз истиораи <u>диёри муҳаббатро</u> ба вуҷуд овардааст:

Ду олам аз асари шуълаи ҷамолат сӯхт,
Ба ҷуз <u>диёри муҳаббат</u>, ки дар паноҳи ман аст [6, с.317/117-4].

Дар байти зерин бошад, дар як мисраъ ду истиораи киноӣ- «хошоки исмат» ва «ранги ол» мавриди истифода қарор гирифтаанд:

Чу маст омад бурун, Урфӣ, чӣ гӯям аҳли тақворо,
Чи сон зад шуъла бар хошоки исмат ранги оли ӯ [6, с.818/836-6].

Дар истиораҳои Урфӣ ҷузъи мушаббаҳ ва ҷузъи мушаббаҳун биҳи, баръакс, мафҳумҳои дидашавандаву ламсшаванда мебошанд. Чунончи дар абёти поён дар

истиорахои «синони дуо», «водии роҳат», «равзаи ишқ», «тазарви офият», «тухми ғам» ҷузъҳои муайяншаванда- ҳама мафҳумҳои ғайриламсиву абстракт маҳсуб мешаванд:

Синони дуо бар дили шаб мазан,
Зи лаб, нола барчин, «Ё раб» мазан [6, с.794/800-1].

То кай талаб аз водии роҳат кунадам дур,
Ин ноқа дар ин марҳала пай мекунам имшаб [6, с.286/66-6].

Хароби равзаи ишқам, ки бо фазои ду кавн,
Тазарви офиятам дар ҳаво намегунҷад [6, с.592/516-9].

Дар истиорахои Урфӣ гоҳе дар як байт чанд истиора мавриди тасвири мафҳумҳо ё дарёфти мазомин қарор мегиранд, чунонки намунаҳое аз онро дар мисоли байти охир мушоҳида менамоем. Ин ҳолат баъзан имтидоди бештар пайдо карда, вижагии сабкии шоирро муаррифӣ менамоянд ва ба ҳайси хусусияти назаррас дар мазмунофаринии шоир аз тариқи истиорот ҷилва менамояд. Чунончи дар ин ду байт Урфӣ якбора се истиораро ба кор бурдааст: дар байти якум истиорахои «оҳуи маъно», «водии ҳасрат», «водии идрок» ва дар байти дувум «тухми ғам», «хушаи ашк» ва «деҳқони вафо»-ро:

Аз он оҳӯи маъно мечарад дар водии ҳасрат,
Ки кишти захрнок аз водии идрок меруяд [6, с.598/525-4].

Ба дил тухми ғаме мекору мечин хӯшаи ашке,
Ки деҳқони вафо ҷамъ оварад з-ин кишт ҳосилҳо [6, с.237/13-4].

Дар тасвирпардозии Урфии Шерозӣ, чунонки дида мешавад, нақши ду унсури асосии тасвир- ташбеҳу истиора басо назаррас аст ва нисбат бар дигар аносири маҷозии сухан ҷилваи бештар доранд. Ҳунари ташбеҳсозӣ ва истиорапардозии Урфӣ бештар дар ғазалиёти вай, ки саропо иборат аз мавзӯи ишқу муҳаббат аст, мушоҳида мешавад.

Агарчи дар қасоиди маъруфи Урфӣ ҳам намунаҳои зиёд ва зебое аз ин ду унсури маҷозро метавон пайдо кард, аммо ҳақиқат ин аст, ки шоир аносири мазкурро бештар ҷиҳати тасвири ҳолат ва хостаҳои завқиву ботинӣ ва равонии хеш мавриди истифода қарор додааст. Аз ин ҳайс ғазали Урфиро метавон аз беҳтарин тасвирсозиҳои шеъри сабки ҳиндӣ дар иртибот бар корбурди ташбеҳ ва истиора эътироф кард. Ҳамин тариқи тасвирпардозӣ дар шеъри сабки ҳиндӣ баъдтар дар эҷодиёти бузургони дигари сабки мазкур, аз ҷумла Калими Кошонӣ ва Соиби Табрезӣ идома пазируфта, дар ҳар ду бо гунаҳои махсус ҷилва намудааст.

**Мукарриз:** ***Саидҷафаров О.Ш.*** – д.и.ф., профессори ДДМИТ

**А Д А Б И Ё Т**


1. Аҳмади Карим. Олис Саидӣ. Тасвир дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ / Карим, Аҳмад. Олис Саидӣ // Адабиёти форсӣ. Донишгоҳи озоди Машҳад. – 1388. - № 23 - С.28-52.
2. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. - Душанбе: Маориф, 1992. - 304 с.
3. Иззатбек, Шехимов. Нигоҳе ба шеъри Мирзо Ҷалоли Асир/ Шехимов, Иззатбек // Камоли Хуҷандӣ. Фаслномаи илмӣ-адабӣ. - Хуҷанд, 2016. - № 2(6). - С.22-32.
4. Муҳаммади Фатуҳӣ. Балоғати тасвир / Фатуҳӣ, Муҳаммад.- Теҳрон: Сухан,1385. - С.45-46.
5. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-мучам / Шамси Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урбатулло Тоҳиров. - Душанбе: Адиб, 1991. - 463 с.
6. Урфии Шерозӣ. Куллиёт / Шерозӣ, Урфӣ. Ба кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Валиюлҳақи Ансорӣ (муштамил бар қасидаҳо, таркиббандҳо, тарҷеъбандҳо, қитъаот, бар асоси нусхаҳои Абулқосими Сироҷои Исфаҳонӣ ва Муҳаммадсодиқи Нозими Табрезӣ). Дар се муҷаллад. – Ҷ. 1. – Теҳрон, 1378. – 1014 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди I. А – О. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим. Н.А. Масъумӣ. - М.: Советская энциклопедия, 1969. - 949 с.
8. Фарҳанги форсии муайян [манбаи электронӣ]. URL: https://www.vajehyab. com/moein (санаи истифодабарӣ: 20.12.2020).
9. Фаршедвард Хисрав. Дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ / Хисрав, Фаршедвард. - Теҳрон: Интишороти Амири Кабир, 1386. - Ҷ.2. - С.479.
10. Ҳусанпур Олиштӣ, Ҳасан. Урфӣ, мухтареи тарзи тоза / Ҳасан Ҳусанпур Олиштӣ // Китоби моҳи адабиёт ва фалсафа. - 1378. - №-26. -С.34-39.
11. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1974. - 222 с.

12. Шафеии Кадканӣ, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. - Теҳрон: Интишороти Огоҳ, 1378. - С.45.
13. Шарифов Б. Ҳунарварзии Ҳоқонӣ дар санъати ташбеҳ / Б. Шарифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2014. - №4/2. - С.140-151.
14. Шамисо, Сирус. Баён ва маъонӣ / Сирус Шамисо. - Теҳрон: Фирдавс, 1378 ҳ. - 254 с.
15. Ядуллоҳ Баҳманӣ. Меҳрон Шодӣ. Сувари хаёл ва саноеи бадеӣ дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ / Баҳманӣ Ядуллоҳ, М. Шодӣ // Маҷаллаи мутолиоти забонӣ ва балоғӣ. - 1390. - №6/2. - С.9-34.

## НАҚШИ ДУ УНСУРИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ УРФИИ ШЕРОЗӢ

(дар мисоли ташбеҳ ва истиора)

Дар мақола дар хусуси нақши ташбеҳ ва истиора дар ғазалиёти яке аз бузургтарин шоирони ҳавзаи адабии асрҳои XVI-XVII Ҳиндустон ва аз асосгузорони сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ Урфии Шерозӣ сухан меравад. Чи хеле ки муаллиф қайд менамояд, дар ғазалиёти Урфӣ дар қиёс бо дигар анвои воситаҳои тасвири бадеӣ мақоми ду унсури тасвир: ташбеҳ ва истиора баландтар аст. Ташбеҳ ба ҳайси яке аз муҳимтарин аркони маҷоз дар ғазалҳои Урфӣ асоси тасвирҳои шоиронаро ташкил дода, дар дарёфти мазомини нави вай иштироки фаъол дорад. Дар ташбеҳоти Урфӣ бештар навъи балиғ ё пӯшидаи он мавриди истифода қарор гирифтаанд. Агар гоҳе ҳам шоир дар монанд кардани мафоҳим ва ашё адоти ташбеҳ ё васоити шабеҳсозиро истифода намудааст, аммо корбурди ташбеҳоти беадот, ки намоёнгари навъи балиғи он аст, қиёсан ҷилваи назаррастар дорад. Як хусусияти ташбеҳоти Урфӣ,- қайд менамояд муаллиф,- дар он мушоҳида мешавад, ки дар онҳо дигар аносири тасвири бадеӣ ҳам, бахусус санъати истиора, иштироки фаъол дорад. Имтизоҷи ташбеҳ ва истиора бар тасвироти шоиронаи Урфӣ ҳусни бештар бахшида, мӯҷиби таъсирбахштар шудани онҳо мегарданд. Муаллиф зикр менамояд, ки санъати истиора берун аз ташбеҳ, яъне бе омезиш ёфтан бад-он ҳам дар матни ғазалиёти шоир ҷилваи назаррас дорад. Ӯ шеъри Урфиро бар асари тааддуди истиора шеъри истиора меномад ва нақши ин санъати бадеиро дар шоирона кардани мафҳумҳову дарёфти мазомини нав бас баланд арзёбӣ менамояд. Тибқи нишондоди муаллиф, дар ғазалиёти Урфӣ бештар истиораи изофӣ ё киноӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Истиораҳои навъи мазкур бо алоқаи изофӣ ба вуҷуд омада, бунёди сохтории он тавассути ибора аст. Ин навъи истиора дар осори донишмандони классик ибораи мустаор низ зикр гардидааст. Урфӣ,- чунонки муаллиф зикр менамояд,- зеботарин мазомини шоиронаи худро ба василаи ҳамин навъи истиора ба вуҷуд оварда, дар таҳаввули маъноиву мавзуии санъати мазкур саҳми қобили мулоҳизае бар ҷой гузоштааст.

**Калидвожаҳо:** Урфии Шерозӣ, ғазал, воситаҳои тасвири бадеӣ, санъати бадеӣ, тасвири шоирона, ташбеҳ, ташбеҳи балиғ, ташбеҳи пӯшида, истиора, истиораи киноӣ, истиораи изофӣ.

## РОЛЬ ДВУХ ЭЛЕМЕНТОВ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ИЗОБРАЖЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ УРФИ ШИРАЗИ

(на примере сравнения и метафоры)

В статье речь идёт о роли сравнения и метафори в газелях одного из величайших мастеров красноречия литературного круга XVI-XVII веков Индии и основоположника индийского стиля в персидской поэзии Урфи Ширази. Как отмечает автор, в газелях Урфи по сравнению с другими средствами художественного изображения, преобладает место двух элементов: сравнения и метафоры. Сравнение, как одно из важнейших элементов аллегорических высказиваний в газелях Урфи, вложен в основу его поэтических изображений и активно участвует в постижении новых мотивов поэта. В сравнениях Урфи больше использованы совершенный или скрытый вид данного искусства. Если иногда для уподобления понятий и вещей поэтом используются средства сравнения, названные персидскими учёнными-классиками “адоти ташбех”, но применение сравнений без вышеупомянутых средств, указывающих на их совершенство, отличительно стоит выше. Одна из особенностей использованных Урфи сравнений,- отмечает автор,- наблюдается в том, что в них активно участвуют и другие элементы художественного изображения, особенно метафора. Сливание сравнения и метафоры, одарив поэтическим изображениям Урфи наибольшую красоту, обусловливает их привлекательность. Автор отмечает, что искусство метафоры и без сливания со сравнением также указывается в тексте газелей поэта. По причине обильности вышеупомянутой фигуры он называет стихи Урфи стихами метафоры и роль этого художественного искусства высоко отмечен в поэтическом отражении понятий и постижений новых мотивов и смыслов. По указаниям автора, в газелях Урфи больше использованы изафетные или метаномические метафоры. Вышеупомянутая разновидность основана изафетной связью и по структуре формирована словосочетанием. Учёными-классиками она также напоминается как метаномическое словосочетание. Осуществляя свои самые изящные поэтические мотивы при помощи вышеупомянутой разновидности метафор,- отмечает автор,- Урфи внес весомый вклад в смысловое и тематическое обновление вышеупомянутого художественного искусства.

**Ключевые слова**: Урфи Ширази, газель, средства художественного изображения, художественное искусство, поэтическое изображение, сравнение, совершенное сравнение, скрытое сравнение, метафора, метаномичесая метафора, изафетная метафора.

## THE ROLE OF TWO ELEMENTS OF ARTISTIC REPRESENTATION IN GAZELLES URFI SHIRAZI

(by the example of comparison and metaphor)

The founders of the Indian style in Persian poetry Urfi Shirazi. As the author notes, in Urfi gazelles, in comparison with other means of artistic depiction, the place of two elements: comparison and metaphor is higher. Comparison, as one of the most important elements of allegorical statements in Urfi's gazelles, having put the basis of

his poetic images, actively participates in comprehending the poet's new motives. In Urfi's comparisons, the perfect or concealed type of this art is more used. If sometimes for the assimilation of concepts and things the poet uses the means of comparison, called by the Persian classical scholars "adoti tashbeh", but the use of comparisons without the aforementioned means indicating their perfection is distinguished above. One of the features of the comparisons used by Urfi, the author notes, is that other elements of the artistic image, especially the metaphor, are actively involved in them. Merging comparison and metaphor, bestowing the greatest beauty on the poetic images of Urfi, makes them more attractive. The author notes that the art of metaphor and without merging with comparison is also shown in the text of the poet's gazelles. Due to the abundance of the aforementioned figure, he calls Urfi's poems metaphorical verses and will highly appreciate the role of this art in the poetic reflection of concepts and comprehensions of new motives and meanings.According to the author's instructions, in Urfi gazelles, isafet or methanomic metaphors are more used. The aforementioned variety is based on an izafet connection and is formed by a phrase in structure. Classical scientists also recall it as a metanomical phrase. Carrying out his most graceful poetic motives using the aforementioned kind of metaphor, the author notes, Urfi made a well-deserved contribution to the semantic and thematic renewal of the aforementioned art.

**Key words:** Urfi Shirazi, gazelle, means of artistic depiction, artistic art, poetic depiction, comparison, perfect comparison, hidden comparison, metaphor, methanomical metaphor, izafet metaphor.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳаммадҷони Абдувоҳид*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроғa:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. E-mail: **mabduvokhidov@mail.ru**. Тел.: **(+992) 988-12-32-34**

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадджан Абдувахид*** - Кулябский государственный университет им. Рудаки, старший преподаватель кафедры таджикского языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, ш. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. E-mail: **mabduvokhidov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 988-12-32-34**

**Information about the author:** ***Muhammadjan Abduvakhid*** - Kulyab State University named after A.Rudaki, Senior Lecturer of the Tajik Language Department. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova, Str., 16. E-mail: **mabduvokhidov@mail.ru.** Phone: **(+992) 988-12-32-34**

УДК: 821.21/22

# МАҚОМИ РОСТӢ ДАР АНДАРЗҲОИ ПАҲЛАВӢ

*Афсаҳзод А.А.*
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**

Яке аз рукнҳои асосии тарбияи инсони комил дар тамоми адён аз ростиву росткорӣ сарчашма гирифта, пешрафти ҷомеа ва истиқлоли ақоиди фазила дар мизони пайгирӣ ва ба мақоми қудрати пешбарандаи салоҳкорӣ ҷой додани он имконпазир дониста мешавад. Инсоният танҳо тавассути ростӣ ба эҳтироми якдигар расида, адолатро побарҷой карда тавониста, осоиши ду гетиро шомил мегардад. Талқини ин таълимоти дар назар соддаву амалан ниҳоят душвор ҳанӯз дар "Авасто" пешкаш гардида, минбаъд дар Мағрибу Машриқ, минҷумла тавассути адабиёти ғании пайравону ворисонаш, густариш ёфта, ки имрӯз чун ифтихори миллӣ талқин мегардад.

Ростӣ мадор, ё ба иборати дигар, ҷавҳари “Авасто” ё таълимоти ахлоқии Зардуштро ифода месозад. Зеро ба гуфти Зардушт “Роҳ дар ҷаҳон яке аст ва он роҳи ростист” [2, с.156].

Ростӣ, чунонки дар катибаи «Тахти Ҷамшед» сабт шуда ва таърихи беш аз 3000 ҳазор сола дорад, зоянда ва падидоварандаи «Ҳувмат, ҳувахт ва ҳуршата (пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек) мебошад [9, с.325], ки тамоми меъёрҳои ахлоқии кеши зардуштиро ҷамъбаст менамояд. Яқин аст, ки ростӣ аз муҳассиноти ахлоқӣ ва дурӯғ муфсидоти он мебошад. Ростӣ аз ҷумлаи макорими ахлоқӣ, сарчашмаи ахлоқи ҳамида, сифоти ҳамида ва хасоили писандидаи инсонҳоро ташкил медиҳад.

Дар «Авасто» ростиро Аҳурамаздо, ки Эзади ростист, тавассути «ваҳуман», ки маниши пок аст, дар ҷаҳон интишор медиҳад. Маниши пок, тибқи таълимоти маздиснон ба замири тобноки инсони диндори зардуштӣ ворид мегардад, ки баъдан ӯро саодати роҳбарӣ муяссар мегардад. Аввалин шахсе, ки дорои маниши пок мегардад, Зардушти Испатамон аст, ки паёмбар буда, нахустин офаридаи Аҳурамаздо дар олами маънавӣ мебошад, ки ҳамчун мазҳари маниши пок, андешаи нек ва ҳикмату дониш Зардушт тавассути он аз маърифати эзадӣ бархурдор мегардад. Бинобар ин, он дар «Авасто» амшоспандонро роҳнамоӣ мекунад ва дар «Готҳо» аз мақомӣ олӣ ва муқаддас баҳраманд аст. Дар «Динкард», ки шарҳи «Авасто»-ст, ин масъала чунин бозтоб шудааст, ки асли ойини беҳдинонро баён месозад: «Ваҳуман аз ашу Зартушт пурсид: Эй Спитамон Зардушт омолу орзуи ту чист? Аз барои чӣ мекӯшӣ? Зардушт посух дод: Ягона орзуи ман бахшиши ростӣ ва дурустӣ аст, кӯшишу кори ман барои ростӣ ва дурустист, орзуе ки ман дорам бароварда шавад, интишори ростӣ ва дурустӣ аст» [7, с.94-95].

Баъдан дар замони паҳлавӣ «Ваҳуман» ба «Баҳман» табдил шуд. Ҳатто дар “Андарзи Ушнари Доно” маниши пок, ки ба Баҳман дода мешавад, ба гунаи баҳманманишӣ, ки баробар ба некандешист, омадааст. Ин аз шаҳодати бисёр муҳим будани масъала аст: “Ин низ гуфта шудааст, ки аз ба хурсандӣ ва варн ба чора ва хашм ба баҳман манишӣ (=некандешӣ), бишояд задан ва чун **некуӣ ба андеша** (ояд), зуд бигироӣ, ва чун бадӣ ба андеша (ояд) аз хештан биспуроӣ (=дур кун)” **Андарзи Ушнари Доно** [8, с.35].

Хусрави Қубодон маниши ростро яке аз аслҳои идораи кишвардорӣ дониста, чунин панд медиҳад: «(Эй) мардумони ҷаҳон дурудманд (некбахт) бошед; идора (умур) ба маниши рост аст ва кори барзигарист, дар кори ҷаҳониён кӯшо (ва) зинованд (ҳушёр) бошед [5, с.18]. Бинобар ин, росткирдорӣ хостани мардум аз шоҳаншоҳ яке аз ниёзҳои равонии мардум будааст. Чунонки Хусрави Қубодон ба он сареҳан ишора мекунад: «Ки ман ин (ро) донам, ки аз пеши Ҳурмуздхудой биёмадаам ва барои ба сутӯҳ овардани дуруҷ эдар ҳастам ва боз ба пеши Ҳурмуздхудой бояд шудан, аз ман росткирдорӣ хоҳанд ва хешкории доноён, омӯрзиши хирад ва некӣ вироиши хим [5, с.20].

Мутобиқи ин назария аст, ки дар кеши зардуштӣ тарбияти умумӣ ва таҳсили илму ҳунар аз заруратҳои аввалияи парвариши ҳуши фитрӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар Эрони бостон саъй кардаанд, ки ҳангоми омӯзиш ва парвариши инсон, пеш аз ҳама, ба ӯ ваҳуман ҳамроҳ бошад, ки ҳеч гуна бадӣ ва тундбоди ҳаводис ба инсон зарар расонида натавонад. Инсони дорои ваҳуман - неъмати эзадӣ ва саодати номутаноҳӣ мегардад, барои саодати худ ва инсоният саъй мекунад. «Офариниши ҷаҳон аз ростӣ шуд, - менависад

Саддор Наср, - ва аз ин ҷиҳат аст, ки барҷоймондаи Аҳримани гуҷаста аз ҳеч чиз ҷуз аз ростӣ натарсад. Ростӣ ҳарҷо бошад фурӯғ ва фарояздӣ бар он ҷо битобад” [12, с.43-44].

Дар кеши зардуштӣ, чунонки аз матнҳои барҷоймондаи «Авасто» гувоҳӣ медиҳанд, маҳз тавассути ин таълимот нури ҳақиқат, партави муҳаббат ва сулҳу саломат дар қалб таҷаллӣ мекунад ва инсон бо раҳнамоии ҳикмату дониш ба сари манзили саодати абадӣ ҳидоят мегардад. Он яке аз усули дини зардуштӣ ба ҳисоб меравад. Ба сухани дигар, ростӣ ва дурусткорӣ нахустин сифатест, ки шарти зардуштӣ буданро ифода мекунад. Он дар фиқраҳои 105 ва 107 кардаи 27 Меҳряшти «Авасто» «аршти» [2, с.372] номида шудааст, вале дар Фарвардиняшт ва Сурушяшт ҳамчун «фариштаи ростӣ ва дурустӣ» зуҳур мекунад. Гоҳе онро «Меҳр», яъне нигоҳбони ростӣ ва ростон низ номидаанд. Чунонки дар фиқраи 26 Меҳряшт пуштибони мамлакати ростгӯён шумурда шудааст ва дар фиқраи 80 он яшт мегӯяд: «(-Эй Меҳр) туӣ посбон ва ҳофизи ростгӯён ва туӣ нигоҳбони кишвар ва миллате, ки дурӯғ нагӯянд» [2, с.374].

Беҳтарин тавсифи ростӣ дар матни паҳлавии «Ардавирофнома» омада, ки то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштааст: «Роҳ якест ва он роҳи ростист, ки аз оғоз роҳи пайравони аввалия буда, пас ту ҳамвора дар роҳи ростӣ бош ва ҳаргиз аз ин шоҳроҳ мунҳариф машав, хоҳ дар мавқеи сахтӣ ва хоҳ дар ҳангоми роҳат, инро низ бидону огоҳ бош говону аспон хок гарданд, зару сим ба хок пайвандад, тан низ муште хок гардад, аммо он кас намирад ва ба хок напайвандад ва табоҳӣ напазирад, ки ростӣ ва дурустиро биситояд ва бар тибқи он рафтор намояд» [6, с.25].

Яқин аст, ки ростӣ ҳамчун мақулаи фалсафӣ ва боварҳои маздояснӣ бузургтарин саодат (Ростӣ беҳтарин саодат аст, саодат аз он касест, ки хостори беҳтарин ростӣ аст (Ашм ваҳу)), ягона роҳи начот (Роҳ дар ҷаҳон якест ва он роҳи ростист (Авасто)), ягона будани моҳияти Эзад бо ростӣ (Эй Аҳуромаздо эй беҳтар аз ҳама ва бо беҳтарин ростӣ ҳам ирода» [1, с.87-89], расидан ба Худо ба василаи ростӣ (Эй Аҳуромаздо бо андешаи нек ва кирдори росту дуруст ва имони комил мо мехоҳем ба ту тақарруб ҷӯем ва ба ту бирасем [1, с.62], саодати расидан ба ростӣ («Эй ростӣ кай ба ту хоҳам расид [1, с.65], ростӣ василаи начот (Ба истионати ростӣ ва дурустии ростӣ ҳар кас метавонад дар ду ҷаҳон растагор гардад [1, с.75], дуои ростӣ (Бино ба хоҳиши ҳар як аз Аҳуро ҳоҷат бароваранда ва хосторам, ки орзуҳоро  бароварад ва ҳамаро аз тавоноӣ ва ростӣ ва дурустӣ бархурдор созад [1, с.78], ҳикматоваранда (Эй ростӣ, шукӯҳу маниши покро аз они ман соз [1, с.76-77],  бахшиши покманишӣ ба василаи ростӣ (Эй Аҳуромаздо! Ту раҳмати маниши пок ва ҳикмати муқаддасро ба василаи ростӣ ба мо мебахшӣ [1, с.79], роҳнамоӣ барои ростӣ (Мо хосторем аз зумраи касоне бошем, ки башарро ба шоҳроҳи ростӣ роҳнамоӣ мекунанд. Мо умедворем, ки Маздо ва фариштагонаш ба сӯи мо омада моро ёрӣ бахшанд ва аз ростӣ баҳраманд гарданд то андешаи моро ба онҷо, ки сарчашмаи доноист, пай барад [1, с.80], дуо ба ростгӯ (Ростгӯ мусаввақ ва муътабар бод (Офарин ҳафт Амшосбанд), роҳнамоии он (Муваффақ ва комраво бод Зартушт, ки барои такмили соадати ҷаҳони моддӣ моро барои ростӣ раҳнамоӣ намуд ва барои растагории ҷаҳони маънавӣ моро аз парастиши Аҳурои якто бархурдор сохт [1, с.82], омӯзгори ростӣ (Зартушт омӯзгори ростӣ буд ва андешаи ростиро дар ҷаҳон мунташир сохт. Аз ин рӯ буд, ки ба ӯ гуфтори дидпазир дода шуд [1, с.84-85], ниҳодина шудани ойини ростӣ (Эй Аҳуромаздо, пояи ойини мо ба рӯи ростӣ ниҳода шуда, аз ин ҷиҳат судманд аст. Пояи мазҳаби ғалат ба рӯи дурӯғ қарор гирифта, аз ин сабаб зиёновар аст [1, с.88], дар батни ростӣ гунҷоиш ёфтани тамоми хушбахтиҳо (Ман намехоҳам ғафлатзадагонро хушнуд сохта, ба роҳи ростӣ раҳнамоӣ намоям [1, с.90], хору нотавон доштани дурӯғ (Зартушт дурӯғро хор медорад [1, с.462],  пирӯз шудани ростӣ бар дурӯғ ё кизб (Бишавад, ки дар ин дудмон ростӣ бар дурӯғ чира гардад [1, с.112], ва Ман мепарастам аз ту эй Аҳуромаздо маро бинамо. Оё дар сари анҷоми ростӣ бар дурӯғ чира хоҳад гардид? [1, с.149], ва Ростӣ дурӯғи дурӯғгӯро табоҳ месозад [1, с.214] ва Мо меситоем ва дуруд мефиристем ба суханони ростӣ, ки ҳамвора пирӯзманд буда ва саросари нуфуз бад-ӯ дурӯғро дарҳам мешиканад [1, с.358-359]-ро дар адабиёти паҳлавӣ талқин месозад.

Саодати инсонӣ, чунонки дар фавқ ишора рафт, дар анҷоми корҳои рост нуҳуфтааст. Бинобар ин, ниёгони хирадманди мо дар андарзҳои худ, ки беҳтарин ганҷинаи инсонист, дар боби ростию дурустӣ низ андешаҳои ҷолиб баён доштаанд. Албатта, ростие, ки дар дини зардуштӣ зикр шуда, тавассути доноёну бихрадон ба андарзҳо ворид гардидааст ва ин як амри табиӣ мебошад.

Аз 56 андарзи Ушнари Доно 4 андарзаш ба масъалаи ростӣ бахшида шудааст. Ушнар дар андарзи 13 мегӯяд, ки ҳар пайрави дин гаравиши рост ва куниши нек дошта бошад, мақомаш биҳишт аст (Ва (он) як роҳ, ки ба биҳишт шавад, гаравиши рост (=имони дуруст) ва куниши нек (аст). (Андарзи Ушнари Доно [8, с.13].

Дар андарзи дигар, ки ба тариқи пурсишу посух омадааст, ростиро яке аз сифатҳои шахси доно мешуморад. Ба ақидаи ӯ доноӣ аз диногоҳӣ шурӯъ мегардад, вақте ки инсон бо ишқи эзадӣ қурб меҷӯяд, аз куниш (аъмол)-и бади худ пушаймон мешавад, талош мекунад, ки корҳои хуб, яъне некӣ анҷом диҳад ва бо пиндору гуфтору кирдори писандида ва нияти росту парастиши рӯшанона (манзур оташи пок аст) ойинаи ибрат бошад. Ушнар панд медиҳад: Пурсид (шогирд), ки чӣ ҳасту чӣ нест, чист он ки бифиребад? Посух: ҳаст равон, тани он ки бифиребад он туҳмат, ки сухани доноён ва диногоҳон (ба) кор надорад ва аз куниши хеш пушаймон (бувад) ва доно он (кас), ки диногоҳ, диногоҳ он (кас), ки ҳумат, ҳурвашт, ҳухт, бегумон ва гардиши росту парастиши рӯшанона ба фарр (и эзад) дорад [8, с.35].

Яке аз вижагиҳои андарзҳои паҳлавӣ он аст, ки дар як андарз чанд масъала матраҳ шуда, ки чунин гузориши масъала баъдан ба андарзҳои арабӣ роҳ ёфт, ки таъсири бевоситава мустақими панди паҳлавӣ мебошад. Дар андарзи зер Ушнари Доно дар баробари комиландешӣ кардан, ғамхори дигарон будан, бо дигарон дӯстӣ варзидан, баландҳиммат будан, хубгуфтор будан, таъкид мекунад, ки ростгуфтор бош. Ба ин далел, ки ростгуфторӣ шахсро дар пеши дигарон боиззату соҳибэҳтиром месозад ва мақоми инсонии ӯро боло мебарад. Ин гуна андарзҳо ба назари мо, чунонки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифт, барои дабиристону ҳирбадистонҳои замони сосонӣ гуфта шудааст ва зеро бештар хусусияти таълимӣ ва дарсӣ дорад. Худ таваҷҷуҳ ва қазоват намоед: «Он ки бихрад комад (=хоҳад) будан, гӯ буванда маниш (=комиландешӣ) бош, он ки ба хим комад будан, гӯ дили дард (=ғамхори дигарон) бош, он ки ба хушнуд комад будан, гӯ ки нек дӯст бош, он ки ба равон дӯст комад будан, гӯ ки род бош, он ки ба судмандӣ комад будан, гӯ ки афсӯс макун, он ки ба хуб гушн (=хубгуфтор) комад будан, гӯ ки рост гуфтор бош, он ки густохӣ бо равони хеш комад кардан, гӯ ки ҳар кас (ро) дӯст бош, ҳанги бад макун, он жарфубин комад будан, гӯ ки хуб омӯзиш бош [8, с.39].

Банди 25 «Андарзи Ушнари Доно» дар сели ҳаводиси замон осеб дида, баъзе аз калимаҳои он аз байн рафтааст. Бинобар ин он каме ноқис менамояд. Вале сарфи назар аз ин, маънои умумии он ба василаи ростӣ тарғиби хайру эҳсон (диҳиш) мебошад. Дар андарзҳои паҳлавӣ дар канори диҳиш, пеш аз ҳама, дониш, хирад ва ростӣ омадаанд ва яке дигареро такмил медиҳанд. Дар андарзи зер диҳиш (хайру сахо) гиромӣ дониста мешавад, ки анҷоми он барои ҳар беҳдин ҳатмӣ аст, яке аз ин гуна сахо ҳангоми бемор будани шахс сурат гирад, зеро дар ҳолати беморӣ бемадорӣ ва ниёзмандии он шахс эҳсос мегардад ва дар ин лаҳзаи душвори ҳаёт ба шахси муҳтоҷи ёрӣ эҳсон кардан аз ҷумлаи макорими ахлоқ ба ҳисоб меравад, ки ба каромати инсонӣ далолат мекунад. Ба дарвеш (шахси нодор) хешованд шуданро низ як навъи диҳиш мешуморад. Зеро ба ин васила метавонад ба хешованди худ, ки ниёзманд аст, дасти ёрӣ дароз кунад. Ва ин як навъ ҳаллу фасл кардани масъалаҳои иҷтимоъи замони Сосониён ба ҳисоб меравад. Чунин ба назар мерасад, ки дар он рӯзгор мақоми донишмандон бисёр баланд буда, донишмандон дар ҳаллу фасли бисёр муаммоҳои рӯзгор дастгири мардум буданд. Ин нуктаро ҳам мебояд таъкид кард, ки ҳамин тарғиби дарвеш ва дарвешӣ ба фалсафаи ишроқи Суҳравардӣ асос гузошт, ки ҷаҳони исломро фаро гирифт. Матни ин андарз чунин аст: «Се чиз … гиромитар бувад ба **ростӣ** диҳиш… бояд кардан, яке аз беморӣ ва дудигар аз хешовандии дарвеш» [8, с.17].

Аз андарзбудони дигари паҳлавӣ, ки ба масъалаи ростӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, мӯбади мӯбадон Озарбоди Мориспандон мебошад. Дар андарзномаҳои ӯ «Андарзи Озарбоди Мориспандон”, “Вожае чанд (аз) Озарбоди Мориспандон” ва “Бисту ду вожа аз Озарбоди Маҳраспандон” дар ситоиши ростӣ аз ҷумлаи масъалаҳои калидӣ ба шумор меояд.

Мо дар ин бахш ақидаҳо дар бораи ростиро, ки дар китобҳои динӣ, ба шумули “Авасто” ва “Динкард” омадааст, мавриди баррасӣ қарор додем. Вале беҳтарин таърифи ростиро Озарбоди Мориспандон дар андарзи “Бисту ду вожа аз Озарбоди Мориспандон” анҷом додааст, ки ҳам аҳаммияти динӣ дорад ва ҳам ба масобаи андарз дар миёни андарзҳои паҳлавӣ яке аз ҷойҳои асосиро ташкил мекунад: “Чаҳорум - ростӣ он бувад, ки

(кас) андеша, гуфтор ва кирдорро ба эзадони менӯӣ ва дигар офаридагони гетӣ рост дорад” [11, с.167]. Ин андарзи Бузургмеҳри Ҳаким низ, ба андешаи мо, аз ростӣ таъриф мекунад: “Ростӣ ин ки (ҳар кас) нисбат ба равони худ рост (=содиқона) ва нофиребкорона рафтор кунад [9, с.201].

Андарзгар Пурйуткешон ростиро қонуни озодагии пайравони дини пурйуткешӣ (зардуштӣ) дониста, андеша ба некӣ, забон ба ростӣ ва даст ба кори нек доштанро моддаҳои ин қонун мешуморад: “Ва дод (=қонун)-и озодагӣ ва дини Пурйуткешӣ ва андеша ба некӣ ва забон ба ростӣ ва даст ба кори нек доштан” [10, с.88].

Гуфтори рост ё ростгуфторӣ ҳамеша мартабаи шахсро дар ҷомеа баланд мебардорад ва ӯро ҳамчун шахси ростқавлу муътамад муаррифӣ мекунад. Барои мисол, моҳияти андарзи мазкур “Ростгуфтор бош, то устувор бошӣ” [4, с.72], пеш аз ҳама, ба устуворӣ ва иродаи мустаҳкам доштани шахс далолат мекунад. Ин масъала дар андарзи “Якчанд сухан, ки Озарфарубаги Фаррухзодон гуфт ба гунаи зер омада, ба андешаи мо, то андозае андарзи болоро такмил медиҳад ва ё гунае аз шарҳи андарзи фавқ аст: “Ва бовар андар омад ба ростӣ, устуворӣ бипазируфт [9, 321].

Рост нигоҳ доштани андеша ва кирдор инсонро аз гуноҳ кардан эмин нигоҳ медорад ва ин шахси ростниҳод аз анҷоми корҳои бад парҳез мекунад. Ба ин гуфтаи ин андарзи Озарбоди Мориспандон шаҳодат дода метавонад: “Андеша, гуфтор ва кирдорро рост дор, ҳеч гуноҳе маандеш, магӯй, макун, парҳезкор бош” [11, с.167] аз лиҳози муҳтаво яксонанд. Ҳамин маънӣ дар “Андарзҳои пешиниён” чунин омадааст: “Дар ҳама корҳо ва (низ) қазоват, ростӣ (ва) комиландешӣ беҳтар (аст) [11, с.126]. Барои андешаи комил, ки бунёдаш ростист, пеш аз ҳама қазовати дурусти масъала лозим аст.

Яке аз аслҳои ростпиндорӣ ва комиландешӣ паймон нашикастан ва ба аҳди худ вафо кардан мебошад. Ин масъала дар “Гуфтори дувоздаҳгонаи Бузургмеҳр дар пешгоҳи Анӯшервон” чунин матраҳ шудааст: “Дувум, ростӣ дар гуфтору кирдор ва вафо намудан ба ваъда ва шарту аҳду паймон (Гуфтори дувоздаҳгонаи Бузургмеҳр дар пешгоҳи Анӯшервон, 2). Агар паймон, ки баробар ба аҳду дӯстӣ ва бародарӣ аст, шикаста шавад, дар аглаби вақт муносибатҳо миёни инсонҳо гусаста мешавад. Бинобар, муносибҳои инсониро ба ақидаи Озарбоди Мориспандон некпаймонӣ устувор нигоҳ медорад, ки аз офаридаҳои Ҳурмузд мебошад: “Ҳаштум - некпаймонӣ он бувад, ки бо ҳама офаридаҳои Ҳурмузд паймонро дуруст ва ягона дорад. Ба кас паймон нашиканад, на паймони пазируфта, на паймони аз пеш бударо, ба вижа [паймони] бо равони худро хуб ва рост нигаҳ дорад [11, с.168]. Хусрави Каводон ё Қубод ба мардумони кишвараш андарз медиҳад, ки: “Дар кор, ойину паймон доред ва дар кору додистон роду рост ва муттаҳиди ростон бошед [5, с.19], то бунёди кишвардорӣ истеҳком ёбад ва зиндагии хушу босаодат барои халқ муҳайё гардад.

Гувоҳ будан ва гувоҳӣ додан ба тариқи рост барои равшан кардани масъала ва дар ниҳоят баровардани хулосаи дуруст бисёр муҳим аст, ки некро аз бад ва садафро аз сақат ҷудо мекунад. Бар ин асос дар андешаҳои ахлоқии Озарбод ҳар ки гувоҳии рост диҳад порсо ва росткирдор (аҳлу) аст ва ҳар кӣ ҳақиқатро пинҳон дошта, дурӯғ мегӯяд ва моҳиятан масъаларо бо гувоҳии дурӯғаш метавонад тағйир диҳад, яқин ки “дарванд” (гунаҳкор ё базаҳкор) донистам мешавад. Ин маънӣ, моҳияти андарзи зерро баён месозад: “Чӣ пайдост, ки мард бо гувоҳии рост додан аҳлу шавад, (ва) низ ӯ, ки (гувоҳии ростро дорад) ва намедиҳад дарванд мешавад [10, с.176]. Дар мавриди дигар, рост гувоҳӣ доданро, хусусан дар додистон (суд) таъкид мекунад: “Андар пешоморӣ ва пасоморӣ сухан ба ростӣ бигӯед, ки ба додистон (=мароҳили муҳокима) растагортар бошед [10, с.176]. Ин маънӣ дар “Андарзи доноён ба маздиснон” ба гунаи зер омада, дар назди довар ҳозир шудан ва рост гуфтанро аз заруриёти ҷомеаи он рӯзгорони дур медонад: “Ва карфа бикардан доред, ки онҷо бояд шудан ба (назди) довар рост. Шоду дер зиюш ва фарруху росткирдон ва пирӯзгар ва комгор (бошед) [3, с.134].

Барои ба ҳар нукта бовар кардан ба инсоният панд медиҳад, ки ҳудаву беҳуда дар ҳар маврид савганд нахӯранд. Зеро он обрӯи шахсро коҳиш медиҳад ва ба ӯ бовар намекунанд: “На ба росту на ба дурӯғ ҳаргиз савганд махӯр [4, с.75]. Ҳамин маънӣ, бо каме тағйирот дар “Андарзи марди доно ба писари хеш” ба мушоҳида мерасад: “На ба гуфтори дурӯғ ва на ба хоҳиши рост савганд махӯр” [11, с.173]. Ин андарзи Пурйуткешон тобиши динӣ дошта, бештар таълимӣ аст: “Андар ҷаҳони моддӣ дар андеша ва сухани куниш, сухани норост наяндешед ва нагӯед ва накунед [10, с.92]. Бинобар ин, дар “Андарзи марди доно ба писари

хеш” таъкид шудааст, вақти сухан гуфтан аз рӯи ин масал “аввал андеша, баъд гуфтор” рафтор карда шавад. Ба иборати дигар, агар сухан бефикру андеша гуфта шавад, ба он бовар накунанд. Чунонки дар ин панд омада: “Аз рӯи хирад (сухан) гӯй, чун ки ба рост (надоранд) [11, с.172].

Илова бар ин, тариқи ростиро инсон метавонад бо таълимоти динӣ низ ба даст орад. Ба ин далел, ки усули дини кеши зардуштӣ бо ростӣ бино ниҳода шудааст. Поку рост будан, албатта, ба некномӣ фарҷом мепазирад ва ин некномӣ барои хушу босаодат гузаронидани зиндагӣ мусоидат мекунад. Чунонки ин масъала дар ду андарзи “Дар бораи панҷ хими Осрунон” зикр шудааст: “Седигар, дастурдорӣ чунонки ради донотар, ростгуфтортар, ки бо огоҳӣ ба дин омӯхта бошад ва ба ростӣ биёмӯзад ва Чаҳорум, язиши Яздон бо каломи рост (=хулуси ният), (аз) бар (кардани) каломи (динӣ ва) наскҳоро ба найранг яштан [9, с.313].

Бинобар ин Озарбод ба пайравони дини зардуштӣ панд медиҳад, ки: Некном бош, то зиндагонӣ ба некӣ гузаронӣ. Дӯсти дин бош, то поку рост гардӣ [4, с.80]. Ҳангоми расонидани пайғом ё хабаре назди касе ё ба маҳалли хоссе низ Озарбоди Мориспандон таъкид месозад, ки: “Марди ростгӯро барои пайғом бифирист [4, с.74]. Ҳамин маъниро дар ҷои дигар равшантар баён медорад: **“**Барои фиристодани пайғом марди ростгӯ баргузин, ҳангоме дар анҷуман менишинӣ наздики марди дурӯғгӯ ҷой магир [10, с.103].

Дар андарзҳои паҳлавӣ машварат кардан бо мардони ростпиндор талқин карда мешавад. Ва андарзгар Пуруйткешон ба ин бовар аст, ки агар марди ба машварат ниёз дошта ба ҳирбадон биравад ва аз хиради аҳлувон, яъне росткирдорон баҳраманд шавад, хубтар аст: “Панҷум, як севум рӯз ва як севум шаб ба ҳирбадистон рафтан ва хиради аҳлувон (росткирдорон) пурсидан...” [10, с.87]. Ҳамин масъала дар рисолаи “Рӯзҳо” ба гунаи дигар омада, Озарбод ба шахси ниёзманд мефармояд, ки: “Рӯзи Суруш барои начоти равони хеш аз Суруши росткирдор ниёз хоҳ” [11, с.158], то ҳоҷатат бароварда гардад.

Дар андарзномаи “Ниҳиши чизи гетӣ” ростӣ дар қатори меҳру озарм ва родию фурӯтанӣ (хоксорӣ) ба масобаи гавҳари вуҷуди одамӣ зикр шуда: “Меҳру озарм ва родию ростӣ ва фурӯтанӣ бар гавҳар [9, с.323].

Дар бархе аз андарзҳои паҳлавӣ ростӣ ҳамроҳоне дорад, ки онро зинат медиҳанд ва Бузургмеҳр онро “андешаи нек” номидааст. Ба ақидаи ӯ, андешаи нек дар он ҳол тавлид мешавад, ки дар андеша – эътидол ва дар гуфтори нек – ростӣ ва дар кирдори нек - родӣ (бахшояндагӣ) вуҷуд дошта бошад (Андешаи нек эътидол дар андеша ва гуфтори нек ростӣ ва кирдори нек родӣ (=бахшояндагӣ) аст [10, с.126]. Ҳамин маънӣ дар андарзи 16 “Ёдгори Бузургмеҳр” бори дигар таъкид шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки мардумони он рӯзгорони дур, чи ҷавон ва чи пир, ба василаи ростие, ки дар натиҷаи ду таълими олӣ, яке дин ва дигаре андарз ба онҳо мерос мондаанд, вуҷуди худро пероста карда, аз бадиву зиштӣ ва гуноҳу нуқсҳои ахлоқӣ парҳез ҷуста, бар ақвоми олам дар ин самт намуна шудаанд.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Авесто (суҳанҳарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. –Душанбе: Қонуният, 2003. -792 с.
2. Авесто (суҳанҳарин ганҷинаи мактуби Эрони бостон). Тарҷума ва пажӯҳиши Ҳошим Разӣ. –Теҳрон: Беҳҷат, 1378. -668 с.
3. Андарзи доноён ба Маздиснон ва Андарзи Хусрави Қубодон. Тарҷумаи Моҳёр Наввобӣ.// Нашрияи Донишкадаи адабиёти Табрез. Шумораи баҳор. – сс 127 -144.
4. Андарзи Озарбоди Мориспандон. Тарҷумаи Маҳмуди Товусӣ. // Пажӯҳишномаи бахши забоншиносӣ. Муассисаи осиёӣ Донишгоҳи Шероз. 1355. –сс. 61- 87.
5. Андарзи Хусрави Қубодон. Матни паҳлавӣ бо тарҷума ва ҳавошӣ ва фарҳанги паҳлавии дуктур Муҳаммад Мукрӣ. –Теҳрон: Чопи Чеҳр, чопи дувум, даймоҳи 1329/1951. – 73 с.
6. Ардавирофнома. Гузориши Кайхусрав дастур Ҷомосб ҷӣ Ҷомосп Осо. Мутарҷим дуктур Раҳим Афифӣ. Чопи панҷум. – Теҳрон, 1400. –с 218.
7. Динкард. Ҷилдҳои 3, 5, 7. –Душанбе: Таъминотчӣ, 2018. – с. 344.
8. Матни паҳлавӣ (овонависӣ ва вожанома). Тарҷумаи Иброҳим Мирзои Нозир. –Теҳрон: Мероси ҳирманд, 1374. -74 с.
9. Мероси хаттии бостон. Китоби 2. Ҷ. 1. –Душанбе: Бухоро, 2014.- 478 с.
10. Мутуни паҳлавӣ (тарҷума, овонавишт). Гирдоваранда: Ҷӣ дастур Манучеҳр Ҷӣ Ҷосмосб – Осоно. Гузориши Саъид Урён. – Теҳрон: Нилуфар, 1371/1992. – 567 с.
11. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ). –Душанбе:Пайванд, 2003. -232 с.

12. Эронӣ Диншоҳ. Ахлоқи Эрони бостон. –Бумбай: Интишороти зардуштиёни эронии Бумбай, - 1932. – 145 с.

## МАҚОМИ РОСТӢ ДАР АНДАРЗҲОИ ПАҲЛАВӢ

Дар мақола мақому манзалати ростиву росткорӣ, ки тавассути панду андарзҳо талқин гардида, сарчашмаи умри бобарору босамар дониста мешавад, баррасӣ гардида, дараҷаи талқини яке аз баландтарин сифоти ҳамидаи инсонӣ дар таълиму тарбияи инсони комили ҳақиқӣ мавриди назар қарор мегирад. Муаллиф дар асоси тарҷумаҳои ҷудогона ба мавзӯъи хираду дониш, мақоми мурабиву омӯзгор дар андарзҳо, таълиму тарбия ва сиришти ин кирдугор дар пойдорӣ ва оромишу тараққии ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, инъикоси омӯзишу парвариш, ситоиши донишу хирадро дар ин радиф бармало мавриди таъйину баррасӣ қарор додааст. Саодати инсонӣ, чунонки дар фавқ ишора рафт, дар анҷоми корҳои рост нуҳуфтааст. Бинобар ин, ниёгони хирадманди мо дар андарзҳои худ, ки беҳтарин ганҷинаи инсонист, дар боби ростию дурустӣ низ андешаҳои ҷолиб баён доштаанд. Албатта, ростие, ки дар дини зардуштӣ зикр шуда, тавассути доноёну бихрадон ба андарзҳо ворид гардидааст ва ин як амри табиӣ мебошад. Муаллиф дар асоси тарҷумаҳои ҷудогона ба мавзӯъи ростиву росткорӣ, ки дар садади ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аз Зардушт ба мерос монда, чун намунаи ибрат дар самти тарбияти инсоният дар асрҳои пасин гаштаасту чун рукни асосии тарбият эътироф шудааст мавриди таъйину баррасӣ қарор додааст.

**Калидвожаҳо: "**Авасто", ростӣ, дурустӣ, ростон, растагор, растагорӣ, донишу хирад, "Готҳо", "Динкарт", Ушнари Доно.

## МЕСТО ПРАВДИВОСТИ В ПЕХЛЕВИЙСКИХ АНДАРЗАХ

В статье рассматривается важность честности и правдивости, которая прививается через андарзы-назидания и считается источником успешной и продуктивной жизни, а также степень привития одного из высших человеческих качеств в воспитании и становлении совершенного человека. На основе отдельных переводов, автор выделяя уделяет внимание обозначенной теме, роли наставника и учителя в воспитании и обучении, а также их роли в целом в деле упрочения стабильности, мира и развитии общества. Особое значение придается методике воспитательно-образовательного процесса и степени подражания и принятия ее другими народами и культурами. На основе отдельных переводов автор определяет роль и место честности и правдивости, унаследованной от Зороастра и ставшей образцом для подражания в плане воспитания человека во многих частях света в последние века и была признана основой воспитания.

**Ключевые слова:** «Авасто», правдивость, правильность, праведный, праведность, знание и мудрость, «Гаты», «Динкарт», Ушнари Доно (Мудрый Ушнар).

## A PLACE OF TRUTH IN THE PAHLIVI ANDARZS

The article discusses the importance of honesty and truthfulness, which is instilled through Andarz edification and is considered the source of a successful and productive life, as well as the degree of instillation of one of the highest human qualities in the upbringing and development of a perfect person. Based on separate translations, the author focuses on the designated topic, the role of mentor and teacher in education and training, as well as their role in general in strengthening stability, peace and development of society. Particular importance is attached to the methodology of the educational process and the degree of imitation and acceptance of it by other peoples and cultures. Based on individual translations, the author determines the role and place of honesty and truthfulness, inherited from Zoroaster and which has become a role model in terms of human education in many parts of the world in recent centuries and has been recognized as the basis of education.

**Key words:** "Avasto", truthfulness, correctness, righteousness, righteousness, knowledge and wisdom, "Gats", "Dinkart", Ushnari Dono (Wise Ushnar).

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Афсаҳзод Аббоси Аълохон*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи матбуот ва алоқа бо ҷомеа. **Суроғa**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30. E-mail: **afsahzod0505@mail.ru., a.afsahzod@airnav.tj.** Тел.: **+7(392) 93 578-69-69**

**Сведения об авторе:** ***Афсахзод Аббоси Аълохон*** - Российско –Таджикский славянский университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры печатных СМИ и PR. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М.Турсун-заде, 30. E-mail: **afsahzod0505@mail.ru., a.afsahzod@airnav.tj.** Тел.: **+7(392) 93 578-69-69**

**Information about the author:** ***Afsahzod Abbosi A'lokhon*** - Russian-Tajik Slavonic University, candidate of philological science, Associate Professor of department of print media and PR. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursun-zade, Str., 30. E-mail: **afsahzod0505@mail.ru., a.afsahzod@airnav.tj.** Phone: **+7(392) 93 578-69-69**

УДК: 891.71.09

# ВИДЫ ТРАНСФОРМАЦИИ В РУССКОМ ТЕКСТЕ ПОВЕСТИ «УТРО НАШЕЙ ЖИЗНИ» СОТИМА УЛУГЗОДА

*Авалова З.С.*
**Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ**

Тема, связанная с переводческими трансформациями, в последние годы часто становится предметом исследования ученых, которые считают, что перевод художественного текста до сих пор не теряет своей актуальности и востребованности. Радует тот факт, что различные аспекты художественного перевода становятся объектом исследования таджикскими филологами не только в научных статьях, но и в объемных монографиях, диссертациях, где таджикские филологии пытаются решить проблемы, связанные с качеством перевода. Уместно в этом плане назвать книгу Дж.Дж. Мурувватиён «Проблемы становления и развития художественного перевода в таджикской литературе XX века (на материале переводов Сотима Улугзода)» [16.], А.Х. Наврузова «Проблема адекватности перевода и сохранения авторского стиля (на материале перевода романа М. Шолохова «Тихий Дон» на таджикский язык, выполненного Э. Муллокандовым)» [17], А. Самадова «Шигардҳои тарҷума» [21]. Эти исследования можно назвать успехом науки о переводе в таджикском литературоведении.

Немало вопросов, связанных с историей художественного перевода в таджикской литературе XX века в своей книге, решает Дж. Мурувватиён. По ее мнению, XX век является одним из самых продуктивных периодов знакомства таджикских читателей с мировой литературой и ее новыми жанрами. Безусловно, как и в любой другой национальной литературе, перевод для таджикской литературы стал окном в мир, и самые лучшие образцы мировой литературы таджикский читатель узнал, благодаря этой человеческой деятельности. В многочисленных статьях Дж.Мурувватиён пытается исследовать сложный творческий, социальный характер перевода, требующий от переводчика огромных фоновых знаний.

Чтобы достичь качественного перевода, переводчики используют различные приемы и способы перевода, которые называются переводческие трансформации, чему посвящена данная статья. Материалом исследования является автобиографическая повесть С.Улугзода «Субхи чавонии ман» [24] и его русский текст «Утро нашей жизни» [23].

Изучение данного материала, в силу того, что повесть «Утро нашей жизни» является автобиографической, необходимо начинать с изучения особенностей мемуарных произведений, различные аспекты которого были предметом рассмотрения Л. Гинзбург, А. Тартаковского, И. Славянск, В. Кардина, А. Галича, А. Мишукова, Т. Томилиной, А. Скнарину, В. Пустовит и др.; к проблемам автобиографического письма обращались Г. Миш, Ж. Гюсдорф, Д. Олни, Ф. Лежен, И. Шайтанов, А. Галич, Г. Маслюченко, Т. Гажа, Т. Гаврилов, С. Северская и др.; дневниковую литературу исследовали Ф. Лежен, А. Галич, Г. Костюк, А. Илькив, К. Танчин, А. Кочетов и др.; историко-литературными и теоретическими вопросами эпистолярного творчества занимались В. Кузьменко, М. Коцюбинский, Г. Мазоха, Л. Курило, М. Назарук и др.

В повести «Утро нашей жизни» С. Улугзода описывает ярчайшие моменты своей жизни, где он затронул и вопросы о дружбе народов, и роль русской культуры в развитии таджикской идеи интеллигенции. Дружба таджикских крестьян с русскими работниками (Умархон с Ершовым и Николаевым), дружба между таджикскими и русскими женщинами (мама Собира с женой Ершова и женой Николаева), дружба между детьми (Собир с Сережей и Машей), близкие и доброжелательные отношения с Красной Армией и другими, свидетельствует о том, что это произведение освещает единение народов.

«Имя Сотима Улугзода занимает достойное место в ряду великих сынов нашей нации» (Президент Республики Таджикистана Эмомали Рахмон: Душанбе, 13 октября 2012 г.), и в последние годы находится в центре особого внимания таджикских исследователей с различных точек зрения – литературоведческих, лингвистических, исторических, переводоведческих и т.д., потому как его творчество «достаточно четко отражает все вехи

литературного процесса в Таджикистане, особенно в контексте становления жанровой системы таджикской литературы 1930-1980-х гг.» [16, с.49].

Особенно писатель ярко описывает интернациональное сотрудничество советских трудящихся, в частности, отношения между таджикскими и русскими женщинами, детьми этих двух наций, и дружба таджикских детей с русскими взрослыми.

«Утро нашей жизни» учит детей и молодежь любить книги, знания, быть трудолюбивыми, познать счастье и благополучие, которое уготовила им Родина, не бояться трудностей, быть верными и преданными в дружбе, а также, вырасти умными и успешными людьми. Первым, кто обратил внимание на интерес писателя к литературе, был его С. Айни. Случилось это после того как молодой Улугзода перевел произведение русского писателя М.А. Алексеева «Сам и Дик».

Начиная с 50-х годов прошлого столетия жизнь и творчество писателя в большей степени привлекает внимание исследователей, появляется ряд научных работ, среди которых особое место занимает исследование Ларисы Демидчик. Исследователь прослеживает процесс формирования таджикской драматургии и подвергает анализу первые драмы писателя [8, с.29].

Повесть основана на фактах из жизни самого автора и герои имеют свои прототипы в жизни. Это исторические личности и С. Улугзода хорошо знал их. Имена людей частично сохранились в рассказе. В этом произведении правдиво и художественно воплощены реальные события и образы людей. Писатель изменил имена некоторых своих персонажей, чтобы типизировать художественные образы. Ряд образов и персонажей представляет основной мотив рассказа.

В лице своего отца – Умархона, Сотим Улугзода собрал высокую духовность, нравственное совершенство и трудолюбие простого народа.

Этим произведением Улугзода продолжил и развил традицию советских биографических произведений в таджикской литературе. Об этом опубликованы статьи И.Брагинского «Назаре ба тараққиёти адабиёти советии тоҷик» («Взгляд на развитие таджикской советской литературы») [5, с.20], С.Табарова, М. Муладжанова, Ш. Хусейнзаде и М.Турсунзаде. В «Очерках истории таджикской советской литературы» впервые проводится подробный анализ особенностей творчества С.Улугзода [5, с.380], М.С.Левшина в монографии также дает общее описание этого вопроса, М. Шукурова «Сотим Улугзода» [27, с.7-9]. Интересные наблюдения о жизни и творчестве С.Улугзода, высказал в своей монография К. Юсуфов «Сотим Улугзода и его автобиографическая повесть «Утро нашей юности» [26], также им впервые подробно проанализированы сценические и кинематографические произведения писателя. Ученый подчеркивает, что «Сотим Улугзода, всецело погрузившись в изучение историко-литературных источников IX-X вв., собрал обширнейший материал о жизни и творчестве Ибн Сины (Авиценны)» [26, 32]. Далее, рассматривая киносценарии «Ибн Сино» (в соавторстве с В.Витковичем), «Судьба поэта» и драму «Рудаки», исследователь называет драму «Рудаки» первым образцом историко-биографического жанра в таджикской драматургии [26, с.35].

В конце 60-х годов, по причине эмиграции сына писателя за рубеж, творчество писателя перестали издавать, однако в начале 70-х гг. XX в., стали вспоминать о нем.

Среди исследователей, посвятивших свои работы творчеству С. Улугзода можно назвать, таких ученых как М. Шукуров, И.С. Брагинский, Л. Демидчик, А. Сайфуллоев, А. Набави, Х. Шарифов, К. Юсупов, Х. Отахонова, М. Раджабов, Ш. Солехов, С. Бакоева, Э.Сироджиддин, Х.Отахонова [18, 18], Дж.Бакозаде [2, с.3-21], и др. Из современных работ следует отметить монографию Дж.Дж. Мурувватиён «Поэтика переводов Сотима Улугзода» [16], посвященную изучению переводческих принципов и практики Сотима Улугзода, где рассмотрены частные вопросы переводов С. Улугзода, дана оценка его переводам с точки зрения современных требований к художественному переводу.

Как отмечает С. Бакоева: «История жизни писателя располагает важными документами для выявления почвы и основных этапов формирования его исторического видения. Первоначальный интерес писателя к истории, согласно некоторым выявленным фактам, наблюдается в его автобиографической повести «Утро нашей юности» [3, с.8.].

Проблемы перевода в статье мы решаем, опираясь на теоретические воззрения представителей литературоведческой школы перевода М.П. Алексеева, Г.Р. Гачечиладзе,

И.А. Кашкина, К.И. Чуковского, и лингвистической школы, у истоков которых стоял А.В. Федоров. Общей чертой, характерной для работ представителей этого направления, стала тенденция органически связывать современное теоретическое языкознание и общую теорию перевода (И.С. Алексеева, Л.С. Бархударов, И. Левый и др.).

В том или ином аспекте проблема художественного перевода находила свое научное решение и в исследованиях таджикских ученых и литераторов Х. Ахрори, Р. Хашима, А. Дехоти, М. Шукурова, А. Сайфуллаева, А. Сатторова,

З.Мулладжановой, В. Самадова, Ш.Мухтора, М. Ходжаевой, А. Абдусатторова, А. Абдуманнонова, А.Аминова, А. Самадова и др. Особо следует отметить значение исследований Х.Шодикулова и А.Давронова в изучении теоретических и прикладных аспектов процесса перевода литературного произведения.

Вопросы, связанные с теоретическим освещением безэквивалентной лексики, хотя и косвенно, затронуты в работах таджикских переводчиков Э.Муллокандова, Х.Ахрори.

Теоретическое и практическое изучение литературных взаимосвязей, разработка проблем взаимообогащения и взаимодействия национальных литератур и перевода в таджикском литературоведении нашли отражение в диссертациях Дж. М. Садуллаева, Х.Р. Холова, А. У. Давронова, З.А. Шари повой, Г.Р. Рустамовой, Г.А. Шарифовой, Н.Ш. Хамидовой, Б.К. Бадалова, Б.Р. Рахманова, Ф. М. Турсунова, Дж.Дж. Мурувватиён, З.П. Бобоалиевой и др., свидетельствующих о плодотворной работе таджикских ученых над исследованием отдельных аспектов художественного перевода.

Особо внимание следует обратить на фундаментальный труд, посвященный исследованию поэтики периодов Сотима Улугзода, проведенным Джамилей Мурувватиён («Поэтика переводов Сотима Улугзода», 2020). В книге исследованы особенности становления и развития художественного перевода в Таджикистане на примере переводов Сотима Улугзода. Основу и содержание данной книги составляют принципиально новый материал, включающий описание неисследованных проблем и явлений в таджикской литературе.

Целью исследования является – определение мотивов применения переводческих трансформаций в переводе повести С. Улугзода «Утро нашей жизни». Следует отметить, что до сих пор в таджикском литературоведении, ни с точки зрения литературы, ни с точки зрения лингвистики не проводилось исследований сравнительного характера, где объектом является повесть «Утро нашей жизни» на двух языках – таджикском и русском.

Методы исследования – сравнительный, сопоставительный, комментирование, аналитический способ изучения, описательный и т.д. Методологической основой исследования являются зарубежные исследования по теории перевода, ставящие проблему понимания подлинника как одну из основных. В первую очередь это работы представителей литературоведческого подхода к переводу К. И. Чуковского, А В. Федорова, И. А. Кашкина, Е. Г. Эткинда, М. Л. Гаспарова, Г. Р Гачечиладзе, И Левого, В. В. Коптилова, а также работы лингвистов Д. Селескович, М. Ледерер, Ж. Делиля, В. С. Виноградова, А. Н. Крюкова, Ю. А. Сорокина, Н Л Галеевой, М. П. Брандес. На современном этапе наибольшую важность представляют исследования в области междисциплинарного подхода к переводу Н. А. Фененко, Т. А. Фесенко, Д.Ю. Гулинова, Н. В. Багринцевой, Е. М. Масленниковой, Л Н. Смирнова, Н. В. Тимко, М. В. Цветковой, Ю. Л. Оболенской.

Теоретическая значимость результатов анализа заключается в том, что она дает дополнительный теоретический материал, необходимый при изучении практических основ перевода текстов особого литературного жанра «мемуары» и содержащий в себе конкретные результаты исследования. Теоретическое осмысление переводческой деятельности имеет несомненное практическое значение.

В Таджикистане учебные планы вузов, готовящих профессиональных переводчиков, включают, как правило, специальные курсы теории перевода. В связи с этим возникает необходимость в проведении сравнительного анализа таджикских художественных текстов с их переводом на русский язык, и наоборот, который внес бы вклад в развитие науки о переводе. Именно такую задачу и ставит перед собой данное исследование.

Материалы исследования могут быть использованы при подготовке лекций по истории и теории перевода, таджикской литературе, литературоведению, в работах по литературным связям и теории перевода. Предложенный в статье подход к изучению

практического материала предназначен для литературоведов, занимающихся изучением текстов художественных переводов.

Применение трансформаций в русском тексте автобиографической повести «Утро нашей жизни» Сотима Улугзода мотивировано тем, что они обеспечивают большую степень эквивалентности, позволяют правильно передать контекст произведения. Основным мотивом применения трансформаций в повести является стремление приблизить его к нормам русского языка, желание донести до читателя русского варианта важную фоновую информацию или снять избыточную.

Наиболее частыми приемами трансформаций в русском тексте повести являются: конкретизация, генерализация, смысловое развитие и переосмысление понятий, антонимический перевод, добавления и опущения и изменения, которые способствовали близости текста оригинала с текстом перевода по содержанию.

Русский текст повести «Утро нашей жизни» сохранил национально-специфические различия контактирующих культур (реалии, безэквивалентную лексику), необходимые для достижения удачного протекания процесса межкультурной коммуникации. Суть стилистических трансформаций, наблюдаемых в русском тексте повести С. Улугзода «Утро нашей жизни» заключается в замене исходного отрезка текста с одной стилистической окраской отрезком на русский язык, с другой стилистической окраской, с целью воссоздать трудно передаваемую игру слов, образность и другие стилистические фигуры таджикского текста.

Вокруг автобиографического жанра среди ученых идут терминологические споры, которые в своих высказываниях пытаются терминологически разграничить конкретные мемуарные произведения и группу источников в целом. Предлагаются различные варианты, как например, А.С. Лаппо-Данилевским было предложено заменить термин «воспоминания» термином «мемуары» [14]. В этот же период «Литературная энциклопедия» предлагает термин для произведений, связанных с воспоминаниями писателей о прошлом - «мемуарная литература» [13].

В середине XX в. терминологические споры ученых набирают новый оборот, где каждый исследователь или группа ученых имеет свое собственное понимание, были предложены термины «мемуарные источники» и «мемуарная литература», «мемуарно-автобиографические произведения» (Г.Э. Гюбиева) [7], «литература мемуарно-дневникового характера» (Л.М. Рошаль и Л.И. Деревнина) [19, 36], «источники мемуарного характера» (С.С. Минц) [15], «мемуарно-автобиографические жанры» (Г.Г. Елизаветина) [10] и др.

В итоге, в спор, который длился уже целый век, присоединились ученые, предложившие включить в этот ряд и письма, и дать общее название «источники личного происхождения» [20; 22; 25, с.3], очень скоро, вытесненный термином «эго-документы» (1990-е – начала 2000-х гг.).

Безусловно, новый термин расширял возможности мемуарного жанра, объединив внутри себя более широкий спектр текстов. Однако одних этих понятий оказалось мало, исследователи, каждый, по-своему, рассматривали критерии жанра. Так появились определения, «автобиографические тексты» (Ю.П. Зарецкий) [12, с.106], «автобиографическое письмо» (В.Г. Безрогов) [4, 10], которые должны были объединить не только письменные, но и устные «рассказы о себе». Однако данное определение было принято не всеми учеными, словами Ю.П. Зарецкого, «автобиография - не жанр, а лишь, говоря современным языком, определенный тип дискурса» [12, с.110–111].

Впервые значение термина «мемуарная литература» была проанализирована учеными Р.Ф. Кулле, Н.Ф. Бельчиков и В.А. Дынник [13]. Систематизация, предложенная группой исследователей, включила такие разновидности: «дневник — наиболее примитивная форма, содержащая ежедневные или периодические записи о происходящих в жизни автора событиях и его личных переживаниях; воспоминания или записки — описание событий через определенный (часто большой) промежуток времени «под углом зрения определенной идейной концепции»; автобиографии и исповеди — в центре подобных произведений находится жизнь автора или переломные моменты, оказавшие большое влияние на его жизненный путь; биографические воспоминания и некрологи — памятники, посвященные воспоминаниям автора о другом лице, являющимся центральным в произведении, в

некоторых случаях написаны под впечатлением от его смерти» [13, с.132]. Из самого названия жанра становится ясно, что основа автобиографии – это воспоминания о прошлых событиях, написанный по законам двух времен - время, в которое пишут и время, в которое произошли описываемые события. Работая над текстом автобиографического характера, переводчик должен учитывать, что в автобиографии процент выдумки минимальный, а это означает, что текст на другом языке должен передать эту реальность правильно. Здесь важную роль играет тот факт, какой способ передачи будет использован в работе над текстом перевода. А связано это с тем, что автобиография сочетает в себе и документальность и художественность. Знание переводчиком правил и приемов значительно облегчит его труд в поиске варианта перевода и сэкономит время. В этом переводчику помогают переводческие трансформации - технические приемы перевода.

Переводческие трансформации - это способ, перевода, применение которых должно быть мотивировано. Трансформации являются переводческими решениями, которые обеспечивают большую степень эквивалентности, помогают избежать негативных последствий в тексте перевода.

Художественный перевод не должен быть буквальным, иначе он теряет свою художественность – то есть стиль, придающий описанию образность, эмоциональность речи. Важным требованием этого вида перевода является то, что читатель, прочитав перевод должен получить те же впечатления и ощущения, которые полуает от его прочтения читатель оригинала, иначе получится разрыв между содержанием и формой.

При переводе художественного текста переводчик встречает много трудностей, среди которых не последнее место занимают реалии - элемент культуры, отражающий собой материальную и духовную ценность каждого общества.

Реалии - это специфические слова, присущие только определенному народу, они обозначают названия предметов, понятий, и явления, представляющих национальный, местный и исторический колорит. Такие слова не имеют точных соответствий в других языках, к примеру: «кишлак», Сари – Кала», «тутовые деревья», «чинары», «урюк», «Сыр-Дарья», «хауз», «карагач», «худжра», «Шахпарча», «чигрык» и т.д. Трудность, связанная с ними заключается в том, что эти слова, этимологически незнакомые русскому читателю могут ничего не означать для него, если переводчик не сможет правильно передать контекст. Однако существуют опредленные способы передачи этих слов с одного языка на другой. Существует два противопоставленные друг другу способа - бесперeводная передача (транскрипция и транслитерация) и перевод (описательный, приближенный, трансформационный, гипонимический и калькирование). По мнению А. А. Реформатского, «перевод стремится «чужое» максимально сделать «своим», а транскрипция стремится сохранить «чужое» через средства «своего» [13, с.56].

В настоящей статье мы сравним два стиля одного произведения на двух языках, написанных одним автором - повести «Субҳи ҷавонии ман» и «Утро нашей жизни» С. Улугзода.

В рассказе «Деҳаи мо» писатель дистанцирует себя-настоящего от себя-прошлого в описании села, где он, когда-то родился.

И в то же время прошлое и настоящее авторское «Я» в этих описаниях неразрывно связаны особой эмоциональностью, искренностью воспоминаний. Воспоминания писателя имеют авторскую интонацию, особую композицию, специфический фон описываемой эпохи. Тон и интонация повествования явно направлены на особого адресата – потомков. В одном из своих заметок Мансур Суруш пересказывает воспоминания писателя о том, как появилась книга «Утро нашей жизни»: «Самым значительным произведением я считал роман «Восе», а самым любимым – повесть «Утро нашей жизни». Его появлением я во многом обязан моей покойной жене Клавдии Александровне Благовещенской, литературоведу, фольклористу и переводчику. Помнится, когда я рассказывал нашим тогда маленьким детям – Азизу и Элеоноре истории из моего безрадостного детства и отрочества, она тоже часто присутствовала при этом. Потом выяснилось, что она втайне от меня их записывала. Когда она показала мне свои записи, я был поражён. По её же настоянию и просьбе я их обработал и привёл в подобающий вид. Так родилась эта автобиографическая повесть. Но имена персонажей я заменил. Не хотел, чтобы внимание читателей было приковано к одной конкретной личности. Мне подумалось, что будет лучше, если читатель в лице Собира увидит типичный образ детей первых десятилетий прошлого столетия». В другой статье, вспоминая встречу с Убайдом Раджабом, Мансур Суруш пересказывает: «Когда речь зашла о Сотиме Улугзаде, Убайд Раджаб, чьи дома разделял невысокий забор, заметно оживился. С большой теплотой он говорил о том, как жёны выдающегося писателя и учёного, вначале Клавдия Александровна, а после её кончины Любовь Андреевна, окружали заботой своего мужа-трудягу, создавали для него уют и старались оберегать от неприятностей, которые возникли после того, как его сын Азиз тайно эмигрировал за кордон. Кое-кто советовал Улугзаде публично осудить и отречься от своего сына-перебежчика, но он этого не сделал, а предпочёл уединённую жизнь, не прекращая при этом заниматься творчеством. По словам Убайда Раджаба, С. Улугзаде своими творческими достижениями во многом был обязан этим самоотверженным женщинам, той благоприятной атмосфере в доме, которую они создавали» [7].

Качественный перевод требует не только глубоких знаний об особенностях двух культур, но и достаточно хороших экстралингвистических знаний, так как писатель, в зависимости от замысла произведения, использует специфические языковые средства, которые внутренне

связаны между собой. Сравним степень воспроизведения стиля таджикского текста в русском. Для примера мы используем два фрагмента на различную тему. Первый фрагмент из рассказа «Деҳаи мо» - «Наш кишлак»:

| Таджикский текст | Русский текст |
|---|---|
| «Дар байни деҳоти атрофи Тус калонтаринаш деҳаи мост. Онро халқаи сабзи боғу бӯстонҳо иҳота кардааст. Дар миёнҷои деҳа як теппаи баланд, дар болои теппа як қалъаи кӯҳна воқеъ шудааст. Девори қалъа пастак буда, дар ҳар ҷо - ҳар ҷояш кулӯхандозҳои дарозрӯя дорад.<br>Як кӯчаи калон теппаро монанди халқа печонида гирифтааст **(Данное предложение отсутствует в русском тексте).** Агар ба болои қалъа баромада нигоҳ кунед, мебинед, ки аз он кӯча якчанд кӯчаю тангкӯчаҳои дигар сар мезанад, тангкӯчаҳо дар байни бомҳои бешумори деҳа печутоб хӯрда гум шуда мераванд. Бомҳо ҳам монанди якдигар якранг. Ин якрангиро фақат дарахтони тут, ки шохҳои **сабзи каҷу килеби худро ба болои баъзе бомҳо ёзонидаанд, тӯбсадаҳои сиёҳтобе, ки дар байни бомҳо ҷо-ҷо гумбазвор қубба шуда сар барафроштаанд (данное описание отсутствует в русском тексте)** ва ягон ягон чинорҳои баланди сершоху барге, ки дар болояшон албатта лаклак хона андохтааст, халалдор мекунанд.<br>Дар рӯи баъзе бомҳо сӯтаҳои ҷуворимакка, пахта ё зардолуро барои хушкондан паҳн карда мондаанд.<br>Дар саҳни ҳавлиҳои наздик аз оташдонҳо дуд баромада, дилу бедилон ба ҳаво мепечад; марду занҳо ба ҷунбуҷӯл, аспу харҳо мехбанд бо сари ҳам машғули алафу беда хӯрдан, бузғолаҳо ба ҷастухез...» [16, с.7]. | «Среди кишлаков, разбросанных вокруг городка Тус, наш кишлак самый большой. Он окружен зелёным кольцом густых садов и **виноградников (добавление)**, а посредине его **(соединение двух предложений),** на горе, высоко поднимаясь над кишлаком, стоит старая крепость **Сари-Кала (добавление)**, **обнесенная неровной глинобитной стеной со множеством бойниц (этого описания нет в таджикском тексте).**<br>С высоты **Сари-Калы (добавление)** видны улицы и улочки, идущие во все стороны. Они извиваются между бесчисленными квадратиками крыш, серое однообразие которых нарушается лишь торчащими тут и там карагачами, тутовыми деревьями и развесистыми чинарами с неизменным гнездом аиста на верхушке.<br>Местами на крышах можно различить кукурузу, хлопок, урюк, разложенные для просушки.<br>В ближайших дворах виден дым над очагами, извилистой струйкой лениво ползущий вверх; **фигурки людей деловито снуют (добавление+конкретизация**<br>**+красочность)** между постройками; по дворам разгуливают телята, собаки и козы; привязанные к кольям лошади и ослы жуют брошенную им траву» [17, с.6]. |

Как показывает сравнительный анализ приемов переводческих трансформаций, использованных в русском тексте переводчиками, они соответствуют классификации, предложенной Л. С. Бархударовым - это замены, добавления, опущения и перестановки [1, с.38-48].

К слову, прием замены Л.С. Бархударова В. Н. Комиссаров определяет, как модуляция.

Использование переводческих трансформаций имеют мотивы. Об этом отмечает Л.К. Латышев: «Очевидно, что адекватная мера трансформации находится посредине между буквализмом и вольностью. Это та мера, которая отличает качественный перевод. На практике она обеспечивается профессиональным чутьем переводчика. Теоретически же процесс нахождения этой меры можно представить себе, как процесс нахождения варианта перевода по трем критериям. Первый из них - мотивированность трансформации. Трансформация должна быть мотивирована необходимостью достижения равноценности регулятивного воздействия ИТ и ПТ. Немотивированные трансформации квалифицируются как вольности и отвергаются. На практике **мотивированность** трансформаций проверяется путем сопоставления двух вариантов перевода - трансформированного и нетрансформированного» [5, с.45].

Мотивы их использования различны. В целом, Л.К. Латышев отличает 3 основные причины переводческих трансформаций - расхождения в системах исходного и переводящего языков; расхождения норм исходного и переводящего языков; несовпадение узуса, действующего в среде носителей исходного и переводящего языков.

В приведенном выше примере переводческие трансформации выступают средством устранения противоречий между равноценностью регулятивного воздействия исходного текста, переводного текста и их семантико-структурного подобия.

**Рецензент:** ***Саломов А.*** – кандидат филологических наук, доцент ТНУ

**Л И Т Е Р А Т У Р А**


1. Бархударов, Л.С. Некоторые проблемы перевода английской поэзии на русский язык / Л.С. Бархударов // Тетради переводчика. - М.: Высш. шк., 1984. - Вып. 21. - С.38-48.
2. Брагинский, И.С. Назаре ба таракқиёти адабиёти советии тоҷик / И.С. Брагинский // Шарқи сурх, 1948. - № 3. - С.20-22.
3. Вопросы истории таджикской советской драматургии и театра [Текст]: [Сборник статей] / Акад. наук Таджик. ССР. Ин-т языка и литературы. [Декада таджик. литературы и искусства]; [Под ред. А.С. Эдельмана]. - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957.
4. Демидчик, Л. Сотим Улуғзода / Л.Демидчик // Эъҷози сухан. - Душанбе: Адиб, 1992. – 434 с.
5. Латышев, Л.К. Технология перевода: Учеб. пособие для студ. лингв. вузов и фак. / Л.К. Латышев. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Издательский центр «Академия», 2005. - 320 с.
6. Левшина, М.С. Сотим Улуғзода. Эҷодиёт / М.С. Левшина. - Сталинобод: Нашр.дав.Тоҷ, 1964. – 73 с.
7. Мансур, С. Светозарное слово / С. Мансур. https://proza.ru/2019/08/23/288.
8. Мурувватиён, Дж.Дж. Филологическая интенция С.Айни и С. Улугзода / Дж.Дж. Мурувватиён. - Душанбе: Эр-граф, 2019. – 51 с.
9. Мурувватиён, Дж. Дж. Поэтика переводов Сотима Улугзода / Дж.Дж. Мурувватиён. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 272 с.
10. Набавӣ, А. Васлгари қарнҳо ва наслҳо / А.Набавӣ // Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. - Душанбе: Адиб, 2009. - С.115-128.
11. Отахонова, Х. Сайре ба бойгонии Сотим Улугзода / Х.Отахонова // Чеҳраҳои шинохта. - Душанбе: Адиб. – С.79-87.
12. Отахонова, Х. Як саҳифаи дурахшони таърихи халк / Х.Отахонова // Пайванди ҳис ва андеша. - Душанбе: Ирфон, 1982. - С.131-138.
13. Реформатский, А.А. Введение в языковедение / А.А. Реформатский. - М.: Аспект Пресс, 1999. - 536 с.
14. Рустамова, Г.Р. Изображение социально- экономического положения в повести С. Улугзода «Утро нашей жизни» / Г.Р. Рустамова // Вестник Педагогического университета. 2019. №2 (79). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/izobrazhenie-sotsialno-ekonomicheskogo-polozheniya-v-povesti-s-ulugzoda-utro-nashey-zhizni (дата обращения: 23.12.2022).
15. Сайфуллоев, А. Барои тасвири хдкдоиии таърих / А.Сайфуллоев // Маориф ва маданият, 13-уми январи соли 1977.
16. Улуғзода, С. Мунтахабот: Иборат аз ду ҷилд (Субҳи ҷавонии мо. Ривояти суғдӣ. Повестьҳо). Тартибдиҳанда Ҷ. Мурувватов / С.Улуғзода. - Душанбе: Ирфон, 1982. - Ҷ.1. 1982. - 448 с.
17. Улуг-зода, С. Утро нашей жизни: Повесть. (Для детей сред. и старш.школьн.возраста). Пер.с тадж. В Смирновой и К. Улуг-зода) / С.Улуг-зода. - Душанбе: Маориф, 1984. – 320 с.
18. Шарифов, Х. Гӯяндаи достони таърихи точикон / Х.Шарифов // Озурдагон ва умедворон. - Душанбе: Сино, 2001. - С.174-195.
19. Шукуров, М. Сотим Улуғзода / М.Шукуров. - Сталинобод: Нашрдавточ, 1961. - 73 с.
20. Шукуров, М. Насри солҳои 1945-1974. Инкишофи жанрҳо / М.Шукуров // Таърихи адабиёти советии тоҷик. Иборат аз шаш чилд. Ҷ. IV. - Душанбе: Дониш, 1980. - 379 с.
21. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ / М.Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.
22. Юсупов, К. Сотим Улуғзода ва повести тарчумаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» / К.Юсупов. - Душанбе: Дониш, 1968. – 126 с.


## ДАЛЕЛНОКИИ ТАҲВИЛИ ТАРҶУМАИ Л.С. БАРХУДАРОВ

(дар мисоли повести С. Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо»)

Дар мақола далелнокии таҳвили тарҷумаи матни русии повести «Субҳи ҷавонии мо» дар иштироки Б.Смирнова ва К.Улуғзода мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллифи мақола ҳангоми муқоисаи ду матн- тоҷикӣ бо русӣ ба хулосае омад, ки тарҷумонҳо усулҳои таҳвилии аз ҷониби Л.С. Бархударов пешниҳодшударо истифода намудаанд. Дар мақола ақидаҳои назариявии олимони рус ва тоҷик –тарҷумонҳо оид ба хусусияти тарҷумаи бадеӣ ва нақши таҳвилҳо дар матни тарҷума истифода шудааст. Ёддоштҳои адибон дар бораи Сотим Улуғзода ва асари тарҷумаҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо») истифода шудааст, ки аз таассуроти айёми кӯдакию ҷавонии муаллиф навишта шудааст. Таҳлили матншиносии муқоисавии ду матни «Субҳи ҷавонии мо» ва «Утро нашей жизни» на танҳо хусусияти онҳо, балки таъсири бузурги Сотим Улугзодаро ба рушду такомули санъати тарҷумонӣ дар адабиёти тоҷик ифшо намуд. Хусусияти жанри ёддоштҳо баррасӣ шудааст: тасвири воқеӣ, тавсифи хуҷҷатӣ, ростқавлӣ ва маълумоти эътимоднок. Мувофиқи ақидаи муаллиф ин хусусият аз тарҷумон ҷиддиятро ҳангоми тарҷумаи асарҳои автобиографӣ талаб менамояд, ки дар рафти кор бо матни жанри мемуарӣ бояд маҳорати дурусти бознақлро дар тарҷумаи бадеӣ бояд истифода намуд. Воқеиятҳо дар матни тарҷума мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, вале муаллифи

мақола омӯзиши ин падидаро дар назди худ мақсад намегузорад, дар мақола ҳадафи асосӣ - роҳи эҷоди услуби матни тоҷикӣ ба забони русӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** тарҷумаи бадеӣ, табдилот, адабиёти тоҷик, сабабнокӣ (мотивированность).

## МОТИВИРОВАННОСТЬ ПЕРЕВОДЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЙ ПО Л.С. БАРХУДАРОВУ

**(**на примере повести С. Улугзода «Утро нашей жизни»)

В статье изучена мотивированность переводческих трансформаций в русском тексте повести «Утро нашей жизни», в исполнении Б. Смирновой и К. Улуг-зода. Автор статьи, сравнив два текста – таджикский с русским, приходит к выводу, что переводчики использовали приемы трансформаций, предложенных Л.С. Бархударовым. В статье использованы теоретические воззрения русских и таджикских ученых – переводоведов о специфике художественного перевода и роли трансформаций в тексте перевода. Использованы воспоминания литераторов о Сотиме Улугзода и его автобиографической повести «Утро нашей жизни», написанной по впечатлениям детских и юношеских лет писателя. Сравнительный текстологический анализ двух текстов «Субхи ҷавонии мо» и «Утро нашей жизни» показал не только их особенности, но и раскроет огромное влияние Сотим Улугзода на развитие и совершенствование техники перевода в таджикской литературе. Рассмотрены особенности мемуарного жанра: реалистичное описание, документальный характер, правдивость и достоверная информация. По мнению автора статьи, эта особенность требует от переводчика быть более внимательным при переводе автобиографических произведений, которому в ходе работы над текстом мемуарного жанра должен уметь правильно воспроизвести их в художественном переводе. Рассмотрены реалии в тексте перевода, однако автор статьи не ставит перед собой целью изучение этого явления, в статье главной целью является – способ воссоздания стиля таджикского текста на русский язык.

**Ключевые слова:** художественный перевод, трансформации, таджикская литература, мотивированность.

## MOTIVATION OF TRANSLATION TRANSFORMATIONS ACCORDING TO L.S. BARKHUDAROV

(on the example of S. Ulugzod's story «Morning of our life»)

The article examines the motivation of translation transformations in the Russian text of the story "The Morning of Our Life", performed by B. Smirnova and K. Ulug-zod. The author of the article, comparing two texts - Tajik with Russian, comes to the conclusion that the translators used the methods of transformations proposed by L.S. Barkhudarov. The article uses the theoretical views of Russian and Tajik scientists - translation experts on the specifics of literary translation and the role of transformations in the translation text. The memoirs of writers about Sotim Ulugzoda and his autobiographical story "The Morning of Our Life", written on the impressions of the writer's childhood and youth, are used. A comparative textual analysis of the two texts «Subkhi kavonii mo» and «Morning of our life» showed not only their features, but also reveals the huge influence of Sotim Ulugzoda on the development and improvement of translation techniques in Tajik literature. The features of the memoir genre are considered: realistic description, documentary character, truthfulness and reliable information. According to the author of the article, this feature requires the translator to be more careful when translating autobiographical works, who, in the course of working on the text of the memoir genre, must be able to correctly reproduce them in a literary translation. The realities in the text of the translation are considered, however, the author of the article does not set himself the goal of studying this phenomenon, in the article the main goal is - a way to recreate the style of the Tajik text into Russian.

**Key words:** literary translation, transformations, Tajik literature, motivation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Авалова Зулфия Субонхоновна*** – Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии АМИТ, унвонҷӯй. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21.
E-mail: **avalova.zulfiya@bk.ru**

**Сведение об авторе:** ***Авалова Зулфия Субонхоновна*** - Института языка и литературы им.Рудаки НАНТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **avalova.zulfiya@bk.ru**

**Information about the author:** ***Avalova Zulfiya Subonkhonovna*** - Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST, Applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **avalova.zulfiya@bk.ru**

# ЖУРНАЛИСТИКА

**УДК: 070.15 (575.3)**

## УНСУРҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ ЖАНРИ ЛАТИФА

***Қутбиддинов А.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баёни ҳаҷволуда дар публитсистика мавзуи нав набуда, аллакай, доир ба он таҳқиқҳои зарурӣ сурат гирифтаанд. Аз асари "Рисолаи дилкушо"-и Убайди Зоконӣ оғоз намуда, то дигар осори ҳаҷвнависони муосир муҳаққиқон дар таҳқиқу пажӯҳишҳои худ назарияҳои гуногуни илмиро баён карда, ҷанбаи воқеъгароёнаи ҳаҷвро махсус таъкид кардаанд. Дар раванди ҷаҳонишавӣ яке аз шохаҳои муҳиму таъсирбахштари публитсистикаро ҳамчун соҳаи мустақили эҷод (дар баробари адабиёт) ҳаҷву ҳазл (юмор) ташкил медиҳад. Ба ин мазмун истилоҳот ё мафҳумҳое чун зарофат, ҳаҷвия, ҳазл, базлагӯӣ, мутоиба, танз, лутфи латиф ва амсоли ин дар адабиёти гузаштаву имрӯза васеъ истифода гардида, қатъи назар аз типписозиҳову каломи мухайял дар ҳар яки он ҷузъе аз воқеиятҳои зиндагӣ таҷаллӣ дорад. Табиист, ки мафҳумҳои боло бештар самти ҳадафу маромиро умумиро дарбар мегиранд ва дар навбати дигар қолабҳои мушаххаси жанрӣ гуфтори ҳаҷвдоштаро ҳамчун зарофати маҷмӯӣ ифода менамоянд. Уфуқҳои ҳаҷв дар асарҳои адабиёт фаррохдоман буда, дар публитсистика бо равзанаи муайяни воқеиятнигорӣ доираи нисбатан маҳдудро соҳиб мешавад. Дар публитсистика фелетон, памфлет, луқма, пародия, эпиграмма, карикатура ва ғайраҳо ҳамчун жанр бори ҳаҷвро бештар ба дӯш гирифта, хостгори ифода намудани ҳақиқати рӯз мегарданд. Дар ин миён жанри мушаххасу алоҳидае бо номи латифа мавқеи меҳвариро ишғол менамояд, ки дар бораи он баҳсҳои гуногун вуҷуд доранд.

Латифа аз қадимтарин жанрҳои фолклору адабиёт ба шумор меравад ва мансубияти он ба адабиёт бештар таъкид гардидааст. Аз маънои истилоҳии он бармеояд, ки бо мазмуни кутоҳи ҳаҷвӣ ҷамъбасти тундро соҳиб аст. Латифа ҳамчун як нақли кутоҳ дар бораи рухдоди аҷиб тафсир карда мешавад. Аз ҷониби дигар дар фолклор он як матлаби нашрношудае, ки аз забон ба забон мегардад, шарҳ дода ёфтааст. Дар ҳақиқат ягона жанрест, ки дар нутқи шифоҳӣ бештар истифода мегардад. Як маънии мантиқии он дар забони юнонӣ (avekdotov) "нашрношуда" ва "ба табънарасида" фаҳмида мешавад. Ҷузъи муҳими жанри латифа ҳаҷми ниҳоят кутоҳ доштани он мебошад. Ин жанр вазифадор аст, ки бояд дар доираи хеле маҳдуд бо истифодаи муколамаи кутоҳ мақсадро хеле кутоҳу нишонрас ифода намояд. Латифа хулоса надорад, аз шарҳ истифода намекунад ва ҳузури муаллифӣ дар он коста мебошад. Хосияти дигари латифа ҳамин аст, ки муаллифи он аксар вақт номаълум боқӣ мемонад. Аз ҷониби дигар латифа аз забон ба забон сайр карда, як мазмун дар чанд шакл баён мегардад. Яъне зоҳиран (табдили номи қаҳрамон, дигар гаштани макону замон, каму беш гардидани ҳаҷм ва ғайра) тағйир ёбад ҳам, ботину мазмуни он яксон боқӣ мемонад.

Як хосияти ҳамешагии латифа аз оғоз то имрӯз руҳияи иҷтимоиву сиёсӣ доштани он мебошад. Дар навбати аввал маҳз ҳамин унсур латифаро ба доираи жанрҳои воқеъгароёна то ҳадде наздик мегардонад ва бо ин ҷиҳат дар саҳифаҳои ВАО мавриди истифода қарор мегирад. Ба нашр расидани жанри латифа дар саҳифаҳои матбуот як падидаи маъмулист. Тавассути он маромеву ҳадафе баён гашта, ҳақиқати мушаххасе мавриди ҳаҷву танз қарор дода мешавад. Тавре зикр гардид, латифа жанри хосаи публитсистика нест ва ба адабиёту эҷоди шифоҳии халқ дахл доштани он фикри даққиқтар аст. Аммо гузашти вақт ва интихоби васеъи дар ихтиёри хонанда қарордошта барои ин жанр фаҳмишҳои навро ба вуҷуд овардааст. Муҳаққиқ В.Лазутина бо назардошти унсурҳои фазову муҳити хабарӣ "латифаи журналистӣ" [2, с.169]-ро эътироф менамояд ва ба андешаи ӯ ингуна латифа низ бо таъсири худ "дар байни мардум сайр карда метавонад" [2, с.169] Махсусан, дар шароити рақобати шаклҳои зиёди васоити ахбор ва интихоби васеъ латифа бо ҳаҷми кутоҳу фарогирии фишурдаи ҷузъиёти рӯзгор диққати аудиторияро ҷалб карда метавонад. Муҳаққиқ И.Усмонов дар шинохти латифа ба хулосае меояд, ки латифа "ба журналистика ҳеҷ иртибот надорад" [8, с.136]. Муҳаққиқи ҳаҷви публитсистӣ М.Муродов бошад, як

андоза ин ҳукмро инкор менамояд ва андеша дорад, ки “ҷанбаи публитсистӣ-воқеъгароёна дар латифа мушоҳида мешавад” [6, с.22]. Ҷанбаи воқеъгароёна доштани латифаро Х.Мирзозода низ мункир нест ва ба таври ҷузъӣ аз “алоқаи зичи ғоявӣ ва эҷодӣ” [3, с.56] -и латифа ишора менамояд. Муҳаққиқони рус “нақши иҷтимоии латифа” [2, с.169] -ро дар шароити таҳаввулоти ахборӣ бо ҳаҷми кутоҳаш афзалиятнок низ мешуморанд. Ин жанр чунон як хосияте дорад, ки ҳатто ба адабиёт пурра марбут донистани он ҳукми қотеъ нест. Зеро аксар латифаҳое, ки муаллифонашон адибони алоҳида мебошанд, дар эҷоди даҳанакии халқ низ дида мешаванд. Ба ибораи омиёнаи дигар муаллифи латифа халқ аст. Танҳо аз ҳамин ҷиҳат - як андоза хосияти ҷамъиятӣ доштан ва ба воқеияте ишорат кардани он, метавон гуфт, ки дар латифа низ рукни иҷтимоӣ пойдор аст. Дар асоси ин ҳама назарияҳо хулоса кардан мумкин аст, ки чун дар латифа душмани идеологӣ, воқеаи мушаххас ва унсурҳои иҷтимоии вуҷуддошта мавриди ҳаҷву ханда қарор дода мешаванд, пас он робита ба публитсистика дорад. Ҷиҳати дигари ба публитсистика қаробат доштани латифа он аст, ки масалан, «фелетонннавис метавонад, бо мақсади образнокии матн аз жанрҳои хурди фолклор, махсусан, латифа, зарбулмасал истифода кунад» [7, с.151].

Аллакай, чанд садсола аст, ки «матбуоти даврӣ майдони асосии публитсистика» [5, с.131] ба шумор меравад ва дар ин миён матбуоти маҳаллӣ бо фарогирии латифаҳои гуногун истисно нест. Дар саҳифаҳои нашрияҳои маҳаллии замони шӯравӣ латифаҳо бештар дар саҳифаҳои фароғативу адабӣ истифода мегаштанд, ки баррасиву таҳқиқи баъзеи онҳо дар нашрияҳои “Меҳнати коммунистӣ” ва “Коммуна” дар робита ба андешаҳои боло мувофиқи мақсад мебошад. Ин латифаҳо асосан дар охири ҳафта рӯзҳои шанбе дар саҳифаҳои “Занбӯр”, “Саҳифаи назорати халқӣ”, “Сабоҳат” “Лирика”, “Аз эҷодиёти омӯзгорон”,“Саҳифаи рӯзи истироҳат”, “Саҳифаи рӯзи шанбе”, “Гушаи назм” ва ғайра ба нашр расидаанд. Зери сарлавҳаи “Хушгӯиҳои студентон” [Меҳнати коммунистӣ. – 1970. – 7 феврал.] чор латифа нашр гардидааст, ки аз юмор ва сатираи хос иборат мебошанд. Дар яке аз латифаҳо аҳволи донишҷӯи солҳои ҳафтодуми асри гузашта масхара карда мешавад, ки дар таҳсил фориғбол аст:

“Писар ба модар телефон кард.

–Имтиҳонро супурда натавонистам, афтидам, падарамро тайёр кун.

–Падарат алакай тайёр, худат эҳтиёт шав, худат эҳтиёт шав, – ҷавоб дод модар” [Меҳнати коммунистӣ. – 1970. – 7 феврал.]

Нисбат ба аҳволи довталабон ва шартҳои қабул ба макотиби олӣ низ хандаи захрдор карда мешавад. Маълум мешавад, ки монеасозиву воситабозиҳо дар қабули довталабон дарди дерина мебошад ва ҳанӯз 50 сол муқаддам ба ин тамоюл хандида мешавад:

–“Писари маро ба институт қабул накарданд. Бо Навоӣ шинос ҳастӣ, ё не, гуфта пурсидаанд.

–Рост, ин вақтҳо бе шинос ба институт даромадан душвор аст, - ҳамдардӣ кард ҳамроҳаш” [Меҳнати коммунистӣ. – 1970. – 7 феврал. №11].

Маҳорати эҷодӣ ва такомулу равнақи соҳа собит намудааст, ки «асари санъат бояд эҳсос дошта бошад» [1, с.141] ва ба гумони инҷониб дар латифа ин хосият (омили ҳаҷв) равшантар аст. Латифаҳо ба хонанда дар бораи авзои сиёсӣ ва муҳиту фазои давру замони шӯравӣ хеле осон хулосаҳои гуногунро мебахшанд. Дар ин ҳолат сатираи пурқувват ба кор бурда мешавад ва хандаи захрдор авзои номутаносиберо нишон медиҳад. Дар латифаи дигар ба ҳоли бунёдкорони коммунизм хандида мешавад ва бо ҳасрат аз гузаштаи қабл аз замони шӯравӣ ёд карда мешавад:

“Дар як корхона дарси сиёсӣ рафта истодааст. Лектор аз корманди куҳансолтарини корхона мепурсад:

- Шумо чи хел тасаввур мекунед, Коммунизм чист?

- Оҳ Коммунизм! Коммунизм ин даврони аҷоибест. Дар он ҳама серу пур аст. Ҳама чиз арзон аст. Навбатҳо ба назар намерасанд. Ташвишҳо вуҷуд надоранд. Ба як ибора ҳама чун замони подшоҳӣ зиндагӣ менамоянд” [9].

Дар латифаи дигар ба ҳоли ду роҳбар, ё ду сиёсатмадор дар замони Ҷанги бузурги ватанӣ хандида мешавад. Дар ин ханда ва мазмун он маънӣ нуҳуфта аст, ки дар миёни Гитлеру Сталин дар як фоҷиаи бузурги башарӣ чандон фарқе дида намешавад:

Аз Черчил пурсиданд:

– Сталин аз Гитлер бо чӣ фарқ дорад?

– Бо муйлаб [9].

Дар латифаи дигар хосияти андешапарварӣ зиёд аст ва мантиқе дар он вуҷуд дорад, ки чанд якбора чанд масъаларо матраҳ карда метавонад. Нахуст сиёсати даврони сталинӣ ва аз ҷониби дигар пургӯии масъулону ҳолати ногувори соҳаи кишоварзӣ дар замони шӯравӣ:

Комиссари халқии хоҷагии қишлоқи Украинаро ба ҷаласаи Бюрои сиёсӣ даъват менамоянд. Ӯ мепурсад:

– Ман чи хел маърӯза хонам, муфассал, ё кутоҳ?

– Чи хеле, ки мехоҳед, Метавонед, кутоҳ, метавонед, муфассал, лекин регламент се дақиқа аст [9].

Дар ҳақиқат доира ва ҷанбаи публитсистии латифаҳо гуногун аст ва ин ягона жанрест, ки ба тамоми мавзӯъҳо дахл карда метавонад. Чунин хусусият ба он ваҷҳ аст, ки халқияти ин жанр баланд мебошад ва дар фаҳму дарки он чандон мушкилӣ вуҷуд надорад. Ба ақидаи М.Муродов "...тавлиди сухани кутоҳу пурмаънӣ ва латифу дилчасп ба дараҷаи эмотсионалии он вобаста аст" [4, с. 62-67]. Маълум аст, ки чунин эҳсос (эмотсия) бештар дар меҳвари ҳақиқати ҳаёт давр мезанад ва дар доираи маҳдудтар дар қолаби жанри латифа хеле хуб ифода ёфта метавонад. Дар латифаи "Хабар надорам" [Зайниддинов В. Латифаҳо / Коммуна. – 1966. – 17 сентябр] ба ҳоли милитсионер хандида мешавад ва мантиқан юмор ва сатираро дар якҷоягӣ дар худ нигоҳ медорад:

"Шахсе ҳамёни худро гум кард ва ба милиотсионер муроҷиат кард.

Милиотсионер гуфт: мебахшед, ман нагирифтаам" [Зайниддинов В. Латифаҳо / Коммуна. – 1966. – 17 сентябр.]

Дар латифаи "Наход, ки нашиносам" як дараҷа аҳволи мухбирони ҷамоатии рӯзномаи он солҳо нишон дода мешавад. Аз мазмуни он пай бурдан мумкин аст, ки манфиатҷӯиҳо аз матолиби саҳифаҳои рӯзномаи солҳои шастум як анъанаи маълум аст: "Мухбиртароше бо мақолаҳои худ идораи газетаро охурча намуд. Рӯзе ӯ бо муҳаррир вохӯрда гуфт: чаро мақолаҳои маро чоп намекунед? Муҳаррир гуфт: шумо бо он шахсоне ки таъриф кардед, аз дур шиносед. Мухбир гуфт: тавба, наход бо хешу табори худ аз дур шинос бошам" [Зайниддинов В. Латифаҳо / Коммуна. – 1966. – 17 сентябр].

Латифа моли фолклор ва халқ номида мешавад ва шояд ба ҳамин ҷиҳат аст, ки аксари латифаҳо бидуни муаллифанд. Одатан дар ин гуна латифаҳо мантиқи баён амиқият пайдо мекунад. Чунон чӣ дар латифаи "Аспро надидааст" [Меҳнати сотсиалистӣ. – 1972. – 22 январ.] ба сатҳу сифати таълим хандида мешавад:

- Муаллими мо ҳанӯз аспро надида будааст,- гуфт писар ба падар.

- Чаро ин хел мегӯи?

- Дирӯз ба тахтаи синф расми аспро кашида, аз мо "ин расми чӣ" гуфта пурсид" [Меҳнати сотсиалистӣ. – 1972. – 22 январ.]

Дар баъзе ҳолатҳо латифаҳои имрӯзаро аз эпиграмма фарқ кунонидан душвор аст. Маълум аст, ки эпиграмма ҳаҷми васеъро чандон намеписандад ва маъмул аст, ки дар наср ду-се ҷумла ва дар назм 2-3 байтро ташкил медиҳад. Хандаи эпиграмма ҳамчун юмори сабук завқбахш аст ва монанди латифа хонандаро ба завқ оварда метавонад. Ҳамзамон эпиграммаҳои хуб чун латифа дар забони мардум ҷорӣ мешавад. Таҷрибаву андешаҳои гуногун нишон медиҳанд, ки зпиграмма на хандидан (сатира), балки хандониданро (юмор) бештар суроғ мекунад ва бо ҳамин роҳ иллати иҷтимоиро нишон медиҳад. Дар ҳамин сурат ҳаҷми кутоҳ ба мақсад созгортар буда, латифамонанд будани он диққати хонандаро бештар ҷалб карда метавонад. Эпиграммаҳо метавонанд, ки дар қолаби латифаҳои кӯтоҳ низ маънии махсусро ифода кунанд. Масалан дар ин эпиграмма дар баробари бесаводии хонандагон ба паҳлӯи дигари масъалаи иҷтимоӣ ишора карда мешавад. Маълум мешавад, ки муаллиф чандон ҷонибдори номгузории мактабҳо нест: "Аз талабае пурсиданд, ки номи мактабатон чист? Номи мактабро ба ман касе нагуфтааст, ман ҳам номашро намедонам" [Латифаҳо / Коммуна. – 1960. – 23 январ.]

Латифа бо мазмуни худ камтар аз фелетону памфлет нест. Ҳарчанд дар он баъзан қаҳрамонон типпӣ кунонида шаванд ҳам, аммо "адресс"-и ҳатмии худро дорад. Як хосияти фелетону памфлет он аст, ки дар онҳо мазмуни афсона, ривоят, ё ягон латифаи ҳаҷви тунддошта мисол оварда шуда, ҳаёти қаҳрамон ба он монанд карда мешавад. Мушоҳидаву таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки агар дар гузашта мазмуни фелетону памфлетҳо дар асоси

ривояту афсонаҳо шакл пайдо мекарда бошанд, пас имрӯз латифа ба мақоми аввалтар баромадааст. Зеро дар шароити имрӯзаи ниҳоят зиёд будани теъдоди васоити ахбор, ки хонанда баъзан роҳгум низ мезанад, матлаби ҳаҷман кутоҳ таваҷҷӯҳро бештар ҷалб менамояд. Дар памфлет тамасхур ва танқиди шадиди маҳвкунанда дар асоси мазмуни афсонаву латифаҳо навишта мешаванд, ки чунин хислат дар памфлетҳои устод Айнӣ дар замони ҶБВ равшан падидор аст.

Раванди бунёдкориҳову сохтмонҳо шебу фарози зиёд дошт ва бо пешниҳоди муколамаву саҳнаҳои рамзиву воқеӣ ва таҷаммӯи симои инсонҳои бунёдкор ин ҳолати инъикос дар мувофиқат ба оҳанги рӯз ва талаботи идеологӣ баррасӣ мегардид. Навиштаи таҳиякардаи Х. Азимов бо номи “Як рӯз кор мекунем, ду рӯз кор мекунем...” [Меҳнати коммунистӣ. – 1973. – 22 декабр] аз лиҳози қолаб ва бандубасти баён ба памфлет монанд аст, ки амали фиребгаронаву меҳнатгурезонаи коргарони заводро маҳкум менамояд. Дар он дарду доғи рӯз – фиребу найрангбозӣ ҳамчун муаммо ошкор карда мешавад. Ҳарчанд навишта адресси мушаххас надошта бошад ҳам, он ба ду самт майл пайдо менамояд. Нахуст нисбат ба аҳли бригадаи алоҳидаи завод ва сониян роҳбарияти он хандаи заҳрдор карда мешавад. Дар ин матлаб нисбат ба бюрократияи дар завод вуҷуддошта хандида мешавад, ки оқибати худситоии онҳо ба нестиву барҳам додани завод боис шудааст:

“- Бадии кор дар ҳамин, ки заводамонро барҳам медиҳанд.

- Барои чӣ? – пурсидем аз ӯ.

- Агар шумо бо як бригада ҳамаи планҳои заводро иҷро кунед, пас завод чӣ лозим? - гуфт собиқ сардори сех” [Азимов Х. / Меҳнати коммунистӣ. – 1973. – 22 декабр].

Масъалаи сохтмону бунёдкориҳоро танҳо дар домани жанрҳои алоҳида (очерк, лавҳа, эссе) дарёфтан андешаи саҳеҳ нест. Дар ин роҳ ба ҷуз аз жанрҳои хабарӣ жанрҳои фелетон, латифа, карикатура низ ба кор бурда мешаванд. Зеро маълум аст, ки дирӯзу имрӯз таркиби ҷамоаи меҳнатии ҳар як сохтмону иншооти бунёдшаванда мухолифону ҳатулкорону қаллобони худро дорад. Рӯзномаи замони шуравӣ дар ин ҷода шаклу самти махсуси инъикоси масъаларо дошт ва ба муқобили вайронкорону муфтхӯрон муборизаи қатъиро ба роҳ мегузошт.

Аз чанд андешаи боло чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки латифа қолаби жанриест, ки тавассути он оҳанги иҷтимоӣ хеле таъсирбахш замзама мегардад. Бо фарогирии уфуқҳои гуногуни воқеият нуқсону камбудиҳои ҷомеаро нишон дода метавонад. Вобаста ба публитсистика робита доштани латифа ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

- Латифа жанри хосаи публитсистӣ набошад ҳам, дар қолаби ҳаҷв ба проблемаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дахл намуда, дар аксар ҳолатҳо бо моҳияти иҷтимоии худ дар саҳифаҳои ВАО оҳанги воқеии рӯзро ифода карда тавонистааст;

- Ягона жанри публитсистӣ мебошад, ки баъзан чун шеъру таронаҳои дилчасп дар забони мардум ҷорӣ мешавад;

- Латифа ҳаҷву тамасхури тунд дошта, мухотабро ба таври оҷил ба вокуниш водор менамояд;

- Дар латифа қаҳрамононе бештар таваҷҷуҳро ҷалб менамояд, ки соҳибмақому масъул мебошанд;

- Латифа дар публитсистика бештар сатираро пайгирӣ менамояд ва қаҳрамону мавзӯъ дар аксар ҳолат воқеӣ мешаванд;

- Мазмуни духураи латифа, ки дар адабиёт бештар маъмул аст, ба публитсистика низ хос буда, ба омилҳои сензор ва худсензор бештар рабт пайдо менамояд;

- Типпӣ гардонидани воқеа, ё қаҳрамон мувофиқи авзои рӯз сурат гирифта, баъд аз фосилаи муайяни вақт шакли худро дигар менамояд;

- Интернет ҳамчун воситаи иртиботӣ ва ҳам иттилотӣ дар нашри латифаҳо бештар мусоидат карда, дар замони имрӯза хонандаи ин жанрро бештар гардонидааст.

**А Д А Б И Ё Т**


1. Васильева А.Н. Газетно-публицистической стиль / А.Н. Вассилева. – М.: Русский язык, 1982, 198 с.
2. Лазутина Г.В, Распопова С.С. Жанры журналисткого творчества: Учебное пособие для студентов вузов / Г.В. Лазутина, С.С.Распопова. – М.: Аспект Пресс, 2012. – 320 с.
3. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. –238 с.
4. Муродов М. Воситаҳои муассири сухан дар ҳаҷви публитсистӣ / М. Муродов // Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмуаи мақолаҳо) .– Душанбе: Аржанг, 2006. – 96 с.

5. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 320 с.
6. Муродов, М. Публитсистикаи ҳачвӣ (масъалаҳои пайдоиш, инкишоф ва таҳаввул) / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 320 с. – С.22.
7. Нуралиев А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 173 с.
8. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 138 с.
9. https// sovtime.ru/anekdot/stalin

## УНСУРҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ ЖАНРИ ЛАТИФА

Дар ин мақола дар бораи махсусиятҳои публитсистии жанри латифа сухан рафта, дар журналистика мақому арзиш доштани он аз чанд дидгоҳ таъкид мегардад. Аз ҷумла, латифа аз қадимтарин жанрҳо гуфта мешавад ва дар такя ба маънои истилоҳии он жанре дониста мешавад, ки бо мазмуни кутоҳи ҳачвӣ ҷамъбасти тундро соҳиб соҳиб мебошад. Ин жанр вазифадор аст, ки бояд дар доираи хеле маҳдуд бо истифодаи муколамаи кутоҳ мақсадро хеле кутоҳу нишонрас ифода намояд. Аз оғоз то имрӯз руҳияи ичтимоиву сиёсӣ доштани латифа инкор намегардад ва бо ҳамин унсур латифа дар саҳифаҳои ВАО мавриди истифода қарор мегирад. Таъкид мегардад, ки дар шароити интихоби васеъ, ки ба теъдоди зиёди ВАО робита дорад, барои ин жанр фаҳмишҳои навро ба вуҷуд овардааст. Бо назардошти ин таъйинот андешаҳои муҳаққиқони соҳа В.Лазутина, И.Усмонов, М.Муродов, Х.Мирзозода, А.Нуралиев ва дигарон пеш оварда шуда, ба воқеияте ишорат кардани он хосияти асили публитсистии жанри латифа гуфта мешавад. Дар заминаи назарияҳои гуногуни илмӣ муаллиф ба пеш овардани намунаи латифаҳо аз саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ исбот кардан мехоҳад, ки латифа низ чун памфлету фелетон воқеияти замонро фаро гирифта метавонад.

**Калидвожаҳо**: латифа, ичтимоӣ, публитсистика, маҳаллӣ, матбуот, қаҳрамон, ҳачв, аудитория, фарҳанг, забон, воқеият, раванд, ҷомеа.

## ЭЛЕМЕНТЫ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО ЖАНРА АНЕКДОТА

В данной статье отмечается о публицистических особенностях жанра анекдота, а также подчеркивается его статус и значение в журналистике с нескольких точек зрения. В частности, жанр анекдота считается одним из древнейших жанров, по смыслу жанре имеет острое завершение с кратким комическим содержанием. В данном жанре очень ограниченно выражатся цель с помощью короткого диалога. С самого начала и до наших дней нельзя отрицать социальный и политический дух анекдота, и с этим элементом анекдот используется на страницах СМИ. Подчеркивается, что в условиях широкого выбора, связанного с большим количеством медиа, для этого жанра созданы новые инсайты. С учетом этих определений представлены мнения исследователей отрасли В. Лазутиной, И. Усмонова, М. Муродова, Х. Мирзозода, А. Нуралиева и др., что указывает на реальность публицистического своеобразия жанра анекдота. На основе различных научных теорий автор хочет привести примеры анекдотов со страниц местной прессы, чтобы доказать, что анекдот может освещать действительность того времени, как памфлет или фельетон.

**Ключевые слова:** анекдот, социальный, журналистика, местное, пресса, герой, сатира, аудитория, культура, язык, действительность, процесс, общество.

## JOURNALISTIC ELEMENTS OF THE ANECDOTAL GENRE

This article talks about the journalistic peculiarities of the anecdote genre and emphasizes its status and value in journalism from several points of view. In particular, the anecdote is said to be one of the oldest genres, and based on its literal meaning, it is considered a genre that has a short comics content and a sharp conclusion. This genre is obliged to express the purpose in a very limited way using a short dialogue. From the beginning to the present day, the social and political spirit of the anecdote cannot be denied, and with this element, the anecdote is used in the media pages. It is emphasized that in the conditions of wide selection, which is related to the large number of media, new insights have been created for this genre. Considering these definitions, the opinions of the researchers of the field V. Lazutina, I. Usmonov, M. Murodov, H. Mirzozoda, A. Nuraliyev and others are presented, and it is said to point to the reality of the genuine journalistic feature of the anecdote genre. Based on various scientific theories, the author wants to present examples of anecdotes from the pages of the local press to prove that an anecdote can cover the reality of the time like a pamphlet or a feleton.

**Key words:** anecdote, social, journalism, local, press, hero, comic, audience, culture, language, reality, process, society.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қутбиддинов Абдулмумин Ҳошимович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, дотсент, декани факултаи журналистика. **Суроғa:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **adab-75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-32-60-22**

**Сведения об авторе:** ***Кутбиддинов Абдулмумин Хошимович*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, доцент, декан факультета журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **adab-75@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-32-60-22**

**Information about the author:** ***Qutbiddinov Abdulmumin Hoshimovich*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Associate Professor, Dean of the Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **adab-75@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-32-60-22**

**УДК: 070.15**

# АДИБИ ПУБЛИТСИСТ ВА НАБЗИ ЗАМОН

***Усмонова Н.К., Саидов А.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нуъмон Розиқ аз он адибонест, ки набзи рӯзро дарк карда метавонад. Медонад, ки барои ифодаи мавқеъ чи гуна матлаб созгор аст. Тараннумгари сиёсати давру замон буда, қолаби такрору якнавохти андешаҳоро соҳиб нест. Дар ин самт адиб аз қолабҳо ва имконоти гуногуни жанрӣ истифода кардааст. Лавҳаву ҳикояҳои ҷанбаи публитсистидошта дар эодиёти ӯ бештар ба назар мерасанд, ки марғубу хонданӣ низ ҳастанд. Яъне адиб равзанаи афкори худро ба он жанре ихтисос медиҳад, ки агар тавассути он баёни эҳсосу андеша созгортар бошад. Қонунияти маълум аст, ки «...лавҳанавис бояд аз ҳаёти ҳаррӯзаи одамон қаҳрамониро ҷустуҷӯ намояд» [11, с.91] ва маҳз ин ҷиҳат боис мешавад, ки муаллиф қобилияти мушоҳидаи худро бештар сарф намояд, ба зиндагии одамон бештар қарин бошад ва набзи ҳаётро амиқтар дарк намояд. Нуъмон Розиқ истеъдоди баланди адабӣ дошта, дар назм комёбиҳои зиёд дорад. Аммо дар фаъолияти эҷодӣ аз журналистикаву публитсистика дур нагаштааст ва дар ин самт бештар аз он жанрҳои публитсистие истифода кардааст, ки ба адабиёт ҳамҷавории бештар доранд, ки лавҳа аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Дар лавҳаи “Чордаҳ ситораи модар” [8] чандин ҷузъиётеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар онҳо муносибати адиб ба сиёсати замон ифода ёфтааст. Ногуфта намонад, ки лавҳа «…дунёи ботинӣ ва зебоии ботинӣ» [11, с.90] -ро тасвир мекунад. Ба гумони инҷониб мафҳуми “зебоии ботинӣ” ин пеш аз ҳама завқи баланди эстетикии адибону муаллифонро фарогир мебошад. Дар лавҳаи мазкур дар навбати аввал садоқату муҳаббати оилавӣ ва дигар ҷузъиёти фарҳангиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар ҳар як оилаи тоҷик то имрӯз ба назар мерасанд. Масалан ифодаҳои “кулча”, “шира”, “шарбат” “чаппотӣ” ва “қатлама” ба сифати нишондиҳандаи анъанаву русуми тоҷикон дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта мебошанд, ки ҳамчун навъи нонҳову хурокҳои миллии қадимии тоҷикон таърихи садсолаҳоро дорад: “Қудрия-хола хамир карда нони чаппотӣ, самбӯсаю қатлама пӯхт. Ба вай духтари калонияш Саврия, ки ба меҳмонӣ омада буд, ёрӣ дод. Модар дастурхони идонаро дар хонаи калон густурд. Ба рӯи он нону кулча, қанду қандалот ва дигар хел шираю шарбатҳо гузошт ва интизори фарзандон шуд” [8].

Дар ҳар як лавҳаи муваффақона иншогардида, дар мадди аввал қаҳрамони шоиставу арзанда дар меҳвар қарор мегирад. Интихоби қаҳрамон дар ин лавҳа низ хеле дуруст сурат гирифтааст ва дар ҳақиқат шоистаи тасвиру таҳсинҳо мебошад. Маълум мешавад, ки Кудрия-хола қаҳрамонмодар мебошад ва соҳиби 14 фарзанд аст. Аҷиб он аст, ки аксари онҳо дугонику сегоник мебошанд. Дар замони шӯравӣ бошад, ин мояи ифтихор буд, ки як модар 14 нафар фарзандонро ба дунё овардааст: “Ана дарвоза кушода шуду аз он аввал экизакҳо – Ҳасану Ҳусейн ва Зуҳро, ки ҳар сеяшон дар синфи якум мехонанд ва костюмчаҳои якранг ба тан доштанд, даромада омаданд. Аз паси онҳо экизакҳои калонӣ Тоҳиру Зуҳро, ки дар синфи сеюм мехонанд, сурудеро замзамакунон дохили ҳавлӣ шуданд” [8].

Тамоюли фарҳангӣ, ки он мавриди тарғибу талқин қарор гирифтааст, ин таҷлили иди солинавӣ дар гирди арча мебошад. Инҷо метавон аз он ишора кард, ки дар ҳақиқат то Инқилоби Октябр барои тоҷикон таҷлили соли наву бобои барфӣ бегона буд. Аз маводи мазкур бошад, чунин бармеояд, ки дар соли 1975 таҷлил намудани соли нави мелодӣ барои сокинони ҷумҳурии мо як падидаи муқарарӣ мебошад. Ин андешаро ба он ваҷҳ пеш овардем, ки алҳол гоҳ-гоҳе баҳсҳои ошкору пӯшида барои ҷашн гирифтани соли нави мелодӣ дар кишвари мо вуҷуд дорад: “Бачаҳо бо навбат аз таассуроти аз Иди арча гирифтаашон ба модар ҳикоя мекарданд. Яке дар бораи баромади кружоки худфаъолият гап занад, дигаре дар бораи Бобои барфӣ нақл менамуд. Яке дар бораи зебу зиннати арча гӯяд, дигаре бозии қаровули мактабро таъриф мекард.

Саидаҳмади панҷсола, ки дар хона ҳамеша ҳамдами модар аст, ба гапи бародаронаш ҳамроҳ шуд;

–Ман ҳам туҳфа гирифтам. Очам ба ман чолмағз дод...” [8].

Лавҳанависӣ низ маҳорат талаб намуда, дар қиёс ба иншои жанрҳои таҳлиливу ахборӣ нисбатан мушкилэҷод аст. Ҳарчанд ҳаҷми маҳдуд дошта бошад ҳам, аз муаллифи худ маҳорат мехоҳад ва дар доираи кутоҳ бояд ҷузъиёти муҳими ҳаёти қаҳрамон нишон дода шавад. Тавсифҳои хушку холӣ ҳеҷ гоҳ мақсади лавҳа нест ва талқини зиёди арзанда муаррифӣ кардани қаҳрамон барои лавҳа ҷузъиёти бегона мебошад. Ба андешаи муҳаққиқон ҷонибдор метавон гардид, ки «…қаҳрамонро «одами нагз» нагуфта он воқеаҳоеро тасвир кунед, ки бевосита нагзии қаҳрамонро исбот кунанд» [10, с.40]. Чунин сифату хосият дар лавҳаи “Чордаҳ ситораи модар” бараъло зоҳир менамояд, ки Қудрия-хола фақат дар майдони меҳнат қаҳрамон нест. Ё, ин ки аҳли оилаи Кудрия-холаву Зокир амак танҳо дар истеҳсолот фаъол нишон дода нашудаанд ва барои муаллифи лавҳа зиндагии хушбахтонаи аҳли оилаи онҳо нуқтаи ҷолиби тасвир гардидааст. Назар ба андешаҳои муҳаққиқ В. Ворошилов «…маълумотномаву тарҷумаи ҳол ва шумори фактҳо намегузорад, ки ҷузъиёти характери қаҳрамон баррасӣ шавад» [5, с.228]. Бо назардошти ин таъйинот дар лавҳаи мазкур чунин хронологияи тарҷумаиҳолӣ қариб, ки вуҷуд надорад. Дар лавҳа силсилаи қаҳрамонон зикр шаванд ҳам, дар меҳвар Қудрия-хола қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи саҳнаҳое, ки баъзан нақл карда мешаванд, ба таври номаълум зиндагии аҳли ин оиларо ба хонанда ошно мегардонад. Падару писар дар фермаи парандапарварӣ кор мекунанд. Қудрия-хола бошад, ҳамчун қаҳрамонмодар соҳиби орден мебошад: “Модар ошро дам партофт. Зокир-амак ҳамроҳи писари калонӣ – Шокир омада монданд. Онҳо ҳардуяшон дар фермаи паррандапарварии байни колхозии район кор мекарданд. Қудрия – хола дар Соли нав ба 42 ва Зокир-амак ба 44 қадам гузоштанд. Онҳо 14 нафар фарзанд доранд. Пеши бари Қудрия-холаро ордени Қаҳрамонмодар зеб медиҳад. Панҷ нафар бачаҳои онҳо экизаканд. Бачаҳо дар ин оила ниҳоят ба ҳамдигар дӯсту меҳрубонанд. Ин бегоҳ, чун ҳар дафъаина, падар садри – маърака гардид” [8].

Дар лавҳаи мазкур зиндагии як оилаи муқарарии тоҷик баррасӣ гардида, ҷанбаҳои фарҳангиву маънавӣ бештар падидор мегарданд. Меҳру муҳаббати фарзандиву падарӣ, муҳаббату дӯстдории ватан ва арзишу манзалати инсонӣ ҷанбаҳои маънавию ахлоқии навиштаро таъмин кардаанд. Муаллиф дар қисмати ташреҳиву тавзеҳии лавҳа он интернатсионализме, ки дар замони шӯравӣ вуҷуд дошт, хеле хуб васфу тараннум менамояд. Аз ин оила якбора ду нафар дар хизмати ватан қарор доранд. Қаноатмандии аскарони дар роҳи дур қарордошта ва ифтихори аҳли оила аз чунин саодат ин нишон додани набзи ҳаёти даврони шӯравӣ мебошад:

– Дар сар дастурхони идии мо кадоми шумо нестед?

– Собир! - гуфт яке.

– Носир! - гуфт дигаре.

– Имруз, - гуфт падар, онҳо ҳам дар ҳамин ҷо ҳамроҳи моянд.

Ӯ аз кисабағалаш ду мактубро бароварда кушод Аз даруни онҳо расмҳои писаронашро ба ҳама нишон дод ва илова намуд.

–Дар ин рузи саид сухани авалро ба Собиру Носир медиҳем.

Падар мактубҳоро барои хондан ба Назир, ки дар тарафи дасти росташ менишаст дод. Ӯ мактуби бародарони дар армия хизмат кардаистодаашро хонд. Собир дар Астрахан, Носир дар Молдавия хизмати Ватанро адо карда истодаанд. Онҳо ба падару модарашон мактуб навишта, дар рӯзи ид аҳли хонаводаро табрик карданд” [8].

Чунин ба назар мерасад, ки хосияти равонӣ дар ин матлаб равшантару возеҳтар аст ва чанд факту рақами умумӣ дар он аҳамияти дуюмдараҷа доранд. Муҳаққиқ М. Муродов дар ин маврид чунин нуқтаи назар дорад, ки «... омӯзиши ҳуҷҷат дар тасвири симои инсонҳои кору меҳнат раванди инкоршаванда нест ва он бояд дар доираи ҳудуду меъёри муайян сурат гирад. Дар акси ҳол маълумотномаи ҳаёти қаҳрамон мешавад, ки ҷанбаи маънавии харобро соҳиб мешавад» [6, с.141]. Дар ҳақиқат дар ин лавҳа ҷанбаи маънавию ахлоқӣ ва фарҳангӣ боло рафтааст. Сарҷамъии оила, меҳру муҳаббати модарӣ, эътироф гардидани падар ҳамчун сутуни хонадон, расму анъанаҳои аҷдодӣ ва чанд омили дигари ин лавҳаро ба сифати ҷузъиёти тарбиявӣ пазируфтан мумкин аст. Дар сурати такя кардани муаллиф ба факту рақамҳои истеҳсолӣ ва корбасти тавсифҳои қолабӣ (дар мавриди дастовардҳо - С.А.) истифодаи чунин ҷузъиёт имконнопазир мегардид.

Анҷоми лавҳа бошад, аз зиндагии осудаву умедворонаи як оилаи тоҷик дар даврони оромиву босуботи ҳокимияти шӯравӣ дар солҳои ҳафтодум дарак медиҳад. Таҷлили соли

нав ва хурсандии аҳли оила – махсусан кӯдакон қаноатмандии самимии худи муаллиф низ ҳаст: “Ҳамон шаб иди Соли навро аҳли оилаи Зокир – амак бо хурсандии калон пешвоз гирифтанд. Ҳамаи онҳо шоду хуррам буданд. Бачаҳо мерақсиданд, мебозиданд, падару модар хушбахтона табассум мекарданд. Ақрабаки соат ба 12 наздик мешуд” [8].

